ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ТДУ: 37.036+376.3:373
ТКБ: 74.200+74.3+74.2
Р-27

Бо ҳуқуқи дастнавис



РАМАЗОНОВА РАҶАБГУЛ СУЛАЙМОНОВНА

ШАРОИТҲОИ ТАШКИЛӢ - ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИЮ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД МАВРИДИ ҲАМГИРОИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ БО МАҲФИЛҲОИ ЭҶОДӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус

Мушовири илмӣ: Иматзода Л.М. –
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ДУШАНБЕ – 2026

Номгӯйи ихтисораҳо

ХННД - хонандагони нуқсонҳои нутқдошта

ХИМ - хонандагони имконияташон маҳдуд

ҚҶТ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММТ –муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ

МКН-Маркази кӯдакони наврасон

ДДОТ –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

ҲҶТ –Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЗЭ- зеҳнию эҷодӣ

Мундариҷа

Номгӯйи ихтисораҳо.....2

Мундариҷа........3-5

МУҚҚАДИМА.....6-25

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД.....26-92

1.1. Мушкилоти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд, тавассути ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ дар адабиёти равонӣ ва педагогӣ.....26-52

1.2. Маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....52-69

1.3. Хусусиятҳои равонӣ ва педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муҳити таҳсилоти фарогир.....69-88

Хулосаи боби 1.....89-92

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ИЛМӢ ВА ПЕДАГОГӢ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ МАХСУС ВА ИЛОВАГӢ.....93-160

2.1. Ҳолати кунунии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар ҷомеа.....93-107

2.2. Муҳити таълимии мутобиқшаванда ва фарогир ҳамчун шарти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....107-139

2.3. Салоҳияти касбии роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....139-158

Хулосаи боби 2.....158-160

БОБИ 3. ДОИРАҲОИ ЭҶОДӢ ҲАМЧУН МУҲИТ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД.....161-217

3.1. Имконияти педагогии дарсҳои расмкашӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....161-183

3.2. Фаъолиятҳои мусиқӣ ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....183-201

3.3. Доираҳои эҷодӣ бо самти касбӣ ҳамчун муҳит барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....201-215

Хулосаи боби 3.....215-217

БОБИ 4. ТАРҲРЕЗӢ, ТАТБИҚ ВА АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ БАРНОМАҲОИ МАҲФИЛҲОИ ЭҶОДӢ, БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД.....218-292

4.1. Тарҳрезии барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд.....218-246

4.2. Равиши тафриқавӣ барои ташкили фаъолиятҳои таълимӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфилҳои мусиқӣ.....247-270

4.3. Ташхис ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ.....271-290

Хулосаи боби 4.....290-292

БОБИ 5. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР МУАССИСАҲОИ МАХСУСИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ИЛОВАГӢ.....293-341

5.1. Ташкил ва марҳилаҳои корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ.....293-308

5.2. Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ.....308-339

Хулосаи боби панҷум.....339-341

Хулосаи натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ.....342-346
Тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот.....346-348
Рӯйхати адабиёт.....349-383
Интишорот аз рӯйи диссертатсия.....384-392

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони муосир зарурати вусъат додани фаъолияти ҳамаҷонибаи касбӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд (минбаъд ХИМ) дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити зиндагии шоистаи ҷомеа барои тамоми табақаҳои аҳол аз ҷумла маъюбон меафзояд. Аз ин лиҳоз, шароити имрӯза барои амалӣ шудани ҳадафҳои гузошта ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳоро бо ХИМ вобаста ба шароит ва ҳолати воқеии ҷомеа тақозо мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар гузаштаи начандон дур баъзе ҷомеаҳо чунин мепиндоштанд, ки барои таъмини сифати баланди зиндагӣ танҳо ба омӯзишу дастгирии қисми солими қуввaҳои истеҳсолкунанда ва ҷорӣ намудани муносибатҳои бозорӣ диққат додан лозим аст. Саволе ба миён меояд, ки оё нафарони имконияти маҳдуддошта оламро шинохта метавонанд, онҳо ба ҷомеа фоида меоваранд. Дар аксари мавридҳо ҷавоб манфӣ буд ва ҳаёти ХИМ - дошта аз даврaҳои қадим фоҷиаомез сурат мебаст. Ҳатто дар Спартаи қадим кӯдаконе, ки бо ягон нуқсон ба дунё меомаданд, дарҳол кушта мешуданд. Аммо, имрӯз бештари ҷомеаҳо кӯшиш мекунанд, ки тамоми қишрҳои мардум, аз ҷумла, қисми ниёзманд низ ба сатҳи баланди зиндагӣ ноил шаванд.

Бинобар ин, дар шароити имрӯза таълими касбии ХИМ тавассути рушди неруи зеҳнӣ ва истеъдоди онҳо пайваста такмил дода мешаванд. Унсури асосии сармояи ХИМ иқтидори таълимӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷомеае, ки чунин ҳадаф гузоштааст, аз тариқи низоми маориф барои ба ин ҳадаф расидан саъй мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин самт, дар назди соҳаи маориф ва илми кишвар вазифаҳои муҳим мегузорад.

Инкишофи қобилияти эҷодии ХИМ имконият медиҳад, ки муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ тавре фаъолият намоянд, ки ба талаботи шароити кунунӣ мувофиқ бошанд. Вазифаи онҳо на танҳо бодиққат

таҳқиқ намудани хислатҳои гуногунҷабҳаи фаъолияти ин гурӯҳи хонандагон ва муайян намудани ҷиҳатҳои пуразиши шахсияти онҳо, балки тағйир додан ва аз нав тарбия намудани имконияти пайдоиши нуқсонҳои дуюминдараҷа, пешгирии омилҳои паҳншавии онҳо мебошад. Дар баъзе мавридҳо чунин ба назар мерасад, ки "нотавонӣ"-и ХИМ-ро дар ин ё он фан аз паст будани донишу малака арзёбӣ мекунанд ва ошкоро гуфтани ин масъала на ҳамеша осон аст. Баъзе ХИМ ҳангоми гузаштан ба корҳои мураккаб бо усулҳои нав муҷаҳҳаз нашуда, аввал бо дастгирии калонсолон тавассути роҳу усулҳои қаблан азхудшуда натиҷаи дилхоҳ ба даст меоранд ва аз ҳалли ин мушкилоти муваққатӣ баҳра мебаранд.

Тибқи маълумотҳои таҳқиқотии солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10603800 нафар аҳолӣ 158459 нафар одамони имкониятҳои маҳдуддошта ҳаёт ба сар мебаранд, ки 31939 нафарашонро бачаҳои то 16 сола ташкил мекунанд, ки онҳо ба таълиму тарбияи шоиста ниёз доранд. Аз ҷумла, маюби гурӯҳи якум 76160 нафар, гурӯҳи маюби дувум 33379 нафар ва гурӯҳи маюби 3 - юм 16981 нафар мебошанд.

Дар низоми таҳсилотии ҷумҳурӣ айни замон барои иҷрои ин ҳадаф амал мекунанд: 5 муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакони синни томактабии имконияти маҳдуддошта, ки дар он 730 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, 66 мактаб - интернатҳо, аз ҷумла: 14 - мактаб-интернатҳои иҷтимоии шакли омехта; 13 - мактаб - интернатҳо барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта; 5 - муассисаи шакли санаторидошта барои кӯдакони дорои бемории сил. Дар умум, ба ин муассисаҳо 2227 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд, ки 1798 нафари онҳо имконияти маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилотӣ доранд. Инчунин, бояд қайд кард, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марказҳо барои кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногун аз тарафи шахсони алоҳида ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ташкил ва фаъолият намуда истодаанд. Агар

мо ба 5 соли охир назар намоем дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 1,3 баробар афзоиш ёфта, теъдоди онҳо аз 5202 нафар ба 7460 нафар расидааст.

Кӯдаконе, ки дорои дараҷаи сабуки нуқсонҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, биноӣ, нутқӣ мебошанд, дар муассисаҳои таълимӣ-кӯдакистон ва мактабҳои умумии миёна ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Чунин вазъият имкон дод, ки дар муассисаҳои таълимии кишвар татбиқи усули самараноки таҳсилоти фарогир ба роҳ монда шавад.

Айни замон дар ҷомеа эҳтиёҷ ба таҳия ва татбиқи усулҳои муассир барои рушди неруи эҷодии ХИМ-дошта, ба хусус дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба роҳ монда шудааст. Аҳаммияти калон доштани эҷодкорӣ ба ХИМ-дошта имконият медиҳад, ки онҳо ақидаи худро оид ба маъюбият бартараф карда, эҳсосоти манфии худро, аз қабили ҳасадхурӣ, кинагирӣ, ғазаб ва нафрат доштанро ба ҷомеа бартараф намоянд ва фаъолияти худро такмил диҳанд. ХИМ-дошта аз маҳдудияти худ шармгин, тарснок мешаванд ва танҳо ба воситаи фаъолияти зеҳнию эҷодӣ, ки барояшон хеле фоидаовар мебошад, аз ин вазъияти мушкил баромада, бо осонӣ ба ҷомеа мутобиқ шаванд.

Ҷараёни педагогӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ танҳо бо ташкили раванди таълим маҳдуд намегардад. Тамоми чорабиниҳое, ки барои ба амал баровардани кори таълиму тарбия дар муассисаҳо гузаронда мешавад, дар атрофи консепсияи ягона муттаҳид шудаанд. Аз аксарияти адабиёти илмӣ бармеояд, ки гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, ба монанди ташкил кардани маҳфилҳои зеҳнию эҷодӣ (минбаъд ЗЭ) таҳсилоти махсус ва иловагӣ, аз қабили олимпиадаҳо, корҳои эҷодӣ барои омода кардани ХИМ-дошта ба ҳаёт нигаронида шудаанд. Дар маҳфили эҷодӣ фаъолиятҳое ташкил мегарданд, ки мудирон, омӯзгорону дигар кормандони муассисаҳои махсус онҳоро баргузор менамоянд ва бо таълими як фанни мушаххас маҳдуд намегарданд.

Айни замон дар баробари рушди соҳаҳои гуногуни илми педагогикаи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ низ талабот ба ҷалби ХИМ бо мақсади такмили фаъолияти инноватсионӣ ва эҷодӣ рӯз то рӯз меафзояд. Вобаста ба ин, вазифаи асосии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ баланд бардоштани савияи таълими ХИМ ва инкишофи фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳост. Яке аз мушкилоти даврони муосир ин коркарди усулҳои ба ҳисоб гирифтани дараҷаҳои рушди қобилияти эҷодии ХИМ-дошта ба шумор рафта, яке аз ин ченакҳо дар мадди аввал омода кардани ин хонандагон ба ҳаёти мустақил мебошад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимми соҳаи маориф, ин барои таъмини ободии давлат, рушд додани қобилияти ЗЭ ХИМ-дошта ба ҳисоб меравад. Ин мақсади наҷиби ҷомеаи башардӯст, пеш аз ҳама, дар раванди меҳнати эҷодӣ инкишоф ва такмил меёбад.

Кам нест ҳолатҳое, ки то ҳол аз нуқтаи назари баъзе аъзоёни ҷомеа ХИМ-дошта аз уҳдаи рушдбахшии қобилияти ЗЭ баромада наметавонанд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар амал онҳо барои ташаккулдиҳии сифатҳои беназири чолокӣ, кордонӣ, сарфакорӣ омода ҳастанд. Мақсади асосии омӯзгорони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ инкишоф додани мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон, омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақил аз давраи дохил шудан ба таҳсилоти ибтидоӣ то хатми муассиса мебошад. Солҳои охир масъалаи фаро гирифтани ҳар як ХИМ, фароҳам овардани шароит барои таҳсил дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва ҷалби онҳо ба таҳсил ва рушди малакаи кормандони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои ба камол расонидани рушди зеҳнӣ, эмотсионалӣ ва ихтиёрии ин гурӯҳи хонандагон нигаронида шудааст.

Президенти кишвар, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 апрели соли 2012 [14] қайд карда буд: «...Бинобар ин, вазифаи муҳимми соҳаи маориф имрӯз аз он иборат аст, ки тамоми кӯшишу имкониятҳоро ба он равона созанд ва дар баробари инкишофи фанҳои гуманитарӣ, инкишофи донишҳои меҳнатӣ ва аниқ, инкишофи

тафаккури техникию иқтисодии ҷамъият, инкишофи қобилияти эҷодии ҷавонон равона созад».

Бояд қайд кард, ки ХИМ-дошта, мустақилона ба ҷомеа мутобиқ шуда наметавонанд, онҳо ҳамеша на танҳо ба кумаки аҳли хонавода, балки ба дастгирии оммаи васеи ҷомеа низ ниёз доранд. Бо таъсири баъзе омилҳо ХИМ-дошта аз барқарорсозию нигоҳдории робитаю муошират бо дигарон маҳрум мешаванд ва аз ҳамсолон дур мемонанд, ки ин аз тағрибаи кофӣ надоштани онҳо вобастагӣ дорад. Бо назардошти ҷанбаҳои тафриқавии маҳорати онҳо дар ин самт аз ҳамсолонашон мебояд усулҳои фаъоли эҷодиро баҳри бартарафсозии ин ҳолатҳо низ дар раванди ташкили корҳои эҷодӣ истифода бурд. Таъмини шароитҳои мусоиду ҳавасмандкунанда барои ХИМ-дошта, барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ муҳим буда, ин барои даст ба овардани маҳорату малака ва ҳавасмандӣ ба фаъолиятҳои гуногун хизмат мекунад.

Маҳз дар чунин замина, дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ХИМ - дошта ҳуқуқи баробари гирифтани маълумотро бо хонандагони солим дошта ҳамчун шахсиятҳои эҷодкор ва соҳибихтиёр эътироф карда шуда, ба камол мерасанд. Ин аст, ки дар баробари ташкили мунтазами раванди таълим дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба пешбурди раванди таълими касбӣ аҳаммияти хос дода мешавад. Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба ғайр аз фаҳмонда додани маводҳои таълимӣ ба назди муаллим вазифа гузошта мешавад, ки дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ ҳамҷун роҳбари маҳфил вазифаи худро давом дода, қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагонро инкишоф диҳад, онҳоро дар руҳияи поквиҷдонӣ, меҳрубонӣ, накукорӣ, ғамхорию дилсӯзӣ нисбат ба калонсолон, омодашавӣ ба ҳаёти мустақил, худхизматрасонӣ тарбия намояд, ки ин барои ХИМ беҳтарин мукофот дар ҳаёти онҳо ҳисобида мешавад.

Дар рисолаи илмӣ вазъият ва масъалаҳои ҷойдошта дар таҳсилоти иловагии ба ХИМ - дошта нигаронидашуда баррасӣ гардида, роҳу

усулҳои муосири самарабахшии фаъолиятҳои таълимию тарбиявӣ дар ин раванд ва истифодаи амалии онҳо мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи фаъол гардондани қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамеша диққати аҳли хонавода, муаллимон, намояндагони илмро ба худ ҷалб менамояд. Аммо масъалаи мазкур дар ҷумҳурӣ дар робита бо талошҳо ва дастгирию офиятбахшии табақаҳои осебпазири ҷомеа тавассути системаи маорифи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карда истодааст. Бояд гуфт, ки масъалаҳои шаклу усулҳои фаъолгардонии ХИМ тавассути ташкили қобилияти ЗЭ дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ (корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ) дар як қатор корҳои муҳаққиқони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мақолаҳои илмии олимон, маърузаҳо дар бораи чорабиниҳои маданӣ-меҳнатӣ, мусиқӣ, расмкашӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба дараҷаи гуногун муҳокима карда шуданд.

Дар рисолаи илмӣ инкишоф додани тарбияи зеҳнӣ барои хонандагони нуқсони ақлидошта ва тарбияи эҷодӣ бошад барои хонандагони нуқсонҳои гуногун баррасӣ мегардад. Дар Консепсия таҳсилоти фарогир (2011) [6] чунин омада аст: «Оё ба фарогирии кӯдакони аз ҷиҳати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ имконияташон маҳдуд дар раванди таълими Консепсия таҳия гардида, маҷмӯни чорабиниҳо амали гардида шавад». Мо ин ҳуҷҷатро ҳамчун масъалаҳои ҷойдошта дар таҳсилоти махсус ва таҳсилоти иловагии ба ХИМ - дошта нигаронидашуда баррасӣ менамоем, роҳу усулҳои муосири самарабахшии фаъолиятҳои таълимию тарбиявӣ дар ин раванд ва истифодаи амалии онҳо мавриди тадқиқ қарор дода шуд

Дар илми педагогикаи хориҷа масъалаи болозикр дар таҳқиқотҳои илмии олимон масъалаҳои қобилияти ЗЭ хонандагон: Д.Б.Богоявленская [53], Л.Н.Азарова, Г.С.Алтшуллер, А, М. Матюшкин, А.В.Бакушинский, Л. С.Виготский, Ю. З.Гилбух, Н.А.Дудина, Е. П.Илин, В.А.Левин [160], И.В. Груздова, О.К.Тихомиров, Т.А.Маслоу [168], Я.А.Пономарев,

Е.Л.Яковлева, Е. А.Стребелев,. С. Л.Рубинштейн [214], оид ба масъалаи инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияти маҳдудошта дар корҳои илмии И.В.Штанко [311], И.И.Вачков, Т.Н.Головина, И.А.Грошенков, А.Н.Лук, В.Г.Петрова, А.М.Беляев, А.Ю.Стойлов, К.З.Шерхова, масъалаи қобилияти эҷодии тарбияи мусиқӣ дар корҳои илмии А.Н.Кузвесова [333], Н.Ф.Виноградова [266], Э.Б.Абдулин, Г.И.Доронова, Г.Е.Жукова, Б.М.Теплов, Ф.Хайнд [302], оид ба масъалагузории рушди қобилияти ЗЭ дар фаъолияти расмкашӣ дар осори Т.А.Корнеева[149], Р.Х.Багова [315], Е.С.Ивахненко, Л.К.Байсиева [326], М.А.Арапов, Н.А.Ветлугина, А.В.Никитина Г.Н.Давидова [189], О.К.Тихомиров [229], Ю.А.Полуянов, М.Хайдеггер, оид ба масъалаи ҚЗЭ дар ҷараёни корҳои эҷодии меҳнатӣ дар асарҳои В.М. Казакевич, В.В.Вигонов, В.Логинова, В.А.Панков [197,198], А.В.Абдуллаев, А.С.Адаменко, В.М.Аридин, Д.Б.Богоявленская [53], корҳои эҷодӣ дар таҳсилоти фарогир дар осори илмии А.Т.Алиева [313], М.В.Киселева, О.С Кузмина, инкишоф додани қобилияти ЗЭ - омӯзгорӣ дар таълифоти С.В.Алехина, Л.И.Акатов, Ю.К.Бабанский, С.Н.Сорокоумова, фаъолияти эҷодӣ дар ҷараёни бозӣ ҳамчун омили пешбаранда дар осори Д.В.Скалкина [357], В.М.Богуславская, Н.И.Букун, Н.В.Васякина, Л.С.Виготский, инчунин корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун таҳсилоти иловагӣ дар таҳқиқоти Х.Х.Галаев [322], Н.В.Калинина [331], Н.Н.Лазарева [156], А.Ю.Шеманов, Д.Е.Макаева [364], Л.Л.Берберова, Д.В.Григорев, О.Г.Завгородня, Т.В.Дорожевес, Я.Л.Коломинский, Е.П.Панко [197] ва дигарон равшан инъикос ёфтаанд.

Дар илми педагогии ватанӣ таҳқиқи мо дар корҳои таҳқиқоти анҷомёфта оид ба масъалаҳои қобилияти эҷодӣ хонандагон дар таҳқиқоти М.Н.Ҷалилова, оид ба масъалаҳои инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуддошта М.Дадабоева, Ҷ.Ҳакимова [304], Д.Салямова [294], С. Мирзоева [280], Т.М.Ҳақназаров, мутахассисон И.Каримова, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Г.Қурбонова [179],

Х.Зеваров, Ш.Мирсаидова, Ҷ.Ҷураев [122], М.Маҳмадиева, С.Қувватов, З.Раҳмонов, С.Э.Негматов, Е.А.Музаффарова, Х.А.Зайтметов Р.М.Ходжибаева, инкишоф додани қобилияти эҷодии кӯдакон дар давраи таҳсилоти томактабӣ М.Лутфуллоев, Л.Иматзода [329], М.Обидова, Д.Мансурова [278], О.Қадамшоева, Л.Юсупова, масъалаи қобилияти эҷодии тарбияи мусиқӣ дар корҳои илмии А.П.Алиев, М.Набиева [282], Ҷ.Охунов, С.С.Саидҳомидов, С.Ф.Сизикова, Б.Хайруллоев, Б.Шермухаммедиён, Д.Обидзода, М.Р.Юлдошева [253], Д.Рамазонзода [289, 290], оид масъалаҳои инкишофи ЗЭ расмкашӣ дар корҳои илмии Б.Бойназаров, М.Додхудоева, З.Назарова, М.П.Пачаева, Х.Хушвахтов, Н.З.Юнусова, Р.М.Ҳоҷибоева, Л.А.Пшеничних, Т.И.Сафронова, мақолаҳои илмии Л.Иматзода, Р.Рамазонова [328], корҳои эҷодиёти хонандагон дар дарсҳои таълими меҳнат дар мактабҳои маълумоти умумӣ дар асарҳои А.Н.Шамсиева, Б.Э.Дадабаева [363], М.Н.Раҳматова [291], Ш.М.Рузиев, Н.К.Каримов, М.Н.Алиева, Р.А.Рустамова [314], Н.Н.Сангова, Г.Мухторова, И.О.Обидов, В.М.Казакевич [330], корҳои эҷодӣ аз нигоҳи фалсафӣ Х.У.Идиев [128], С.Н.Наврӯзов, Ш.Шоисматуллоев, Н.Зайниддинов, Ш.Абдуллоев. К.Д.Қодирова, инкишоф додани қобилияти ЗЭ омӯзгорӣ Б.Ҳ.Нарзуллоев [283], фаъолияти эҷодӣ дар ҷараёни бозӣ ҳамчун омили пешбаранда дар таҳқиқоти Ф.Раҳимзода [292], И.Ф.Ғафорзода, Г.А.Қурбонова, Н.Н.Турсунов, инчунин корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун таҳсилоти иловагӣ дар таҳқиқоти С.А.Шарифов [310], Ш.Эшқувватов [367], Р.Рамазонова [326], Қ.Сатторов [355], Э.А.Музафарова [344], М.Неъматуллоев [284], Н.Нурматова [285], М.Лутфуллоев, Т.Мадатова [338], К. Раҳимӣ, Г.Шукурова [312], Р.Абдуллоева [260], О.Ҳабибова [303], А.Умаров, С.А.Шарифов, Ф.Тайгуншоева, А.Азизов, Р Каримов ва дигарон ба таври шоиста мушаххас ёфтаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти илмӣ дар асоси талаботҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (2010), ҚҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» (2012) [8], Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (2011-2015 ва солҳои 2016 - 2020) [6], ҚҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маъюбон (2018) [4], Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (1990) [3], Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010) [18], ҚҶТ «Дар бораи маориф», ҚҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак». (2024), Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, тибқи №515, Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо қарори ҲҶТ аз 26 декабри соли 2024, тибқи №652, дар нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин, нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир аз рӯйи ихтисоси логопедия оид ба таъмин намудани салоҳиятмандии омӯзгорони таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди кори таълиму тарбия таҳия ва анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бораи ташкил ва асоснок намудани шароитҳои педагогӣ, психологӣ қобилиятҳои зеҳнӣ барои ХИМ –доштаи нуқсонҳои ақлӣ ва қобилияти эҷодӣ барои дигар нуқсонҳо дар муассисаҳои таълимии махсус ва таҳсилотӣ иловагӣ баррасӣ гардида, дар асоси ҳамгироии равандҳои таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ таҳқиқот сурат гирифта аст. Дар ин таҳқиқот муайян гардидааст, ки ХИМ –дошта дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ фаъолона иштирок намуда, барои оянда касб интихоб менамоянд.

Мақсади таҳқиқот: асосноккунии назариявӣ, таҳия ва озмоиши шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии

ХИМ дар муассисаҳои таълимии махсус дар асоси ҳамгироии равандҳои таълимии умумӣ ва иловагӣ ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ буд.

Вазифаҳои тадқиқот: Мувофиқи ҳадафҳои тадқиқот, дар ин рисола ҳадафҳои зерин муқаррар карда шуданд:

- таҳлили адабиёти таълимӣ, равонӣ ва илмӣ-методӣ оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташ он маҳдуд дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ;

- муайян кардани мафҳумҳои "қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташ он маҳдуд дар маҳфилҳои эҷодӣ ва шароити ташкилӣ ва педагогӣ", инчунин муайян кардани сохтор ва меъёрҳои рушди қобилиятҳои эҷодии ХИМ;

- муайян кардани сатҳи ибтидоии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташ он маҳдуд ва омодагии онҳо барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ;

- муайян ва асоснок кардани шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ дар асоси ҳамгироӣ бо раванди таълим;

- таҳияи амсилаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ дар муҳити таҳсилоти фарогир ва иловагӣ, ки фарқгузории шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои фаъолияти эҷодиро бо назардошти имкониятҳои фардии ХИМ таъмин мекунад;

- таҳия ва мутобиқ кардани барномаҳо барои маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ, ва дигар маҳфилҳои эҷодӣ, ки тағйирпазирии мундариҷаро таъмин мекунанд ва маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои барои рушди ангезаи эҷодӣ ва малакаҳои худидоракунии хонандагони имконияташ он маҳдуд нигаронидашударо дар бар мегиранд;

- муайян кардани мундариҷа ва таҳияи методологияи омӯзиши касбӣ барои роҳбарони доираҳои эҷодӣ оид ба рушди қобилиятҳои зению эҷодӣ дар ХИМ, инчунин тарғиби фаъолияти эҷодӣ ва ташаббускорӣ;

- таҳияи тавсияҳои методӣ барои мутобиқ кардани ХИМ ба муҳити доираҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ;
- санҷиши таҷрибавии самаранокии модели таҳияшуда ва шароити мушаххаси ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодӣ.

Объекти таҳқиқот: раванди рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ дар муассисаҳои таълимии махсус ва иловагӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: - шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ тавассути ҳамгироии раванди таълим ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ мебошад.

Фарзияи тадқиқот: Рушди қобилияти ЗЭ дар хонандагони имконияташон маҳдуд дар ташкилотҳои махсуси таълимӣ ва иловагӣ самараноктар хоҳад буд, агар:

- хусусиятҳои фардии равонӣ ва физиологии ХИМ, хусусият ва сохтори нуқсонҳои мавҷуда ва сатҳи инкишофи ҷузъҳои эмотсионалӣ, маърифатӣ ва рафтории қобилиятҳои зеҳнию эҷодиро ба назар гирифтан;

- таъмини ҳамгироии раванди таълим ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ тавассути ҳамкории байни муаллимон, мутахассисони таҳсилоти махсус ва роҳбарони маҳфилҳо;

- интихоби фардии мундариҷа, шаклҳо, усулҳо ва вазифаҳои эҷодиро ҳангоми ташкили маҳфилҳои эҷодӣ бо назардошти имкониятҳо, шавқҳо ва ниёзҳои таълимии ХИМ анҷом додан;

- истифодаи иқтидори ислоҳӣ ва инкишофии маҳфилҳои эҷодӣ барои ХИМ, аз ҷумла унсурҳои терапияи санъат, мусиқӣ, расмкашӣ ва фаъолиятҳои корӣ;

- дастгирии равонӣ ва педагогиро барои фаъолияти эҷодии ХИМ ва арзёбии доимии динамикаи қобилиятҳои зеҳнию эҷодии онҳо таъмин кардан;

- баланд бардоштани салоҳияти касбии омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ тавассути худомӯзӣ ва омӯзиши пешрафта барои аз худ кардани технологияҳои муосири ислоҳӣ ва рушдӣ;

- Санҷиши таҷрибавии модели педагогӣ, ки шаклҳо ва усулҳои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ -ро дар заминаи муассисаҳои муттаҳиди умумӣ, махсус ва иловагӣ дар бар мегирад.

Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд.

Дар марҳилаи якум (солҳои 2017-2019) омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ - методӣ, педагогӣ, психологӣ, тиббӣ, логопедӣ, осебшиносӣ тибқи мавзуи таҳқиқот ба инобат гирифта шуд. Таҳқиқоти педагогон ва нуқсоншиносон вобаста ба мавзуъ таҳқиқот таҳлил гардида, ба мавзуъ мувофиқат карда, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон, мушоҳида ба корҳои эҷодии ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ таҷдиди назар шуда, роҳу воситаҳои ислоҳи нуқсонҳо таҳия гардид. Ғайр аз усули мушоҳида, усулҳои пурсишномаҳо байни омӯзгорон, роҳбарони маҳфил ва волидайн баргузор гардида, воситаҳои корҳои ислоҳӣ гузаронида шуд.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2019-2022) таҳқиқоти илмии мутахассисон дар ҷодаи санъати мусиқӣ, санъати расмкашӣ, маҳорати меҳнатӣ дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ коркард гардида, мутобиқ намудани хонандагон ба таҳсилоти махсус ва иловагӣ, тартиб додани нақшаҳои маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ, инчунин, гурӯҳбандии нуқсонҳо ва истифодаи корҳои ислоҳӣ барои инкишоф додани захираи луғавии ХИМ-дошта муайян карда шуд.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2025) натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ дар амал натиҷабардорӣ карда шуд. Мундариҷаи маҳфили расмкашӣ, меҳнатӣ ва мусиқӣ ба воситаи таҳсилоти онлайнӣ ба даст оварда шуд. Воситаҳои самаранокии маҳфилҳои расмкашӣ, меҳнатӣ ва мусиқӣ бо тариқи таълими фаъол дар корҳои таҳсилоти иловагӣ таҳлил ва арзёбӣ гардид.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот. Ба сифати заминаҳои назариявӣ ва методологӣ асоси таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои мавриди баррасӣ ташкил доданд. Инчунин, як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ ба сифати заминаи назариявӣ - методологии таҳқиқоти мо истифода гардиданд.

Ҳангоми азназаргузаронии сарчашмаҳо доир ба мавзуъ мо муайян намудем, ки масъалаи ташкили маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва таълими меҳнат дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ХИМ - дошта дар таҳқиқоти психологӣ, педагогӣ, ислоҳнамоӣ ва иҷтимоӣ нисбатан нокифоя омӯхта шудааст ва омӯзиши минбаъдаро талаб мекунад.

Аз таҳқиқоти зиёди фаъолияти муассисаҳои махсуси таҳсилотии ҷумҳурӣ бармеояд, ки вазъи маълумотнокии ХИМ-дошта оид ба асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули корҳои ЗЭ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ, ислоҳнамоӣ ва иҷтимоӣ дар баъзе муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба сатҳи зарурӣ қарор надорад. Таҳқиқоти амиқи фаъолияти муассисаҳои таълимии махсуси ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки кор дар таҳсилоти иловагии ХИМ-дошта аз ҷиҳати асосҳои назариявию методии ташаккули фаъолияти ЗЭ дар таҳқиқоти психологӣ, педагогӣ, ислоҳнамоӣ ва иҷтимоӣ ба талабот ҷавоб дода наметавонад.

Сарчашмаи маълумот: Як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ - ҳуқуқии зерин низ ба сифати заминаи назариявӣ - методологии таҳқиқоти мо истифода гардиданд: ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир [6], ҚҶТ «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҚҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [18], ҚҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва ғайраҳо асос ёфтааст. Дар заминаи татбиқ

намудани Стандарти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсилоти иловагӣ [14], аз синни хурди мактабӣ бедор намудани рағбати маҳфилҳои эҷодӣ, ҷалб намудани ХИМ-дошта бо назардошти маҳдудият, ки ин барои ҷаҳони арзишҳои инсонӣ, таҳлил кардани нақшаҳо, зарурияти ташкил намудани маҳфилҳои эҷодӣ ба миён омад. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ, ки барои иқтидори ХИМ-доштаро зиёд намудан ҳавасманд намуда, қобилиятҳои маҳфилҳои эҷодии онҳоро инкишоф медиҳанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти илмӣ дар натиҷаи маълумоти гузаронидани кори илмии таҳқиқотӣ маводи зарурӣ ба даст омад. Инчунин, маълумоти гирифташударо дар амал татбиқ намудем. Мо аз ХИМ-дошта муваффиқиятҳои ба даст овардаашон дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ маълумотҳо гирифтем. Барои ҷамъоварии назари волидон оид ба нуқсонҳои мухталифдоштаи фарзандонашон картаи таҳқиқ кушода, дар он аз рӯзи таввалуд то имрӯз дорои кадом нуқсонҳо будан ва чӣ гуна офиятбахшии онҳо маълумотҳо гирд овардем. Пешравиҳои онҳоро баъд аз иштирок дар таҳсилоти иловагӣ аз тарафи роҳбарони маҳфил ҷамъбаст намудем. Инчунин, бо омӯзгорони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ суҳбатҳо ташкил карда шуда, нақшаи маҳфил коркард гардид. Маълумотҳои бадастомада ба мо имконият дод, ки баробарҳуқуқии ХИМ - дошта риоя гардида, рушди қобилияти зеҳниӣ эҷодии онҳо дар маҳфилҳо боз ҳам пурзӯр шавад ва бо ҳамин фарзияҳои таҳқиқот тасдиқи худро ёбанд.

Пойгоҳи таҳқиқот: Бо мақсади ҷамъоварии маводҳои назариявӣ оид ба қобилиятҳои ЗЭ мутолиа намудани сарчашмаҳои илмӣ ва барои дар амал татбиқ намудани моҳияти мавзуъ дар ҷараёни таҳқиқот бо шароиту фаъолияти Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и

ноҳияи Рудакӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе шинос гардида, бо такя аз усули суҳбат бо роҳбарони маҳфилҳо, бо волидайни ХИМ-дошта пурсишҳои анкетавӣ, ташхиси педагогӣ, саволу ҷавоб бо 820 нафар фаро гирифта шуд, ки барои мушоҳидаи ҷараёни маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ 36 маҳфили эҷодӣ, 40 нафар роҳбари маҳфил, 740 нафар хонандагон, аз ҷумлаи онҳо 530 нафарашон ХИМ-дошта, 210 нафарашон хонандагони солим, 18 нафар волидайн, 22 нафароне, ки баъд аз иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ба фаъолияти меҳнатӣ муваффақ шуданд, ба маҳфилҳои озмоишӣ ҷалб гардиданд.

Навоварии илмии таҳқиқот:

- мундариҷаи ҷузъҳои ислоҳӣ ва инкишофӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ дар заминаи ҳамгироии таҳсилоти умумӣ ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ равшан карда шудааст;

- хусусиятҳои инкишофии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ муайян карда шудаанд, ки бо хусусият ва вазнинии маҳдудҳои мавҷуда, инчунин муайян кардани имкониятҳои ба назар гирифтани ташкили фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳо муайян карда шудаанд;

- модели ташкили фаъолияти ХИМ дар маҳфилҳои эҷодӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳо дар системаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ асоснок карда шудааст;

- шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ маҳдуд бо назардошти имкониятҳои фардии равонӣ, физиологӣ ва таълимии онҳо таҳия карда шудаанд;

- имконияти ҳамгироии ХИМ ба муҳити таҳсилоти иловагӣ тавассути фароҳам овардани шароити дастрас барои фаъолиятҳои муштараки эҷодӣ бо ХИМ асоснок карда шуд;

- иқтидори педагогии таълими онлайн барои рушди шавқу рағбат ва фаъолияти эҷодии ХИМ муайян карда шуд ва барномаҳо ва нақшаҳои

дарсии мувофиқ барои ташкили фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, корӣ ва дигар фаъолиятҳо таҳия карда шуданд;

- шаклҳо ва усулҳои ташкили фаъолиятҳои эҷодӣ, ки барои фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, эҷодӣ ва муоширатии ХИМ нигаронида шудаанд, асоснок карда шуданд;

- самаранокии шароити ташкилӣ ва педагогии таҳияшуда дар рушди қобилиятҳои ЗЭ, шавқ ба эҷодкорӣ ва муоширати иҷтимоӣ байни ХИМ ба таври таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд;

- тавсияҳои методӣ барои муаллимон, мутахассисон ва роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ оид ба ташкили фаъолиятҳои ислоҳӣ, рушдӣ ва эҷодӣ барои ХИМ дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ таҳия карда шуданд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шудааст, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ дар муоширатии ХИМ аз хусусият ва вазнинии нуқсонҳои онҳо, сатҳи фаъолияти маърифатии онҳо, рушди шавқ ба эҷодкорӣ ва мавҷудияти муҳити рушдӣ вобаста аст. Ҳамгироии таҳсилоти махсус ва иловагӣ барои васеъ кардани таҷрибаи эҷодии муоширатии ХИМ фаъолият ва малакаҳои муоширати онҳо шароит фароҳам меорад;

2. Муайян карда шудааст, ки шароити ташкилӣ ва педагогӣ рушди самараноки қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодиро дар муоширатии ХИМ таъмин мекунанд. Модели илмии ташкили фаъолиятҳои эҷодӣ барои муоширатии ХИМ асоснок карда шудааст ва барномаҳо, нақшаҳо ва маводҳои методӣ барои иттиҳодияҳои эҷодӣ - фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳо - бо назардошти қобилиятҳои фардии муоширатии ХИМ санҷида шудаанд.

3. Исбот шудааст, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ дар ХИМ ҳангоми татбиқи системаи махсус тарҳрезишудаи фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолиятҳои эҷодӣ бо истифода аз кори фардӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ самараноктар аст.

Самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таълими фосилавӣ (дарсҳои онлайн) дар рушди фаъолияти эҷодӣ ХИМ низ исбот шудааст.

4. Мундариҷаи омӯзиши касби роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ оид ба рушди қобилиятҳои зению эҷодӣ дар ХИМ, инчунин тарғиби фаъолияти эҷодӣ ва ташаббускорӣ муайян гардид.

5. Барномаҳо барои маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ, ва дигар маҳфилҳои эҷодӣ, мувофиқ ба нуқсонҳои мухталиф барои рушди ангезаҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд таҳия гардид.

6. Модели рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ дар муҳити таҳсилоти фарогир ва таҳсилоти иловагӣ, ки фарқгузории шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои фаъолияти эҷодиро бо назардошти имкониятҳои фардии ХИМ таъмин мекунад, пешниҳод гардид.

7. Шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ХИМ барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ дар асоси ҳамгироӣ бо раванди таълим дар таҳсилоти махсус ва илдовагӣ муайян ва асоснок карда шуд.

8. Ба таври таҷрибавӣ тасдиқ шудааст, ки татбиқи модели таҳияшуда ва шароити ташкилӣ ва педагогӣ ба динамикаи мусбат дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ, шавқи маърифатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии ХИМ мусоидат мекунад.

Аҳамияти назариявии ин таҳқиқот дар равшан ва систематизатсияи фаҳмиши илмии рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар ХИМ дар таҳсилоти махсус ва иловагӣ мебошад. Мундариҷа ва сохтори фаъолиятҳои эҷодӣ барои ХИМ асоснок карда шудаанд, ки имкониятҳои онҳоро барои рушди фаъолияти маърифатӣ, малакаҳои муошират ва мутобиқшавии иҷтимоӣ ошкор мекунанд. Шароити ташкилӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар ХИМ дар маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ ва меҳнатӣ муайян карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки иштирок дар фаъолиятҳои муштараки эҷодӣ ба рушди малакаҳои муоширати

ҳамсолон, эҳсоси мансубияти иҷтимоӣ ва эътирофи ХИМ ҳамчун иштирокчиёни комилҳуқуқи раванди таълим мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳия ва санҷиши маводи таълимӣ ва барномаҳои корӣ, ки барои рушди фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, малакаҳои муошират ХИМ дар азхудкунии расмкашӣ, мусиқӣ ва фаъолиятҳои корӣ равона шудаанд, мебошад. Принсипҳои таҳияшударо муаллимон, мутахассисон ва роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ дар муассисаҳои махсус ва иловагӣ, ки бо ХИМ кор мекунанд, истифода бурда метавонанд. Мундариҷаи гурӯҳҳои таълимӣ, усулҳо ва форматҳои кор ба ниёзҳои фардии таълимии ХИМ мутобиқ карда шудаанд ва аз ҷузъҳои ислоҳӣ ва рушдӣ иборатанд. Инчунин барои ҷалби ХИМ ба фаъолиятҳои муштараки эҷодӣ, омода ва муаррифии кори онҳо дар намоишгоҳҳо, озмунҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ ва фарҳангӣ шароит фароҳам оварда шудааст. Ин равиш ба афзоиши ангезаи эҷодкорӣ, рушди фаъолият ва истиқлолият, таҷриба дар муаррифии оммавии кори худ ва васеъ кардани тамосҳои иҷтимоӣ бо муҳити зист мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар муассисаҳои махсус ва иловагӣ, ки таҳсилоти фарогирро амалӣ мекунанд, инчунин дар марказҳои омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони омӯзгорӣ барои кор бо ХИМ истифода бурд.

Боварибахшӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардашуда дар асоси истифодаи методологияи илмӣ ва усулҳои таҳлили мақсаднок ва мантиқии таҳқиқот, инчунин, истифодаи маводи таҳқиқотӣ дар системаи кори муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ барои баланд бардоштани эҷодиёти ХИМ-дошта асос ёфтааст. Барои эътимоднокӣ низомномаи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ дар бораи ҷанбаҳои асосии фаъолсозии эҷодиёти ХИМ - дошта, инчунин, гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзгорон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фаъолият мебаранд, инчунин, донишҳои амалӣ дар байни ХИМ-дошта, ки фаъолсозии эҷодиёти мусиқӣ,

расмкашӣ ва меҳнатиро дар раванди корҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилот иловагӣ тақвият мебахшад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот). Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 5.3.6. Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, *ба банди 4.1.*– Омӯзиши хусусиятҳои инкишофинаврасон ва калонсолон дар шароити гуногуни таълиму тарбия бо боздорӣ ва норасоиҳои нутқӣ, зеҳнӣ, эмотсионалӣ, ҳаракатӣ, инчунин бо норасоӣ ва нуқсонҳои барзиёд дар инкишоф, ки хусусияти модарзодӣ ва дар ҳаёт ба вуқӯъ омадаро доранд; *ба банди 4.2.* - коркарди системаи таълиму тарбия, мақсад, вазифа, мундариҷа, роҳҳои бартарафсозӣ, методу усул, восита, шаклҳои ташкили таълиму тарбия, технологияи информатсионию коммуникативӣ барои кӯдакон ва калонсолони дорои боздорӣ ва нуқсонҳои дар боло зикршуда *ба банди 4.4.* - таҳқиқи шароити педагогии оптималӣ барои иҷтимоишавӣ ва мутобиқсозии иҷтимоии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои нуқсонҳои бо боздорӣ ва норасоиҳои нутқӣ, зеҳнӣ, эмотсионалӣ, ҳаракатӣ, инчунин бо норасоӣ ва нуқсонҳои барзиёд дар инкишоф, ки хусусияти модарзодӣ ва дар ҳаёт бавуқӯъомада.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти мавзуи илмӣ аз ҷониби муаллиф, нақшаҳои маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ барои эҷодкории ХИМ - дошта, мувофиқат карда, гузаронида шуд. Таҳқиқоти илмӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ таҳлил ва натиҷабардорӣ шуда, самаранокии кори таҳқиқотӣ дар хулосаҳо ва тавсияҳои рисола таҳия карда шуд. Инчунин ин таҳқиқот барои рушди корҳои эҷодии ХИМ - дошта нигаронида шуда, фаъолияти онҳо самаранок истифода гардид. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми санҷиши таҷрибавии самаранокии дастгирии методӣ, ки бо мақсади фаъол намудани эҷодиёти ХИМ-дошта дар иттиҳодияи ибтидоии эҷодии онҳо таҳия шудааст,

гузаронида шуд. Дар таҷриба муаллиф, роҳбарони маҳфили эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқӣ, директорони муассисаи махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ, падару модарон, инчунин ХИМ-дошта иштирок намуданд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Доктарант ба мазмун ва муҳтавои рисолаи таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир, дар конференсияи аънанавии илмӣ - амалии устодони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ соли 2017/2019, 2019/2022, 2022/2025 ва дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо баромад намудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, монография, маводҳои Паёми Донишгоҳи миллӣ, Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Маҷаллаи илмии сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон маҷмуаҳои маводҳои конфронияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Онҳо аз санҷиши зарурӣ гузашта, 16 - дастуру китобҳои дарсӣ, 25 - мақолаҳои конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва 19 - мақолаҳои илмӣ дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми рисола:. Кори рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва 371 рӯйхати феҳристи адабиёт бо 392 саҳифаи чопӣ иҷро шуда, аз 6 диаграмма, 6-нақша, 8-ҷадвал, 9-амсила, 13-ҷадвали натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

1.1. Мушкилоти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд, тавассути ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ дар адабиёти равонӣ ва педагогӣ

Муддати тулонӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хонандагонро ба ду қисмат ҷудо менамуд: ХИМ - дошта ва хонандагони муқаррарӣ, ки онҳо ҳуқуқи дар як муссисаи таълимӣ таҳсил кардан ва гирифтани маълумотро барои амалӣ намудани имкониятҳои худ надоштанд. Онҳо ба муассисаҳое, ки барои таълими хонандагони муқаррарӣ инкишофёфта пешбинӣ шудаанд, қабул карда намешудаанд. Вобаста ба ин, зарурати таъсиси системаи маориф ба миён омад, ки барои ҳамаи хонандагон имкониятҳои баробар фароҳам оварад ва ин роҳи ҳал ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир буд.

Равиши таҳсилоти фарогирро фаҳмидани эҳтиёҷоти фардии таҳсилоти ҳар як хонанда ва пешниҳоди хидматҳое, ки ба ин ниёзҳо қонеъ гардонад, дар бар мегирад. Ин тавассути иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълим, иштирок дар таҳсилотҳои иловагӣ, дар маҳфилҳои илмӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ барои ҷалб намудани ҷомеа ва барои барҳам додани мушкилотҳои ХИМ - дошта мебошад. Таҳсилоти фарогир ин фароҳам овардани шароит барои таълими муштараки ХИМ - дошта ва ҳамсолони худ, ки эҳтиёҷоти махсус надоранд, мебошад.

Таҳсилоти фарогир ин раванди рушди таҳсилоти умумӣ мебошад, ки ба таъмини дастрасии таҳсил барои ҳамаи хонандагон, аз ҷумла, ХИМ - дошта нигаронида шудааст.

Таҳсилоти фарогир таҳияи равишҳои мутавозин бо таълим, омӯзиш, заминасозии шароити мусоиди интихоби касбро дар бар

мегирад, ки аз ниёзҳои гуногуни ХИМ - дошта бармеоянд. Илова бар ин, таҳсилоти фарогир ба он такя менамояд, ки муҳити таълимӣ ба таҳсилоти иловагӣ шабоҳат дошта, бояд ба ниёзҳои ҳар як хонанда ҷавобгӯ бошад. Идеяи таҳсилоти фарогир ин қабули шахсияти ҳар як хонанда ва ташкили таҳсили муносиб якҷоя иштирок кардан дар таҳсилоти иловагӣ барои мувофиқ кардани ниёзҳои мушаххаси онҳост.

Дар илми педагогикаи ватанӣ масъалаҳои марбут ба ташкили дар илми педагогикаи ватанӣ масъалаҳои марбут ба ташкили корҳои ислоҳнамоӣ дар таҳсилоти фарогир дар дастуру мақолаҳои илмии аз ҷониби М.Дадобоева, Д.Салямова [294], Т.Ҳақназаров Ҷ.Ҳакимова [304], дар дастуру мақолаҳои илмии Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Г.Қурбонова [179], Л.Иматзода, С.Туронов, Р.Рамазонова, мутахассисон М.Маҳмадиева, С.Қувватов, З.Раҳмонов М.Обидова, О. Қадамшоева ва дар илми педагогикаи хориҷӣ бошад И.В.Штанко [311], И.И.Вачков, Т.Н.Головина, Н.Н.Лазарева [156, 335], И.А.Грошенков, А.Н.Лук, В.Г.Петрова, А.М.Беляев коркард шуда, инъикос ёфтааст. Дар ин коркардҳои методӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагон дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ тавассути рушди истеъдодҳои эҷодӣ аҳаммияти махсус дода шудааст.

Муҳаққиқи рус Н.Н. Лазарева қайд намуд, ки «Азбаски фаъолияти эҷодӣ дар фаъолиятҳои маҳфил таҳияи равишҳо ва роҳҳои ҳалли гуногун, омӯзиши мавзуъ аз паҳлуҳои гуногун ва қобилияти таҳияи роҳи ҳалли аслӣ ва ғайриодиро дар бар мегирад, ҳамаи ин хусусиятҳои фаъолияти эҷодӣ бо тахайюл пайванди ногусастанӣ доранд. Дар педагогика ва психологияи муосир эҷодиёти кӯдакон ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки дар он барои кӯдак чизи нав эҷод мешавад. Ин вақте рух медиҳад, ки кӯдак чизеро тасаввур мекунад, муттаҳид мекунад, тағйир медиҳад ё эҷод мекунад, ки қаблан ҳеҷ гоҳ надида буд, чизеро, ки дар таҷрибаи шахсии фаврии ӯ вуҷуд надошт, тасаввур мекунад» [335;13].

Соли 2013 олимони ватанӣ Б. Маҷидова., Н. Юнусова., Г. Қурбонова доир ба масъалаи “Асосҳои таҳсилоти фарогир” дастури методӣ нашр намуда, фикру ақидаи худро маҳс ба КИМ –дошта дарҷ менамоянд, ки. «Муассисаҳои таълимӣ бо мақсади беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбия ва инчунин шароитҳои иҷтимоӣ дар коллективҳои меҳнатии худ метавонанд бо дигар шарикони иҷтимоӣ ҳамкори намоянд. Таҳсилоти фарогир чун воситаи рушди таҳсилоти дастрас барои ҳамаи кӯдакон талаб мекунад, ки муҳити фарҳангии муассисаи таълимӣ, қоидаю меъёрҳои дохилӣ ва низому тартиботи он бо мақсади ҳадди имкон ба инобат гирифтани гуногунии талаботу имкониятҳои талабагон ва омӯзгорон, инчунин бо мақсади фароҳам овордани муҳити мусбати муошират ҳамкории байни одамон дигар карда шавад» [179;19].

Аз таҳлили сарчашмаҳои равоншиносӣ бармеояд, ки тафсирҳои гуногуни эҷодкорӣ яке аз воситаҳои фаъолияте мебошад, ки чизи нав ва аслиро ба вуҷуд меорад. Он баъдан ба ҷузъи таърихи на танҳо ҳамчун эҷодкор, балки инкишоф додани корҳои зеҳнию эҷодии фарҳанги мусиқӣ, меҳнатӣ ва тасвири расмҳои тахайюлотӣ табдил меёбад.

Муҳаққиқи рус Н.Н. Лазарева қайд намуд, ки «Азбаски фаъолияти эҷодӣ дар фаъолиятҳои маҳфил таҳияи равишҳо ва роҳҳои ҳалли гуногун, омӯзиши мавзӯъ аз паҳлӯҳои гуногун ва қобилияти таҳияи роҳи ҳалли аслӣ ва ғайриоддиро дар бар мегирад, ҳамаи ин хусусиятҳои фаъолияти эҷодӣ бо тахайюл пайванди ногусастанӣ доранд. Дар педагогика ва психологияи муосир, эҷодиёти кӯдакон ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки дар он барои кӯдак чизи нав эҷод мешавад. Ин вақте рух медиҳад, ки кӯдак чизеро тасаввур мекунад, муттаҳид мекунад, тағйир медиҳад ё эҷод мекунад, ки қаблан ҳеҷ гоҳ надида буд, чизеро, ки дар таҷрибаи шахсии фаврии ӯ вуҷуд надошт, тасаввур мекунад» [156;30].

Ба ҳамин асос, инчунин, инкишоф ва ташаккул додани корҳои эҷодии мусиқӣ бо мақсади рушди қобилиятҳои ЗЭ ва ташаккули

инкишофи тасаввуроти зебоипарастии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ аз тарафи М.Р.Юлдошева [253], А.П.Алиев [262], М.А.Набиева 282] Б.Хайруллоев Д.Рамазонов ва олимони хориҷӣ А.Н. Кузвесова [333], Н.Ф.Виноградова [266], Э.Б.Абдулин, Г.И.Доронова, Г.Е.Жукова, Б.М.Теплов, Ф.Хайнд [302], Н.Н.Малофеев то андозае мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти монографии М.Р. Юлдошева бо номи «Таҳсилоти мусиқӣ дар Тоҷикистон» саҳми назаррасе дар омӯзиши методология ва таърихи таълими мусиқӣ дар Тоҷикистон мегузорад. Он маълумоти васеъ ва амиқро дар бораи методологияи таълими мусиқӣ дар Тоҷикистон, ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати муосир пешниҳод мекунад. Ба гуфтаи муаллиф, низоми таълими мусиқӣ бо фарҳанги мусиқии мушаххаси як минтақаи мушаххас робитаи амиқ дорад ва дар натиҷа аз анъанаҳои таърихии мардум ташаккул меёбад. Фарҳанги мусиқии халқи тоҷик на танҳо таърихи худи тоҷикон, балки таърихи ҳамаи халқҳо ва миллатҳоеро, ки дар маҳаллаи онҳо зиндагӣ мекарданд ва дар даврaҳои муайяни таърихӣ муносибатҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ ва сиёсӣ доштанд, инъикос мекунад. «Бисёре аз намояндагони фарҳанги Юнони Қадим (Гекатей, Геродот, Демокрит ва дигарон), ки дар Форс зиндагӣ мекарданд, юнониёнро бо расму оинҳои эронӣ, намояндагони динӣ, шеъри эпикӣ ва санъати мусиқӣ шинос карданд... ». [253;7].

А.Б. Алиев кори илмӣ шоҳасарҳои фарҳанг ва санъатро дар фанни мусиқӣ меҳисобад ва оид ба фаъолияти эҷодӣ зикр менамояд, ки «Асосноккунии асосҳои назариявӣ ва методологии таълим ва тарбияи мусиқӣ барои хонандагон аз зарурати шинос кардани насли ҷавон бо шоҳасарҳои фарҳанг ва санъати мусиқӣ бармеояд. Нақш ва аҳаммияти мусиқӣ дар рушди шахсият аз замонҳои қадим аз ҷониби классикҳо ва мутафаккирони барҷастаи гузашта, ҳам дар Шарқ ва ҳам дар фарҳанги Аврупои Ғарбӣ таъкид шудааст. Худи истилоҳи «асосҳои назариявӣ ва методологии таълими мусиқӣ» бо усулҳои интиқол ва азхуд кардани

саводнокии мусиқӣ ва ба даст овардани таълими мусиқӣ алоқаманд аст. Ҳар як марҳилаи таърихии рушди иҷтимоӣ бо меъёрҳо ва талаботи мушаххас барои таълими мусиқии кӯдакон ифода ёфтааст. Усулҳо ва равишҳо барои таълими мусиқии насли ҷавон бо назардошти шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ таҳия карда мешаванд» [262;17].

Масъалаи моҳият ва мазмуни эҷодкорӣ дар таҳқиқоти фалсафию сотсиологиро дар баробари дигар масъалаҳо олимони тоҷик Х.У.Идиев [128;23], С.Н.Наврӯзов, Ш.Абдуллоев, Н.Зайнидинов ва дигарон мавриди истифодабарӣ қарор додаанд. Дар осори ин муҳаққиқон баъзе «Ҷанбаҳои хусусиятҳои асосии мафҳумҳои «эҷодкорӣ», «эҷодиёти техникӣ» инъикос ёфтаанд, ки барои таҳлили назария ва амалияи ташкили фаъолияти педагогӣ арзишманданд». Ба ақидаи онҳо «Эҷодкорӣ дар доираи фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ зоҳир мегардад». То имрӯз аз тарафи муҳаққиқон дар масъалаи эҷодкории ХИМ - дошта корҳои илмӣ ба таври зарурӣ омухта нашудааст. Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти худ эҷодкории ХИМ - доштаро дар соҳаҳои меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ҳаллу фасл менамоем.

Ба ақидаи мутафаккири ватанӣ Х.У. Идиев, «Эҷодкорӣ на танҳо амалест барои ба вуҷуд овардани чизҳои нав, балки таҷассумгари равандҳои маънавӣ ва фалсафии ҳаёти инсон мебошад, ки дар он тамоюлҳо, арзишҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ инъикос меёбанд» [128;23].

Дар илми педагогикаи ҷумҳурӣ омӯзиши масъалаҳои фаъол гардондани эҷодиёти хонандагон дар дарсҳои таълими меҳнат дар мактабҳои маълумоти умумӣ мунтазам ва ҳаматарафа ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумлаи асарҳои асосии муҳаққиқони мақолаҳои илмии Л.Иматзода, Р.Рамазонова [327], корҳои эҷодиёти хонандагон дар дарсҳои таълими меҳнат дар мактабҳои маълумоти умумӣ дар асарҳои А.Н.Шамсиева, Б.Э.Дадабаева [363], М.Н.Раҳматова [291], Ш.М.Рузиев,

Н.К.Каримов, М.Н.Алиева, Р.А.Рустамова[314], Н.Н.Сангова, Г.Мухторова [281], И.О.Обидов ва дар асарҳои олимони хориҷӣ В.В.Вигонов, В.Логинова, В.А.Панков [197], А.В.Абдуллаев, А.С.Адаменко, В.М.Аридин, Д.Б.Богоявленская [53], В.М.Казакевич [330] ва дигарон мавриди истифода қарор дорад.

Дар асарҳои Ш. М. Рӯзиев, масъалаҳои аз худ кардани технологияҳои нав дар системаи маорифи Г. Шукурова [312], К.Раҳимӣ, Р.Абдуллоева [260], О.Ҳабибова [303], М.Лутфуллоев, М.Мадатова [338], А. Умаров, Н.Н. Лазарева [335], зимни таҳқиқотҳои анҷомдодаашон оид ба низоми фаъолияти мактабҳои умумӣ ва таҳсилоти иловагӣ, инчунин, масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои ташкили дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиро баррасӣ намудаанд.

Ба ақидаи Г. Шукурова, [312;6]. «Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми тарбия ва инкишофи шахсияти хонандагон баррасӣ мешаванд. Ин намуди фаъолият ба пурра гардонидани раванди таълим мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки хонандагон донишу малакаҳои худро дар шароити амалӣ ва ғайрисинфӣ истифода баранд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ташкили дурусти корҳои беруназсинфӣ ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ, фаъолиятнокӣ ва мустақилияти хонандагон мусоидат мекунад. Ҳамчунин, чунин фаъолиятҳо дар баланд бардоштани сатҳи тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим доранд ва бояд бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ ва шароити мактабӣ ташкил карда шаванд».

Дар ин пажуҳиш махсусан қайд карда мешавад, ки муошират байни хонандагон ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ ба амал меояд ва муошират воситаи муҳимми инкишоф ва ташаккули самтҳои арзишманди шахсияти хонандагон, наврасон, ҷавонон ва калонсолон мебошад. Мо бо такя аз ин таҳқиқотҳои анҷомшуда кӯшиш намудем, ки дар раванди кор бо ХИМ - дошта бо риояи усулҳои пешниҳодшуда

бовариашонро ба қобилиятҳои меҳнатияшон мустаҳкам кунем ва маҳсули эҷодиёти онҳоро дар рафти баргузории маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ муаррифӣ намоем.

Дар чорабиниҳои беруназсинфӣ хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳ ба эҷодкорӣ машғул мешаванд, аз якдигар меомӯзанд ва муносибатҳои дӯстона барқарор менамоянд. Ба машғулиятҳои беруназсинфӣ омӯзиши мустақилона, фаъолияти якҷояи эҷодӣ, бозиҳои гурӯҳӣ, тайёр кардани машғулиятҳои таълимӣ, ихтироот, конференсияҳое, ки муаллимон пешакӣ тайёр кардаанд, дохил мешаванд. Баъди омода кардан дар намоишгоҳ, тайёр кардани асарҳои эҷодӣ расмҳои худи ХИМ-дошта, коллексияҳо, асарҳои эҷодӣ ва ғайра намоиш дода мешаванд.

Муҳаққиқи рус рус Н.Н. Лазарева дар масъалаи корҳои беруназсинфӣ қайд менамояд, ки «Гузаронидани дарсҳо ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар шакли аслӣ ва ғайрианъанавӣ на танҳо ба рушди малакаҳои асосии нутқ, балки ба рушди тафаккури ассотсиативӣ, хотира, малакаҳои муошират дастаҷамъӣ ва ташаббуси эҷодии хонандагон нигаронида шудааст. Хусусияти эҷодии вазифаҳое, ки ҳангоми озмунҳо, бозиҳо ва мусобиқаҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд, ба азёдкунӣ ва азхудкунии беҳтари мафҳумҳои гуногуни грамматикӣ мусоидат мекунад, луғатро васеъ мекунад, нутқи монологӣ ва муколамавиро инкишоф медиҳад ва инчунин имкониятҳои васеъро барои кори фардӣ барои хонандагон фароҳам меорад» [335;13].

Дар таҳқиқотҳои илмӣ барои инкишоф додани қобилияти фаъолияти тасвирӣ Б.Бойназаров [318], М.Додхудоева, З.Назарова, М.П.Пачаева [286], Х.Хушвахтов, Н.З.Юнусова, Р.М.Ҳоҷибоева, Л.А.Пшеничних, Т.И.Сафронова, мақолаҳои илмии Л.Иматзода, Р.Рамазонова [328], аз олимони хориҷи бошад Т.А.Корнеева [149], Р.Х.Багова [315], Е.С.Ивахненко, Л.К.Байсиева [326], М.А.Арапов, Н.А.Ветлугина, А.В.Никитина Г.Н.Давидова [189], ОК.Тихомиров [229],

Ю.А.Полуянов, М.Хайдеггер, Е.С.Ивахненко,.Л.К. Байсиева [326], Р.Х.Багова [315],, А.В.Никитина, Г.Н. Давидова [186], О.К.Тихомиров [229], Н.Н.Лазарева [156], Т.А. Корнеева [149], М.В.Киселева, О.Г.Завгородня, бештар таваҷҷуҳ кардаанд.

Дар мақолаи илмии Л.Иматзода, Р.Рамазонова пешниҳод карда шудааст, ки «Хусусиятҳои дарккунанда метавонанд дар шиддати фавқулоддаи диққат, таассуротпазирии бузург ва қабулкунанда зоҳир шаванд. Инчунин, зуҳуроти қобилиятҳои эҷодиро тавассути чунин хислатҳои фаъолият ба монанди дур шудан аз шаблон, асолат, ташаббус, суботкорӣ, муташаккилии баланди худ, самаранокии азим ба қайд гирифтан мумкин аст» [328;74].

Ба ақидаи олими хоричи Т.А.Корнеева, бошад, «Санъат инсонро аз бисёр ҷиҳат ташаккул ва инкишоф медиҳад ва ба ҷаҳони маънавии ӯ дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Он чашм ва ангуштонро инкишоф медиҳад, эҳсосотро амиқтар ва равона мекунад, тахайюлро ҳавасманд мекунад, ақлро ҷалб мекунад, уфуқҳоро ташаккул медиҳад ва принсипҳои ахлоқиро инкишоф медиҳад. Воситаи муассиртарини рушди тафаккури эҷодии кӯдакон фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. Расмкашӣ фаъолиятест барои кӯдакони ҳама синну сол. «Маҳфили расмкашӣ» ба истеъдодҳои ҷавон имкон медиҳад, ки дар соҳаҳои гуногуни санъати классикӣ ва амалӣ: расмкашӣ, рангкунӣ, ҳайкалтарошӣ ва моделсозӣ кӯшиш кунанд» [149;2].

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асарҳои зиёди илмӣ дар масъалаи корҳои эҷодӣ баррасӣ мегардад. Зеро заминаи таҳлили масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқии ХИМ - дошта, маҳз дар таҳсилоти иловагӣ эҷод карда мешавад. Омӯзиши фаъолгардонии эҷодиёти ХИМ - дошта ҳамчун раванди мустақили педагогӣ дар илми педагогикаи махсуси мо то ҳол дар шакли мушаххас, монографӣ сурат нагирифтааст.

Зарурати гузаронидани чунин таҳқиқот аз зиддиятҳои байни назария ва амалияи эҷодиёти ХИМ - дошта, дар муассисаҳои таълимии махсус, ҷустуҷӯйи усулҳои муосири ташкили кори маҳфилҳои эҷодӣ, набудани донишҳои зарурии назариявӣ ба миён омадааст. Асоси методологии кор карда баромадани роҳу воситаҳои самарабахши татбиқи амалии онҳо дар шароити ҳозира пешниҳод карда шуд. Ин таҳқиқот барои бартараф кардани ин ихтилоф пешбинӣ шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи ХИМ - дошта диққати махсус дода мешавад. Барои кумаки муассир ба ХИМ - дошта зарур аст, ки мушкилот ва нуқсонҳои онҳоро барвақт муайян намоем. На танҳо муайян кардани мавҷудияти маҳдудияи мушаххас, инчунин муайян кардани сохтор, хусусиятҳо, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии он муҳим аст, ки метавонанд барои ҷойгир кардани ХИМ - дошта дар муассисаи махсуси таълимӣ ва гузаронидани корҳои минбаъдаи ислоҳӣ асос бошанд. Муассисаи махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ба хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ медиҳанд, ки онҳоро барои ширкат дар маҳфилҳо ва дар оянда ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва ҳаёти мустақилона омода месозанд.

Тибқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (1990) бояд «бо назардошти имкониятҳои фардии ӯ ҳуқуқ ба рушд, тарбия ва таҳсил дода шавад. Муқаррароти дар ин ҳуҷҷатҳо инъикосшуда ба ҳамаи хонандагон, аз ҷумла ба ХИМ - дошта тааллуқ доранд. Маълумоти объективии дар натиҷаи омӯзиши саломатии хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастомада моро водор намуд, ки масъалаи пурзӯр намудани таъминоти иҷтимоӣ, психологӣ, нуқсоншиносӣ, педагогӣ ва тиббии онҳоро, ки аз овони хурдсолӣ мушкилоти инкишоф доранд, ба таври ҷиддӣ дида бароем». Мутаассифона, шумораи ХИМ - дошта, ки ба хадамоти махсуси таълимӣ ниёз доранд, кам намешавад, баръакс, шумораи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меафзояд [3;34].

Масъалаи такмил додани усулҳои таълиму тарбияи ХИМ - дошта ҳам барои мактабҳои махсуси ислоҳотӣ, ҳам барои муассисаҳои иловагӣ аҳаммияти зиёд дорад. Дар таҷрибаи муосири ҷаҳонии педагогӣ равиши фарогир дар тули даҳсолаи охир инкишоф меёбад. ХИМ - дошта дар қатори ҳамсолони солими худ ба маҳфилҳои эҷодӣ ҷалб карда мешаванд. Принсипи фарогирӣ имкон медиҳад, ки барои ҳамаи категорияҳои ХИМ - дошта хизматрасониҳои таълимӣ пешниҳод карда шавад, аксаран ин ягона роҳи гирифтани таҳсилот барои хонандагони гуногун мебошад.

Таҳсилоти фарогир ягона системаи мукаммалтарини таълимиест, ки ба таълими муштараки ХИМ - дошта асос ёфтааст. Дар давоми таҳсил хонандагон якҷоя дар маҳфилҳо иштирок карданро меомӯзанд ва маҳдудиятҳои онҳо бартараф карда шуда, мутобиқшавӣ боз ҳам мукаммал мегардад. Сабаби маҳдудият на мушкилоти тиббии марбут ба вазъи саломатии онҳо, балки вазъи рушди ҷомеа мебошад, ки бо монеаҳои худ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои маъюбон халал мерасонад.

Ҳашт принсипи таҳсилоти фарогир дар таҳсилоти иловагиро ба назар бояд гирифт:

1. ҚЗЭ аз дастовардҳои онҳо вобастагӣ дорад;

2. Ҳар як хонанда новобаста аз муҳдудият қобилияти фикр, эҳсос ва эҷод карданро дорад;

3. Ҳар як хонанда ҳуқуқ дорад дар таҳсилоти иловагӣ иштирок варзад, муошират кунад ва шунида шавад;

4. Ҳар як ХИМ - дошта бояд аз ҷониби ҷомеа барои касбомӯзӣ дастгирӣ карда шавад;

5. Тарбияи ҳақиқии хонандагон метавонад танҳо дар заминаи муносибатҳои воқеӣ сурат гирад;

6. Ҳамаи хонандагон ба дӯстӣ ва дастгирӣ ниёз доранд, инчунин ХИМ - дошта;

7. Фароҳам овардани шароитҳо барои ХИМ - дошта баҳри рушд ва пешрафти онҳо;

8. Иштирок дар таҳсилоти иловагӣ тамоми ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ХИМ - доштаро беҳтар мекунад.

Ин принсипҳо бояд таҷдиди назар шуда, барои дастгирии ХИМ - дошта истифода бурда шавад.

Манфиатҳои таҳсилоти фарогир барои ХИМ - дошта дар муқоиса бо хонандагони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ сатҳи баланди муошират иҷтимоиро бо ҳамсолони худ дар муҳити фарогир нишон медиҳанд. Ин махсусан дар он аён мегардад, ки агар калонсолон дар баробари иштирок дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, инчунин дар таҳсилоти иловагӣ низ ба таври махсус иҷтимоикуниро дастгирӣ кунанд. Бо таносуби табиӣ ХИМ - дошта низ метавонанд баробари хонандагони муқарарӣ дорои ихтисосҳои худ бошанд. Талаботи замони муосир рӯз аз рӯз дар ҳама самтҳои ҳаёт афзуда истодааст, аз ҷумла дар рушди ХИМ - дошта дар фаъолияти эҷодкорӣ низ дар сафи пеш аст.

Бартараф намудани монеаҳо дар маҳфилҳо боиси фазои ягонаи иҷтимоии ХИМ - дошта гардида, қобилияти меҳнат кардан омӯзонида мешавад ва муносибати онҳо ба ҷомеа тағйир меёбад. Мушкилотҳои эмотсионалии ХИМ - дошта оид ба олами гирду атроф метавонад дарднок ва аламнок бошад, зеро онҳо ҳамеша дар ҳолати изтироб ва тарс қарор доранд. Онҳо душвориҳои ҳаётро яке аз воситаҳои даҳшатнок ва хатарнок меҳисобанд. Ҳатто дар баъзе маврид онҳо ҳиссиёт ва тарси худро ба дигарон баён карда наметавонанд. Инчунин, дар вақти фаъолиятҳои эҷодӣ боварӣ надоранд, ки аз уҳдаи кор баромада метавонанд, чуноне ки дар хонандагони муқаррарӣ рӯй медиҳад. Ин боиси афзоиши фишори руҳии эмотсионалӣ дар онҳо мегардад.

Муҳаққиқи рус Н.Н.Лазарева. исбот намудааст, ки корҳои эҷодӣ «Ин тағйироти вобаста ба синну сол чизҳое ҳастанд, ки мо бояд аввал дар бораи чунин ҷузъи муҳим, ба монанди қувваи системаи асаб (ки бо

қобилияти тоб овардан ба фишори шадид ё дарозмуддат ба системаи асаб арзёбӣ мешавад), сӯҳбат кунем. Кӯдакон (ва ҳар қадар кӯдак хурдтар бошад, ҳамон қадар бештар) бо заъфи нисбӣ, тобоварии паст ва хастагии системаи асаб фарқ мекунанд. Гузариш аз як давраи синну солӣ ба давраи дигар на танҳо тақвият ва тамаркузи хусусиятҳои равонӣ, балки инчунин табдили воқеии онҳоро - пажмурда шудан, қатъ шудани таъсири баъзе хусусиятҳо ва ташаккули хусусиятҳои навро нишон медиҳад. Ин хусусияти кӯдакӣ аст. Маҳз ҳамин тағйирот дар бадани хонандаи мактаби ибтидоӣ бояд аввал баррасӣ карда шавад» [156;18].

Дар замони муосир, ки дар тамоми соҳаҳо рушди беназири илмию меҳнатӣ мушоҳида мешавад, ин дар навбати худ талаботро на танҳо ба хонандагони солим, балки ба ХИМ - доштаи навовару эҷодкор низ рӯз то рӯз меафзояд. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ мисли муассисаҳои умумии таълимӣ, баланд бардоштани савияи таълиму тарбияи ХИМ - дошта ва рушди фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳост. Бо дарки ин ҷанбаи масъала мо дар кори илмии худ тасмим гирифтем, ки муҳити эҷодии ХИМ - доштаро дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои ба ҳаёт омода намудани онҳо омӯхта, беҳтар намоем.

Қабл аз ҳама мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ташкили раванди таҳсилоти иловагӣ барои инкишоф додани қобилияти эҷодии мусиқӣ, меҳнатӣ, расмкашӣ ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ бештар ба мувофиқи мақсад аст. Ин ба роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ ва ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки воқеан дарк намоянд, ки рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа то чӣ андоза аҳаммият дорад.

Барои инкишоф ва ташаккул додани қобилияти эҷодии ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва муассисаҳои иловагӣ усулҳои махсуси рушди тафаккури эҷодии истеҳсолиро истифода мебаранд. Дар бораи ҷараёни ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ сухан

ронда, фароҳам овардани шароитро барои инкишофи хислатҳои дар боло зикршуда набояд фаромӯш кард. Аз ин лиҳоз, роҳбарони маҳфилро мебояд, ҳангоми ҳисоботдиҳии фаъолият ҳамеша аз усулҳои наву фаъоли таҳсилоти иловагӣ истифода намуда, ба ин васила шавқу завқи хонандагонро барои эҷодкорӣ вусъат диҳанд.

Мақсад ва ҳадафи таъмин намудани дастрасӣ ба таҳсилоти иловагӣ барои ҳамаи хонандагон баробар аст. Маҳфилҳои эҷодии санъати мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ, новобаста аз хусусиятҳои фардии ХИМ - дошта аз ҷумла, нуқсонҳои руҳӣ, ҷисмонӣ ва дигар нуқсонҳо таъсис дода шудаанд. Дар чаҳорчӯби ин низоми таълим таҳсилоти фарогир роҳандозӣ шуда, шароити вижае фароҳам оварда шудааст, ки ниёзҳои фардии ХИМ - дошта ба инобат гирифта мешаванд.

Қобилияти эҷодии фаъолияти тасвирӣ бошад, яке аз ҷузъҳои муҳими рушди шахсияти эҷодкор ба шумор меравад. Он дар он зоҳир мегардад, ки шахс метавонад идеяҳо ва тасаввуроти нави худро тавассути воситаҳои графикӣ ва расмкашӣ амалӣ созад. Дар ин раванд, ӯ на танҳо усулҳои анъанавии тасвирро истифода мебарад, балки онҳоро бо роҳҳои навоварона, таҷриба ва ихтироъкорӣ якҷоя мекунад. Чунин фаъолияти эҷодӣ ба рушди тафаккури образӣ, мустақилияти фикрронӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии зебопарастии хонандагон мусоидат менамояд. Ҳамчунин, омезиши усулҳои навоварона дар раванди расмкашӣ имконият медиҳад, ки хонанда қобилияти ҳалли озоди масъалаҳои бадеиро инкишоф диҳад ва ба сатҳи баланди эҷодкорӣ расад.

Дар ташаккули донишу малака фаъолияти эҷодӣ нақши калон мебозад. Эҷодкорӣ ҳама гуна фаъолияти амалии инсон аст, ки натиҷаҳои нав (усулҳо, ҳалли онҳо, дониш, маҳсулоти моддӣ) ба вуҷуд меорад, ки барои худи ХИМ - дошта арзишманданд.

Фаҳмидани эҳтиёҷоти гуногуни ХИМ - дошта равишеро тақозо менамояд, ки ин ақида на танҳо дар бораи иштирок дар таҳсилоти иловагӣ, балки ҷалби ҷомеа ба интихоби касб нигаронида шавад. Зеро

дар Консепсияи таҳсилоти фарогир барои ҳифзи хонандагон ва фароҳам овардани шароит барои таълими муштараки хонандагони солим ва ХИМ - дошта шароитҳои махсус андешида шудааст, ки ин фаъолияти эҷодии онҳоро дучанд менамояд.

Бештари ХИМ - дошта раванди таълимро дар наздикии маҳаллаи истиқоматашон фаро гирифта таълим дода мешаванд ва ба онҳо кумаки зарурӣ расонида мешавад. Яке аз дастгириҳои ин қишри ҷомеа ба муассисаҳои ҳамагонӣ ҷалб кардани онҳо ба маҳфилҳои фарҳанги мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ мебошад, зеро ХИМ - дошта ғайр аз таҳсил боз дӯстони дигар пайдо мекунанд, ба одамони гирду атроф мутобиқ мешаванд, барои ояндаи худ касб интихоб мекунанд ва дар ҷомеа мавқеи худро ишғол менамоянд.

Ҳадафи иштирок дар таҳсилоти иловагӣ таъмин намудани дастрасии баробар бо хонандагони солим, ба ин ё он намудҳои таҳсилот, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ, новобаста аз нуқсонҳои мухталиф ва хусусиятҳои фардӣ, дастовардҳои пештараи таҳсилот, санъат, фарҳанг, донистани забони модарӣ, шароити волидайн, қобилияти равонӣ ва ҷисмонӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комилҳуқуқии «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар” 2 марти соли 2009 қабул карда шуда буд. “Дар он принсипҳои бунёдии марбут ба таҳсилот, аз ҷумла барои ХИМ - дошта дарҷ гардида аз омилҳои зерин иборат мебошад: [18;3].

- ҳуқуқи таҳсилот барои ХИМ - дошта ҳатмӣ буда, барои инкишоф додани маҳорат ва малакаҳои азхудкардашуда, таҳсилоти босифат ва барои ҳаёти мустақил интихоб кардани касб, мувофиқи шавқу рағбат шароит фароҳам овардан зарур аст;

- ҳар як хонанда дорои шавқу ҳавас, хусусиятҳои беназир, эҳтиёҷоти омӯзиш ва ҚЗЭ доштанро ҳуқуқ дорад;

- дар раванди таҳияи системаи таҳсилоти иловагӣ ва татбиқи барномаҳои таълимӣ бояд хусусиятҳо ва инчунин эҳтимолан доираи васеи омилҳо ба назар гирифта шаванд;

- новобаста аз маҳдудият доштан ХИМ - дошта бояд дар мактабҳои муқаррарӣ таҳсил кунанд ва ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шаванд;

- таҳсилоти иловагӣ барои касбомӯзии ХИМ - дошта барои фарогирӣ мувофиқат мекунанд, воситаи муассир барои муқобила бо тамоюлҳои табъиз, эҷоди ҷомеаи фарогир ва таъмини дастрасии ҳама ба таҳсилот мебошанд;

- таҳсилоти иловагӣ барои аксарияти ХИМ - дошта таҳсилоти пурмазмун мебошад, ки натиҷаи маҳфилҳои илмӣ, самараи иқтисодии системаи маорифро баланд мебардоранд».

ХИМ - дошта қобилияти ҳамаи он чизҳоеро, ки надоранд, бо воситаи иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ маҳорати онҳо ҳамчун унсур пайдо мешавад. Ин унсурҳоро барои омӯзиш истифода бурдан мумкин аст, аммо бидуни онҳо имкониятҳои омӯзиш маҳдуданд.

Дар системаи маориф мутахассисони соҳаҳои педагогикаи умумӣ ва махсус, нуқсоншинос, психолог, логопед, педагогикаи иҷтимоӣ, тиб, ҳифзи муҳити зист, роҳбарони маҳфил на танҳо фароҳам овардани шароити мусоиди таълим, инчунин таваҷҷуҳи ХИМ - доштаро ба таҳсилоти иловагӣ ҷалб намудан нақши асосиро мебозанд. Кори бомуваффақият дар ин соҳа маҳорати баланди касбӣ ва роҳнамоиро дар соҳаи маориф талаб мекунад. Мутахассисон бояд барои рушди доимии интихоб кардани касб ва ҳаракат дар нақшҳои иҷтимоӣ ва касбӣ омода бошанд. Инчунин, иштирок кардан дар маҳфилҳои эҷодӣ ва дигар чорабиниҳо муҳим аст, ки ба рушди неруи эҷодӣ ва болоравии касбӣ мусоидат кунанд.

Барои ба таҳсилоти иловагӣ ҷалб кардани ХИМ - дошта ва бомуваффақият иштирок кардан аз роҳбари маҳфил вобастагӣ дорад. Таҳсилоти иловагӣ дар ҳамон ҳолате самараи хуб медиҳад, ки роҳбари

маҳфил донишу малакаи замонавӣ дошта бошад ва ихтисосаш ба маҳфили илмӣ мувофиқ бошад. Агар ихтисоси ӯ ба маҳфил мувофиқат накунад, ӯ мутахассиси хуб шуда наметавонад ба талабот ҷавоб гуфта наметавонад.

Ҳамин тариқ, татбиқи ҳуқуқи ХИМ - дошта ба таҳсилоти иловагӣ, сарфи назар аз нуқсонҳои инкишофи психофизикӣ, мувофиқи эҳтиёҷоту қобилияташон ба онҳо имкон медиҳад, ки сатҳи таҳсилоти худро баланд бардоранд, мувофиқи тайёрии касбӣ ва имконияташон навъи маҳфилҳои эҷодиро интихоб намоянд, ки ояндаи муваффақияти онҳоро таъмин намояд ва дар интихоби касб ба хатоӣ роҳ надиҳанд. Дар айни замон ақибмонии онро дар технологияи нав ва маориф ҷуброн кардан лозим аст. Ин барои инкишофу тарбияи ХИМ - дошта дар баробари инкишоф додани маҳорату қобилияти эҷодии онҳо шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Чун қоида, ташаккули психологӣ ва тарбияи ХИМ - дошта ба фаъолияти таҳсилоти иловагӣ асос меёбад. Ин ба инкишофи ҳар як фард мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки дар фаъолияти касбии худ ба натиҷаҳои баланд ноил гарданд.

Хонандагон, ки аз ҷиҳати эмотсионалӣ ва ҷисмонӣ маҳдуд ба дунё меоянд, онҳо на бо хоҳиши худ, балки бо зӯри вазъият ва инчунин эҳтимолият ба ноустуворӣ ва паст будани сифати зиндагӣ дучор мешаванд, камолоти шахсият бевосита ба рушди онҳо таъсир мерасонад.

Нуқсоншиносони ХИМ - дошта дар чунин назаранд, ки дар ин маврид бештари волидайн, аҳли хонавода бояд таваҷҷуҳи худро на танҳо ба ҷалби раванди таълим равона кунанд, балки дар баробари таълимгирӣ, ба таҳсилоти иловагӣ низ таваҷҷуҳи махсус диҳанд. Барои бедор кардани шавқу рағбати ХИМ – дошта омӯзгорони муассисаҳои умумӣ ва мутахассисон бояд онҳоро дастгирӣ намоянд. Дар чунин ҳолатҳо ҳолати равонии ХИМ - дошта барои мутахассисон ҷолиб аст, онҳо шояд камтар итминон дошта бошанд, ки раванди таҳсилоти

иловагӣ, аз ҷумла маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ ба фаҳмиши онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, дар ҳамаи таҳқиқотҳои анҷомёфта таъкид мегардад, ки иштирок дар таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби хонандагон мустақилона амалӣ ва онҳо аз якдигар меомӯзанд ва муносибатҳои дӯстона барқарор менамоянд. ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ омӯзиши мустақилона, фаъолияти якҷояи эҷодӣ, бозиҳои гурӯҳӣ, тайёр кардани машғулиятҳои таълимӣ, ихтироъкориро меомӯзанд. Баъди омода кардани кори ихтироъкорӣ онҳо дар намоишгоҳ, муаррифии асарҳои эҷодӣ бо иштироки худи ХИМ - дошта бояд ба роҳ монда шавад, ки ин натиҷаи мусбати тарбиявию психологӣ ба ташаккули шахсияти онҳо мерасонад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба шаҳрвандони кишвар бахшида ба 28-умин солгарди қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 декабри соли 2024 доир гардид, «Аҳаммияти таъмини ҳуқуқҳои баробари ҳамаи шаҳрвандон, аз ҷумла ХИМ - доштаро таъкид таъсир намуданд» [14;4].

ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ таҳсил мекунанд, ҳуқуқ доранд қобилияти худро ҳамчун шахсияти мустақил, озод ва эҷодкор инкишоф диҳанд. Дар давоми таҳсил дар ин муассисаҳо ХИМ - доштаи дорои истеъдод ва маҳорат дар соҳаҳои мусиқӣ, расмкашӣ, қобилияти меҳнатӣ ва дигар ҳунарҳои эҷодиро инкишоф медиҳанд. Бо ин мақсад, технология ва усулҳои махсус коркарда шудаанд, ки ба онҳо имконият медиҳанд, ки маҳорату малакаи худро такмил диҳанд.

Ҳамин тавр, муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи ХИМ - дошта нақши калон мебозанд. Иштирок дар ин муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дар баробари аз худ кардани ҚЗЭ, сифатҳои иродавӣ мустаҳкам гардида, дар онҳо сифатҳои инсондустӣ, ростқавлӣ ва меҳнатдӯстӣ инкишоф меёбад. Дар раванди ташаккули эҳтиром ба

падару модар ва калонсолон, инчунин дар хонандагон дарки ғамхорӣ нисбати наздикон ва дигарон пайдо мешавад.

Ба омӯзиши маҳфилҳои меҳнатӣ, расмкашӣ ва санъат эҷодкорӣ диққати махсус дода мешавад, зеро ин ҷиҳатҳо дар ташаккули шахсият ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани он нақши ҳалкунандаро мебозанд. Имрӯз ин масъала моҳияти муҳим пайдо кард, ки ин далели зарурати бештар таваҷҷуҳ кардан ба ин масъала мебошад.

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии ХИМ - дошта нигаронида шудаанд, аксар вақт таҳсилоти иловагӣ, ки ба он корҳои беруназсинфӣ ҳамчун маҳфилҳои эҷодӣ баргузор мегардад, ба воситаи усулҳои фаъоли таълим истифода мешаванд, вале дар ин раванд ҳатто дар ҷараёни таълим хеле кам истифода мешаванд. Масалан, дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ баъзе роҳбарони маҳфил аз теъдоди кам будани иштирокчиён дар маҳфили расмкашӣ ба ҷои он ХИМ - доштаро ба дигар маҳфил мегузаронанд, ки онҳо маҳфили касбу ҳунарро афзалтар мешуморанд. Роҳбари маҳфил бояд дарк намояд, ки шавқ ва қобилияти ХИМ - ро зери назар дошта, ҳар як хонандаро мувофиқи қобилияту истеъдодаш барои иштирок дар маҳфилҳо интихоб намояд. Ин метавонад боиси инкишоф ёфтани қобилиятҳои эҷодӣ, махсусан, дар соҳаҳои ҳунармандӣ, мусиқӣ ва расмкашии хонандагон гардад. Илова бар ин, ба ХИМ - дошта, дар интихоби касб, гирифтани таҳсилоти иловагӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ ва омодагӣ ба зиндагии шоиста имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст.

Фаъолияти чеҳраҳои намоёни ватаниву хориҷӣ дар соҳаи маориф, дар рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, дар мақолаҳои илмии олимон, дар маърузаҳои омӯзгорони пешқадам аҳаммияти фаъолияти эҷодӣ ва усулҳои гуногуни муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагиро дар рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар раванди таълиму тарбияи онҳо таъкид менамояд.

Муносибати самимона ва дурандешонаи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба аҳаммияти ҳалли масъулиятшиносии ин мушкилот ба раванди таҳсилоти иловагӣ фазои ҳамкории мутақобила меорад. ХИМ - дошта дар омодагӣ ва таҳияи чунин чорабиниҳо бо як хушнудӣ ва масъулиятшиносии зиёд иштирок менамояд. Илова бар ин, онҳо руҳияи ҳамкориро сарварӣ намуда, муколамаи муассири роҳбарони маҳфил, хонандагони солим ва ХИМ - доштаро ба вуҷуд меоранд.

Бо вуҷуди ин, даст кашидан аз усули анъанавӣ ғайриимкон буда, мо ҳуқуқи як қолабро шикастан ва қолаби дигарро ҳамчун усул истифода бурданро надорем. Аз ин лиҳоз, дар корҳои эҷодии ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ҳар ду ин усулро истифода бурдем. Ҳамин тариқ, метавонем ба чунин хулосае омад, ки усули анъанавӣ дар корҳои эҷодӣ боқӣ мемонад ва аз ҷониби роҳбарони маҳфил ба таври васеъ истифода мешавад. Вақте ки мо рисолаи илмиямонро барои инкишоф додани захираи луғавӣ ва омода кардани ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ аз сифр шуруъ намудем, мақсад вайрон кардани системаи мавҷуда не, балки сохтани системаи нав буд. Вале ҷараёни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар маҳфилҳои илмӣ тавре ба роҳ монда шудааст, ки як калима ба калимаи дигар иваз нашавад. Дар раванди таҳсилоти иловагӣ ҳам ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳам хусусиятҳои фардии ҳар як истифодабарандаро ба назар гирифтан лозим аст.

Бозсозии маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ раванди таҳсилоти фарогирро ба ҳаракат меоварад.

Мо дар таҳқиқоти худ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки раванди таҳсилоти иловагиро гуногунрангу мухталиф мазмун гардонда, ба он ҷараёни нави зиндае ворид созем. Ба фаъолияти зеҳнӣ ҷалб намудани ҳар як ХИМ - дошта ба раванди ҷустуҷӯйи ҳақиқат, ҷалб намудан ба

маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ шавқманд гардонидан вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ХИМ - дошта робитаи озоди худро бо олами беруна таъмин менамояд, инчунин ба туфайли сода гардонидани муколама ва мубоҳисаи байни муаллимон, роҳбарони маҳфил ва хонандагон, ҳар як хонанда кӯшиш менамояд, ки шахсияти худро баён кунад ва фаъолияти эҷодияшро нишон дода метавонад.

Ҳамин тариқ, агар дар бораи нақши фаъолияти ЗЭ дар раванди таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии махсус ҳамчун усули истифодаи ғайрианъанавӣ сухан ронем, бояд қайд кард, ки фаъолияти эҷодии ғайрианъанавӣ ба рушди шавқу рағбат, ба омӯзиш, маърифат, дарки мантиқии падидаҳои табиат ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон ба ташаккули дониши фардии ХИМ - дошта таҳкими маҳорати нутқи онҳо мусоидат менамояд.

Муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун усули ғайрианъанавӣ барои ХИМ - дошта таълими босифатро фароҳам меоранд. Дар раванди эҷодиёте, ки дар муассисаи махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ бо усули ғайрианъанавӣ сурат мегирад, ба тафаккур одатан омилҳои фаъолии онҳо таҷдиди назар мегарданд ва ба эҳсосоти онҳо таъсир манфӣ намерасонад. Бо шарофати таҳсилоти фарогир корҳои эҷодӣ, фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ дар муҳити махсуси таълимӣ метавонад пурмазмун, ҷолиб ва шавқовар бошад. Зеро муносибати усули ғайрианъанавӣ ба эҷодкорӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ дар баробари дигар ҷиҳатҳои мусбат ба муҳити онҳо чизи ғайриодие меорад.

Мақсади асосии фаъолияти муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ, махсусан дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ, пеш аз ҳама, инкишоф додани қобилияти ХИМ - дошта ошкор

намудани неруи эҷодии онҳо, нигоҳ доштани солимии ҷисмонӣ ва руҳии хонандагон мебошад.

Истифодаи усулҳои ғайрианъанавӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ - дошта ба роҳбари маҳфил имконият медиҳад, ки раванди таҳсилоти иловагиро объективӣ ташкил намуда, ихтироъкориро омӯзонад. Роҳбари маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ бояд шавқу ҳаваси хонандагонро ба тайёр кардани асарҳои эҷодӣ баланд бардорад. Вазифаи роҳбари маҳфил на танҳо аз он иборат аст, ки ба хислатҳои ХИМ - дошта диққати ҷиддӣ дода, ҷанбаҳои пуразиши шахсияти онҳоро муайян намояд, балки дар рафтору кирдори онҳо пешгирӣ, тағйир додан ва аз нав тарбия кардани хислатҳои эҷодкорӣ мебошад. Дар баъзе мавридҳо ҳолати «нотавонӣ», яъне майлу хоҳиши ХИМ - дошта дар кофӣ набудани донишу малакаи нисбӣ дар фаъолияти зеҳнию эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ зоҳир мегардад, ки таблиғи он на ҳамеша осон аст.

Баъзе ХИМ - дошта ҳангоми гузаштан ба корҳои мураккаби эҷодӣ аз ин мушкилии муваққатӣ баҳра бурда, дар аввал бо истифода аз роҳ ва усулҳои қаблан азхудшуда, бидуни аз худ кардани усулҳои нави иҷрои онҳо ба натиҷаи дилхоҳ ноил мешаванд. Қобилияти ЗЭ ХИМ - дошта дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ бо усули ғайрианъанавӣ хубтар ба роҳ монда мешавад. Шавқу ҳаваси ХИМ - дошта ба тайёр кардани асарҳои эҷодӣ зиёд шуда, аз хонандагони солим онро меомӯзанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки «Омода намудани мутахассисони баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии ҷавонон аз вазифаҳои мубрами рӯз мебошад». Инчунин қайд менамоянд, ки «Барои ҳалли ин мушкилот на танҳо ба масъалаҳои таълим, инчунин ба таҳсилоти иловагӣ барои тараққиёти

мамлакат низ диққати махсус дода шавад, ки рушди имрӯзу ояндаи иқтисодию иҷтимоии кишвар аз он вобаста аст» [14;5].

Рушди неруи зеҳнӣ дар ҷанбаҳои эҷодӣ, навоварӣ ва ихтироъкорӣ, рақобатпазирии тафаккури фардӣ аз давраи кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз синни таҳсилоти томактабӣ, инчунин дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ оғоз ёфта, новобаста аз муҳдудияташон онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба давом додани таҳсил фаро гирифта мешаванд. Аз охири асри ХХ инҷониб дар кишварҳои зиёди ҷаҳон барномаҳои муштараки таълимӣ (таълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ) фаъолона амалӣ карда мешаванд.

Дар ИМА, кишварҳои Скандинавия, Британияи Кабир, Италия, Шветсия ва Олмон муассисаҳои ислоҳӣ танҳо вақте самаранок истифода бурда мешаванд, ки ба воситаи усулҳои ғайрианъанавӣ фаъолияти эҷодӣ инкишоф ва ташаккул дода шавад. Корҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатии ХИМ - дошта дар ҳолате имконпазир магардад, ки онҳо аз уҳдаи корҳои ихтироъкорӣ баромада тавонанд. Аз ин рӯ, сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ асоси бунёдие мебошад, ки роҳбарони маҳфил дар саросари ҷаҳон барои татбиқи барномаҳои таълимии муштараки босифат, ки ба хусусиятҳои таълими фарогир дар як кишвари мушаххас мутобиқ карда шудаанд, истифода мебаранд.

Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маюбон эътироф мекунад, ки «Мафҳуми маъюбӣ на танҳо бо маҳдудиятҳои ҷисмонӣ маҳдуд аст, балки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва равонии марбут ба таъсири омилҳои гуногун» -ро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки дар байни ин ҷанбаҳо монеаҳои бартарафнашаванда вуҷуд надоранд ва ХИМ - дошта метавонанд дар ҳаёти ҷомеа самаранок ва пурра иштирок кунанд. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои муайяне мавҷуданд, ки метавонанд ба иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ халал расонанд [4;21].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо қабул карда шудаанд, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муқаррар намуда, инчунин

«тадбирҳои ташкилию иқтисодиро оид ба таъмини ҳифзи иҷтимоии маъюбон, ҳамгироии онҳо ба ҷомеа ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии якҷоя муайян мекунанд. Дар ин қонунҳо ба маънои васеъ имконияти маҳдуд кардани фаъолияти ҳаётӣ - пурра ё қисман аз даст додани қобилият, лаёқати мустақилона таъмин намудани худ, ҳаракат ва муошират, фаҳмидан, назорат кардани рафтори онҳо, таҳсил ва машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ба назар гирифта мешаванд» [13;4].

Бештар фаъолияти меҳнатиро барои ХИМ - дошта дар корҳои зеҳнию эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ омӯзонида, онҳо ба худхизматрасонӣ равона карда мешаванд.

Имрӯз барои омӯзгорони муассисаҳои маҳсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ таҳсилоти фарогирро тасаввур кардан хеле душвор аст, ки ҷаҳони рӯ ба тараққӣ дар миёни асри ХХ1 чӣ гуна хоҳад буд. Аз ин рӯ, муассисаҳои таълимии муосири махсусгардонидашуда бояд ХИМ - ро барои ташаккули сифатҳои маҳорат, сарфакорӣ омода созанд.

Бо Қарори ҲҚТ №228 аз 30 апрели соли 2011 «Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир» қабул гардид. Дар пешгуфтор дарҷ гардидааст, ки Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир «Самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро муайян намуда, ба таъмини ҳуқуқи баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсил мусоидат хоҳад кард [6;6].

Истифодаи фаъолияти эҷодӣ барои ХИМ - дошта, махсусан муҳим аст, зеро онҳо дар раванди азхудкунии ин мақолаҳо дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба ҳаёт омода мешаванд.

Тибқи изҳороти Президенти кишвар, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 зикр гардид: «Имрӯз фанни техникӣ вазифаи як ҷузъи муҳимми соҳаи маориф мебошад. Он дар рушди илмҳои табиатшиносӣ дар баробари илмҳои гуманитарӣ иборат буда, тамоми кӯшишҳо бояд ба рушди илмҳои табиатшиносӣ,

тафаккури меҳнатӣ ва беҳбуди ҷомеа, иқтисод, инчунин ташаккули қобилияти дарки эҷодӣ ва қонуни он равона карда шаванд» [14;6].

Дар муассисаҳои маҳсуси таҳсилотӣ тарбия намудани ХИМ - дошта ҳамчун шахси мустақил, озод, эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Ин аст, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотии муосир на танҳо ба омӯзиш, балки ба таълими иловагӣ аҳаммияти калон дода шавад.

Роҳбари маҳфил дар баробари фаҳмонидани маводи маҳфилҳои эҷодӣ вазифадор аст, ки дар муассисаҳои маҳсуси таҳсилотӣ на танҳо мустақилона ба қобилияти эҷодии хонандагон хизмат расонад, балки дар онҳо поквиҷдонию ростгӯйи, меҳрубонию хайрхоҳӣ, ғамхорӣ нисбат ба калонсолон ва эҳтироми падару модарро, ки беҳтарин сарвати ҳаёт мебошанд, тарбия намояд.

Дар доираи фаъолияти эҷодӣ тақсимот дар ду самт сурат мегирад. Аввалан, ин фаъолиятест, ки дар доираи як системаи мушаххас анҷом дода мешавад. Сониян, ин фаъолиятест, ки дар он захираи моддию маънавӣ равона карда мешавад ва онро фаъолияти эҷодӣ ном мебаранд. Ба ин фаъолияти олимон, ихтироъкорон, нависандагон, санъаткорон, рассомон, ташкилотчиён, бо ХИМ - дошта дохил мешаванд, то онҳо ба шароити муосири меҳнат бомуваффақият мутобиқ шаванд. Дар ҷойи кор талаботҳое мавҷуданд, ки бояд риоя карда шаванд.


Эҷодкорӣ як намуди фаъолиятест, ки боиси эҷоди чизи нав, зебо ва беназир мегардад. Ин маҳсули фаъолияти зеҳнист, ки маънои берун рафтан аз имкониятҳои мавҷударо дар бар мегирад. Эҷодиёти мусиқӣ, бадеӣ ва меҳнатии махсусро дар бар мегирад, яъне қобилияти пайваста дар бораи масъалаҳои нав фикр кардан, дуруст истифода бурдани маҳорат ва малакаҳои ҷамъшуда, пешниҳоди идеяҳои нав, эҷод кардани чизи навро дар назар дорад.

Барои ҷорӣ намудани ин система ғайр аз маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқӣ дар ин ҷараён фаъолона иштирок кардан ХИМ - дошта дар баробари роҳбарони маҳфил зарур аст. Барои ноил

шудан ба ин ҳадаф моро мебояд барои таҳсили босифат ва дастрас барои ХИМ - дошта шароитҳоро фароҳам оварем.

Татбиқи таҳсилоти фарогир самараноки таҳсилоти иловагӣ, ки барои фаъолияти эҷодӣ пешбинӣ шудааст, бояд босифат бошад ва ҷанбаҳои зеринро таҷдиди назар намояд.

Нақшаи 1. Ҷанбаҳои фаъолияти зению –эҷодии таҳсилоти иловагӣ



Эзоҳ: Принсипи дар боло пешниҳодшуда ба таҳсилоти фарогир барои таҳсилоти иловагӣ имконият медиҳад, ки ХИМ - дошта баробари хонандагони солим дар омода кардани маҳфилҳои эҷодӣ фаъол бошанд. Ба онҳо иштироки ройгон дар маҳфилҳои эҷодӣ оид ба ҳунармандӣ, мусиқӣ ва расмкашӣ пешниҳод карда мешавад. Инчунин, шаҳодатнома оид ба касби гирифтаашон дода мешавад. Қобили зикр аст, ки хонандагони солим дар муқоиса бо ХИМ - дошта сатҳи баланди муошарати иҷтимоиро бо ҳамсолони солим дар муҳити фарогир нишон медиҳанд.

Педагогон ва психологон донишҳои худро оид ба хусусиятҳои шахсияти эҷодкор на ба саъю кӯшишҳои худ, балки ба шарофати азбарсозии осори шахсони эҷодкори ҳар давру замон: адабиётшиносону таърихшиносон, санъаткорон, рассомон, шоирону нависандагон, техникон, ҳофизу ихтироъкорон, ки ҳар кадоме мероси эҷодии хешро боқӣ гузоштанд, дарёфт намудаанд.

Солҳои охир муайян карда шудааст, ки ду - намунаи шахсони соҳибистеъдод дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ муайян карда шудааст. Духтури руҳшинос В.Левин ба гурӯҳи аввал «Нобиғаҳои худододд» ва ба гурӯҳи дуюм «Нобиғаҳое ки бо саъю омӯзиш муваффақ шудааст», дохил намудааст [160;44].

Иштирок дар таҳсилоти иловагии хонандагон мустақилона ва дар гурӯҳ ба эҷодкорӣ машғул мешаванд, аз якдигар меомӯзанд ва муносибатҳои дӯстона барқарор менамоянд. ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ омӯзиши мустақилона, фаъолияти якҷояи эҷодӣ, бозиҳои гурӯҳӣ, тайёр кардани машғулиятҳои таълимӣ, ихтирооткориро меомӯзанд. Баъди омода кардан ихтироъкорӣ дар намоишгоҳ, тайёр кардани асарҳои эҷодӣ, расмҳои худи ХИМ - дошта, коллексияҳо, асарҳои эҷодӣ ва ғайра намоиш дода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ташаккули истеъдод дар даврони кӯдакӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар бештари тарбиятгирандагон зуҳури қобилиятҳо хеле барвақт, дар баъзе аз намудҳои ҳунарҳову соҳаҳои санъат, аз қабили сурудхонӣ, иҷрои рақс, навохтани асбобҳои мусиқӣ, фарҳанги мусиқӣ, фарҳанги худомӯзӣ, нақшакашӣ, нақшофарӣ, дуредгарӣ, гулдӯзӣ, заргарӣ, дузандагӣ ва ҳунарҳои расмкашӣ ба вуҷуд меояд.

Масалан, мутафаккирони маъруфи классики точику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковусро метавонем худододд номем. Нобиғаи гурӯҳи дуюм бошад, бо саъю кӯшиши худи шахс ба вуҷуд

меояд. Инсон бо меҳнати худ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои ҳаёти ояндааш як чизи нав офарад ё барои номи худро дар ҷаҳон боқӣ монданаш аз уҳдаи чизи нав баромада тавонад. Инчунин, ХИМ - дошта низ барои ба ҳаёт омода шудан бояд аз уҳдаи корҳои меҳнатӣ баромада тавонанд.

1.2. Маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд

Эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди худшиносии ХИМ - дошта дониста шуда, нақши он дар рушди ангезаҳои эҷодии ин гурӯҳи хонандагон муфассал нишон дода шудааст. Зимнан таъкид шудааст, ки қобилияти эҷодии онҳо бо хусусиятҳои психофизиологӣ, яъне бо хусусиятҳои системаи асаб алоқаманд мебошад. Эҷодкорӣ ба инкишоф ва фаъолияти суботкоронаи ХИМ - дошта асос меёбад, аммо дар ин табақаи хонандагон ин равандҳо метавонанд баъзан зери таъсири омилҳои гуногун халалдор шаванд, ки дар натиҷа таъмини рушди қобилиятҳои эҷодкории онҳо мушкилтар мегардад. Дар раванди фаъолияти эҷодӣ аксар вақт хусусияти кори мутобиқшавӣ-барқароркуниро ба худ мегирад. ҚЗЭ на танҳо қобилияти расмкашӣ, навиштани шеър, сурудхонӣ ё рақс кардан, балки таъмини рушди сифатҳои фардии онҳо мебошанд, ки муваффақияти онҳоро дар фаъолияти эҷодӣ муайян мекунанд.

Оид ба масъалаи марбут А.Маслоу. мефармояд, ки «Барномаҳои эҷодӣ ва корӣ ба рушди малака ва қобилиятҳо дар фаъолиятҳо ва ҳунарҳои гуногун тавассути музоядаҳои ҳунарҳои дастӣ аз маводҳои табиӣ, мусобиқаҳои аксбардории ҳаваскорона, намоишгоҳҳои ҳайкалтарошии рег ва ях ва фестивалҳои шеъру суруд мусоидат мекунанд. Ин барнома имкониятҳои васеъро барои ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд пешниҳод мекунад. Дар ин барнома афзалиятҳо

ва майлҳои фардӣ онҳо амалӣ карда мешаванд. Бисёр вақт кӯдакони имконияташон маҳдуд, бинобар ниёзҳои беназири худ, маҷбур мешаванд, ки ба манфиатҳои шахсии худ диққат диҳанд ва на ҳамеша имкони намоиш додани онҳоро доранд. Муҳим аст, ки аз барномаҳои фаъолиятҳои беруназсинфӣ истифода барем ва ба кӯдакони имконияташон маҳдуд имконият диҳем, ки худро дар лоиҳаҳои эҷодии фардӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ ифода кунанд ва ба онҳо вазифаи мушаххаси эҷодӣ пешниҳод кунем, ки ба як кӯшиши муштараки умумӣ муттаҳид карда шавад. Ин барои кӯдакон хеле муҳим аст; онҳо худро қисми ҷомеаи калонтар ҳис мекунанд ва метавонанд шавқу завқи худро баён ва нишон диҳанд. Ғайр аз ин, ин шавқу завқ роҳро ба касби ояндаи онҳо ҳамвор мекунад» [168;30].

ХИМ - дошта мисли хонандагони муқаррарӣ дорои маҳорат, истеъдод, қобилият ва лаёқат мебошанд, аммо барои рушд додани ин қобилиятҳо онҳо бештар аз дигарон ба кумак ва дастгирии роҳбари маҳфил ниёзи беандоза доранд. Вазифаи асосӣ ва душвори таҳсилоти иловагӣ аз он иборат аст, ки он уҳдадор аст, ин гурӯҳи хонандагонро барои оянда ба зиндагӣ омода намоем. Бо ин мақсад, онҳоро бештар ба корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ҷалб намуда, эътимод ба худро дар онҳо пайваста инкишоф диҳад, то ин ки онҳо тавонанд ба ҳадафҳои худ бирасанд ва мушкилотро паси сар кунанд.

Фаъолияти эҷодӣ дар раванди таълим ва махсусан дар доираи маҳфилҳои махсус нақши хеле муҳим дорад, зеро он на танҳо ба рушди қобилиятҳои фардии хонандагон мусоидат мекунад, балки барои ташаккули муносибатҳои нав ба муҳити атроф ва масъалаҳои омӯзишӣ замина фароҳам меорад. Дар чунин фаъолият шахс имконият пайдо мекунад, ки дониш ва таҷрибаи худро мустақилона истифода бурда, роҳҳои нави ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ намояд. Маҳфилҳои ЗЭ шароити мусоид барои рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти фикрронӣ, ташаккули шавқу ҳавас ба фаъолияти зеҳнӣ ва баланд бардоштани сатҳи

худифодакунӣ фароҳам меоранд. Ҳамин тариқ, фаъолияти ЗЭ ҳамчун воситаи муҳими педагогӣ метавонад дар ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон нақши калидӣ бозад.

Мақсади мутафаккири рус И.В.Штанко, дар он ақида аст, ки «Ҳадафҳои асосӣ рушди малакаҳои ҳаётан муҳими онҳо, кушодани иқтидори онҳо на танҳо дар фаъолиятҳои таълимӣ, балки дар фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва инкишоф додани малакаҳои муошират бо ҳамсолон ва ҳаёт мебошанд» [311;27].

Муаллиф И.В.Штанко таъкид менамояд,, ки «Таҳсилоти иловагӣ, ки имрӯз дар мактабҳо бомуваффақият амалӣ карда мешавад, дар соҳаҳои гуногун намояндагӣ мекунад: • иҷтимоӣ ва педагогӣ; • техникӣ; • тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; • санъат • табиатшиносӣ ва ғайра. Гуногунии маҳфилҳо ба хонандагон кӯмак менамояд, ки мустақилона интихоб кунанд, қобилиятҳои худро дар соҳаҳои гуногун санҷанд ва истеъдоди худро нишон диҳанд» [311;34].

Дар таҳқиқотҳои навини илмии аз нигоҳи Т.А.Маслоу эҷодиёти ҳақиқӣ «Дар ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯза инсонҳо талош мекунанд, ки шароити зиндагии худро беҳтар кунанд ва ба худташаккулкунӣ даст ёбанд» [168;65].

Ба ақидаи С.А.Шарифов, «Дар шароити мактаби тоҷикӣ татбиқи таълими интегратсионӣ имконият медиҳад, ки корҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи муҳими рушди ҳамаҷонибаи хонандагон истифода бурда шаванд. Дар ин раванд, муттаҳидсозии фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ ба он мусоидат мекунад, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ ба даст оранд, балки малакаҳои иҷтимоӣ, эҷодӣ ва амалӣ низ инкишоф диҳанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки самаранокии чунин корҳо аз омодагии касбии омӯзгор, интихоби дурусти шаклу усулҳои фаъолият ва мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои синну солии хонандагон вобаста мебошад. Ҳамчунин, корҳои беруназсинфӣ дар шароити таълими

интегратсионӣ бояд хусусияти эҷодӣ дошта, ба фаъолшавии мустақилият ва ташаббускории хонандагон мусоидат намоянд» [310;5].

Ш.Эшқувватов, оид ба масъалаи таҳсилоти иловагӣ дарҷ менамояд, ки «Фаъолиятҳои беруназсинфӣ барои хонандагони мактаб ҳама намудҳои фаъолиятҳои хонандагонро (ба ғайр аз фаъолиятҳои таълимӣ) дар бар мегиранд, ки метавонанд ва бояд барои қонеъ кардани ниёзҳои рушд ва иҷтимоии онҳо истифода шаванд. Бартарии асосии фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар он аст, ки онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар доираи васеи фаъолиятҳое, ки ба рушди онҳо нигаронида шудаанд, иштирок кунанд. Соатҳои барои фаъолиятҳои беруназсинфӣ ҷудошуда бо салоҳдиди хонандагон ва волидони онҳо, дар шаклҳои ғайр аз барномаи таълимии расмӣ истифода мешаванд» [367;1].

Дар рафти таҳқиқот мақсади мо аслан аз роҳу ҷустуҷӯйи воситаҳои педагогие иборат буд, ки барои наздик сохтани кор бо ХИМ - доштаро бо шароити имрӯза имконият фароҳам орад. Яке аз чунин роҳи самаранокро мо дар имкониятҳои иҷтимоию педагогии хос барои таҳсилоти иловагӣ мушоҳида намудем. Шароити ба ин низоми таълимӣ хос на танҳо масъалаҳои иҷтимоӣ, балки фардикунонии онҳоро ҳал мекунад ва омили асосии рушди қобилиятҳои ЗЭ мегардад. Дар ин ҷо принсипи мутобиқат ба табиат пурра амалӣ мегардад, характери муносибатҳои тарбиявӣ тағйир ёфта, ба шарикӣ табдил меёбад, механизмҳои тарбияи эҷодӣ самаранок амалӣ мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои корҳои зеҳнию эҷодӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ин корҳои ислоҳию тарбиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро ташаккул додани қобилияти эҷодиро тавассути боло бурдани ҳавасмандии тарбиятгирандагон барои иштирок дар чорабиниҳои маҳфилҳои эҷодӣ бомуваффақият ҳал кардан мумкин аст.

А.Ю.Шеманов, Д.Е.Макаева, мақолаи илмии худро дар мавзуи «Аҳаммияти таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои эҷодӣ барои бунёди ҷомеаҳои эҷодии фарогир ҳамчун технологияи дастгирии таҳсилоти фарогир» омода

намуда, дарҷ менамояд, ки «Мо як таҳқиқоти озмоишӣ анҷом додем, ки яке аз ҳадафҳои он санҷиши ин фарзия буд. Ҷавобҳо ба пурсишномае, ки барои тавсифи эҷодкорӣ ҳамчун минтақаи муколамаи иҷтимоӣ байни одамони дорои қобилиятҳои гуногун тарҳрезӣ шудааст, аз корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби созмони ҷамъиятии волидайн «Замони тағйирот», ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони гирифтори синдроми даун ва аъзои оилаи онҳоро таблиғ мекунад, инчунин, гурӯҳи мубоҳисавии санъати театрӣ «Наздикӣ ё ҳуқуқ ба санъат», гурӯҳҳои волидайн дар маркази кӯдакон ва волидони «Рождество» ва Клуби лоиҳаҳои кӯдакона таъсис дода шудаанд, ҷамъоварӣ карда шуданд» [364;199].

Д.Б. Богоявленская дар китоби дарсии «Назарияи эҷодкорӣ аз ҷониби Я.А. Пономарёв» таъкид менамояд, ки Я.А. Пономарев «Аввалин эҷодкориро ҳамчун фаъолияти инсонӣ нишон медиҳад, ки арзишҳои нав ва аслиро (дар соҳаҳои гуногун) эҷод мекунад, ки ин аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Нуқтаи назари дигар эҷодкориро бо фаъолияти инсонӣ, ки ба худшиносӣ нигаронида шудааст, пайваст мекунад. Нуқтаи аввалин ташаккулҳои наверо, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд, таъкид мекунад; дуюмӣ бо соҳаи ангезаи фаъолияти эҷодӣ зич алоқаманд аст. Аммо ҳар яки онҳо, ба андешаи муаллиф, дар раванди инкишофи худ бо мушкилоти назаррас рӯбарӯ мешаванд ва маҳдудиятҳои онро ошкор мекунанд. Назаре, ки дарки эҷодкориро бо маҳсулоти аслии фаъолияти инсонӣ, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд, пайваст мекунад, далелҳои зиёдеро, ки дар сатҳи ақли солим ва аксар вақт дар сатҳи илм устуворанд ва дар бисёр мавридҳо ба категорияи эҷодкорӣ дохил мешаванд, дар бар намегирад» [53;130].

Инкишоф додани қобилияти ХИМ - дошта кори хеле душвор ва масъулиятнок мебошад, зеро аз роҳбари маҳфил маҳорати баланди касбиро талаб менамояд. Роҳбарони маҳфил бояд на танҳо малакаҳои касбии худро дошта бошанд, инчунин, масъулияти баланд дошта бошанд

ва ҷараёни таҳсилоти иловагии ХИМ - доштаро бояд донанд. Роҳбарони маҳфил бояд доир ба фаҳмиши ибтидоии нуқсоншиносӣ ва равоншиносӣ таҳсили махсус дошта бошанд. Роҳбари маҳфил инчунин, бояд бо сабру таҳаммул бошад, қобилияти эҷодии худро ба ХИМ - дошта нишон дода, шавқу рағбати онҳоро ба маҳфилҳои эҷодӣ ангезонад. Кӯшиш намояд, ки ҳама гуна қобилиятҳои зеҳнию эҷодии худро дар ҷараёни маҳфил ва азхудкунии маводҳои нав малакаю маҳорати худро такмил диҳад.

Бинобар ин, дар рисола ба муҳтавои маводи таълимии ба рушди эҷодкорӣ нигаронидашуда, пеш аз ҳама, маҷмуи сифатҳои роҳбари маҳфил ворид гардида, он ба қобилиятҳои тафаккури мустақилонаи онҳо вобаста аст. Маҳз ҳамин ҷиҳати қобилиятҳои роҳбари маҳфил пайваста ба такмил додану омӯзиш ниёз доранд.

Д.Б. Богоявленская дар китоби дарсии «Назарияи эҷодкорӣ аз ҷониби Я.А. Пономарёв» таъкид менамояд, ки Я.А. Пономарев «Аввалин эҷодкориро ҳамчун фаъолияти инсонӣ нишон медиҳад, ки арзишҳои нав ва аслиро (дар соҳаҳои гуногун) эҷод мекунад, ки ин аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Нуқтаи назари дигар эҷодкориро бо фаъолияти инсонӣ, ки ба худшиносӣ нигаронида шудааст, пайваст мекунад. Нуқтаи аввалин ташаккулҳои наверо, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд, таъкид мекунад; дуюмӣ бо соҳаи ангезаи фаъолияти эҷодӣ зич алоқаманд аст. Аммо ҳар яки онҳо, ба андешаи муаллиф, дар раванди инкишофи худ бо мушкилоти назаррас рӯбарӯ мешаванд ва маҳдудиятҳои онро ошкор мекунанд. Назаре, ки дарки эҷодкориро бо маҳсулоти аслии фаъолияти инсонӣ, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд, пайваст мекунад, далелҳои зиёдеро, ки дар сатҳи ақли солим ва аксар вақт дар сатҳи илм устуворанд ва дар бисёр мавридҳо ба категорияи эҷодкорӣ дохил мешаванд, дар бар намегирад» [53;130].

Дар ин самт роҳбари маҳфилро мебояд, ки оид ба маҳфилҳои санъат, фарҳанг, корҳои меҳнатӣ, ороишӣ ва амалии роҳу усулҳои расмкашӣ, сурудхонӣ, маҳорати рақскунӣ, тарбияи меҳнатӣ танҳо ба

усулҳои маъмулӣ маҳдуд нашуда, ҳарчи бештар мустақилона усулҳои ғайрианъанавиро азхуд намояд. Инчунин, аз уҳдаи омода кардани тренингҳо, семинарҳо, инчунин машқҳои махсус, бозиҳои логопедӣ баромада тавонад, ки ин барои рушди қобилиятҳои ЗЭ ХИМ - дошта мусоидат карда метавонад. Ин чорабиниҳоро аксар вақт роҳбари маҳфил ҳамчун бозиҳои шавқовар ва ҷолиб дар конкурс, намоишгоҳҳо бо воситаи онлайн, дар телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд пешниҳод намояд. Дар рафти фаъолияти ЗЭ ХИМ - дошта махсус ҳисси худшиносии худро ташаккул дода, робитаҳои иҷтимоияшон фаъолона татбиқ мегардад, ҳисси назорат ва тартиботи ботиниашон пайдо хоҳад шуд.

ХИМ - дошта ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар маҳфилҳои эҷодӣ фаъолона иштирок намуда, барои аз худ кардани маҳорату малака мубориза баранд. Бо ин восита мушкилоти худро дар як давраи муайян ҳал намоянд, инчунин таҷриба ва манфиатҳои худро бой гардонанд. Иштирок дар маҳфилҳои фарҳанги мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ яке аз воситаи тарбияи ХИМ - дошта буда, онро бо омилҳои зерин асоснок кардан мумкин аст:

1. “Санъатро ҳамчун воситаи беназири ташаккул додани ҷанбаҳои муҳимтарин меҳисобем, зеро барои ҳаёти равонӣ ба монанди доираи эҳсосот, тафаккур, хаёл, қобилиятҳои бадеӣ ва эҷодӣ истифода бурда метавонем;

2. Истифодаи фарҳанги мусиқӣ неруи бузурги солимгардонӣ ва инкишофдиханда барои ХИМ - дошта мебошад: масалан, мо истифода аз роҳу воситаҳои махсус интихоб намудем ва ин ҳамчун тарбияи зебоипарастӣ ба қобилияти эҷодии онҳо таъсири мусбати психосоматикиро расонид;

3. Фарҳанги мусиқӣ ба инкишоф додани сифатҳои шахсии ХИМ - дошта ёрӣ мерасонад. Масалан, дар ҷараёни омӯзиши санъати мусиқӣ

онҳо қобилиятҳои фардиеро, ки дар соҳаҳои дигар ифода наёфтаанд, нишон дода метавонанд.

4. Маҳфилҳои эҷодии мунтазам на танҳо тарбияи бадеӣ-зебоипарастиро дар ХИМ - дошта, инчунин сифатҳои меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, сабру тоқат кардан, ҳисси ёрию кумаки ҳамдигарӣ ва хоҳиши бартараф кардани ҳамаи душвориҳоро ташаккул медиҳад.

5. Таъсири комплексӣ ба соҳаи маърифатӣ ва эмотсионалӣ-ихтиёрии ХИМ - дошта ба рушд ва худшиносии ӯ, инчунин имкони ифодаи эҷодии онро нигаронида шудааст.

6. Маҳфилҳои эҷодӣ на танҳо ифшо додани фарҳанги мусиқӣ, инчунин дар расмкашӣ завқи зебоипарастӣ, тафаккури биноӣ-образӣ, тасаввуротҳои эҷодӣ, хотираи ХИМ - доштаро инкишоф дода, ҷаҳонбинии фарҳангиро васеъ намуда, донишу малакаҳоро дар соҳаи эҷодкорӣ ташаккул дода, қобилиятҳои онҳоро ошкор менамоянд.

7. Фаъолияти эҷодӣ ба мутобиқшавии бомуваффақияти ХИМ - дошта ба ҳаёт ва ташкили худшиносии иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ ба ХИМ - дошта имконият медиҳанд, ки худро дар ҷойҳои дастрас дарк намоянд. Онҳо метавонанд маҷмӯи васеи усулҳои расмкашии худро муаррифӣ намоянд, ин ба ХИМ - дошта имконият медиҳанд, ки ба худ бовар кунанд. ки вазъияти устувор доранд ва муваффақиятро ба вуҷуд оварда метавонанд, ки бо ин восита ташаккул додани шавқу рағбат ба фаъолияти эҷодии онҳо замина фароҳам меоварад. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ метавонад барои дар оянда интихоб кардани касбашон мусоидат намояд.

Мутахассисони ватанӣ Х.Зеваров, Ш.Мирсаидова, Ҷ.Ҷӯраев дар дастури «Кори иҷтимоӣ бо маъюбон оид ба кӯдакони ношунаво» диққати махсус дода, тавонбахшии равонии кӯдакони маҳдуддоштаро таҷдиди назар намуда, қайд менамояд, ки «Офиятбахшии равонии кӯдакони маъюб аз тарафи равоншинос, дармонбахши равонӣ иҷро

карда мешавад ва аз усулҳои машварати равонӣ, ислоҳнамоии равонӣ, патронажи иҷтимоӣ -равонии оила, корҳои пешгиринамоии равонӣ ва беҳдошти равонӣ, машқҳои равонӣ, ҷалби маъюб барои иштирок дар гурӯҳҳои дастгирӣ, маҳфилҳои муошират васеъ истифода бурда мешаванд» [122;133].

Фаро гирифтани ХИМ - дошта ба муҳити маҳфилҳои эҷодӣ имконият дод, ки онҳо дар соҳаи расмкашӣ, меҳнатӣ, мусиқӣ қобилиятҳои эҷодӣ ва муошират худро инкишоф ва ташаккул диҳанд. Санъати мусиқӣ, санъати расмкашӣ ва ороишӣ, меҳнатӣ ҳамчун яке аз воситаҳои инкишоф додани ХИМ - дошта буда, ба онҳо кумак менамояд, ки бо мушкилоти эҳсосӣ мубориза баранд, хоҳишҳои худро тағйир диҳанд, ҷаҳон ва ташаккул додани тафаккури ҳамгироёна бо дигаронро инкишоф диҳанд. Маҳфилҳои эҷодӣ, инчунин, ба ХИМ - дошта кумак менамояд, ки озод бошанд, фардият ва қобилиятҳои худро мушоҳида намоянд ва аз дидани навовариҳо дар шароити имрӯза руҳбаланд гарданд.

Ақидаи Ҷ.Ҳакимова оиди таҳсилоти фарогир чунин аст: «Сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дастгирии маюбони калонсол ва бачаҳо баррасӣ шудааст, аз ҷумла дар мактаб - интернати махсуси ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони кару гунг ба нуқтаи гуногуни тиббии маюбият такя дорад, ки он маюбиятро ҳамчун ҳудуди ниҳоии дарднок баррасӣ менамояд. Ин нуқта ба пастшавии мавқеияти иҷтимоии одамон маюбиятдошта мусоидат карда, аҳамияти иҷтимоии онҳоро коҳиш медиҳад, онҳоро аз ҷамъияти ҳамсолони солими ҳамсинни худ ҷудо мекунад ва бо ҳамин мақоми нобаробарии иҷтимоии онҳоро амиқтар ва маҳкум намуда нобаробарӣ ва ноқобилият буданашонро онро ба қиёс бо дигарон намоиш медиҳад» [304;42].

Қобилиятҳои ЗЭ маҷмуи сифатҳои шахсиро ифода мекунанд, ки барои фаъолияти муваффақонаи эҷодӣ заруранд. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ашё, падидаҳо, инчунин тасвирҳои биноӣ, ҳиссиётӣ ва

равониро тағйир диҳем, чизҳои навро кашф кунем, дар ҷустуҷӯ ва қабули қарорҳои аслӣ, ғайристандартиро истифода барем.

Ҷалби ХИМ - дошта ба фаъолияти ЗЭ ба ҳалли масъалаҳои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо, рафъи комплекси нуқсон, беҳтар намудани ҳолати равонӣ ва инкишофи онҳо мусоидат мекунад.

Дар айни замон, ки соҳаи маориф фаъолона рушд ва дигаргун мешавад, ба таҳсилоти фарогир ва таҳсилоти иловагӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Он дастрасии таҳсилоти иловагиро барои ҳама, аз ҷумла, ХИМ - дошта, махсус дар назар дорад. Равишҳои фарогир метавонанд онҳоро барои таҳсилоти иловагӣ ва муваффақ шудан дастгирӣ намуда, барои зиндагии беҳтар барои ҳамаи ХИМ - дошта, на танҳо онҳое, ки эҳтиёҷоти махсус доранд, имконият фароҳам оранд.

Маҳфилҳои эҷодӣ ба ХИМ - дошта имкониятҳо фароҳам меоранд, ки қобилиятҳои иқтидории худро бо дарназардошти шавқу завқаш инкишоф дода, ба сарнавишти ояндаи ӯ таъсири калон мерасонанд.

Дар фишурдаи автореферат Д. Мансурова қайд карда шудааст, ки «Раванди таҳсилот тавре ба роҳ монда шуда буд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ пайваста ва тадриҷан сурат гирад. Ҳангоми азхудкунии усулҳои гуногуни кор, дар баробари рушди малакаҳои хуби ҳаракатӣ, хонандагон тасаввуроти худро дар бораи ашё ва падидаҳои ҷаҳони атроф ғанӣ мегардонданд, таҷрибаи худро пурра мекарданд, худро ҳамчун субъекҳои фаъол идрок мекарданд, ки он ба тағйир додани воқеияти атроф мусоидат мекунад». «Дар ҷараёни машғулиятҳои ЗЭ, мо тақрибан ҳамаи унсурҳои фаъолияти таҳсилотиро амали кардем: мақсадгузории кор, банақшагирӣ, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти худ, ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ, дарёфти роҳҳои ғайриоддии расидан ба ҳадафҳо, баҳодиҳии мувофиқи фаъолияти худ ва таҳлили он» [278;18-19].

Барои ХИМ - дошта имкони асосӣ ва баъзан ягона барои ба даст овардани малакаҳои ҳаётан муҳим фаъолияти амалӣ мебошад. Донишу малакае, ки дар ҳаёти ояндаи ин гуна ХИМ - дошта ба даст оварда шудаанд, на танҳо вақти холӣ, балки асоси такмили ихтисоси онҳо аз хурдӣ шуда метавонад.

Иҷтимоикунонии ХИМ - дошта тавассути ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун раванди ҷалб ва ҷорӣ намудани онҳо ба доираи дарки хаёлӣ ва дарки олами атроф фаҳмида мешавад.

Қобилияти эҷодии ХИМ - дошта ташхис, меъёрҳои баҳодиҳии педагогӣ, масири фардии таҳсилоти иловагӣ, робитаи мақсаду вазифаҳои таҳсилоти асосӣ ва фарогирро нишон медиҳад, ки онҳо хусусияти фазои таҳсилоти иловагиро дар муассисаҳои махсус барои муайян намудани мақсадҳо ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда, барои ташаккул додани ХИМ - дошта нигаронида шудаанд, ошкор намояд. Таваҷҷуҳ на ба натиҷаҳо, балки ба худи раванд аст, ки имкон медиҳад, ки аз фаъолияти эҷодӣ самараи мусбат ба даст ояд.

Ташкили фазои мушахасси эҷодӣ, муносибатҳои зичи байни аъзоёни гурӯҳ, инчунин ҳисси масъулиятшиносӣ нисбат ба ҳамдигар, интихоби шаклу воситаҳои таҳсилоти иловагӣ ва махсус, ки дар онҳо маҳсулот ва ҷараёни эҷодӣ аслан бо ҳам вобастагии муҳим доранд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотии ХИМ - дошта эҳсости масъулиятро беназир ва самарабахш мегардонад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, асоси ҳама гуна ташхис, имкон медиҳад, ки дар бораи ХИМ - дошта микдори мушахасси маълумотро дар таҳсилоти иловагӣ ба даст оранд ва ба мақсади худ расанд.

Омӯзиши ҳавасмандкунӣ ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи камолоти шахсии ХИМ - доштаро арзёбӣ кунем. Вазифаҳои ҳайати омӯзгорон аз таҳия ва татбиқи барномаҳои таҳсилоти иловагӣ, ҳавасмандкунии ХИМ - дошта фароҳам овардани муҳити мусоид ва муайян кардани ҳадафҳои таълимӣ мувофиқи сатҳи онҳо иборат аст. Инчунин, ба масири фардии

ХИМ - дошта ислоҳот ворид кардан ва бо волидон машварат кардан лозим аст.

Ҳамин тариқ, қобилияти зеҳнию эҷодии ҳамаи ХИМ - дошта гуногун буда, аз ирсият, муҳити оилавӣ ва хусусиятҳои системаи асаб вобастагии калон дорад.

Нуқсонҳо ва камбудиҳои ҷисмонӣ ва руҳӣ ба ХИМ - дошта аз омодагӣ ба ҳаёти мустақил ва корҳои зеҳнӣ, ноил шудан ба ҳадафҳои худ, пур кардани ҳаёти онҳо бо мазмун ба муваффақият халал мерасонад. Мо дар рисолаи худ тасмим гирифтем, ки ХИМ - дошта новобаста аз нуқсонҳои мухталиф доштанашон метавонанд дар сурате муваффақ шаванд, ки онҳо хоҳиши бартарӣ аз рақибони худро дошта бошанд.

Эҷодкорӣ маҳсули фаъолияти зеҳнист ва имкониятҳои мавҷуда тавасути истифодаи саъю кӯшиш ба вуҷуд меояд. Инсоният бо эҷодкорӣ ба дунё намеояд. Ҳамааш ба он вобаста аст, ки муҳити зист барои инсон барои амалӣ намудани неруи ботинии худ чӣ гуна шароит фароҳам меорад. Барои фаҳмидани он ки фаъолияти эҷодӣ чӣ гуна инкишоф меёбад, на танҳо ба сатҳи асосии фаъолияти зеҳнӣ баҳо додан, балки шахсияти инсон ва марҳилаҳои ташаккули он дар муҳити муайяни таъсирбахшро омӯхтан лозим аст.

Назарияи М.А. Набиева оид ба масъалаи корҳои эҷодии мусиқӣ ҳамкориро муассиса ба таҳсилоти иловагӣ «Ҳамгироии равандҳои таълимӣ бо маҳфилҳои эҷодӣ барои хонандагон мусоидат менамояд ба ташаккули қобилиятҳои зебоипарастӣ ва зеҳнӣ, бедор кардани эҷодкорӣ ва эҳсоси шахсӣ» [282;50].

Ҳ. Нарзуллоев рисолаи илмиро дар масъалаи «Шароити педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» омода намуда, дарҷ менамояд, ки «Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила поягузорӣ мешавад ва минбаъд рушд меёбад. Дар синни хурдсоли инкишофи зеҳнӣ бо инкишофи ҷисмонӣ робитаи зич дорад. Хотира, диққат ва тахаюлоти хонандагон хусусиятҳои гузаранда

ва новобаста аз ирода дорад ва гуё ба меҳнати онҳо пайвастагӣ дорад. Роҳи бисёр дурусти рушди зеҳнии хонандагон ин ворид намудани ӯ ба доираи беҳудуди фаъолиятҳои ба синни ӯ мувофиқ, муошират ҳарҷи бештар бо калонсолон ва кӯдакон синнашон калонтар, ки ба рушди нутқи мураттаб мадад мерасонад, ба шумор меравад» [283;12].

Кор аз болои худ, чи психологӣ ва чӣ ҷисмонӣ, онҳоро қувват медиҳад ва ба бартараф кардани заифияшон кумак мерасонад. Онҳо майл доранд, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои худ диққат диҳанд ва барои ноил шудан ба онҳо тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд.

Маҳоратҳое, ки онҳо дар худ доранд, барои худтанзимкунӣ ва худдорӣ карда тавонистан ба пешрафти онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамаи ин онҳоро нисбат ба онҳое, ки танҳо ба қувваи худ умед мебанданд, пурзӯртар мегардонад ва онҳо масъулияти худро барои муваффақият дарк мекунанд. Вобаста аз соҳаи фаъолияте, ки онҳо дар он муваффақият ба даст овардаанд, дастовардҳои онҳо метавонанд фарқ кунанд, ба монанди:



Таҳқиқот дар таҳсилоти иловагӣ, ҷанбаи иҷтимоӣ ва муштараки эҷодкориро ба вуҷуд меоварад ва ХИМ - дошта аз он баҳрабардорӣ менамоянд. Дар фаъолияти муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ раванди эҷодкориро тавассути ҳамкории фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, барои фаъол кардани таваҷҷуҳи ХИМ - дошта бедор менамоянд. Аз ин рӯ, раванди эҷодиро ҳамчун маҷмуи амалҳои равонии ХИМ - дошта ҳангоми иҷрои вазифаҳои эҷодӣ якҷоя метавон анҷом дод. Ҳамин тариқ, муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ метавонанд як муҳити муҳим барои ташаккули малакаҳои зарурии тафаккури эҷодии ҳамаи ХИМ - дошта гарданд.

ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ ширкат варзида, доираи васеи тафаккур ва малакаҳои эҷодии худро мусаллаҳ менамоянд, барои бартараф кардани ҳар гуна нобаробарии имконпазир ваколатдор мешаванд. Сарфи назар аз мубоҳисаҳои пуршиддат дар ин самт ҳанӯз ҳам монеаҳо барои бартараф кардани эҷодкорӣ ва навоварӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ вуҷуд доранд.

Мақсади таҳқиқоти мо гузаронидани маҳфилҳои эҷодӣ мебошад, ки барои пур кардани камбудиҳои дониш ва беҳтар кардани муҳити зисти ХИМ - дошта мусоидат мекунад. Мо имкони омӯзиши эҷодиёти иҷтимоиро тавассути омӯзиш дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки дар он хонандагон салоҳиятҳои худро инкишоф медиҳанд, пешкаш менамоем.

Аз тарафи дигар, таҳқиқоте мавҷуданд, ки ҷанбаҳои гуногуни ташаккули неруи эҷодӣ дар муҳити иҷтимоию фарҳангиро баррасӣ мекунанд. Ин таҳқиқотҳо зарурати таҳлили шароити рушди эҷодро таъкид намуда, аҳаммияти фароҳам овардани шароитеро, ки ба эҷодиёти озод мусоидат мекунанд, нишон медиҳанд.

Ин таҳқиқотҳо табиати иқтидории эҷодиро ҳам дар ХИМ - дошта ва ҳам гурӯҳҳои эҷодӣ таҳлил мекунанд. Ба фароҳам овардани шароити

мусоид барои эҷодиёти озод, инчунин омӯхтани таъсири муҳит ба инкишофи неруи эҷодӣ диққати махсус дода мешавад.

Ғайр аз ин, нақши муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дар инкишофи неруи эҷодӣ ба назар гирифта шудааст. Барои ошкор намудан ва дастгирӣ намудани ХИМ - дошта озмунҳои эҷодӣ гузаронида мешаванд.

Ин назарияи муносибатҳои байналмилалӣ дар рушди иҷтимоию фарҳангӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ба ташаккули неруи эҷодӣ, таҳкими саломатӣ, рушди робита ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Ин равандҳо ба ташаккули иқтидори эҷодӣ дар муносибатҳои муколамавӣ таъсири калон мерасонанд.

Дар ин таҳқиқот мо шаклҳои гуногуни фаъолият, аз қабили фаъолияти иҷтимоӣ, муштарак, гурӯҳӣ ва татбиқи амалии таҳсилоти иловагиро чӣ беруназсинфӣ ва чӣ беруназмактабӣ таҳлил мекунем. Ин муносибат ба кори мо асоснок буда, чунин мешуморем, ки инкишофи қобилиятҳои ЗЭ ба назар гирифтани алоқаи ҷараёнҳои педагогӣ ва психологӣ дар шароити иҷтимоӣ ва моддӣ имконнопазир аст. Ба ин муносибат мо таҳқиқотеро, ки ба омӯзиши фаъолияти мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ дар шароити гурӯҳӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои махсус татбиқ намудан ва ташкил кардани маҳфилҳои эҷодӣ бахшида шудаанд, дида мебароем.

Корҳои илми Н.Нурматова бошад, маҳс ба таҳсилоти иловагӣ бахшида шудааст ва қайд менамоя, ки «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан ва таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, нақшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби

омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд». Мо ба гуфтаҳои Н.Нурматова розӣ ҳастем ва тарафдори менамоем [285;13].

Мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ ҳамаи намудҳои қобилият ин маҳсули донишҳои ҳаётӣ барои ХИМ - дошта маҳсуб ёфта, дар инкишофи онҳо инчунин, дар раванди ҳаёт ба вуқуъ мепайвандад ва муҳит, ҷамъият, онҳоро тарбия ва ташаккул медиҳанд. Қобилиятҳои зеҳнӣ бо фаъолияти фикрии ХИМ - дошта зич алоқаманданд, зеро барои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ дараҷаҳои зерини фаъолияти ақлии ХИМ - дошта вуҷуд дорад:

1. **Фаъолияти ақлии фазоӣ, ки и**н қобилият метавонад ба инкишофи мафҳумҳои фазоӣ ва мутобиқ шудани хонандагон ба таҳсилоти эҷодии иловагӣ дар олами атроф такя менамояд. Мисол: шиноварони баҳри Каспий метавонанд ҷои худро аз рӯйи ситораҳо муайян намоянд.

2. **Фаъолияти фикрии мусиқавӣ.** Ин фаъолият марбут ба қобилияти дарк намудани фарҳанги мусиқӣ ва офаридани он мебошад. Мисол: баъзе шахсиятҳоеро вомехӯрем, ки гарчанде дар мактаби миёна ба қатори хонандагони дигар мехонанд, бо як маротиба шунидан оҳанги мусиқӣ аз уҳдаи навохтани асари мусиқӣ мебароянд, дар баъзе ҳолат мо мушоҳида мекунем, ки пионинонавозе, ки дар тамоми ҷаҳон онро мардум мешиносад ва машҳур аст, аққалан барои хондан як саҳифаи рӯзнома мушкилӣ мекашад.

3. **Фаъолияти ақлии ҳаракатӣ**. Қобилиятҳое мушоҳида мешаванд, ки ин ҳаракатҳои чобукӣ, латифӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, ҳаракатҳои духтари раққоса, ки ин маҳорати эҷодӣ мебошад, ҳар як равиши раққоса бояд мувофиқ ба суруди навохташуда сурат гирад.

4. **Фаъолияти ақлии байнишахсӣ.** Қобилияти дустӣ пайдо кардан ба атрофиён ва ба роҳ мондани муошират ва муносибатҳои

байнишахсии инсоният мебошад. Дар ҳаёт мо баъзан ба шахсоне дучор мешавем, ки зуд ба онҳо унс мегиранд.

5. **Фаъолияти ақлии дохилишахсӣ.** Ин низ қобилияти шинохта тавонистани худ ва ҳисси мутобиқ доштан ба шахси комил аст.

Мафҳуми фаъолияти эҷодии ХИМ - дошта ҳамчун шакли азхудкунии таҷрибаи эҷодии шинохтан, табдил додан, сатҳи баланди тарбияи зеҳнӣ барои қобилиятҳои шахс истифода бурда мешавад. Эҷодкорӣ як ҷанбаи муайяни инкишофи ХИМ - дошта ба шумор рафта, бо гузаштан ба сатҳи баланди зеҳнӣ алоқаманд аст.

М.Нематуллоев инкишофи зеҳнии хонандагон дар мадди аввал мегузорад ва ибрози ақида менамояд, ки «Ташаккули шахсияти донишманд, дорои қобилияти баланди зеҳнӣ ва малакаю маҳорати зарурӣ маҳз аз кӯдакистону мактаб ибтидо мегирад ва дар раванди дарсҳои иловагӣ тақвият меёбад. Дар шароити муосири таълиму тарбия дар баробари дарсҳои асосӣ дарсҳои иловагӣ ҳам аҳамияти хеле муҳим доранд, зеро дарсҳои иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мавзуъҳои таълимиро, ки дар дарсҳои асосӣ гузаштанд, боз ҳам пурратару мукаммалтар гардонанд» [284;4].

Қобилияти эҷодии ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бо воситаи омӯзиши фаъол тавассути дарсҳои санъат ва меҳнат, мусиқӣ, расмкашӣ ташаккул меёбад. Ғайр аз дарсҳо ХИМ - дошта, дар маҳфилҳои зеҳнию эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ, таълими меҳнат бо мақсади интихоби касб ва ба ҳаёт омода кардани онҳо ва саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ раҳнамоӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни дарсҳои озмоишӣ мо мушоҳида намудем, ки дар маҳфилҳои эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ хонандагон истифодаи усулҳои ғайрианъанавии таълим боиси рушди фаъолияти донишандӯзии ХИМ - дошта мегарданд. Бинобар ин таълими бештари соатҳоро дар маҳфилҳои эҷодӣ бо истифода аз ин усулҳо ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

Шавқу рағбати ХИМ - дошта дар маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ бениҳоят зиёд шуд ва ҷалби фаъолияти ХИМ - дошта дар маҳфилҳои ЗЭ барои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонию равонӣ мусоидат гардид.

1.3. Хусусиятҳои равонӣ ва педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муҳити таҳсилоти фарогир

Ҳадафи ҳама гуна талоши коркард ва истифодаи усулҳои самараноки педагогӣ дар тарбияи ХИМ - дошта ин, пеш аз ҳама, пайдо ва инкишоф додани маҳорату малакаҳои эҷодии онҳо мебошад.

Дар ин маврид вазифаи роҳбари маҳфил дар он аст, ки аз уҳдаи корҳои эҷодӣ баромада тавонистани онҳоро ошкор ва инкишоф дода тавонад. Зуҳуроти қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ - дошта гуногун буда метавонанд, зеро истеъдод моҳияти равандҳои эҷодӣ буда, барои ҳама, чӣ барои хонандагони солим ва ҳам барои ХИМ - дошта яксон буда метавонад. Фарқи маводҳои мушаххас дар корҳои эҷодӣ, ин ҳамчун миқёси комёбиҳо аҳаммиятнок буда метавонад.

Маҳфилҳои эҷодӣ бо шарофати истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии таҳсилоти иловагӣ барои ХИМ - дошта барои беҳтар аз худ намудан ва омӯхтани маълумотҳои муайян имконияти васеъ фароҳам меоранд. Бо такя аз ин усулҳо ХИМ - дошта сустшунаво, мубталои вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ, аломати дауна ва аутизмдошта бидуни зарба хӯрдани узвҳои майнаи сарашон аз уҳдаи иҷрои корҳои эҷодӣ баромада метавонанд. Аммо дар баробари ин ҳастанд хонандагони ақланақибмонда, ки на ҳамеша барои ҳалли эҷодии корҳои эҷодии вазнин рағбат доранд, аз ин лиҳоз мо танҳо қобилияти зеҳнии онҳоро инкишоф медиҳем. Бинобар ин, моро зарур аст, ки ба онҳо корҳои зеҳнӣ пешниҳод намоем ва аз ин роҳу усулҳои бозӣ бо ин навъи пурсиш таҷрибаи худро бой гардонем.

Барои ташаккул додани таҷрибаи эҷодии ХИМ - дошта бояд ҳолатҳои махсуси раванди педагогӣ тарҳрезӣ карда шавад, ки ин барои иҷрои корҳои ЗЭ шароит мусоидат фароҳам оварад.

Имконияти сохтани чунин ҳолатҳо аз он иборат аст, ки таълими зеҳнию эҷодкорӣ асосан аз рӯйи масъалаҳое сурат мегирад, ки аз ҷониби ҷомеа ҳал карда шавад. Хонандагон ба воситаи корҳои фардӣ дар сатҳи муайяни худ инкишоф дода мешаванд, инчунин, вобаста ба фаъолиятҳои ташкилотчигии роҳбари маҳфил арзишҳои нав ба вуҷуд оварданд. Аз ин рӯ, мо дар робита бо корҳои эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, эҷодкориро ҳамчун як мафҳуми фаъолияти ХИМ - дошта муайян кардем. Барои корҳои эҷодӣ арзишҳои сифатан нав ба эътибор гирифта шуд, ки ин аҳаммияти иҷтимоии худро доранд, яъне мо иштирок дар маҳфилҳои эҷодиро бо усулҳои бозӣ барои ташаккул додани ХИМ - дошта ҳамчун яке аз субъекти иҷтимоӣ истифода бурдем.

Мо корҳои зеҳнию эҷодиро ба ХИМ - дошта бо шакли фаъолияти бозӣ бояд оғоз намоем, зеро маҳз бозӣ ХИМ - доштаро водор менамояд, ки дар он симои худро нишон диҳад. Онҳо ҳамчун қаҳрамон ба маҳфилҳои эҷодӣ ширкат варзиданд ва худро ҳамчун қаҳрамон нишон дода, чизи наверо ихтироъ намуданд.

Бинобар ин, пайгирӣ аз ҳадафи баланд бардоштани рағбати ҳар ду гурӯҳи ХИМ - дошта барои иштирок дар маҳфилҳо моро водор намуд, ки онҳоро дар бештари маҳфилҳои пешбинишуда бо ҳамдигар муттаҳид намоем. Татбиқи ин усул имконият дод, ки онҳо ба худ эътимод пайдо намуда, аз уҳдаи иҷрои корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ баромада тавонанд. Сипас, онҳо воқеан ҳам, боварӣ ҳосил намуданд, ки ташаккули корҳои эҷодӣ, яке аз хислатҳои муҳимтарини инсонӣ барои ҳаёту рӯзгор буда, боиси фароҳам овардани маданияту хушмуомилагии онҳо бо якдигар мегардад.

Таҳқиқот муайян намуд, ки фаъолияти ХИМ – дошта, ба монанди: нуқсонҳои аломати дауна, аломати аутизм, чапдаст, вайрон будани

такягоҳи ҳаракатӣ, маъюбии даст ё по як хел буда наметавонанд. Бинобар ин, иҷрои корҳои эҷодӣ барои ХИМ - дошта аз рӯйи категорияҳо хусусияти хосси худро дорад. Ҳамин тавр, ба инобат гирифтани ҳама омилҳои эҷодии номбаршуда, вобаста ба нуқсонҳои зикршуда, дар даврaҳои гуногуни кӯдакӣ шакл гирифтани осебҳо тавсия карда мешавад.

Новобаста аз баъзе ҷанбаҳои осеб дидани майнаи сари ХИМ - дошта корҳои зеҳнияшон э қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Онҳо ҳар як кори зеҳниро ҳамчун олами воқеӣ афсонавӣ медонанд. Таҳқиқот собит менамояд, ки омилҳои дар боло зикргардида, асоси тасдиқи он гардиданд, ки тахайюлоти ХИМ - дошта дар баъзе ҳолатҳо назар ба маҳсули корҳои зеҳнию эҷодии хонандагони солим хеле бойтар ва гуногунрангтар мебошад.

Масъалаи мақолаи илмии Д.В.Скалкина, маҳз ба фаъолияти эҷодӣ бо усулҳои бозӣ алоқаманд аст. «Бозии дидактикӣ як усули педагогӣ аст ва ба афзоиши ангеза ва шавқи хонандагон мусоидат мекунад, дар хонандагон ҳолати эмотсионалӣ эҷод мекунад ва муносибати мусбатро нисбат ба кори анҷомдодашуда тарбия мекунад, фаъолияти умумиро беҳтар мекунад ва имкон медиҳад, ки ҳамон маводро бо роҳҳои гуногун баррасӣ кунанд. Тавассути бозӣ, хонандагон донишро ба осонӣ аз худ мекунанд ва дар бораи ҷаҳони атрофашон тасаввурот пайдо мекунанд. Ба шарофати бозиҳои дидактикӣ, вазифаҳои таҳсилоти иловагӣ ва маърифатӣ мустақиман, вақте ки роҳбари маҳфил шарҳ медиҳад, муқаррар карда намешаванд, балки бавосита, вақте ки хонандагон тавассути бозӣ дониш ба даст меоранд. Вазифаи таълимӣ дар чунин бозиҳо гӯё дар пеши бозигар пинҳон аст, ангезаи иҷрои он ба хоҳиши табиии хонанда барои бозӣ ва иҷрои амалҳои мушаххаси бозӣ табдил меёбад. Дар натиҷа, азхуд кардани мундариҷаи барнома шарти пешакии расидан ба ҳадафи бозӣ мегардад» [357;264].

Мо дар таҳқиқоти худ исбот намудем, ки бештари таҷрибаи ХИМ - дошта аз таҷрибаи бойи хонандагони солим баландтар ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он ки манфиатҳои онҳо хеле содаанд ва захираи луғавии онҳо кам мебошад, аммо онҳо бомуваффаққият аз уҳдаи корҳои зеҳнӣ баромада метавонанд. Муносибати ХИМ - дошта ҳатто бо муҳити атроф бо мушкилӣ дастрас мегардад, инчунин, нозукӣ ва гуногунранг будани маҳфилҳои эҷодӣ аз рафтори хонандагони солим фарқ мекунад.

Ба ақидаи олими рус Х.Х.Галаев «Яке аз роҳҳои ҳамгироии ХИМ ба таҳсилоти иловагӣ бозиҳои нақшофарӣ мебошад. Онҳо малакаҳои рафтори иҷтимоиро инкишоф медиҳанд, ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ хизмат мекунанд, салоҳияти иҷтимоӣ ва муоширатиро инкишоф медиҳанд, эҷодкориро ҳавасманд мекунанд ва дарки ҷаҳони атрофро осон мекунанд, муаллиф таъкид менамояд, ки ХИМ ҳамчун шахсият инкишоф меёбанд ва он ҷанбаҳои равонии худро инкишоф медиҳанд, ки баъдан муваффақияти онҳоро дар муассисаи махсуси таҳсилотӣ ва кор, инчунин муносибати онҳоро ба дигарон муайян мекунанд» [322;196].

Иштирок дар маҳфилҳо дар тахайюлоти ХИМ - дошта назар ба хаёли хонандагони солим камзеҳнтар аст. Дар рафти инкишоф додани хаёлоти ХИМ - дошта бо воситаи бозӣ танҳо бо кумаку дастгирии калонсолон ва роҳбарони маҳфил ба камол мерасад.

ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳар сол як қатор тағйиротҳо ба амал меоваранд, ки ин албатта бевосита барои инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнии онҳо таъсир мерасонад. Дар ХИМ - дошта синну соли гузаришашон як қатор ҷиҳатҳо метавонад ба зиддиятнокӣ, ва номувофиқӣ ба вуҷуд орад. Аз ин лиҳоз, барои ташаккул додани нутқи ХИМ - дошта иштирок дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ, меҳнатӣ мувофиқи мақсад буда, дар лаҳзаҳое, ки онро тавсиф мекунанд, ё давраи гузариш хусусиятҳои синнусоли муҳим ба ҳисоб меравад.

Инчунин Х.Х.Галаев қайд менамоянд, ки «Фаъолиятҳои театрӣ ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд, зеро ҳар як афсона ё

асари адабӣ бо усули бозӣ барои кӯдакон ҳамеша паёми ахлоқӣ (меҳрубонӣ, далерӣ) дорад. Тавассути театр кӯдакон на танҳо бо ақл, балки бо дили худ низ ҷаҳонро меомӯзанд ва муносибати худро нисбат ба некӣ ва бадӣ баён мекунанд. Фаъолиятҳои театрӣ ба кӯдакон кӯмак мекунанд, ки шармгинӣ, худбоварӣ ва тарсончакиро бартараф кунанд. Театр ба кӯдакон меомӯзад, ки зебоиро дар ҳаёт ва одамон бубинанд ва хоҳиши ворид кардани зебоӣ ва меҳрубониро ба ҳаёти худ бедор мекунад» [322;198].

Бозӣ воситаи инкишоф додани нутқ барои КИМ –дошта, ақидаи Д.Салямова - ро тарафтори менамоем ва ӯ чунин ишора менамояд: ҳамчун «Вазифаи муҳими логопед дар гурӯҳи кӯдакони лакнатзабон фароҳам овардани шароит барои маҳдуд кардани муҳити нутқ барои кӯдакон мебошад. Ҳангоми гузаронидани «реҷаи хомӯш» дар тамоми марҳилаи аввали кор, маҳдуд кардани нутқи кӯдакон ҳангоми бозӣ махсусан муҳим аст. Он одатан дар давоми 2-3 ҳафтаи аввал гузаронида мешавад; - ташкили бозии дидактикӣ, ки ба ором кардани ҳаяҷон дар системаи асаби кӯдак нигаронида шудааст; - дуруст ташкил намудани бозиҳои фардӣ барои маҳдуд кардани нутқи кӯдакон хеле муҳим аст; - дар ҳамаи синфхонаҳо барои кӯдакони лакнатзабон бозиҳои руимизӣ гузаронида мешаванд, ки дар онҳо қобилияти як ба як, хомуш бозӣ карданро инкишоф медиҳанд, таъмин карда шавад; Ҳамин тариқ, дар кори тарбиявӣ бо кӯдакони синни томактабӣ шаклҳои бозӣ ҳам дар машғулият ва ҳам дар раванди фаъолияти мустақилона (лаҳзаҳои алоҳидаи тарбиявӣ) дар шакли муттаҳид истифода мешаванд» [294;15]. Ақидаҳои Д.Салямова-ро тарафдори менамоем ва барои кӯдакони нуқсони ақлию рӯҳӣ бозиро воситаи инкишоф додани корҳои зеҳнии таҳсилоти иловагӣ меҳисобем.

ХИМ - дошта одатҳои махсус доранд, ки аз ҷониби аҳли хонавода дастгирӣ ва ташвиқ карда шуда, корҳои эҷодии омода кардашударо идома медиҳанд. Ҳар як ХИМ - дошта кори зеҳнии худро аз назар

мегузаронад, сипас барои ҳавасмандгардонӣ ба роҳбари маҳфил пешниҳод мекунад. Баъзеҳои дигараш бошад аз коре, ки дар назар хеле объективӣ ба назар мерасанд, қаноатманд нестанд. Дар ин ҳолат, онҳо руҳафтода мешаванд, нисбат ба корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дилхунук мешаванд ва аз корҳои зеҳнӣ даст мекашанд. Дар ҷараёни суҳбат роҳбари маҳфил Холматова Ҳафиза Комилҷоновна, аз Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе, иброз намуд, ки барои омода кардани корҳои зеҳнии хонандагон расмкашӣ нақшаҳои тақвимӣ мувофиқ ба шуури онҳо тартиб дода шудааст, ки онро мо бо воситаи бозӣ омода намудем. Мувофиқи он новобаста аз нуқсонҳо дар маҳфилҳои расмкашӣ корҳои эҷодии оддиро ба анҷом мерасонанд.

Барои ХИМ - дошта ду намуди асосии хаёлотро ҷудо намудем, ки бо тамоми фарқиятҳо пайдо шуданаш мумкин аст: Онҳоро тасаввуротҳои берунӣ ва тасаввуротҳои ботинӣ номгузорӣ намуд. Ин ду намуди хаёлот ба маводҳое дохил мешаванд, ки он ҳамчун тахаюлоти созанда сохта шудааст. Албатта, ин қонун ба сохтмон хос мебошад. Тахайюлоти пластикӣ бошад, асосан маълумотҳое дар назар доранд, ки дар он таассуроти беруна истифода бурда мешавад. Онҳо аз унсурҳое, ки аз берун гирифта шудааст, омода карда мешавад. Эҳсосоти баръакс бошад, албатта, бо унсур аз дохил гирифта шуда, омода карда мешавад. Мо дар таҳқиқоти худ аввалинро объективӣ номида, дувуминро субъективӣ номидем, ки бо воситаи бозӣ гузаронида мешавад.

Масъалаи мақолаи илмии Д.В.Скалкина, маҳз ба фаъолияти бозӣ алоқаманд аст. «Бозии дидактикӣ як усули педагогӣ аст, ки дар дарсҳо истифода мешавад ва ба афзоиши ангеза ва шавқи хонандагон мусоидат мекунад, дар хонандагон ҳолати эмотсионалӣ эҷод мекунад ва муносибати мусбатро нисбат ба кори анҷомдодашуда тарбия мекунад, фаъолияти умумиро беҳтар мекунад ва имкон медиҳад, ки ҳамон

маводро бо роҳҳои гуногун баррасӣ кунанд. Тавассути бозӣ, кӯдакон донишро ба осонӣ аз худ мекунанд ва дар бораи ҷаҳони атрофашон тасаввурот пайдо мекунанд. Ба шарофати бозиҳои дидактикӣ, вазифаҳои таълимӣ ва маърифатӣ мустақиман, вақте ки муаллим шарҳ медиҳад ва таълим медиҳад, муқаррар карда намешаванд, балки бавосита, вақте ки хонандагон тавассути бозӣ дониш ба даст меоранд. Вазифаи таълимӣ дар чунин бозиҳо гӯё дар пеши бозигар пинҳон аст; ангезаи иҷрои он ба хоҳиши табиии кӯдак барои бозӣ ва иҷрои амалҳои мушаххаси бозӣ табдил меёбад. Дар натиҷа, азхуд кардани мундариҷаи барнома шарти пешакии расидан ба ҳадафи бозӣ мегардад» [357;264]. Дар таҳсилоти иловагӣ бозиро як усули корҳои эҷодӣ истифода бурдем, ки пеш аз омода кардани чизи нав хонандагон бо воситаи бозӣ тайёр карда мешаванд.

Иштирок дар таҳсилоти иловагӣ барои бомуваффақият ташаккул додани қобилиятҳои ЗЭ ХИМ - дошта дар шароити таҳсилоти фарогир бо усули бозӣ омода намуда вазифаи аҳли хонавода ба таҳсилоти иловагӣ кори мунтазам ва пайваста анҷом дода шавад.

Ҳангоми сухан дар бораи рушди қобилиятҳои ЗЭ, ХИМ - дошта бояд ба назар гирифт, ки ин равандро танҳо ба таври комил амалӣ кардан мумкин нест. Ба кори муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бисёр омилҳо метавонад таъсир расонанд.

Дар кори илмии Д.Рамазонзода бештар дар мавзӯи бозӣ диққати махсус додааст. Ӯ дар рисолаи худ «Мақсади асосии бозиҳои мусиқии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат медонад, ки дар кӯдакон меҳру муҳаббати мусиқӣ пайдо шавад ва онҳо ба асосҳои саводи мусиқӣ шинос шаванд, инчунин онҳо таҷрибаҳои навро омӯзанд, ташаббус, мустақилият ва эҷодкории худро инкишоф диҳанд. Бозиҳои мусиқӣ воситаи муассири инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар шакли ҳаяҷоновар ва ғайристандартӣ бо ҳамкории фаъоли роҳбари мусиқӣ ва кӯдакон амалӣ карда шаванд. Дар раванди бозиҳои мусиқӣ кӯдакон таҳлили мусиқӣ,

гӯш кардани он, дарк кардан, тасаввур кардан, импровизатсия кардан ва эҷод кардани чизи навро меомӯзанд. Аз ин рӯ, дар кӯдакони ин синну сол таҷрибаи эҳсосоти эмотсионалии онҳо дар фаъолияти гуногуни бозикунӣ таҳти мусиқӣ, аз қабили имову ишораи рӯй, истифода аз мимика ва пантомимика, инчунин оҳанги овоз ифода мегардад, ки диапазони гуногун доранд» [289;100].

Дар масъалаи «Шароитҳои педагогии ташаккули бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ -ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» Ф. Раҳимзода иброз менамояд, ки «Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба мисли, бозиҳо, машғулиятҳои тасвирӣ, меҳнатӣ ва таълимӣ шинос гардида, ҷиҳати маърифат кардани ҷаҳони атроф аз онҳо истифода мебаранд» [292;13]. Инчунин муаллиф «Мундараҷаи бозиро асоси ҷанбаҳои тарбиявии бозӣ мешуморад. Яъне, интихоби мавзуъ, таҳияи нақшофарӣ, тақсими нақшҳо ва татбиқи образҳо раванди бомуваффақонаи бозӣ мебошад, мавзуи бозиҳои кӯдакона гарчанде гуногун ҳам бошанд, аммо онҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, сипас ба таври образнок дар нақшҳо офарида мешавад, барои хонандагон бештар он мавзуҳое писанд мебошанд, ки диққати онҳоро ҷалб созанд. Дар онҳо хоҳиши нақш офаридан пайдо шавад. Бозиҳои образнок ба кӯдакон наздиктар мебошанд. Мундариҷаи онҳо барои бедор кардани тахайюли кӯдакон нигаронида шудаанд. Масалан, дар бозиҳои нақшбозӣ ба ҳар як кӯдак нақши муайян барои иҷрои он дода мешавад. ба яке муаллим, ба дигаре капитан ба сеюмин вазифаи ронандаро ба ӯҳда дорад. Инчунин кӯдакон дар бозиҳо нақшҳои ҳайвонотро низ иҷро мекунанд. ин тарзи бозиҳо ба кӯдакон лаззати маънавӣ бахшида, ҳиссиёт ва муносибати онҳоро нисбати ҳайвонҳо инъикос мекунанд». [292;14].

Бо вуҷуди ин, нуқтаи назаре, ки васеъ паҳн шудааст, барои ХИМ - дошта таъсири бечунучаро аз ирсият барои ташаккул додани корҳои эҷодкорӣ мустақил боқӣ мемонад, ки инсоният баъзан ба ҳайрат

меафтад. Новобаста аз нуқсонҳои инкишофи ҷисмонию руҳӣ баъзе ХИМ - дошта ба монанди хонандагони солим аз уҳдаи корҳои зеҳнӣ баромада метавонад. Баъзан дар сурате, ки дар муҳити хонавода навозандагон, ҳофизон, рассомон, раққосон, техникони болаёқат набуданд, чӣ гуна ин маҳоратро аз худ намуданд? Бо кадом роҳу восита қобилиятҳои баланди эҷодиро ба даст оварданд? Мо дар ҷараёни таҳқиқот ба ин суол чунин ҷавоб додем.

Ирсият барои ташаккул додани ҳар як фарди ҷомеаи эҷодкор нақши бениҳоят бузург мебозад. Дар шароити номусоид аъзои оила баъзан метавонанд дар шароити муайян қобилиятҳои худро амалӣ гардонанд. Аз ин лиҳоз, таъсири ҷомеа ва муҳити зист шояд ба намудҳои фаъолият шахси мушаххас, ки ба он майл дорад, то имрӯз таҳқиқи худро наёфтааст. Агар мо метавонистем, ки омили ирсиро истисно намоем, пас мо озод метавонем дар бораи қобилиятҳои эҷодӣ сухан гӯем. Мо дар таҳқиқот иброз менамоем, ки ХИМ - дошта дорои ҚЗЭ буда, дар даврони муосир як асроре ба ҳисоб хоҳад рафт, ки барои оянда як чизи наве офарад. Инчунин, ҳамаи шаклҳои зуҳуротро инкишоф дода, татбиқи онро зери назорат мегиранд.

Азбаски он маҷмуи малакаҳост, онро инкишоф додан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ дар марҳилаи таълим масъалаи рушди қобилиятҳои эҷодии мусиқӣ ва бадеиро баррасӣ кардан бомаврид мебуд, зеро дар таҳқиқот мо кӯшиш менамоем, ки принсипҳои таълимро риоя намоем, ки он ҳамчун системаи муқаррароти назариявӣ баррасӣ гардад. Ин барои ташкили шаклу мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ, таъмини самаранокии он ва мазмуни стандарти давлатии таълимии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ пешбинӣ шудаанд. Он ба ташаккули фарҳанги умумӣ, рушди маънавию ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва зеҳнии хонандагон, фароҳам овардани замина барои амалӣ намудани фаъолияти мустақилонаи таҳсилоти иловагӣ, ки муваффақияти ҷамъиятро таъмин менамояд, ба рушди қобилиятҳои ЗЭ, рушди

худшиносӣ, инчунин ба таҳким, ҳифз ва нигоҳдории саломатии ХИМ - дошта замина мегузорад.

Мо системанокии таҳсилоти иловагиро дар асоси муқаррароти корҳои эҷодӣ бо усули бозӣ баррасӣ мекунем, ки барои ташкил ва шаклу мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ, таъмини самаранокии он ба мазмуни нақшаҳои давлатии таҳсилоти муассисаҳои махсуси таълимӣ пешбинӣ шудааст. Он барои инкишоф додани фарҳанги умумӣ, ташаккул додани ҳаёти маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоии ХИМ - дошта, фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани корҳои мустақилонаи эҷодӣ таъмин карда мешавад. Рушди қобилиятҳои ЗЭ, ХИМ - дошта на танҳо барои рушди худшиносӣ, инчунин, барои таҳким, ҳифз намудани тарбияи ақлӣ ва нигоҳдории саломатии онҳо муфид мебошад.

Барои қобилиятҳои ЗЭ ХИМ -дошта, тафаккур ва тахайюлотҳои эҷодии онҳоро ташаккул додан мумкин аст. Танҳо супоришҳои шавқовар ХИМ - ро ба кори эҷодӣ бо воситаи бозӣ водор месозанд, ки он гоҳ метавонад натиҷаи дилхоҳро ба даст орад.

Кори илмии Ф. Раҳимзода бештар масъалаи бозиро бахшида шудааст ва қайд менамояд, ки «Мазмуни бозиҳои кудакона гуногунанд. Дар онҳо ҳаёти оила ва боғча, меҳнати одамони касбу кори гуногун, воқеаҳои ҷамъиятие, ки ба кӯдакон фаҳмо буда, диққатро ба худ ҷалб мекунанд, иникос меёбанд. Аммо ҳар гуна бозӣ мақсаду мароми худро дорад, ки мазмуни он моҳияти педагогии бозиро муайян мекунад. Бозӣ бо лӯхтак дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Ин табиист, ки кӯдакон дар оила ба воя мерасанд, тарзи амал карданро бо усули бозӣ меомӯзанд ва муошират карданро ёд мегиранд. Падару модар шахсоне мебошанд, ки кӯдакон онҳоро доимо мебинанд, аввалин ҳиҷоҳоро аз онҳо меомӯзанд ва тақлид ба онҳо мекунанд» [292;14].

Усули ҳавасмандкунӣ бо воситаи бозӣ, дар рушди эҷодкорӣ дар ХИМ - дошта нақши муҳим мебозад. Ҳавасмандӣ яке аз равандҳои динамикие ба ҳисоб меравад, ки дар фаъолияти эҷодии онҳо баррасӣ

гардида, онҳоро руҳбаланд менамояд. Роҳбари маҳфил қодир аст, ки ХИМ - доштаро дар амал тавассути воситаи назорат, эҷодкорӣ, рафтор ва ғайра ҳавасманд намояд. Бо ин роҳу восита ниёзҳои фардии онҳо қонеъ мегардад ва самт, ташкил, фаъолият ва устувории ХИМ - доштаро муайян мекунад.

Равоншинос С.Л.Рубинштейн ин масъаларо омӯхта, дар асари худ бо номи «Асосҳои психологияи умумӣ» оид ба бедор кардани шавқу рағбат қайд менамояд, ки вобаста ба ҳавасмандкунӣ хонандагон метавонанд, фаъолият ва рафторашонро дигар намоянд. Мо низ дар ин таҳқиқот, ки ба корҳои эҷодии ХИМ - дошта, ки таҳти роҳбари маҳфил ташкил карда мешавад, барои бедор кардани шавқу рағбати онҳо аз усулҳои ҳавасмандкунӣ истифода мебарем. Ин ХИМ - доштаро ба зиндагӣ дилгарм менамояд, онҳо аз нуқсонҳои худ шарм намекунанд, худро дар чорабиниҳои эҷодӣ озод ҳис мекунанд ва дар ҷомеа мавқеи худро ишғол намоянд. [214;192].

Д.Рамазонзода дар рисолаи илмӣ дарҷ менамояд, ки «Ҳиссиёт ва нақши бозингарии тасвир, ки дар қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ (рушди соҳаи эҳсосотии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ-меъёр) ифода меёбанд. Тасаввуротро дар бораи муносибат бо ҳамсолон пайдо мекунад. Хайрхоҳӣ, ошкорбаёнӣ, хоҳиши дар байни кӯдакон дар гурӯҳ будан, импровизатсияи бозиҳои нав, доштани малакаҳои зарурии одоби муошират бо калонсолон ва кӯдакон дар ин синну сол, ин аст, инчунин дар иҷрои эҷодкоронаи импровизатсияҳои пластикӣ ва интонатсионӣ-нутқӣ озод (рушди муносибатҳои байнишахсӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар эҷодиёти коллективӣ меъёр аст) карда шудааст. Қобилияти истифодаи хусусиятҳои сершумор ва эҳсосотии равшани тасвирҳои мусиқӣ, ки ба вазифаи бозӣ дохил карда шудаанд, инкишоф меёбад. Баландии садо, шунавоии ритмикӣ ва тембрӣ, интонатсияи хати оҳангӣ, садои табиӣ (рушди эҷодии кӯдакон дар эҷоди мусиқии ибтидоӣ, меъёр) инкишоф дода мешавад» [289;100].

С.Мирзоева, дар рисолаи диссертатсионии худ бозиро воситаи асосии инкишофи зеҳнии ХИМ-дошта шуморида қайд менамояд, ки «Барои шавқовар гузаронидани дарсҳои таълими забони модарӣ усули дарахти «Интизорӣ» барои ба якдигар шинос шудани ХННД истифода карда шуд. Усули истифодаи инкишоф додани зеҳнӣ ХИМ-дошта ҳамчун тарзи муҳокимаронӣ дар гурӯҳҳои хурд барои усулҳои ғайрианъанавӣ ислоҳ намудани нуқсони нутқ бошиддат инкишоф ёфтан тавсияҳо баррасӣ гардид. Ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ бо воситаи корҳои фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ барои азхуд кардани маҳорату малакаи қобили таваҷҷуҳ ба даст хоҳанд овард» [280;70].

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ моро аз он водор менамояд, ки фаъолияти эҷдии ХИМ - дошта бо усули бозӣ бояд бошуурона ва мақсаднок бошад. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ мақсадҳои худро амалӣ менамоянд, нақша ва андешаҳои худро баррасӣ менамоянд, воқеиятро ба ҳаёт табдил медиҳанд, объектҳои нав месозанд. Дар баробари ин, руҳияи ХИМ - дошта баланд шуда, аз рӯйи нақшаи дурнамоии корҳои маҳфил амал менамояд. Иштирок дар маҳфилҳо ХИМ - доштаро ба ҳаёти иҷтимоӣ таъмин менамояд, онҳо барои эҷод кардан ба фаъолияти нав ворид намуда, мутобиқ карда мешаванд. Аҳаммияти ин фаъолиятҳоро мо дар он мебинем, ки тавассути он робитаи байни хонандагони солим ва ХИМ - дошта бо усули бозӣ чизи нав сохта шуда, барқарор карда шавад.

Аз назарияи Д.В. Скалкина «Арзиши таълимии бозиҳои дидактикӣ низ нақши муҳим мебозад; барои кӯдаконе, ки бозӣ мекунанд, ин арзиш ошкоро зоҳир намешавад, балки тавассути вазифаи бозӣ, амалҳои бозӣ ва қоидаҳои он амалӣ мешавад. Бозиҳои эҷодии дидактикӣ шакли гузариш ба фаъолиятҳои ғайрибозиро, ки онҳо барои онҳо омода мекунанд, ифода мекунанд. Ин бозиҳо ба рушди фаъолияти маърифатӣ ва равандҳои зеҳнӣ мусоидат мекунанд, ки асоси омӯзиш мебошанд. Бозиҳои дидактикӣ бо мавҷудияти вазифаи омӯзишӣ - вазифаи таълимӣ

тавсиф мешаванд» [357;265]. Усулҳои бозӣ низ воситаи инкишоф додани ҚЗЭ новобаста аз синну сол истифода бурда мешавад.

Бозии эҷодӣ яке аз ангезаҳое ба ҳисоб меравад, ки ба моҳияти даркшаванда ва ба ҷалби ҳиссиёти инсон асос ёфтааст. Аҳаммияти бозӣ ҷанба одатан ба ин ё он дараҷа ифода мешавад, аммо муносибати байни онҳо дар сатҳи шуур метавонад гуногун асос ёбад. Вақте ки сатҳи умумии шуури ХИМ - дошта, ё огоҳии манфиати мушаххас паст мешавад, раванди эмотсияи онҳо бартарӣ меёбад. Дар ин сатҳи шуури хонанда ба саволе, ки чаро касе ба чизе шавқ дорад, танҳо як ҷавоб дорад, барои худ ва дигарон бояд фоидаовар бошад.

Назарияи педагогии олими ватанӣ Ҳ.Нарзуллоев, инкишоф додани бозиро воситаи худомузии хонандагон мешуморад ва чунин ақида дорад, ки «Барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бозиҳо ҳам хеле муҳим мебошад. Чунин бозиҳо фоидабахшанд, ки дар онҳо ашёҳо аз ҷиҳати шакл монанд, вале аз ҷиҳати ҳаҷм мутафовит ба кор бурда мешавад, инчунин бозиҳо бо интихоби ашёҳои дорои ранги интихобшуда ҳам дар ин кор фоидабахш дониста мешавад. Бозӣ бахши табии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути худомӯзӣ, асоси ҳиссиёти фаробахш ба шумор меравад, ки неруи бузурги тарбиявӣ дорад» [283;13]. Дар ҳақиқат он хонандагоне, дар таҳсилоти иловагӣ иштирок менамоянд, муҳити оилавӣ ба онҳо таъсири хуб, мерасонад, зеро онҳо аз уҳдаи корҳои зеҳнию эҷодӣ бо усулҳои бозӣ баромада метавонанд.

ХИМ - доштае, ки сатҳи шуурнокияш баландтар бошад, дар корҳои эҷодӣ фаъолтар мешаванд ва супоришҳои объективиро ба осонӣ ҳал менамоянд. Аммо сарфи назар аз он ки дар шуурашон аҳаммиятҳои объективӣ вазифаҳои марбут ҳар қадар баланд ва тавоно бошад ҳам, раванди эмотсионали он чизеро, ки шавқу ҳавасро ба вуҷуд меорад, истисно карда наметавонад.

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ дар сурати набудани бештар ё камтар ҷалби ҳиссиёти ХИМ - дошта ҳисси масъулиятнокӣ, уҳдадориҳои иҷрои вазифаҳои дар пеш истода, агар тавассути ҳавасманкуниҳо сурат нагирад, ин манфиатдор буда наметавонад. Шавқи ХИМ - дошта аз ҷолибияти корҳои эҷодӣ бедор гардида, аҳаммияти бошууронаашон, пеш аз ҳама, дар таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Шавқмандии ХИМ - дошта ин ифодакунандаи самти умумии онҳо буда, тамоми ҷараёни равонӣ: идрок, хотира, тафаккурро фаро мегирад. Агар як фаъолияти эҷодии ХИМ - дошта муайян карда шавад, дар онҳо шавқу ҳавас дар айни замон фаъол мегардад ва ба корҳои ЗЭ шуғл меварзанд. Вақте ХИМ - дошта бо шавқу рағбат эҷод мекунад, маълум мешавад, ки вай бедушворӣ ва сермаҳсул корҳои эҷодии худро ба итмом мерасонад.

Роҳбари маҳфил ХИМ – дошта бо усули бозӣ бояд фаъолияти эҷодӣ, ки хоҳ ба мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ алоқаманд бошад, рағбати онҳоро ба ин фаъолият мувофиқ ва ҷалб намояд. Бо ҳамин восита, ҳавасмандӣ майлу хоҳиши хонандагон ба корҳои эҷодӣ ба вуҷуд меояд. Иштирок ва иҷрои кор дар маҳфилҳои эҷодӣ ХИМ - дошта бодиққатиро талаб менамояд, зеро диққат ба объекти мушаххас одатан ба навъҳои мустақим ва ғайримустақим фарқ мекунад. Мавҷудияти навъи мустақим дар ҳоле ба амал меояд, ки ХИМ - дошта ба худи раванди таҳсилоти иловагӣ, фаъолияти эҷодии омӯхташаванда таваҷҷуҳи зиёд доранд, дар ин ҳолат дар онҳо майли дониш ба вуҷуд меорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми иштирок дар маҳфилҳои зеҳнию эҷодии ХИМ - дошта шавқу рағбат ва ҳавасмандии онҳо ба куллӣ тағйир меёбад. Албатта, ҳавасмандкуниҳо аз роҳбари маҳфил вобастагӣ дорад, зеро ХИМ - дошта аксар вақт чизҳоеро меофаранд, ки ба он шавқу рағбат доранд ва аз уҳдаи коркарди он ба хубӣ баромада метавонанд. Аммо аз баъзе сарчашмаҳо маълум мегардад, ки чунин таваҷҷуҳ муваққатӣ аст, зеро таваҷҷуҳи каму беш доимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва махсус зоҳир мешавад. Барвақт зуҳури

манфиатҳои устувор, ки дар тули ҳаёт боқӣ мемонад, танҳо дар ҳолатҳое мушоҳида мешавад, ки истеъдод барвақттар ба вуҷуд омодааст. Чунин истеъдодҳо агар бомуваффақият сурат гирад, метавонад ба касб табдил ёбад, зеро самти устувори манфиатҳои асосиро хонанда бошуурона муайян мекунад.

Набояд фаромӯш кард, ки инкишофи зеҳнӣ эҷодкорӣ, пеш аз ҳама, навоварӣ ба ҳисоб меравад, рӯ ба тамоюл ташаккули қобилияти эҷодӣ хусусияти хоси таҳсилоти муосир бо воситаи усули бозӣ ба вуҷуд меояд.

Пеш аз оне ки мо ба кори вазифаҳои эҷодӣ ноил шавем, бояд вазифаҳои зеринро амалӣ намоед.

1. Интиқоли корҳои эҷодӣ аз ҷониби ХИМ - дошта пеш аз иштирок дар маҳфилҳо;

2. Ҷустуҷӯ намудани корҳои мустақилонае, ки ХИМ - дошта дар он мушкилӣ мекашад;

3. Маҷмуи усулҳои қаблан омӯхташудаи ҳалли нави масъала.

Фаъолияти эҷодии ХИМ - дошта на танҳо дар таҳсилоти иловагӣ, балки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба корҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои расмкашӣ, меҳнатӣ ва мусиқӣ онҳо дар муассисаҳои гуногуни беруназмактабӣ: қасрҳо, хонаҳои маданӣ, истгоҳҳои техникӣ, толорҳои варзишӣ, марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, китобхонаи ҷавонон ва ғайра гузаронида мешавад. Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ вобаста ба фанҳои таълимие, ки барои касбинтихобкунии онҳо мусоидат менамояд, маҳфилҳои эҷодӣ гузаронида мешавад. Аз ҷумла, фанни таълими санъат ва меҳнат, расмкашӣ, фарҳанги мусиқӣ бештари ХИМ - доштаро ба корҳои ЗЭ водор менамояд, ки дар ҳаёти минбаъдаи онҳо нақши худро мегузорад ва дар истеҳсолот онҳоро омода намуда, бо ин восита усулҳои бозӣ гузаронида мешавад.

Ба ақидаи Х.Х.Галаев «Бозиҳои нақшбозӣ хусусияти иҷтимоӣ доранд ва ба фаҳмиши доимо афзояндаи кӯдак дар бораи ҳаёти калонсолон асос ёфтаанд. Барои инкишоф додани рафтори ихтиёрӣ дар

кӯдакон, мо системаи фаъолиятҳои бозиро таҳия ва амалӣ кардем, ки ба баланд бардоштани сатҳи нақшбозӣ дар кӯдакон нигаронида шудаанд. Ҳадафҳои фаъолиятҳо ҳавасмандгардонии фаъолияти иҷтимоӣ ва иштирок дар фаъолиятҳои кӯдак ва инкишоф додани қобилияти бозӣ дар гурӯҳи ҳамсолон мебошанд. Чунин бозиҳо махсусан ҳангоми сайругашт ва ҳама гуна фаъолиятҳои озоди хонандагон самаранок мебошанд» [322;196].

Барои маҳфилҳои эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ХИМ – ро дар баробари бозӣ, ба худтарбиякунӣ ва худомӯзӣ тарбия намуда, қобилияти ақлӣ дар онҳо ривоҷ дода мешавад, ки аз болои худ кор карданро меомӯзанд. Аз ин лиҳоз, онҳо дар раванди таълим зарур шуморида мешавад. Чуноне ки дар бобҳои пешина маълумот дода шуд, барои пешрафти корҳои эҷодии ХИМ - дошта нишон додани корҳои эҷодӣ ба воситаи онлайн муфид ба ҳисоб меравад. Корҳои эҷодиро ғайр аз онлайн, ХИМ - доштаи болаёқат бо истифодаи матбуоти даврӣ, радио ва шабакаҳои иҷтимоӣ заруртарин маҳорату малакаҳоро инчунин, дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳосил менамоянд. Дар шароити муосир дар ҷумҳурии мо рӯзномаю маҷаллаҳои бачагона бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ нашр мешаванд, ки ин моро водор менамояд, ки дар бораи корҳои зеҳнию эҷодии ХИМ - дошта муълумотҳо барои пешрафт ва муваффақиятҳои онҳо пешниҳод намоем.

Ҳамарӯза метавонад чандин соатҳо ин барномаҳои бачагонаву наврасон пахш карда шавад. Баъзан дар барномаи корҳои эҷодии ХИМ - дошта, намоиш дода мешавад. Тавассути ахборот мо аз корҳои эҷодии ХИМ - дошта хабардор мешавем, ин моро водор менамояд, ки чӣ тавр қабул ва фаҳмидани онҳоро дар зери роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ баррасӣ намоем. Бо ёрии гушаи синфӣ ҳаёти дохилии гурӯҳи маҳфилҳои эҷодӣ ва фаъолияти ХИМ - ро равшан менамояд. ХИМ - дошта корҳои эҷодии худро ба воситаи онлайн, радио, телевизон, рӯзномаю маҷаллаҳо

пешниҳод ба ҷомеа намуданд ва шавқу рағбати онҳо бо саъю кӯшиши роҳбарони маҳфил бедор гардид.

Корҳои эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба воситаи усулҳои бозӣ ва омӯзиши фаъол на танҳо барои мустаҳкам кардани хоҳиш ва инкишофи шавқу ҳаваси хонандагон ба роҳ монда шуд, балки барои ташаккул додани сифатҳои ахлоқии онҳо ва дар навбати аввал дар инкишоф додани муносибатҳои гурӯҳ нақши муҳимро ишғол намуд.

Корҳои эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ аз тарафи роҳбари маҳфил гуруҳӣ гузаронида шуд, инчунин, ҳар як ХИМ - дошта барои эҷод намудан фаъолияташро ба таври фардӣ бо усулҳои бозӣ давом медиҳад. Сипас, мо онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудем, барои кумаки якдигар вазифадор гардонида шудаанд. Ин фаъолият танҳо дар даврае самара медиҳад, ки агар мувофиқи талаботҳои муайяни таҳсилоти иловагӣ гузаронида шавад, ки он чунин қисматҳоро бояд дошта бошад:

1. Ба эътибор гирифтани усулҳои корҳои ЗЭ бо воситаи бозӣ, хусусиятҳои синну сол, нуқсон ва шавқу рағбат, инчунин талаботҳои ХИМ - дошта;

2. Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ХИМ - дошта;

3. Фаъолият нишон додани ХИМ - дошта;

4. Ба қадри ҳол иштирок кардани ҳар як ХИМ - дошта дар ташкил ва гузаронидани тадбирҳои пешбинишуда;

5. Гузоштани мақсад ва вазифаҳои муайян ба супоришу корҳои эҷодӣ;

6. Ташкили корҳои эҷодӣ бо тариқи фардӣ, гурӯҳӣ ва зергурӯҳӣ бо усулҳои бозӣ;

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳангоми ба нақша гирифтани корҳои ЗЭ ғайрианъанавии маҳфилҳо ба 2 - ҳолат набояд роҳ дод:

-мутахассис набудани роҳбари маҳфил;

-нусхабардории корҳои эҷодии бо усулҳои бозии ХИМ - дошта.

Маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки дар асоси пурра истифода бурдани фаъолият худи онҳо кумак ва дастгирии байни гурӯҳҳо барои инкишоф додани тарбияи зеҳнии хонандагон равона карда шаванд.

Ҳоло дар кори эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ роҳбарони маҳфил, ки аксаран хонандагонро дар бар мегирад, фаъолияти мазмуниро дар усули фаъоли таълим ё бозиҳои эҷодӣ бомуваффақият ҷамъбаст намудаанд ва барои таҳлили фаъолияти эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ мавриди мушоҳида ва танқид қарор мегиранд. Мо тасмим гирифтем, ки нақшаи намунавии гузарондани таҳлили маҳфилҳои эҷодиро барои “Самти иҷтимоӣ маишӣ” ва маҳфили “Мавзуният” бо мақсади таълими фаъол пешниҳод намоем. Ин намуди таҳлил барои корҳои эҷодӣ асос ёфтааст.

Дар шароити имрӯза дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ байни роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ баъди бомуваффақият бозӣ ташкил ва гузаронида шуд. Баъзе роҳбарони маҳфил аз надонистани ҳадаф ва мақсади корҳои эҷодӣ ва таҳлил карда натавонистани маҳорати шогирдон дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ танқисӣ мекашанд. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки намунаи вазифаҳои ба роҳ мондани таҳлили маҳфилҳоро бо воситаи бозӣ пешниҳод намуда, ин вазифаҳоро дар маҳфилҳои пешниҳодшудаи меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ барои тариқи фаъолияти худи хонандагон таҳлил намоем. Ин навъи таҳлил дар асоси таҳлили корҳои эҷодӣ гузаронида шуд.

Ба ақидаи Д.В. Скалкина «Истифодаи дуруст ва муносиби бозиҳои таълимӣ тақсимоти возеҳ ва марҳилавии унсурҳои бозиро талаб мекунад. Дар аввали фаъолият бозиҳо истифода мешаванд, ки мақсади асосии корҳои эҷодӣ онҳо ташкил ва ҷалби кӯдакон, ҳавасмандгардонии фаъолияти онҳо ва сафарбар кардани онҳо барои раванди дарпешистода мебошад. Бозиҳо бояд барои азхуд кардани мафҳумҳо нигаронида шаванд; инчунин, бозиҳо метавонанд хусусияти ҷустуҷӯӣ дошта бошанд.

Аз ин рӯ, фаъолиятҳои бозӣ метавонанд ба ҳар намудҳо ва дар ҳар марҳила ворид карда шаванд» [357;266].

Дар баробари иштирок дар маҳфилҳои санъати мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ асаби онҳо ором мегардад. Масалан, бозиҳои сохтмонӣ дар корҳои эҷодӣ ба ХИМ - дошта имконият медиҳанд, ки асосҳои маҳорату малакаҳои амалиро инкишоф ва такмил диҳанд. Ин барои расидан ба мақсадҳои таҳсилоти иловагӣ хеле муҳим аст. Дар раванди бозиҳои нақшофарӣ татбиқи нақши ғайриҷамъиятӣ ва ворид шудан ба сарнавишти каси дигар вусъат меёбад, ки дар натиҷа ХИМ - дошта дар тасаввури худ чизҳоеро эҳсос мекунанд, ки дар ҳаёт надидаанд. Ҳамаи ин асоси тарбияи ахлоқии ХИМ - дошта дар фаъолияти зеҳнию эҷодии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ инкишоф дода мешавад. Масалан, оид ба консепсияи гузарондани кори эҷодии ғайрианъанавӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳамфикрӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи нуқсоншиносон, олимон ва методистон ба мақсад мувофиқ будани истифодаи таҳсилоти иловагиро бо воситаи фаъолиятҳои эҷодӣ эътироф менамоянд.

Мутафаккири тоҷик М.Нематуллоев дар чунин ақида аст, ки «Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди хонандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талабони онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад» [284;16].

Таҳсилоти фарогир барои беҳтар инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнию эҷодии ХИМ - дошта имкониятҳои зиёд фароҳам меорад. Барои самаранок истифода бурдани ин имкониятҳо бо ХИМ - дошта ин ҷараёнро, пеш аз ҳама, дар ташкил кардани муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Зеро вазифаи асосие, ки дар таълими фарогир гузошта мешавад, муайян намудани заминаи мусоиди эҳсосотӣ ва фароҳам овардани шароити таҳсилоти иловагӣ барои рушди

бомуваффақияти қобилияти эҷодии ХИМ - дошта мебошад. Маҳз дар ин замина ба ҳар як ХИМ - дошта таваҷҷуҳи фардӣ дода мешавад.

Дар ҷомеаи имрӯза талаботи махсус барои ХИМ - дошта ҳамаҷониба буда, ба онҳо мутавозин, эҷодкорӣ ва ташаббускориро ба назар бояд гирифт. Аз ин рӯ, барои коркарди таҷрибаи худ, яке аз вазифаҳои муҳимме, ки барои ХИМ - дошта ба назар гирифта мешавад, ин дар фаъолияти эҷодӣ инкишоф додани малакаҳои мустақилияти онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва инчунин, барои таҳлил намудани рафтори худ мебошад. ХИМ - дошта метавонанд малакаҳоро тавассути эҷодиёти муштарак ва шахсӣ бо ҳамсолони солим ба даст оранд. Вақте ки ХИМ - дошта маҳорати навро аз худ мекунад, муҳим аст, ки ӯ онро дар ҳаёти воқеӣ истифода барад.

Дар корҳои ЗЭ барои роҳбари маҳфил ин татбиқ намудани малакаҳои ҳосилшуда дар гурӯҳи ҳамсолон тавассути иҷро намудани вазифаҳои муштарак бо ХИМ - дошта ба ҳисоб меравад, ки қисми он ба хонандагони солим ва қисми дигараш ба ХИМ - дошта вобаста аст.

Барои ХИМ - дошта аз худ кардани корҳои ЗЭ барои рушди тарбияи зебоипарастӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд муайян карда шуд, ки барои ХИМ - дошта иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ натиҷаи мусбӣ дар муқоиса бо натиҷаи қаблии худ тавассути корҳои муштарак ва ва фардӣ ба даст меояд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло шароити таҳсилоти фарогир омили муҳимми татбиқи бомуваффақияти корҳои ЗЭ бо воситаи бозӣ барои баланд бардоштани самаранокии корҳои ислоҳӣ -педагогӣ доир ба рушди қобилиятҳои эҷодии ХИМ - дошта дар шароити таҳсилоти фарогир муҳайё мебошад. ҚЗЭ тавассути истифода аз усулҳои гуногун ташаккул ва инкишоф меёбад.

Хулосаи боби 1

Дар зербобии якуми боби аввал масъалаи ба таҳсил фаро гирифтани ХИМ - дошта барои инкишоф додани лаёқати ЗЭ, таҳқиқотҳои илмӣ аз сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ истифода бурда шуд.

ХИМ - дошта баробари хонандагони солим мустақилона аз уҳдаи корҳои эҷодкорӣ баромада, онҳо аз якдигар омӯхтанд ва муносибатҳои дӯстона барқарор намуданд. Принсипҳои таҳсилоти иловагӣ барои хубтар дарк кардани таҳсилоти фарогир ҳатмӣ шуморида шуда, мавриди истифодабарӣ қарор гирифт. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ барои касбомӯзии ХИМ - дошта баробари хонандагони солим ба синнусоли хонандагони самти фарогир мувофиқат кард.

Дар системаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ ҳамбастагии мутахассисон нуқсоншинос, равоншинос, логопед, коргарони педагогикаи иҷтимоӣ, соҳаи тиб, роҳбарони маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқӣ на танҳо шароитҳо фароҳам оварданд, балки таваҷҷуҳи ХИМ - ро ба таҳсилоти иловагӣ ҷалб намуданд.

Аз мушоҳидаҳо дар таҳқиқот аён гардид, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баъзе омӯзгорон, ҳамчун роҳбари маҳфил фаъолият намебаранд ва ба корҳои ЗЭ аҳаммият намедиҳанд, ки ин албатта, хонандагонро аз корҳои эҷодӣ дур месозад, ба маҳфили эҷодӣ шавқу рағбат пайдо намекунанд Дар вақти таҳқиқот ҳамаи ин камбудиҳо бартараф карда шуд ва ХИМ - дошта танҳо ба он маҳфили эҷодие, ки беандоза дӯсташ медоранд ва қобилиятҳои ЗЭ худро сафарбар намуда метавонанд, роҳандозӣ гардид. Мо ақидаҳои гузаштагонро таҷдиди назар намудем, ки «Дар дарун оташ набошад, шӯъла кай берун занад». Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳар як кори эҷодии мо аз қобилияти мо вобастагӣ дорад.

Дар боби мазкур, инчунин, қобилияти истеъдодҳои худодод ва табиӣ: маҳорати шеър гуфтан, суруд хондан, нақш офаридан, навохтани

асбобҳои мусиқӣ, эҷод кардан, расм кашидан, инчунин шахсони маъюбе, ки новобаста аз нуқсонҳои мухталиф азият мекашанд ва ба заҳмати худ ба куллаҳои баланд баромадаанд, мавриди таҳлил қарор гирифт. Истеъдоди худододро ба шоирони маъруфи адабиёти классикии тоҷику форс: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абуалӣ ибни Сино мансуб медонанд. Инчунин, мо дар ин зербоб масъалаи инкишоф додани роҳу усулҳои таълиму тарбияи ХИМ – дошта дар маҳфилҳои эҷодӣ нишон дода, мақсад гузоштем, ки дар ММТ тавре фаъолият намоянд, ки хонандагон дар оянда барои интихоби кардани касб азият накашанд.

Бояд қайд кард, ки мақсади интихоб кардани таҳсилоти фарогир моро водор менамояд, ки дар давом додани таҳсил дар якҷоягӣ хонандагон бо як шавқи беандоза ба маҳфилҳои эҷодӣ иштирок намоянд то ки маҳдудиятҳои худро як лаҳза ҳам эҳсос нанамоянд, ки ин барои пешрафти ҳаёти ин хонандагон ҳидоят менамояд.

Дар зербоби дувуми боби аввал ақидаҳо барои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ ба фаъолияти эҷодии ХИМ - дошта равона карда шудааст. Ба роҳбарони маҳфил баррасӣ гардид, ки ХИМ - дошта мисли дигар хонандагон дорои хусусиятҳои гуногун ҳастанд, зеро барои рушд додани қобилияти зеҳенӣ ба дастгирии фардии роҳбарони маҳфил ниёз доранд.

Барои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонии ХИМ - дошта фаъолияти зеҳнии худи роҳбарони маҳфил низ таҷдиди назар карда шуд. Ба роҳбарони маҳфил барои дарки саломатии хонандагон дониши ибтидоии нуқсоншиносӣ ва равоншиносӣ пешниҳод карда шуд. Роҳбари маҳфил аз мутахассисон сабру таҳаммул карданро омӯхтанд, барои инкишоф додани сенсорикаи хонандагон, ба монанди доштани қалам, бо сӯзан кор кардан, шустани либос ва ғайраҳо инкишоф дода шуд. Ба роҳбарони маҳфил барои фаҳмидани саломатии ХИМ-дошта аз сарчашмаҳои педагогикаи махсус бохабар будан, дар тренингҳо ва

семинарҳо иштирок намудан, аз тарафи мо машқҳои махсус ба монанди бозиҳои логопедӣ омӯзонида шуд, ки ин барои рушди қобилиятҳои эҷодии роҳбарони маҳфил мусоидат кард.

Барои саломатии ХИМ - дошта омӯзиши ҳавасмандкунӣ истифода бурда шуд ва ин ба мо имконият дод, ки сатҳи камолоти шахсии ХИМ - доштаро арзёбӣ намоем. Барои ҳавасмандкунии ХИМ - дошта, шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуд ва бо волидон машварат карда шуд. Барои ХИМ - дошта ташхис гузаронида шуд, ки онҳо аз уҳдаи кадом фаъолиятҳои ЗЭ баромада метавонад. Ҳангоми ташхис маълум гардид, ки қобилияти эҷодии онҳо бештар аз системаи асаб вобаста буда, ба қобилияти ҷисмонии онҳо низ алоқамандӣ дорад. Баъд аз ташхис барои ҳавасмандкунӣ озмунҳои ЗЭ гузаронида шуд, ки ин ҳавасмандкунӣ барои саломатии ХИМ - дошта мусоидат намуд ва шавқу рағбати онҳоро дучанд гардонид. Барои мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ дараҷаҳои зерини фаъолияти ақлии ХИМ - дошта, фаъолияти ақлии фазоӣ, фаъолияти фикрии мусиқавӣ, фаъолияти ақлии ҳаракатӣ, фаъолияти ақлии байнишахсӣ, фаъолияти ақлии дохилишахсӣ вуҷуд дошта, барои пешрафти қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат намуд.

Дар зербоби севуми боби аввал тамоюлҳои зеҳнӣ ҳамчун шарти инкишофи қобилияти ЗЭ ХИМ - дошта дар таҳсилоти фарогир фаро гирифта, бештар масъалаҳои хонандагони нуқсонҳои ақлию зеҳнӣ бо воситаи усулҳои бозӣ ба роҳ монда шуд, амалӣ гардонида шуд. Дар ин самт фарқи ХИМ - доштаи сустшунаво, вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ, синдром дауна ва аутизм назар таҳлил ва баррасӣ гардид

Мо бо ин хонандагон корҳои эҷодиро аз фаъолияти усулҳои бозӣ оғоз намудем, зеро маҳз бозӣ моро водор намуд, ки аз хурдӣ онҳо ба маҳфилҳои меҳнатдӯстӣ, расмкашӣ, фарҳангӣ мусиқӣ ширкат карда, шавқу рағбат намояд. Таҳқиқоти мо собит намуд, ки онҳо афсонаро гӯш мекунанд, тахаюлоти худро илова мекунанд ва корҳои эҷодиро ба вуҷуд меоваранд.

ХИМ - доштаи дорои нуқсонҳои руҳию ақлӣ дар маҳфилҳои зеҳнӣ муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ иштирок варзида, тавассути худтарбиякунӣ ва худомӯзӣ фаъолияти зеҳнии онҳо ба роҳ монда шуд. Инчунин, маҳфилҳои эҷодӣ ба онҳо имконият медиҳанд, ки қобилияти ақлиашон ривоҷ дода шавад ва дар оянда барои касбихтихобкунӣ мусоидат намояд. Ин маҳфилҳои зеҳнӣ ба воситаи муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда шуданд.

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ИЛМӢ ВА ПЕДАГОГӢ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ МАХСУС ВА ИЛОВАГӢ

2.1. Ҳолати кунунии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар ҷомеа

Мо дар ин боб барои тасдиқи қазоватҳои педагогӣ, натиҷаи мушоҳидаю таҳлили фаъолияти он нафаронеро пешниҳод менамоем, ки барои инкишоф додани дониш, маҳорат ва малакаи худ саъй намуда ба қуллаҳои баланди зиндагии оромона ноил гашта, бо ҳаққи ҳалол соҳиби аҳли хонавода шуда, худро баробари дигар инсонҳои муқаррарӣ ҳисобидан дар ҷомеа мавқеи махсусро ишғол намудаанд.

Билл Гейтс, ки яке ҳамчун аз сарватмандтарин шахс дар ҷаҳон машҳур аст ва ӯ яке аз иштирокчии фаъоли бозори технологияҳои иттилоотӣ маҳсуб мешавад. Ҳоло фаъолияти ӯ дар ин соҳа қисми таркибии кори зиёди корхонаҳо мебошад. Инчунин, дар Билл Гейтс хусусияти аутизм ташхис шудааст.

Франклин Рузвелт (1882 - 1945) 32-юмин президенти ИМА (1933 - 1945) буд. Аз соли 1921 инҷониб вай аз бемории фалаҷ азият мекашид, ки ин қобилияти ӯро хеле маҳдуд мекард. Сарфи назар аз ҳама кӯшишҳо барои беҳтар кардани ҳолати худ, Ф.Рузвелт маъюб монд. Ф.Рузвелт дар таърихи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи ИМА саҳми арзанда гузоштааст. Ба шарафи номи ӯ кучаҳо, мактабҳо ва дигар объектҳои ИМА номгузорӣ шудаанд. Ф.Рузвелт новобаста аз маюбияташ чор маротиба ба ин вазифа интихоб гардида, кишварашро аз шадидтарин буҳрони иқтисодӣ берун сохт, ки ин таърихи солҳои 20 - 30-уми асри XX -ро дар бар мегирад.

Луи Брайл (1809 - 1852) муаллими барҷастаи фаронсавии нобиноён буд, ки системаи шрифти брайлро барои одамони нобино таҳия намудааст. Дар синни 3-солагӣ Луи Брайл ҷароҳати вазнин бардошт, аз захм чашми осебдидааш нобино шуд. Ин ҳодиса ӯро водор сохт, ки барои нобиноён системаи шрифти лотиниро аз пӯсти дарахт омода сохта, таҳия намуд ва онро омӯхт. Ин системаи шрифти Луи Брайл эҷодкарда, то ҳол дар тамоми ҷаҳон барои нобиноён омӯзонида мешавад. Илова бар ин, Луи Брайл принсипҳо ва унсурҳои асосии системаро таҳия намуд, ки заминаи рушди системаи муосири Брайлро ташкил доданд. Ӯ аз рӯйи эҷодиёташ тавонист ҳамчун тифлопедагоги фаронсавӣ худро муаррифӣ намуда, номи худро дар ҷаҳон боқӣ гузорад.

Эстер Вергер соли таваллудаш 1981 теннисбозӣ маъруфи Ҳолландӣ яке аз бузургтарин варзишгарон ба аробачаи маъюбӣ ва ҳамчун шахси маъруф шуморида мешавад. Ӯ дар синни 9 - солагӣ, пас аз ҷарроҳӣ, ду пои худро аз даст дод. Бо вуҷуди ин, ӯ ғолиби бисёр мусобиқаҳо, аз ҷумла, чемпионатҳои ҷаҳон ва бозиҳои олимпӣ гардид. Эстер Вергер қаҳрамони дукарата дар Афина ва Сидней буд. Моҳи январи соли 2003 Вергер 240 зарба дар як дақиқа зад, ки бо ин маҳорататаш дар ҷаҳон беҳтарин варзишгар гардид. Дар солҳои 2002 ва 2008 ӯ бо ҷоизаи беҳтарин байни варзишгарони маъюб сарфароз шудааст. Ғайр аз ин, вай мукофоти Академияи илмҳои Россияро гирифт ва лауреати мукофоти ҳар як коргар ва варзишгари Федератсияи Россия гардид.

Сара Бернхардт (1844 - 1923) ҳунарпешаи фаронсавӣ буда, намунаи беҳтарин шахси меҳнатдӯст барои чеҳраҳои барҷастаи театр, аз ҷумла, Константин Станиславский гардид. Соли 1914 бо сабаби ба фалокат дучор шуданаш пояш бурида шуд, аммо ин ба ӯ барои идомаи кораш халал нарасонд. Соли 1922 Сара Бернхардт бори охир ба саҳна баромада, маҳорату қобилияташро нишон дод. Синну соли вай аз 80 гузашта буд ва ҳангоми нишастан дар курсӣ нақши «Бонуи Камеллия» - ро дар саҳна ё дар театр бозид.

Вангелия Пандева Димитрович дар 12 - солагиаш (Ванга) шамоли сахт ӯро ба масофаи садҳо метр дур партофт ва дар натиҷаи аз қувваи зарбаи вазнин биноияшро аз даст дод. Волидайн ӯро то бегоҳ кофтанд ва дар охир бо чашмонаш пур аз рег пайдо карданд. Падару модараш барои табобат кардан хеле азият кашиданд, лекин натиҷа дода натавонист ва Ванга нобино шуд. Ванга маҳорати пешгӯйи карданро дошт. Дар давоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, вақте ки дар бораи пешгӯии ӯ дар ҳама ҷо овозаҳо паҳн шуд, ки гӯё онҳое ки дар ҷанг гум шудаанд чӣ зинда ва чӣ мурдаанд, ӯ бо чашми пушида ҳис мекунад. Аз ин лиҳоз, мардум ба вай эътиқод пайдо намуданд.

Галилео Галилей, олими маъруфи итолиёвӣ, шоир, философ, яке аз асосгузорони механика ва физикаи классикӣ дар оилаи Винчензо Галилей ба дунё омадааст. Падараш кӯшиш мекард, ки дар писараш қобилиятҳои мусиқиро инкишоф диҳад. Дар синни 10 - солагӣ Галилео Галилей сахт бемор шуд ва падараш тасмим гирифт, ки бо истифода аз беморӣ ӯ ба таълим фаро гирифта шавад.

Вақте, ки соли 1581 Галилей ва падараш ба рӯйхати донишҷӯёни Донишгоҳи Пиза дохил карда нашуданд, олими ҷавон ба таҳсил дар соҳаи тиб шуруъ кард. Дар он замон Галилей осори Евклид ва Архимедро меомӯхт ва Архимед устоди ӯ дар соҳаи математика ва механика буд.

Он замоне буд, ки Галилей фаъолияти илмии худро нав оғоз мекард ва зиндагии ӯ пур аз ҳаяҷон ва кашфиёт буд. Дар ин давраи ҳаёти худ ҳамчун «боқимондаи андак» (1586 - 1655) маълум буд, ки Галилей асарҳои худро нашр мекунад. Дар он вақт Галилей барои зуд муайян кардани таркиби металлҳо тарозуҳои гидростатикиро истифода мебурд. Галилей на танҳо олими боистеъдод, балки рассом ва нависандаи хуб буд. Ӯ маҳорати худро бо асбобҳои беназир истифода мекард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз маъюбият ва маҳдудият доштанашон фардҳое ҳаёт ба сар мебаранд, ки тавонанистанд бо роҳи

худтакмилдиҳӣ, инчунин иштирок дар таҳсилоти иловагӣ барои худ касб омӯзонанд ва ба қуллаҳои баланд бароянд. Ҳоло мо чандин нафарҳоро руи қалам меоварем.

Хиромон Расулӣ (12.04.1985 - 1999) - мусиқинавоз ва оҳангсоз

Хиромон Расулӣ 12 апрели соли 1985 дар шаҳри Душанбе, дар оилаи рӯзноманигорон Абдураҳмон Расулӣ ва Туҳфа Расулӣ ба дунё омадааст. Дар синни чор - панҷсолагиаш падар ва модараш огоҳ шуданд, ки духтарчаашон ношунаво аст. Табибони машҳур, аз ҷумлаи О.Б. Исхоқӣ, И.Б.Холматов ва дигарон барои табобати Хиромои ягон кафолат дода натавонистанд. Баъди боғчаи махсус Хиромон ба мактаб-«Мактаб - интернати кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Ленин» (ҳозира Рӯдакӣ) қабул карда шуд. Вай дар он ҷо зеҳни тозаи худро зоҳир намуда, зуд хондану навиштанро ёд гирифт, ҳисоби математикаро ҳам нағз аз худ кард, дар машғулиятҳои ритмикӣ фаъолона иштирок менамуд. Муаллимонаш аз хониши Хиромон басе қаноатманд буданд.

Хиромон то синфи ҳафтум дар мактаб-интарнати мазкур таҳсилро давом додааст. Бо ташаббуси шаҳрванди хориҷӣ Пол Мак Грегори ва муаллимаи мусиқӣ Регина Петровна Болшакова Хиромон чун мусиқанавоз, яъне пианинонавози боистеъдод машҳур мешавад. Хиромон дар як сол барномаи сесолаи мактаби мусиқиро аз худ менамояд. Дар синни дувоздаҳсолагӣ асарҳои композиторони машҳури дунё, ба монанди Л.Бетховен, И.Бах, А.Мотсарт, П.Чайковский, М.Глинка ва дигаронро озодона менавохт. Вай дар озмуни ҷумҳуриявии «Чӯҷаҳои заррин» иштирок намудааст.

Инчунин, 5 майи соли 1997 барои қобилияти баланди эҷодӣ Хазинаи кӯдакони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Х.Расулӣ стипендияи хосаи худро ҷоиз донистааст. Ҳунари волои ӯ тавассути телевизион ва радиои Тоҷикистон чандин маротиба пешкаши тамошобинон гардида буд, инчунин тавассути шабакаҳои телевизионии “Сафина” ва

“Пойтахт” нисбати ҳунари Хиромон барномаи махсус намоиш дода шуда буд. Дар бораи истеъдоди ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ чандин мақолаҳо низ чоп гардиданд.

Хиромон Расулӣ дар синни 14 - солагӣ ин оламро падруд гуфт, аммо созу навоҳои офаридаашро, ба монанди «Модар», «Баҳор», «Рақс дар кӯҳсор», «Хотира» «Зангӯла» ва дигарон барои мо хотира гузошт.

Нурмуҳаммади Истамзод (Нурӣ Муҳаммади Истам) – шоир, иштирокчии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ» аз рӯйи номинатсияи «назм» (дар соли 2021).

Ба эҷоди шеър машғул аст ва китоби ӯ бо номи “Ба номи ишқ” (аз силсилаи шукуфаҳои истиқлол) соли 2022 дар матбааи “Хуросон”-и шаҳри Хуҷанд чоп гардидааст. Бо намунаи ашъораш дар саҳифаи ӯ, дар шабакаи иҷтимоии Фесбук низ шинос шудан мумкин аст: #Нурӣ_Муҳаммади_Истам ё https://www.facebook.com/noori.bruce

Намунаи ашъор:

Дили аз ғам адо чӣ хоҳад кард?
Одам уфтад зи по, чӣ хоҳад кард?
Ғаму афсурдагӣ варо бикушад,
Ғайри ин моҷаро чӣ хоҳад кард?
Каси дар хун нишастаи музтар,
Марди бедаступо, чӣ хоҳад кард?
Чун забон баставу даҳан дӯхтааст,
Чашми бино чиро? Чӣ хоҳад кард?
Ғам ба хилват кашад ҳамеша маро,
О вах, ин бехудо чӣ хоҳад кард?
Шиддати ғам фузун шавад, кам на.
Мунзавӣ мунтаҳо чӣ хоҳад кард?
Худкушӣ? Дор? Дашна? Курсе заҳр?
Васваса мардро чӣ хоҳад кард?
Ҳол чизе шабеҳи ин мардам,

Яъне ин ғам маро чӣ хоҳад кард?

Нурмуҳаммад 2.04.1995 ба дунё омада, бинобар сабаби гум кардани шунавоӣ соли 2006 ба синфи 6 - уми шуъбаи 1 - и «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда»- и ноҳияи Рӯдакӣ қабул гардида, соли 2020 бо гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ онро хатм кард. Таҳсилоти миёнаи умумиро дар муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб - интернати №5 -и шаҳри Душанбе гирифтааст.

Раҷабов Фирдавс (санаи таваллудаш 29.03.1998, шаҳри Душанбе). Хатмкардаи факултаи механика ва математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси программист. Айни замон дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб - интернати №5, шаҳри Душанбе ҳамчун омӯзгори математика фаъолият менамояд.

Бо ташхиси дараҷаи вазнини шунавоӣ ва ноинкишофёбии нутқ солҳои 2006-2010 дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ таҳсил карда, таҳсилоти миёнаи умумиро дар Муассисаи миёнаи махсус ва ғоибонаи ношунавоёни №8 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе гирифтааст.

Шамсов Хайриддин, мураббии мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ. Дар санаи 01.01.1997 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ таваллуд шудааст. Солҳои 2004-2015 бо ташхиси дараҷаи баланди иллати шунавоӣ ва ноинкишофёбии нутқ дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ таҳсил карда, онро соли 2016 бо гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ хатм кардааст. Таҳсилоти миёнаи умумиро дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб - интернати №5, шаҳри Душанбе гирифтаст. Солҳои 2018-2023 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз рӯйи ихтисоси сурдопедагог-информатика таҳсил карда, онро бомуваффақият хатм кардааст. Айни замон дар «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ мураббӣ шуда кор мекунад.

Ибодуллоев Ривоҷиддин - омӯзгори фанни технологияи информатсионии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ. Ношунаво, норасоии нутқии дараҷаи сабук. Ибодуллоев Ривоҷиддин 29.05.1997 дар ноҳияи Шаҳринав ба дунё омадааст. Соли 2013 «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакон» -и кари ноҳияи Рӯдакиро хатм карда, ба Литсей интернати маъюбони Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд ва соли 2015 литсеи мазкурро бо ихтисоси «Барномасози компютер» хатм мекунад. дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» -и ноҳияи Рӯдакӣ аз моҳи майи соли 2016 то моҳи сентябри соли 2018 ба ҳайси мураббӣ ба кор қабул гардида, аз моҳи сентябри соли 2018 то ба имрӯз дар вазифаи омӯзгори технологияи информатсионӣ фаъолият карда истодааст. Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории ноҳияи Рӯдакиро бо ихтисоси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси «сурдопедагогика ва информатика» соли 2024 хатм кардааст.

Ҳафизов Меҳробиддин - ғолиби мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ. Ҳафизов Меҳробиддин 4-уми сентябри соли 2003 дар деҳаи Ҳушёрии ноҳияи Варзоб ба дунё омадааст. Гӯшвазнинии дараҷаи вазнин, ноинкишофёбии нутқ. Солҳои 2010 - 2020 дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ таҳсил карда, таҳсилоти умумии асосиро соҳиб гардидааст. Таҳсилоти миёнаи умумиро дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб - интернати №5 шаҳри Душанбе гирифтаст.

Ҳафизов Меҳробиддин хонандаи синфи 9-и «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ аз 07.03.2019 то 23.03.2019 дар Бозиҳои умумиҷаҳонии тобистонаи Олимпиадаи Махсус «Абу-Даби – 2019», ки дар Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ карда, аз рӯйи намуди варзиши давидан дар ин бозиҳо иштирок намуд. Ӯ дар байни варзишгарон аз 164 давлати дунё аз рӯйи намуди варзиши давидан ба масофаи 600 метр ҷойи 2-юм ва давидан ба масофаи 800 метр соҳиби ҷойи 1-ум гардид. Ҳамчунин, бояд хотиррасон намуд, ки Ҳафизов Меҳробиддин ғолиби Бозиҳои умумиҷаҳонии зимистонаи Олимпиадаи Махсус, ки аз 14.03.2017 то 25.03.2017 дар шаҳри Рамзауи Австрия баргузор гардида буд, ба ҳисоб меравад. Меҳробиддин дар ин бозиҳо аз рӯйи намуди варзиши лижаронӣ иштирок намуда, дар мусобиқаи лижаронӣ ба масофаи 500 метр ҷойи 4 - ум ва лижаронӣ ба масофаи 1000 метр соҳиби ҷойи 1-ум гардида буд.

Сорбони Изатулло - варзишгар. Сорбони Изатулло 31.10.2000 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Солҳои 2006-2016 дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ таҳсил карда, онро соли 2016 бо гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ хатм кардааст. Таҳсилоти миёнаи умумиро дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии «Мактаб-интернати №5 шаҳри Душанбе барои гирифтаст. Дар Олимпиадаи махсус «Абу-Даби - 2019», ки байни варзишгарони имконияташон маҳдуд баргузор гардида буд, аз рӯйи намуди варзиши «дзю-до» ҷойи аввалро ишғол намуда, ғолиби ин мусобиқи байналмилалӣ гардид.

Бобокалонова Фарзона - варзишгар. Соли 1994 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Солҳои 2001-2007 дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ то синфи 8-уми таҳсил карда, таҳсилоти миёнаи умумиро дар Муассисаи миёнаи махсус ва ғоибонаи ношунавоёни №8 ноҳияи

Фирдавсии шаҳри Душанбе гирифтааст. Бозингари дастаи духтаронаи футболи Тоҷикистон буд.

Воҳидов Абдусамад Абдуллоевич соли таввалудаш 1967 зодаи ноҳияи Чашмасори Сарикиштӣ аз хурдӣ дорои нуқсони такягоҳи ҳаракатӣ буда, маъюби гурӯҳи сеюми бемории фалаҷ мебошад. Ӯ охирин маротиба санаи 20.05.2024 муоина шудааст, ҳоло бошад дар маркази ҷумҳуриявии ВММША фаъолият менамояд.

Асдуллозода Алӣ Асадулло донандаи 3 – забон: забони англисӣ, русӣ ва туркӣ. Соли 2010 дар осеби барқӣ маҳрум аз дасти чап гаштааст, инчунин, дасти росташ қисман кор намекунад. Соли таввалудаш 01.03.1994, соли 2014 ихтисоси ҳисобдори литсейи интернати махсуси маъюбон, соли 2019 ДМТ ихтисоси молия ва қарз, соли 2025 Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси идораи давлати ва ҳуқуқ. Соли 2025 номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармоягузориҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) рисолаи номзадиро бомуваффақият хатм намудааст.

Соли 2022 тарҷумони забони англиси - туркӣ дар Истанбул, дар консули Узбекистон. Дар баробари ин, соҳибкор шуда, фаъолият намудааст. Соли 2023 такмили ихтисосро дар Ҷопон барои гурӯҳи ҳифзи иҷтимоӣ азхуд намуда, дорои диплом махсус барои ХИМ - дошта гаштааст.

Соли 2024 мушовири ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбон дар ноҳияи Данғара, тибқи Конвенсияи Созмони Милалӣ Муттаҳид фаъолият намудааст. Ҳоло бошад, ба вазифаи директори ташкилоти ҷамъиятии рушди иҷтимоӣ миллии маъюбон «Неъмат» дар ноҳияи Данғара кору фаъолият менамояд.

Эшонқулов Бегмурод Ҳазратқулович соли таввалудаш 1979, зодаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, дорои нуқсони шунавоии модарзодӣ буда, гурӯҳи дуюми маюбӣ мебошад. Ӯ охирин маротиба

санаи 30.09.2024 муоина шудааст, ҳоло бошад дар муассисаи давлатии Наврӯзгоҳ ба ҳайси бойтор фаъолият мекунад.

Илёсов Сиёвуш Рустамович донандаи 3 - забон, забони англисӣ, русӣ ва чопонӣ, дорои нуқсони биноӣ, соли таввалудаш 27.05.1989 шаҳри Ҳисор, кӯчаи Ҳаёти нав, соли 2011 бо ихтисоси забони англисӣ ДДОТ ба номи С.Айниро хатм намудааст. Аз соли 2011 ихтисоси забони англисиро хатм намуда, ба ҳайси омӯзгори забони англиси дар «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобино» дар шаҳри Ҳисор фаъолият менамояд. Соли 2011-2012 иштирок дар курси роҳбарӣ барои шахсони маъюб дар Ҷопон, соли 2013 иштирок дар курси мушкилоти ҷаҳонии шахсони дорои маъюбиятдошта дар Кореяи Ҷонубӣ, соли 2015 иштирок дар курс оид ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир барои кӯдакони маъюб дар Мумбайн (Ҳиндустон), инчунин, соли 2015 курси тавонбахшӣ барои нобиноён дар Яман - Урдун, соли 2016 курси таҷрибаи Лоиҳанависӣ Токиё (Ҷопон), соли 2017 курси маҳорати компютерӣ барои нобиноён дар Пенанг (Малазия), соли 2022 курси таҷрибаомӯзии ташкилотҳои маъюбондоштаи Синсинати (ИМА) иштирок ва фаъолият намудааст.

Дар баробари иштирок дар курсҳо, инчунин, дар мусобиқаҳои Пара варзишӣ байналмиллалии зерин ширкат намудааст:

-мусобиқаи Ҷомӣ-Ҷаҳон дар намуди пойгаҳи лижа байни нобиноён Фрайбург (Олмон), соли 2018;

-мусобиқаҳои бозиҳои Параолимпӣ дар намуди пойгаҳи лижа байни нобиноён, Пиёнг-Чанг (Кореяи Ҷанубӣ), соли 2018;

-мусобиқаи байналмилалӣ дар намуди пойгаҳи лижа байни нобиноён, Принс Ҷорҷ (Канада), соли 2019;

-мусобиқаҳои бозиҳои Параолимпӣ алтернативӣ дар намуди пойгаҳи лижа байни нобиноён, Хантимансиск дар Русия, соли 2022;

-мусобиқаи Осиё 2022 дар намуди пойгаҳи дучархаронӣ байни нобиноён, Душанбе (Тоҷикистон);

-мусобиқаҳои бозиҳои Параолимпӣ дар намуди пойгаҳи дучархаронӣ байни нобиноён, Хантгҷоу (Хитой), соли 2023;

-мусобиқаҳои Токиё ТАМА 2023 дар намуди пойгаҳи дучархаронӣ байни нобиноён, Токиё (Чопон), соли 2023;

-мусобиқаи Осиё 2024 дар намуди пойгаҳи дучархаронӣ байни нобиноён. Алмаато (Қазоқистон), соли 2024 сазовор гаштааст.

Гандумова Бибӣ Қиёмиддиновна дорои нуқсони нобиноии модарзодӣ соли таввалудаш 22.03.1998, зодаи шаҳри Душанбе. То синфи 9 - ум дар мактаби таҳсилоти умумӣ бо хонандагони солим хонда, синфҳои 10-11-ро дар литсейи касбии махсус барои нобиноён таҳсил кардааст. Инчунин, ӯ хатмкунандаи ихтисоси таҳсилоти ибидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣ буда, аз соли 2022 магистри ихтисоси филологияи тоҷик дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ мебошад. Аз соли 2024 инҷониб ба ҳайси омӯзгор дар факултаи технология, ихтисоси дизайни донишгоҳи номбурдашуда фаъолият менамояд. Дар ҷараёни таълим дар литсейи касбии махсус барои нобиноён рӯзҳои панҷшанбе аз соати 8.00. то 12.00. дар машғулияти таълими истеҳсолӣ иштирок намуда, касби бофандагӣ ва муҳрабофиро аз худ намудааст, ки бо ин касбаш ифтихор дорад. Дар баробари ин дар чорабиниҳои фарҳангии хобгоҳи донишгоҳ фаъолона баромад карда, соҳиби чандин ифтихорномаҳо гаштааст. Инчунин дар чорабиниҳои фарҳангии донишгоҳ иштирок карда, бахшида ба Рӯзи оила Раиси кумитаи ҷавонони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хондани суруди беҳтарин соли 2024 дорои сипоснома гаштааст.

Ашуров Меҳроб Файзмаҳмудович дорои нуқсони биноӣ соли таваллудаш 2.03.2000 зодаи шаҳри Ҳисор ихтисоси логопедия-таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣро хатм намудааст. Аз соли 2024 инҷониб ба ҳайси логопед дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобиноёни» - и шаҳри Ҳисор фаъолият менамояд. Дар вақти холигӣ бештар ба бозиҳои логопедӣ машғул мешавад.

Қодирова Манижа Сунатуллоевна дорои нуқсони надоштани банди даст ва ангуштон, соли таввалудаш 1994 зодаи шаҳри Душанбе ноҳияи Рудакӣ. Хамкунандаи коллеҷи фарҳанг ба номи Буйдоқов Т., ихтисоси китобдор. Соли 2022 ДДОТ ба номи С.Айнӣ-ро ба ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ. хатм намудааст. Аз соли 2015 инҷониб бо ҳайси омӯзгори машғулияти инфиродӣ дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои» -и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Сафарова Муҳриниссо Холмирзоевна дорои нуқсони такягоҳу ҳаракатӣ, соли таввалудаш 27.12.1974, зодаи шаҳри Бохтар, соли 1996 хамкунандаи коллеҷи омӯзгорӣ, аз соли 2016 хатмкунандаи Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Русия бо ихтисоси таърих, ҳоло ба ҳайси омӯзгори фанни таърих дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои» -и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Шоимардонова Манижа Шамсуллоевна дорои нуқсони такягоҳу ҳаракатӣ ва ношунавоӣ. Зодаи шаҳри Ҳисор, соли таввалудаш 21.01.2002. Соли 2018 муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии махсуси ношунавоёни шаҳри Душанберо бо баҳои аъло хатм кардааст. Соли 2022 маркази давлатии хизматрасонии таълимии шаҳри Душанбе аз рӯи ихтисоси асосҳои омӯзиши компютер омӯзиш гирифт, соли 2021 шоҳодатномаи Бизнесскул, ташкилоти дилҳои Хайрхоҳ, ташкилоти ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Карина Бурих «Мактаби Тиҷорат» - ро соҳиб гаштааст. Соли 2019 барои иштирок дар озмуни расми беҳтарин дар доираи лоиҳаи ҳамкории «Шаҳри орзуи ман» ва таҷлили 25 - солагии Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак ва таҳкими ҷомеаи фарогир барои тамоми кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат кардааст. Тавассути сароидани суруди «Тасаввур бикун» дар ҳайати даста дар як қатор чорабиниҳо, ки соли 2014 аз тарафи сардори раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Нуралӣ Шоев ва намояндаи хазинаи “ЮНИСЕФ” дар Тоҷикистон Лучиа Элмӣ баргузор гардид, бо

мукофотҳо сарфароз гаштааст. Инчунин, дорои 9 - ифтихорнома ва сипоснома буда, сазовори ҷойҳои намоён гаштааст.

Сафарова Амрбибӣ Иброҳимовна дорои нуқсони набудани оринҷҳои даст, (тамоман оринҷҳои даст надорад), соли таввалудаш 01.01.1969. Зодаи ҷамоати деҳаи Зиддӣ, ноҳияи Варзоб, деҳаи Панҷхок мебошад. Соли 1987 вазифаи муовини директори комбинати таълимии карҳои №5, соли 2007 муовини раиси иттиҳоди миллии ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2015 директори иттиҳоди миллии ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2016 ба ҳайси омӯзгор забони ишора дар «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои» -и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Хоҷаева Аҳдия Исмоиловна донандаи забони русӣ ва англисӣ буда, дорои нуқсони сустшунаво, соли таввалудаш 19.10.2008, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе мебошад. Хатмкунандаи муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб - интернати №5, шаҳри Душанбе, соли 2024 коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваро бо ихтисоси забон ва адабиёти рус хатм кардааст. Барои таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи давлатии мактаби бачагонаи рассомии назди Раёсати фарҳанги шаҳри Душанбе ба муҳлати 5 - сол иштирок намуда, соли 2023 аз маҳфили расмкашӣ дорои диплом гаштааст. Дар маҳфилҳои расмкашӣ, дузандагӣ попору, зардузӣ, дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе, иштирок карда, ба ифтихорнома ва дипломҳо сазовор гардидааст. Инчунин барои ишғол намудани ҷои 2 - юм дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Шашкаи байналмилалӣ», барои наврасону ҷавонон ва калонсолон иштирок варзида, бо диплом, дар соли 2023 барои ишғол намудани ҷои 2-юм дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Шоҳмот ва шашка», соли 2024 барои ишғол намудани ҷои 1 - ум дар мусобиқаи кушодаи шаҳри Душанбе оид ба шоҳмот ва шашкаи байни варзишгарони имконияти маҳдуд, инчунин, дар чемпионати Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба «Шашкаи байналмилалӣ» барои наврасону ҷавонон ва калонсолон иштирок варзида, бо диплом сарфароз гардонида шудааст.

Инчунин, бо ифтихорнома барои курси забони имову ишораи амрикоӣ (омӯзонидани забони англисӣ) соли 2024-2025 аз тарафи инструктори забони англисӣ Шели Ҳелм мукофотонида шудааст. Ҳоло бошад бо дастгирии Ҷаноби олӣ, Президенти кишвар Э. Раҳмон ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути дарёфти гранти коргоҳи дузандагӣ ташкил карда, вазифаи директори ин муассисаро ба уҳда дорад.

Хоҷаева Асмуа Исмоиловна дорои нуқсони сустшунаво ва деркаршуда, соли таввалудаш 10.04.2010 ноҳияи Исмоили Сомонӣ, шаҳри Душанбе. Хаткунандаи муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб-интернати №5 шаҳри Душанбе. Ҳоло дар синфи 8-ум мехонад, инчунин иштирокчии таҳсилоти иловагӣ дар ҳамин муассиса буда, дар филиали мактаби бачагонаи расмкашӣ, ки дар он маҳфилҳои дузандагӣ пардадузӣ таҳти роҳбарии Одинашоҳзода Фароғати Хайриддин мебошад, иштирок намуда, дорои дипломи маҳфилҳои эҷодии 5 - сола мебошад.

Шоимардонова Шамсия Шамсуллоевна дорои нуқсони сустшунаво, соли таввалудаш 21.01.2002 шаҳри Душанбе. Хаткунандаи муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии мактаб-интернати №5 шаҳри Душанбе. Ҳоло донишҷӯйи курси 4-уми Донишгоҳи давлатии расмкашӣ ва дизайни Тоҷикистон дар ихтисоси дизайни костюм ва газвор мехонад. Ӯ инчунин дар муассисаи давлатии маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе иштирок карда, дар маҳфили расмкашӣ дорои диплом буда, ба чандин ифтихорнома ва дипломҳо сазовор гардидааст.

Дустиёров Шодӣ Ҳасанович дорои нуқсони биноӣ (модарзодӣ) соли таввалудаш 01.05.1983 ноҳияи Шомансури шаҳри Душанбе деҳаи Гулкорон хонаи 52. Соли 2006 хатмкунандаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ

буда, то имрӯз дар қасри филармонияи халқӣ дар назди шуъбаи фарҳанги ноҳияи Рудакӣ ба ҳайси сароянда, овозхон фаъолият дорад. Ӯ дорои ифтихорнома дар озмуни “Ҳафтаи ҷавонон” соли 2004, дар озмуни “Дунёи меҳр” бахшида бар рӯзи маъюбон 3 -декабри соли 2024 мебошад.

Дар шароити имрӯза бояд қайд кард, ки ҳазорҳо ХИМ - дошта баъд аз хатми муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дохил шуда, соҳиби касбу ҳунар гардида истодаанд. Онҳое, ки ба қуллаҳои баланд расидаанд, ҷаҳониён онҳоро ҳамчун шахсиятҳои барҷаста эҳтиром менамоянд. ХИМ - дошта (аз ҷумла нобиноён, ношунавоён ва оҷизон) -и эҷодкор чунин хусусиятҳои шахсиро дар муҳити созгори муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд инкишоф диҳанд.

2.2. Муҳити таълимии мутобиқшаванда ва фарогир ҳамчун шарти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд

Дар муассисаҳои таълимии махсус ва таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи инкишофи корҳои эҷодии ХИМ-дошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути интиқоли корҳои эҷодии онҳо дар намоишгоҳҳо ҳамчун омӯзиши онлайнӣ амалӣ мешаванд, таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Таҳсилоти иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ихтисосҳои нав ба нав гирифта, соҳиби шаҳодатнома гарданд ва ё ин ки онҳо тахассуси худро такмил дода, барои ояндаи худ касб интихоб намоянд, инчунин донишҳои мавҷудаашонро мукаммал намоянд. Ҳар як шахс ҳуқуқи дар баробари таҳсил ҳуқуқи дар таҳсилоти иловагӣ ширкат карданро дорад. Инчунин, ХИМ-дошта низ ба таҳсилоти иловагӣ иштирок карда, барои ҳаёти мустақил омода мешаванд. Ҳар як фард пас аз хатми мактаб имконият пайдо мекунад, ки таҳсилоти худро аз рӯйи

барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ба таври ройгон ё пулакӣ давом диҳад. Инчунин, дар муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии иловагиро берун аз барномаҳои асосии таълимӣ пешниҳод мекунанд, бидуни маҳдудият таҳсил кардан мумкин .аст. Бо ин роҳу восита мутобиқшавӣ ба роҳ монда мешавад.

Ақидаи мутобиқшавӣ аз нигоҳи Н.В.Калинина чунин ҳисобида мешавад: «Мо боварӣ дорем, ки самаранокии ҳалли мушкилоти таҳсилоти фарогир асосан аз густариши муносибатҳои мутобиқшавандаи хонандагон бо муҳити таҳсилоти иловагӣ, ки бар асоси инъикоси касбии мавқеи педагогии худи онҳо, огоҳӣ ва рушди захираҳои мутобиқшавандаи шахсии омӯзгорон (аз ҷумла сифатҳои шахсии муҳими касбӣ, малакаҳо барои бартараф кардани вазъиятҳои душвори касбӣ ва устуворӣ), рушди малакаҳо барои таҳлили худии сабтҳои кори фардӣ ва рушди муносибатҳои касбии дастаҷамъона бо мутахассисон ва волидон муайян карда мешавад» [331;181].

Қ.Сатторов дар мақолаи илмӣ, бештар ба мавзуҳои мутобиқшавӣ вобаста буда, дар ҷараёни таҳқиқот қайд менамояд, ки «Барои бомуваффақият гузаштани мутобиқшавии хонандагони дорои нуқсони шунавоӣ, пеш аз ҳама дар мактаб-интернат шароити заруриро фароҳам овардан лозим аст, то мутобиқшавии хонандаи синни мактабӣ ба шароити нав мусоидат намояд. Ин мушкилот барои хонандагони синни мактабӣ, ва волидони онҳо ва муаллимоне, ки бо масъалаи тезунунд дар бораи чи гуна баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии хонанда ба шароити муассиса рӯ ба рӯ мешаванд, аҳамияти махсус дорад. Ҳамин тавр, тарбияи хонандагони дорои нуқсонҳои шунавоӣ, ки кӯмак дар мутобиқ кардани кӯдак ба муассисаро дар бар мегирад, на танҳо ба қонунҳои умумӣ, балки инчунин ба донистани хусусиятҳои инкишофи чунин хонанда, бо нашардошти онҳо ҳангоми ташкили раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ асос меёбад» [355;187].

Дар робита бо ифшо кардани қонунҳои мазкур бояд қайд намуд, ки ХИМ - дошта бояд ба муҳити худ бомуваффақият мутобиқ шаванд. Биёед ба баррасии консепсияи асосии таҳқиқоти худ диққат диҳем.

Барои бомуваффақият мутобиқ намудани ХИМ - дошта ба муҳити таҳсилоти махсус ва таҳсилоти иловагӣ, муайян кардани корҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ дар маҳфилҳо бояд онҳо дорои хислатҳои муайяни шахсият, дониш, маҳорат ва малака бошанд, то ки аз уҳдаи корҳои эҷодӣ бароянд. Инчунин, нисбати иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ рағбати беандоза доштани онҳо нақши ҳалкунандаро мебозад.

Барои ноил шудан ба муваффақият мутобиқшавӣ дар муҳити таҳсилоти иловагӣ муайян бояд кард, ки кадом ҷузъҳоро бояд истифода бурд. Муҳим он аст, ки ҷанбаҳои зеринро баррасӣ намоем: хусусиятҳои фардии ХИМ - дошта, аз ҷумла онҳое, ки дорои эҳтиёҷоти махсус мебошанд.

Ҳангоми тавсифи хусусияти мутобиқшавии бомуваффақияти ХИМ - дошта мо сарчашмаҳои психологию педагогиро, ки дар асарҳои Қ, Сатторов [355], Р.Рамазонова, С.А. Шарифов, А.Ю.Стойлов, К.З.Шерхова, А.Ю.Шеманова, Т.В.Дорожевес, Я.Л. Коломинский, Е.А. Панко [197], Х.Х.Калаев [322], Н.В.Калинина, Н.Н.Лазарева [335], А.Ю.Шеманов, Д.Е.Макаева [364], ва ғайраҳо, инъикос мегардад, омӯхтем Ин асарҳо ба мо имконият дод, ки ҷузъҳои бомуваффақияти мутобиқшавии таҳсилоти иловагиро дар кори муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ муайян намоем. Ҳамин тариқ, мо зарур мешуморем, ки барои ХИМ - дошта кӯшиш намоем, шароитҳои зарурӣ фароҳам оварем, барои мутобиқ шудан ба муассисаҳои мухсус ва таҳсилоти иловагӣ маҳфилҳои эҷодиро дар муассисаи наздик ба шароити зиндагӣ ташкил намоем, барои дар оянда касби дуруст интихоб кардан ХИМ - дошта чораҳои махсус андешем ва муҳити зисти онҳоро таҷдиди назар намоем.

Назарияи Р.Рамазонова, Қ.Сатторов «Таҳсилоти иловагӣ алоқаи мактаб-интернатро ба ҳаёт устувор месозад. Доираи фаъолияти он тайи

солҳои охир васеъ шуда, мундариҷаи он аз ҳисоби алоқа бо коллективҳои меҳнатӣ коллективҳои эҷодии техникӣ хеле бой гаштааст. Андӯхти таҷрибаи муфиди ҷамъиятӣ, корҳои эҷодии меҳнатии хонандагони имконияташон маҳдуд гоҳо манбаи фаҳмиш ва идроки амалии донишҳои дар рафти дарс омӯхташуда мегардад. Таҳсилоти иловагӣ характери ихтиѐрӣ дорад, дар он хонандагони имконияташон маҳдуд аз рӯйи хоҳиш ва шавқу ҳаваси худ ба таври интихобӣ иштирок мекунанд».[350;296].

Эҷодиёт ХИМ - дошта дар муҳити махсуси таълимӣ бо хонандагон барои рушд ва омӯзиши таҳсилоти иловагӣ, ғояҳои ибтидоӣ, ки муваффақияти фарогириро ба муҳити зист таъмин мекунанд, инчунин баъзе малакаҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯза заруранд, мусоидат мекунад.

Барои мутобиқ шудани ХИМ - дошта, ба маҳфилҳои илмии мусиқӣ, расмкашӣ, меҳнатӣ бояд корҳои зеринро иҷро кард:

-барои ХИМ - дошта шароити махсус фароҳам оваред, то онҳо як ҷузъи ҷомеа гарданд;

-усулҳои гуногунро истифода баред, то ки диққати онҳо ба таҳсилоти иловагӣ зиёд шавад;

-ташхис, ҷустуҷӯ, машваратҳо, амалҳо ва мулоҳизаҳоро аз назар гузаронем;

Ин ба ХИМ - дошта кумак мекунад, то ки барои ояндаи худ худхизматрасонӣ карда, таҳсилро давом диҳанд.

Мутобиқшавӣ яке аз ҷанбаҳои асосии фароҳам овардани муҳити рушди муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ мебошад. Муҳаққиқон дар асарҳои худ таъкид мекунанд, ки мақсади таълиму тарбияи ХИМ - дошта ба тарбияи муваффақонаи мутобиқ шудани онҳо дар ҷомеа мебошад.

Таҳлили адабиёти ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар системаи таҳсилоти иловагӣ, инчунин, дар таҳсилоти махсус, иштироки ХИМ - дошта ба зудӣ мутобиқ шуда, дар як соҳаи муайян фаъолият кори мунтазам бурда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагони бо

роҳи худомӯзӣ болаёқат шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳсил мекунанд, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда худро дар соҳаи фаъолияти эҷодӣ, дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои эҷодӣ бомуваффақият метавонанд амалӣ созанд.

Мутафаккири рус Н.В.Калинина дар мақолаи илмияш дарҷ менамояд, ки «Мутобиқшавӣ ва рушди шахсӣ якдигарро пурра мекунанд ва роҳҳои гуногуни худшиносиро фароҳам меоранд. Рушд вақте оғоз мешавад, ки байни талабот (қобилиятҳо)-и муҳит ва ниёзҳо (қобилиятҳо)-и шахс номувофиқӣ ба миён ояд. Ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимии асосӣ талаботи мушаххаси муҳити таълимиро ба шахсият ва фаъолияти касбии омӯзгорон ба вуҷуд меорад, ки боиси номувофиқатии байни вазифаҳо, ниёзҳо ва қобилиятҳои шахс мегардад. Ин номувофиқатӣ боиси таҷрибаи вазъияти душвор мегардад. Бартараф кардани ин вазъияти душвор хусусиятҳои касбӣ ва шахсии омӯзгорро истифода мебарад ва ҳамкории динамикии байни шахс ва муҳитро таъмин мекунад. Ҳамкории оптималӣ имкон медиҳад, ки бо талаботи муҳити зист тавассути тағйироти дохилӣ, тағйироти муҳит ё омезиши ҳарду мувофиқат карда шавад» [331;179].

Ба ин муносибат барои фаъолияти бомуваффақияти эҷодии ХИМ - дошта, ҳамчунин дар кори ташкилотҳои алоҳида, ба ҳисоб гирифтани қобилиятҳои онҳо махсусан муҳим аст. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки корҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои фарҳанги мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ дар асоси тарҳҳои мушаххас метавонанд хусусиятҳои муҳимми объектро инъикос кунанд.

Қ.Сатторов оид ба масъалаи мутобиқшавии хонандагони ношунаво ба муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дар мақолаи илмӣ ибрози ақида намудааст: «Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво ба барномаи таълимӣ ба шумо имкон медиҳад, ки сатҳи фардии ҳар як кӯдакро дар хатҳои асосии рушд муайян кунед. Хусусияти рушди психофизикии кӯдакони ношунаво ва шунавоидошта дар он зоҳир мешавад, ки сатҳи фаъолияти

иҷтимоӣ, маърифатӣ, ҷисмонӣ ва фаъолияти объектӣ-бозӣ метавонад ба меъёри синну сол мувофиқ кунад. Қобилияти дарки шунавоии кӯдак калиди муваффақияти нутқ ва рушди зеҳнӣ мебошад. Аз даст додани шунавоӣ кӯдакро аз як манбаи муҳими иттилоот маҳрум мекунад ва ҳамин таъриқ раванди рушди зеҳнии ӯро маҳдуд мекунад. Аммо, ин камбудиҳоро асосан бо истифодаи усулҳои махсус ва воситаҳои техникӣ дар таълим ҷуброн кардан мумкин аст» [355;58].

Барои мутобиқ шудани ХИМ - дошта одамони касбу кори эҷодӣ, аз ҷумла: мусиқишиносон, рассомон, техникон фаъолона ширкат варзанд. Мақсади мо дар он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ маҳфилҳои эҷодӣ бештар ташкил карда шавад, дар таълими он муваффақиятҳои ХИМ - дошта аз рӯйи барномаҳои махсус натиҷабардорӣ карда шавад, инчунин таъмини мутобиқсозии бо муваффиқияти ХИМ - дошта ба инобат гирифта шавад. Мо бо ин гуна ХИМ - дошта барои бомуваффақият фаъолият карданашон кор карда, барои онҳо имконият фароҳам овардем, ки муҳити зистро муайян карда, ба фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла ба фаъолияти мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ дар асоси принсипҳои зебоипарастӣ мутобиқ шаванд.

Дар «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ аз сабаби надонистани имову ишора хонандагоне, ки ба ин муассиса барои гирифтани таълим меоянд ва, инчунин, барои касбомӯзӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ машғул мешаванд, бо душворӣ мутобиқ мешаванд. Баъди омӯхтани алифбои дактелӣ, имову ишора, мондани овоз муносибат кардан бо ҳамсинфон ва роҳбарони маҳфил одат карда, мутобиқ мешаванд. Инчунин роҳбарони маҳфил барои зудтар мутобиқ шудан шавқу ҳаваси хонандагонро ба назар гирифта, ба маҳфилҳо онҳоро ҷалб менамоянд. Дар муассисаи номбаршуда воситаи инкишоф додани маҳоратҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқӣ инкишоф дода мешавад. Доир ба ҳар як фанни таълимӣ аз тарафи омӯзгорони дарсдиҳанда маҳфилҳои эҷодӣ

ташкил карда шудааст. Дар ин муассиса дар дарсҳои мусиқӣ ва маҳфилҳо аз набудани асбобҳои мусиқӣ чорабиниҳои эҷодӣ танҳо ба воситаи магнитофон, баландгӯякҳо гузаронида мешавад. Роҳбарони маҳфили мусиқӣ ба воситаи имову ишора ба хонандагон хондани сурудро меомӯзонад, хонандагон онро нишон медиҳанд. Инчунин, хонандагони ношунаво, сустшунаво ва деркаршуда рақсҳоро ба воситаи зарб задани мусиқӣ иҷро менамоянд.

Дар маҳфилҳои таълими меҳнат, расмкашӣ ва мусиқӣ ХИМ - дошта (ношунаво, сустшунаво ва деркаршуда) корҳои эҷодиро омода мекунанд ва барои худхизматрасонӣ, мусобиқаҳоро намоиш додан ба дигар муассисаю мамлакатҳо ба воситаи онлайн пешниҳод менамоянд.

Мутобиқшавии бомуваффақияти ХИМ - доштаро ҳамчун шартҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимии махсус, мо бо чунин восита муайян кардем:



Барои фаҳмидани масъалаи корҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои илмӣ ба мушаххастарин парванда эътибор бояд дод. Маҳфили эҷодӣ муҳимтарин фаъолияти рушдёбандаи ХИМ - дошта буда, татбиқи ҷузъҳои асосии он, аз ҷумла муҳити илмӣ, таълимӣ ва фанниро дар бар мегирад. Ҳамаи ҷузъҳои маҳфилҳои илмӣ дар маҷмуъ барои интихоби касби ХИМ - дошта амал мекунанд ва бо ҳам ин маҳфилҳои эҷодӣ алоқаманд ва вобастаанд. Ба ҷузъҳои ашёӣ - фазоӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ инҳо дохил мешаванд:

-мундариҷаи мавзуъ, ки ин дар маҳфили меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ бо бозиҳои эҷодӣ, ашё ва маводи бозӣ, воситаҳои таълим, таҷҳизоти таълимӣ ва бозӣ гузаронида мешавад;

-ташкил кардани фазои маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ бо тақсимоти фазоии гурӯҳӣ;

-бо мурури замон мутобиқ шудани ХИМ - дошта ба маҳфилҳо дар намоиши онлайнӣ гузоштани корҳои эҷодӣ.

Ақидаи А.Ю.Стойлов, К.З.Шерхова, оид ба мутобиқшаванда барои кӯдакони имконияти маҳдудошта баррасӣ намуда, «Омӯзиши аспсавории маҳдудият нигаронида шудааст. Савории аспсавории мутобиқшаванда на танҳо ба ҳолати ҷисмонӣ, балки ба ҳолати равонии савора низ таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Варзиши аспсаворӣ асосан як намуди варзиши техникӣ буда, ба ҳамоҳангсозии вестибулярӣ тамаркуз мекунад. Ҳамоҳангсозии вестибулярӣ ва малакаҳои назорат ба савора имкон медиҳад, ки саворaро назорат ва иҷро кунад. Омодагии равонӣ аз лаҳзаи шинос шудан бо асп оғоз мешавад. Бо истифода аз усулҳо ба монанди мушоҳидаи асп, кӯдак таъсири равонӣ -эмотсионалӣ эҳсос мекунад, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки шавқ ва ангезаро барои омӯзиши аспсавории мутобиқшаванда инкишоф диҳанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши аспсавории мутобиқшаванда малакаҳои ҳаракатиро инкишоф медиҳад ва ҳолати эмотсионалии саворaҳои дорои маҳдудиятро беҳтар мекунад, ки баонҳо имкон медиҳад, ки худро тасдиқ кунад ва ба қобилиятҳои худ эътимод дошта бошад. Тавассути муошират дар варзишҳои аспсавории мутобиқшаванда, ки аз ҷониби ҷуфти савора-асп намояндагӣ мешавад, кӯдак дар натиҷаи савории муваффақ ба қобилиятҳои худ эътимод пайдо мекунад. Ҳамкорӣ ва робита бо асп малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳад, ки метавонанд ба кӯдакони маҳдуддоштагон имкон диҳанд, ки ба вазъиятҳои иҷтимоӣ мутобиқ шаванд. Масъулият барои асп ва қабули қарор эътимодро инкишоф медиҳад ва малакаҳои ҳаракатиро беҳтар мекунад» [358;338].

Ҷузъи таҳсилоти иловагӣ барои ташаккул додани тасаввуроти ХИМ - дошта ин инкишоф додани самтҳои корҳои эҷодӣ дар маҳфилҳо мебошад, ки рушди ҳамаҷонибаи онҳоро таъмин менамояд ва барои ба ҳаёт омода шуданашон тарбия мекунад. Бо назардошти синну соли ХИМ - дошта ва хусусиятҳои фардии онҳо дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва махсус ин ҳамкорӣ, муносибатҳои мусбӣ, рафтори шахсӣ ва муносибати ғамхорӣ онҳоро ба ҳамдигар мепайвандад.

Ҷузъи инкишофёбандаи фазои ҷустуҷӯйи зеҳнӣ дар фаъолияти мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ дар ҷараёни раванди маҳфилҳои эҷодӣ ташкилшуда, технологияҳои навгонии педагогиро дар бар мегирад. Ҷузъи субъективии ин раванд омӯзгорон, хонандагони солимро бо ХИМ - дошта муттаҳид мекунад. Ин раванд ҳамчун субъектҳои ҷараёни ягонаи педагогӣ амал карда, ҳадафи маҳфилҳои илмӣ, аз ҷумла, принсип ва мундариҷаи фаъолияти мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва инчунин, таҳсилоти иловагиро дар бар мегирад.

Системаи муносибатҳои байнишахсӣ ба принсипи баробарии хонандагон асос ёфтааст. Ҳар як унсур дар чунин муҳит ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои ХИМ - дошта барои муошират бо ҷаҳони атроф зарур аст. Инчунин, ба рушди шавқу ҳавас ва қобилиятҳои нав мусоидат мекунад. Илова бар ин, ХИМ - дошта имконият доранд, ки малакаҳои муоширатро ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолон инкишоф дода, корҳои эҷодиро аз якдигар омӯзанд ва ба воситаи таҳсилоти онлайнӣ ба намоиши дигар мамлакатҳо пешниҳод намоянд.

Мутобиқшавии бомуваффақияти ХИМ - дошта дар муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имкониятёи маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе ва муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе, ки дорои нуқсонҳо мебошанд, дар маҳфили таълими расмкашӣ хуб ба роҳ монда шуда, мо нақшаи маҳфилҳои мусиқӣ ва меҳнатиро системанок ҷой додем.

Ба ақидаи омӯзгорони ин муассиса барои хуб мутобиқ шудани хонандагон, пеш аз қабули онҳо ба ин муассиса чораҳои мушахас андешида мешавад. Вазифаи омӯзгорон пеш аз оне, ки хонандагони нав ба ин муассиса меоянд, хонандагони дигарро пешакӣ огоҳ менамоянд, ки гурӯҳи мо боз як нафаре дигар илова мешавад ва мо ба ӯ мо барои инкишоф додани маҳорати эҷодӣ кумаку дастгирии худро дареғ намедорем.

Барои ташкили дастгирии педагогӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, аз ҷумла, маҳфилҳои илмӣ мутобиқшавии ХИМ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

-марҳилаи ташхис (ҷамъоварии маълумот дар бораи ХИМ - ро дар бар мегирад, ки роҳбари маҳфил бояд аз нуқсонҳои мухталифи хонандагон огоҳ бошад);

-марҳилаи ҷустуҷӯ (барои таҳлили маълумоти гирифташуда дар бораи инкишофи руҳии ХИМ, - дошта вазъи иҷтимоии рушди ӯ нигаронида шудааст, инчунин кадом намуди маҳфилро интихоб менамояд, ба кадом маҳфил рағбати зиёд дорад, роҳбари маҳфил бояд ба инобат гирад);

-марҳилаи эҷодии машваратӣ (таҳия намудани тавсияҳои муштарак, барои мутобиқ шудани ХИМ - дошта ба таҳсилоти иловагӣ, инчунин додани маълумот ба волидайн ва мутахассисони нуқсоншиносӣ, роҳбарони маҳфил, муҳокима ва баррасии вариантҳо барои ҳал намудани мушкилоти онҳо, пешгӯӣ кардани самаранокӣ, интихоб намудани роҳу усулҳо, тақсимоти масъулият барои татбиқи ҳалли он, муайян кардани муҳлат татбиқ ва имконияти корҳои ислоҳӣ ва ба нақшагирии маҳфилҳои илмӣ);

-марҳилаи фаъолият (ба татбиқи маршрути фардии таълимӣ ва иҷрои барномаи корҳои ислоҳию тарбиявӣ нигаронида шудааст);

-марҳилаи рефлексивӣ (он иҷрои вазифаҳои мутобиқшавӣ ба маҳфилҳои эҷодӣ ва нигоҳубинро таҳлил мекунад).

Корҳои зеҳниро ХИМ - дошта аз ҳамсолони солим меомӯзанд ва баръакс ҳамсолони солим аз ХИМ - дошта меомӯзанд. Бо ин восита корҳои эҷодӣ дар намоишгоҳҳои ҷумҳурӣ бо тариқи онлайн намоиш дода мешавад ва натиҷабардорӣ гардида, барои ҳавасмандгардонӣ ХИМ - дошта бо шаҳодатнома ва маблағҳои пулӣ сарфароз мегарданд.

Барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ҷалби мутахассисони махсус, роҳбари маҳфили таҳсилоти иловагӣ, нуқсоншинос, педагог, равоншинос ва логопед, инчунин, коргарони педагогикаи иҷтимоӣ, ки барои таҳия ва татбиқи барнома ва нақшаҳои кори маҳфил ва мутобиқ намудани ХИМ - дошта дар ҷомеаи муосир, иштироки фаъолона дар маҳфилҳои меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ нигаронида шудаанд, нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Мақолаи илмӣ А.Т.Алиева «Ҷанбаҳои амалии мутобиқшавии бомуваффақияти кӯдакони дорои маҳдудият дар муассисаи томактабӣ чунин масъалагузори мегардад: «Технологияҳои бозиро аз рӯи хусусияти раванди педагогӣ, аз гурӯҳҳои зерини бозиҳо ҷудо менамояд: а) таълимӣ, омӯзишӣ, назоратӣ ва умумӣ; б) маърифатӣ, таълимӣ, инкишофӣ; в) репродуктивӣ, истеҳсолӣ, эҷодӣ; г) коммуникативӣ, ташхисӣ, роҳнамоии касбӣ, психотехникӣ ва дигар технологияҳо» иборат медонанд. [313;12].

Мутахассисоне, ки дар соҳаҳои гуногун дониши амиқ доранд, дар бораи самтҳои асосии фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ тасаввуроти бой дошта, ҳар яки онҳо вобаста ба маҳфил аз уҳдаи корҳои эҷодӣ баромада метавонад. Ба ин соҳаҳо ташхис, инчунин корҳои ислоҳӣ, ки ба рушди қобилиятҳои эҳсосӣ, равонӣ ва ғайра нигаронида шудаанд, дохил мешаванд, ки ба ташаккул ва тасдиқи ақидаҳо дар бораи ҷаҳон мусоидат мекунанд. Илова бар ин, мутахассис бояд барои додани машваратҳо, инчунин барои амалӣ намудани тадбирҳои маҳфилҳои эҷодӣ ва тарбиявӣ ба ҳалли масъалаҳои иловагии марбут ба ХИМ - дошта волидони хонандагон ва фаъолияти онҳо мусоидат намуда, омода бошад.

Мо дар рисолаи илмии хеш кӯшиш намудем, ки мутобиқшавии ХИМ - доштаро бо ҳамсолонашон таҳқиқ намоем. Зеро дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ моҳият ва асолати ҷузъҳои мутобиқшавӣ дар фароҳамоварии шароитҳои мусоид ифода хоҳад ёфт. Татбиқи ин модел барои фарогирии муваффақонаи ХИМ - дошта ба ин равандҳо дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунад.

Бо ин мақсад мо дар рисолаи илмӣ мутобиқшавии ХИМ - ро дар корҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ таҳия кардем, ки моҳияти онро ҷузъҳои асосии мутобиқшавӣ ва фароҳамории маҳфилҳои ЗЭ: маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ дар шароити муносиби педагогӣ ифода мекунанд. Татбиқи ин амсила ба шомилшавии бомуваффақияти ХИМ - дошта дар ин равандҳо ба ҷомеаи муосир созгор аст.

Ҳангоми татбиқ намудани барномаи таълимии таҳсилоти иловагӣ истифода аз корҳои ЗЭ: мусиқӣ, расмкашӣ, меҳнатӣ он ба воситаи онлайн сурат гирифта, намоиш дода шуд. Дар маҳфилҳои эҷодӣ бештар аз фанни таълими фардӣ як роҳбар ва як ХИМ - дошта бо истифода аз технологияҳои таълими онлайнӣ амалӣ карда мешавад. Бинобар ин дар таълими онлайнӣ корҳои эҷодкардашуда ба воситаи онлайн пешниҳод карда шуда, алоқаи мустақими рӯ ба рӯ вуҷуд надорад.

Бо мақсади ҷалб намудани роҳбарони маҳфили таҳсилоти иловагӣ, барои баланд бардоштани ихтисоси ХИМ - дошта маҷмӯаи тадбирҳоро кор карда, амалӣ намудан зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки ҳар як роҳбари маҳфил қобилияти худро ошкор намуда, самараи кори худро баланд бардорад. Қисмати ҷудонашавандаи низоми таълим марказҳои таҳсилоти иловагии касбӣ мебошанд.

Барои дуруст фаҳмидани ҷузъҳои системаи ягонаи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун корҳои эҷодӣ таҳлили муфассали ҳар як ҷузъи он зарур аст. Аз ҷумла, ташкил ва баргузории таҳсилоти иловагӣ барои ХИМ - дошта, аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва дар синфҳои миёна бо истифода аз технологияҳои муосири таълим бояд гузаронида шавад. Аз

ҷумла, корҳои эҷодии омодасозиро вақте ба таълими онлайн пешниҳод мекунанд, ХИМ - дошта бо дигар маъюбон шиносоӣ барпо намуда, дӯстии худро барқарор менамоянд. Аз ин лиҳоз, онҳо таваҷҷуҳи хоса ба таҳсилоти иловагӣ зоҳир мекунанд. Барои мутобиқшавии ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ роҳбарони маҳфил на танҳо корҳои эҷодӣ ба сомон мерасонанд, балки чорабиниҳо, аз қабили “Соли Нав” ва “Наврӯз” бо иштироки дигар шахсон баргузор шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки бевосита бо омӯзгорон ва ҳамсолон муошират намоянд ва ба осонӣ бо якдигар мутобиқ шаванд. Ин, махсусан, барои ХИМ - дошта, ки метавонанд шахсан бо роҳбарони дигар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва дигар ХИМ - дошта мулоқот карда ва корҳои эҷодии худро баррасӣ намоянд, муфид мебошад.

Бо пешниҳоди намоишҳои консертӣ, иштирок дар озмунҳо ХИМ - дошта муошират ва дигар монеаҳои равониро паси сар мекунанд, баробарҳуқуқии худро эътироф мекунанд ва таҷрибаи иҷтимоӣ мегиранд. Ҳамин тариқ, омӯзиши фардӣ, ки бештари ХИМ - дошта дар хона аз танҳои азият мекашиданд, ҳадди аққал қисман бартараф карда мешавад. Илова бар ин, дар байни ХИМ - дошта бо шавқу ҳавасҳои гуногун маҳфилҳои эҷодиро аз худ мекунанд ва аз уҳдаи тарбияи зебопарастӣ баромада метавонанд ва барои ояндаашон худро омода сохта ба осони мутаҳид мешавад.

Х.Х.Галаев дар масъалаи марбуд ибрози ақида намудааст, ки хонандагони имконияташон маҳдудро «Яке аз мушкилот дар татбиқи таҳсилоти фарогир мутобиқшавии иҷтимоии онҳо меҳисобад. Аммо, ҳамгироии ин хонандагон ба фаъолиятҳои таълимӣ нисбат ба ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои беруназсинфӣ камтар душвор аст. Ин аз мушкилоти саломатӣ ва ангезаи пасти хонандагони имконияташон маҳдуд барои иштирок дар хидмати давлатӣ вобаста аст» [322;196].

Бо сабаби иштирок карда натавонистани ХИМ - дошта дар чорабиниҳои таҳсилоти иловагӣ, ки дар хона таҳсил гирифтан мехоҳанд,

мо пешниҳод менамоем, ки тибқи барномаи муоширатӣ, корҳои эҷодии худро бо тариқи онлайнӣ намоиш диҳанд. ХИМ - дошта аз хона ба воситаи истифода аз компютер кори эҷодии худро нишон дода, тамос мегирад ва тасвири ӯ дар экрани телевизон инъикос карда мешавад.

Тамоми дар толор нишастагон корҳои эҷодии таҳсилоти иловагиро дида метавонанд, зеро тамошобинони чунин намоишномаи онлайнӣ даҳҳо нафар: аз ҷумла, ҳамсолони онҳо ҳастанд, ки имконияти аз масофаи дур ҳам муҳокима кардани корҳои эҷодӣ: иҷрои рақс, хондани суруд, тасвири расмҳои гуногунии дар пешниҳодшударо доранд. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолатҳо пахши онлайн бояд дар таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда шавад. Агар касе дар ин чорабинӣ ширкат варзида натавонад ё хиҷолат кашад, ҳуқуқи онро аз фосилаи дур тамошо карданро дорад ва ё рақсу суруд, навохтани асбобҳои мусиқӣ, расмҳои кашидашуда, омода кардани эҷодиёти техникии худро бо пахши онлайни таҳсилоти иловагӣ тамошо кунад ва ё намоиш диҳад. Агар ин восита хуб анҷом гирад, албатта ХИМ - дошта қаноатманд мешаванд ва бо дигарон ба зудӣ мутобиқ мешаванд.

Ин ба ХИМ - дошта имкон медиҳад, ки ба таълими умумӣ ҳамроҳ шаванд ва шояд кӯшиш мекунад, ки маротибаи оянда барои гирифтани таҳсилотҳои иловагӣ сайъ намуда, ки аз наздик омада, ҳама чизро шахсан бинанд ва баробари ҳама дар мусобиқаҳо ширкат намояд.

Шаклҳои гуногуни фаъолияти зеҳниюэҷодии ХИМ - дошта, ки аз натиҷаи фаъолияташон бармеоянд, барои хонандагони муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, аз ҷумла, дар доираи корҳои эҷодӣ бо нуқсонҳои ҷисмонӣ маҳдудтар амалӣ карда мешаванд. Ин, аз ҷумла, тавассути маҳфилҳои эҷодӣ барои иштирок дар озмонҳои байни муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба рушди неруи эҷодии ХИМ - дошта нигаронида шудаанд, анҷом дода мешаванд.

Ба таҳияи барномаҳои таълимӣ бо истифода аз технологияҳои таълими онлайнӣ роҳбари маҳфил бояд диққати махсус диҳад, зеро ҳама

корҳои эҷодӣ бо воситаи онлайн пешниҳоди дигарон гардад. Ин ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки таҷрибаи кори доимӣ пайдо кунанд, ки ин ба рушди нерӯи ЗЭ маҳдудияти онҳо мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни кори маҳфилҳо ХИМ - дошта мантиқ ва ҳадафҳои фаъолияти худро мустақилона муқаррар мекунанд, корҳои ЗЭ, аз қабили сохтан, бофтан, ҳунаромӯзӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, сароидани суруду таронаҳо, кашидани расмҳои гуногуни табиат, лаҳзаҳои зиндагӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ба натиҷаҳои шахсӣ ноил шаванд. Ин ба ташаккули стандартҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҷумҳурӣ ва ташаккули системае, ки ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ бошад, мусоидат мекунад.

Азбаски дар марказҳои таълимӣ ба воситаи технологияҳои нави таълимӣ, барои омода кардани корҳои эҷодӣ дар таҳсилоти иловагӣ ҳама корҳои эҷодӣ дастӣ иҷро карда мешаванд, аз ҷумла, дӯхтани либосҳо, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, муҳрабофӣ, таъмири пойафзол, ки онҳо ҳуқуқ доранд, ба воситаи интернет корҳои эҷодии дигар муассисаҳои махсуси махсус ва ё таҳсилоти иловагиро омӯзанд. Дар ин бобат мо тасаввур карда наметавонем, ки агар дар назди ҳар як муассисаи таҳсилоти махсус таҳсилоти иловагӣ ҳамчун маҳфилҳои эҷодӣ васеъ истифода бурда шаванд, беҳтару хубтар мебуд. Бояд қайд намуд, ки корҳои эҷодӣ ба воситаи технологияи муосири онлайнӣ дар бештари муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сурат намегирад. Аз ин лиҳоз, мо корҳои эҷодии худро ба воситаи шабакаҳои интернетӣ хеле кам пайдо кардем. Ҳамин тавр, мо пешниҳод намудем, ки беҳтар мебуд агар дар ҳамаи таҳсилоти иловагӣ истифодаи технологияи таълими онлайнӣ васеъ ҷорӣ карда шуда, шабакаҳои интернетӣ пайваст карда шаванд ва бо ин воситаи дар ХИМ - дошта мутобиқшавӣ ба зудӣ анҷом дода мешавад.

Чорабиниҳои эҷодие, ки дар доираи таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешаванд, на танҳо ба васеъ кардани ҷаҳонбинии ХИМ - дошта ва гирифтани донишҳои нав нигаронида шудааст, балки барои муттаҳид

кардани ХИМ - дошта, мусоидат мекунанд. Доир ба ин чорабиниҳои эҷодиеро мисол овардан мумкин аст, масалан, барои мутобиқшавии ХИМ - дошта ба муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ роҳбари маҳфили мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони сустшунаво ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ М.Қосимова, барои инкишоф додани маҳорати эҷодии хонандагон аз рӯйи маҳфили «Муҳракашӣ» фаъолият мебарад. Дар маҳфили «Муҳракашӣ» ҳамагӣ 16 - нафар духтарон аз синфҳои гуногун ширкат меварзанд. Дар дарсҳои муқаддимавӣ ба хонандагон оид ба маҳфили «Муҳракашӣ» маълумот дода мешавад, ки муҳракашӣ ин ҳунарҳои мардумӣ буда, аз насл ба насл то замони мо омада расидааст. Ин ҳунарҳоро аслан мардуми кӯҳистони Кӯлоб ва Бадахшон зиёдтар истифода мебаранд. Мурдуми Ҳиндустон ва Африко аз ҳар гуна муҳраҳо дар либоси хуб то имрӯз барои зебо нишон додан истифода мебаранд. Дар чумҳурии мо низ аз муҳраҳо либосҳои занона омода мекунанд. Занҳо ҳамчун зару завар низ онро истифода мебаранд.

Хонандагони ношунаво аз муҳраҳо барои волидайн, омӯзгорон гарданбанд ва дастбанд, ки насаби онҳо дарҷ гардидааст, омода карда барои намоишгоҳҳо ва туҳфаҳо пешниҳод менамоянд. Инчунин, онҳоро ба воситаи онлайн ба дигарон барои намоиш пешниҳод мекунанд.

Ҳангоми татбиқи барномаҳои таълимӣ бо истифода аз технологияҳои таълимии онлайнӣ муошират рӯ ба рӯ байни як гурӯҳи ХИМ - дошта ва роҳбарони маҳфил аксар вақт дастнорас намегардад. Ин мушкилот моро водор менамояд, ки барои фаъолияти ЗЭ гуруҳӣ ХИМ - дошта унсури мусобиқаро истифода намудан мумкин аст, ки аксар вақт дар тарбияи фардии хонагӣ норасоиҳо мавҷуд ва инчунин, барои татбиқ кардани қисмҳои алоҳидаи ҷараёни умумии маҳфилҳои эҷодӣ унсурҳои мусобиқавиро низ ҷорӣ кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки таҳсилоти иловагӣ яке аз созмондиҳандагони озмуни корҳои ЗЭ меҳнатӣ мебошад, дар он ХИМ - дошта аз муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин

хонандагони дорои таҳсилоти махсуси эҳтиёҷот, азхудкунии барномаҳои таълимӣ бо истифода аз онлайн ба воситаи технология корҳои эҷодӣ дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунад. Яъне дар ин озмун дар баробари ҳамсолони солим ХИМ - дошта низ ширкат варзиданд. Ҳарчанд арзёбии корҳои ЗЭ барои ин гурӯҳи ХИМ - дошта дар алоҳидагӣ сурат гирифт, иштирокчиён имкон доштанд, ки сатҳи корҳои якдигарро дар сайти озмун баҳогузорӣ кунанд, саволҳо диҳанд ва ба саволҳои аз рақибон расида ҷавоб диҳанд. Ҳар як корҳои эҷодӣ на танҳо як гузориши матнӣ ва презентатсияи хомӯш буд, балки бо маводи видеоӣ ё аудиоӣ ҳамроҳӣ мешуд, ки дар он иштирокчӣ кори худро намоиш медод.

Бо вуҷуди ин, машғул шудан ба корҳои эҷодии онлайнӣ ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки дар озмунҳои умумиҷаҳонӣ низ ширкат варзанд ва урфу одатҳои миллии худро муаррифӣ намоянд. Корҳои фаъол ва пурмаҳсул оид ба корҳои ЗЭ мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ аллакай як қадами муҳим дар самти фарогирии онҳо бошад ва бо ин воситаи фаъолият мутобиқшавӣ дучанд зиёд мегардад.

Вақте ки сухан дар бораи озмунҳо дар сатҳи маҳфилҳои эҷодӣ меравад, мо доир ба чорабиниҳое, ки таҳсилоти иловагиро дар сатҳи муассисаи таълимӣ таъмин менамоянд, сухан меронем. Агар дар бораи фаро гирифтани ХИМ - дошта ба маҳфилҳои эҷодӣ сухан гӯем, бояд ба чорабиниҳое, ки дар якҷоягӣ бо дигар муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешаванд, диққати махсус дода шавад.

Мо пешниҳод менамоем, ки ХИМ - дошта бо тариқи онлайн на танҳо бо мафҳуми маҳфилҳои эҷодӣ ошно шаванд, балки бо рӯзгори бузургоне, ки мубталои маъюбӣ буданд ва дар рушди илму санъат саҳм гузошта, пешравиҳо кардаанд, ошно шаванд ва ба хулосае оянд, ки ҳама одамон дар ҷаҳон баробарҳуқуқ буда ва эҷодкорӣ принсипи муттаҳидкунандаи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба воситаи онлайн чорабиниҳо: шеърҳо, сурудҳо бо забони имову ишора иҷро кунанд, асосҳои забони имову ишораро омӯзанд, байни хонандагони ношунаво

ва дигар хонандагон корҳои эҷодӣ омода карда, ба намоиш гузоранд ва дар ҷамъбаст маҳфили дӯстӣ барпо карда шавад. Ин муошрати ошкоро, шодмонӣ ва осон байни ХИМ - дошта ва ҳамсолони солими онҳо аз ташкилотҳои гуногуни таълимӣ, ки роҳбарони маҳфил ва кормандони таҳсилоти иловагӣ дар маркази эҷодкорӣ метавонанд ба ҳадафи гузошташудаи он ноил шаванд. Унсурҳои фарогирӣ ба қадри имкон барои ҳамаи иштирокчиёни рӯзи таҳаммулпазирӣ аз ҷиҳати равонӣ амалӣ хоҳад шуд.

Ҳангоми татбиқ намудани барномаҳои таҳсилоти иловагӣ бо истифода аз технологияҳои онлайнӣ, фарогирӣ аксар вақт танҳо дар таҳсилоти иловагӣ имконпазир аст. Кормандони таҳсилоти иловагӣ барои ноил шудан бо маҳфилҳои эҷодӣ барои дарёфти роҳҳу воситаҳои ҳамкории фарогир дар айни замон фарқи се қисмати муомиларо байни хонандагони солим ва ХИМ - дошта, ки омили асосии раванди таҳсилоти иловагӣ мебошад, мегузоранд, ба монанди: чорабиниҳои идона дар шуъбаи дурдаст, фаъолияти ЗЭ ва фаъолиятҳои таҳсилоти иловагӣ.

Айни замон дар як самт кори фаъол идома дорад, мо омодаем, ки бо ҳамкасбон таҷрибаамонро мубодила кунем, ки чӣ кор карда метавонем, аммо мутмаин ҳастем, ки мо тамоми имкониятҳоро надорем, ки ҳамкориро бо технологияи онлайнӣ дар чаҳорчӯби пажуҳиш идома диҳем. Мо дар ин замина ба воситаи онлайн чорабиниҳоро дар шуъбаҳои дурдаст муаррифӣ мекунем, фаъолияти эҷодии худро дар маҳфилҳои мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ дар таҳсилоти иловагӣ арзёбӣ менамоем.

Муҳаққиқон дар бораи мутобиқшавӣ ва рушди ХИМ - дошта сухан ронда, асосан ба масъалаҳои марбут ба таҳсилоти иловагӣ барои рушди ҳамаҷонибаи ХИМ - дошта на танҳо барои маҳфилҳои эҷодӣ малакаҳои эҷодӣ, муошрати ӯро инкишоф дода, инчунин, барои тавсеаҳои

муошират ва робитаҳои иҷтимоӣ ба тариқи онлайн шароит фароҳам овардан муҳим аст.

Маҳз таҳсилоти иловагӣ ҳамаи ин мушкилотро ҳал мекунад ва амалан бемамониат ба ХИМ - дошта барои санҷидани ҳама гуна намуди фаъолият, инкишоф додани қобилиятҳои ЗЭ ва дар муҳити ҳамсолони муътадил инкишофёбанда ба муваффақиятҳо ноил мегардад. Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо фаро гирифтани ХИМ - дошта фаъолона машғул ҳастанд. Муассисаи мазкур корҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатиро ба роҳ монда, дар байни баъзе оилаҳои шаҳри Душанбе бо тариқи онлайнӣ шароитро фароҳам меоварад, то ки онҳо тавоноии эҷодии худро пурра ошкор созанд.

Дар ин марказ дар айвони муассиса пандус мавҷуд аст, дарҳояшон ба осонӣ кушода мешаванд, инчунин барои занг задан шахси мутассадӣ вазифадор карда шудааст. Агар зарур бошад ХИМ - дошта дар дохили бино ёрӣ мерасонад. Бино чунин муҷаҳҳаз карда шудааст, ки ХИМ - дошта новобаста аз нуқсонҳояшон дар атрофи ин муассиса озодона ҳаракат мекунанд. Бино дуошёна буда, бо лифт (мошинаи болофуро дар иморатҳои серошёна) муҷаҳҳаз карда шудааст, лекин ҳамаи чорабиниҳои дар ошёнаи якум гузаронида мешаванд, ки ин барои ХИМ - дошта хеле хуб аст. Мо барои боз ҳам беҳтар шудани фазои иҷрои корҳои эҷодии муассиса ба онҳо низ ташкили маҳфили фаъолияти онлайниро пешниҳод намудем. Дар ин самт беш аз 60-нафар ХИМ - доштаро бо хизматрасонии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта, аз ин шумора се хонандаи узвҳои мушак-ҳаракат мушкилидошта (як даст кор намекунад, почаро кашида мебарад, 12-нафар боқимонда дорои синдроми аутизм ва нуқсонҳои нутқ, сустшунаво ва босираашон суст) мебошанд. Дар ин маҳфил роҳбари маҳфил суҳбатҳо, машғулиятҳои амалии фардӣ ва гуруҳӣ мегузаронад. ХИМ - дошта ба нақшаи маҳфил шинос мешаванд ва тарзи омода кардани корҳои эҷодиро меомӯзанд. Хуб мебуд, ки

муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ҷараёни маҳфилҳои эҷодӣ сараввал роҳбари маҳфил дар бораи фаъолияташон шинос мекарданд. Мавзуъҳое ба нақша мегирифтанд, ки аз уҳдаи ин кор баромада тавонанд, бо назардошти шароит, аз ҷумла, ба хонандагон ва ба худи онҳо дар амалӣ гардондани кори эҷодӣ ва баъд бо роҳҳои маҳдуди хаёлпардозӣ варианти беҳтарини интихоб намоянд. Ин имкон медиҳад, ки ХИМ - дошта шакли кор дар кадом шакл ва самти кори эҷодӣ қобилият нишон медиҳад ва барои ӯ то кадом оянда ҷолибтар бошад.

Ҳамаи ин ба он мусоидат мекунад, ки ХИМ - доштагон қобилиятҳои эҷодии худро ошкор созанд, ба осонӣ ба хонандагони муқаррарӣ мутобиқ шаванд, ғояҳо, фикрҳо ва таассуроти шахсии худро дар кумаки кори хонандагони дигари имкониятаашон маҳдуд истифода баранд, то ки дар якҷоя меҳнати худро қадр кунанд ва ба дигарон эҳтиром гузоранд. Пас аз иҷрои кори эҷодӣ суҳбат сурат мегирад, ки дар рафти он хонандагон кори эҷодии худро бо ҳамдигар нақл мекунанд, ки имрӯз чӣ кор карданд, чӣ бештар ба онҳо писанд омад, чӣ кор душвор буд ва дар охир беҳтарин кори эҷодии интихоб намуда, дар гӯшаи намоишгоҳ ҷойгир мекунанд. Ин ҳамчун шакли ҷамъбастӣ ва намунаи амали ҳавасмандкунанда зуҳур меёбад. Ҳар як ХИМ - дошта мехоҳад, ки кораш беҳтарин бошад, ҳама кӯшиш мекунанд, ки корро бодиққат иҷро кунанд ва фикру ақидаҳои худро амалӣ созанд, то ки кори анҷомдодаашон нисбати дигарон хубтару беҳтар ба намоиш бароварда шавад ё фарҳанги мусиқиашон хуб анҷом ёбад. Роҳбари маҳфил дар маҳфили эҷодии худ фазои бароҳатеро фароҳам меорад, ки ҳар як ХИМ - дошта худро роҳат бахш ҳис кунад мутобиқшаи осон мегадад.

Мутафаккири рус Н.В.Калинина дар мақолаи илмияш дарҷ менамояд, ки «Мутобиқшавӣ ва рушди шахсӣ якдигарро пурра мекунанд ва роҳҳои гуногуни худшиносиро фароҳам меоранд. Рушд вақте оғоз мешавад, ки байни талабот (қобилиятҳо)-и муҳит ва ниёзҳо (қобилиятҳо)-и шахс номувофиқӣ ба миён ояд. Ҷорӣ намудани таҳсилоти

фарогир дар муассисаҳои таълимии асосӣ талаботи мушаххаси муҳити иловагиро ба шахсият ва фаъолияти касбии хонандагон ба вуҷуд меорад, ки боиси номувофиқатии байни корҳои эҷодӣ, ниёзҳо ва қобилиятҳои шахс мегардад. Ин номувофиқатӣ боиси таҷрибаи вазъияти душвор мегардад. Бартараф кардани ин вазъияти душвор хусусиятҳои кор касбӣ ва шахсии онҳоро истифода мебарад ва ҳамкории динамикии байни шахс ва муҳитро таъмин мекунад. Ҳамкории оптималӣ имкон медиҳад, ки бо талаботи муҳити зист тавассути тағйироти дохилӣ, тағйироти муҳит ё омезиши ҳарду мувофиқат карда шавад» [331;178].

Дар утоқи маҳфилҳо бояд гулҳои зинда парваришёфта, расмҳои наққошон, корҳои эҷодии гузаштагон, фаъолияти бастакорон, ҳофизон, раққосон, инчунин, наққошиҳои худи роҳбари маҳфил муҷаҳҳаз шудааст. Утоқ бояд ҳамеша тозаю озода ва хушбӯй бошад, то ки аъзоёни маҳфил худро бороҳат ҳис намоянд. Дар чунин муҳит ХИМ - дошта худро як ҷузъи том эҳсос мекунанд, ки ин барои муносибатҳои онҳо хуб аст. ХИМ - дошта худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос мекунанд ва ба онҳо доштани ҳамсолони солим, ҳамдардӣ кардан, дар бораи одамони дигар фикр кардан, ба онҳо кумак кардан, ҳамчун шарики баробарҳуқуқ буданро меомӯзанд.

Ҳамин тариқ, корҳои ЗЭ дар таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилоти махсуси таҳсилотӣ ХИМ - дошта бо хонандагони солим дар реҷаи онлайн мутобиқшавии бо иҷтимоишавӣ ва мустақилияти онҳо мусоидат мекунад. Ин муҳит дар байни хонандагон таҳаммулпазирӣ, эҳтиром, инсондӯстӣ ва донишомӯзиро тарбия намуда, афкори ҷомеаро тағйир медиҳад ва ба хонандагон ҳамчун як шахси комилҳуқуқ муносибат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар тамоюли зиёд шудани шумораи ХИМ - дошта мушоҳида карда мешавад. Дар ҷамъияти ҳозира масъалаи иштироки ҳаматарафаи онҳо дар ҳаёти ҷамъияти торафт ба беҳбудӣ роҳ меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ХИМ - дошта

асосан дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ тарбия мегиранд, ки ба онҳо ҷомеа мусоидат мекунад. Омӯзгорон ва падару модарон тарафдорӣ ба гурӯҳи умумии ХИМ - дошта дар ҳаёт фаъолона иштирок кардани онҳо имконият медиҳанд.

Дар таҳсилоти иловагӣ, ки бо системаҳои анъанавии таълими махсус маҳфилҳои эҷодӣ сурат мегирад, таълими шумораи зиёди ХИМ - дошта ҳамгироии иҷтимоӣ ба ҷамъияти муосир ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Сабаби он аксар вақт аз ҷиҳати иҷтимоӣ шароит надоштани муҳити оилавии ХИМ - дошта ба ҳисоб меравад.

Пеш аз ҳама, муҳим он аст, ки дар системаи стандартии таҳсилоти ислоҳӣ (махсус) бо методикаи хуб таҳияшуда барои маҳфилҳои эҷодӣ шумораи ХИМ - дошта мутобиқшавии иҷтимоии шумораи хонандагон дар ҷаҳони муосир суст инкишоф ёфтааст. Мусаллам аст, ки шумораи ХИМ - дошта бо таҳсил дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва ба ҳаёт беҳтар мутобиқ мешаванд, тафовути аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ, махсусан назаррас хоҳад буд. Мутаассифона, иштироки ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Мисол, дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе - и ноҳияи Исмоили Сомонӣ ХИМ - дошта хеле кам ширкат меварзанд. Дар баъзе маҳфилҳо ХИМ - дошта тамоман иштирок намекунанд. Дар баъзеи дигараш танҳо як ё ду - нафар ширкат меварзанд. Дар маҳфилҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бо нақшаи пешакӣ омодакардаи муассиса бояд ҳамаи хонандагон ба маҳфилҳои эҷодӣ мувофиқи шавқу рағбат таъмин карда шаванд. Ба онҳо баъди хатми маҳфил шоҳодатнома дода мешавад ва барои интихоб кардани касб омода карда мешаванд.

Таҳсилоти иловагӣ барои фароҳамоварии касбинтихобкунии оянда, муҳити муштараки шумораи ХИМ - дошта бо хонандагони солим роҳбарони маҳфилҳо шароити мусоид таъмин менамояд. Барои ХИМ - дошта маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ, чунин фаъолияте ба

ҳисоб меравад, ки дар он истироҳати бо фароғат, шаклҳои навъҳои гуногуни корҳои ЗЭ -ро дар таҳсилоти иловагӣ бо ҷалби хоҳиши ҳамдигар меомӯзанд.

Ҷорӣ намудани таҳсилоти иловагӣ раванди мураккаб ва печида буда, барои қонеъ кардани талаботи худ дар баробари ХИМ - дошта хонандагони солим, волидон, роҳбарони маҳфил, омӯзгорони мактабҳои оммавӣ ва махсус, мутахассисони соҳаҳои гуногун низ таъсир мерасонад. Хонандагони солим на ҳамеша ХИМ - доштаро ба таври кофӣ дарк мекунанд. Хонандагони солим низ бояд эҳсос намоянд, ки ХИМ - дошта онҳое мебошанд, ки аз онҳо фарқ мекунанд. Чунин омӯзишро ҳам омӯзгорон ва ҳам волидон бояд гузаронанд.

Хонандагон услуб ва шеваи муоширатро аз волидайн қабул мекунанд, корҳои ЗЭ -ро аз роҳбари маҳфил меомӯзанд, таълим ва тарбияро аз омӯзгорон омӯхта, хонанда низ мисли волидонаш ба ХИМ - дошта муомила мекунад. ХИМ - дошта бояд тарзи дурусти муоширатро бо хонандагони солим ва волидайнашон омӯзанд. Зеро дар ҷараёни корҳои ЗЭ таҳсилоти иловагӣ муошират дар мадди аввал меистад. Агар барои иҷтимошавӣ ва мутобиқшавии ХИМ - дошта тамоми имконияту шароитҳо фароҳам оварем, мактабу ҷомеа, оила ва таҳсилоти иловагӣ ХИМ - доштаро нигарон ва ҳифз менамояд. Дар ин ҷо барои ҳавасмандгардонии хонандагон, пеш аз ҳама, корро бо волидайнашон шуруъ бояд кард, зеро танҳо аҳли хонавода медонанд, ки фарзандаш ба кадом навъи маҳфил шавқу рағбат дорад. ХИМ - дошта дар муассисҳои умумӣ таълим дода мешавад, танҳо бо розигии волидайн барои дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ иштирок кардан ҳуқуқ доранд, лекин хонандагоне, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ иштирок мекунанд, бо хоҳиши худи хонанда ба таҳсилоти иловагӣ сафарбар мегардад.

Барои пешгирии тарсу ҳарос дар ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои ҳамаи иштирокчиёни фарогиршуда баҳри

рушду таҳсили бомаромашон шароити муносиб фароҳам овардан зарур аст. Барои омӯхтан ва аз худ кардани корҳои ЗЭ омодагӣ шудан ба ҳаёт дар муассисаи давлатии «Мактаб - интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуддошта» -и №3, 101**,** ХИМ - дошта, ба таҳсилоти фарогир дохил мешаванд. Дар маҳфилҳои таълими меҳнат, расмкашӣ ва таълими мусиқии онҳо ба корҳои зеҳнӣ машғул шуда, барои сайқал додани савияи дониш дар таҳсилоти иловагӣ ширкат меварзанд. Хуб мешуд, ки дар ин муасисаҳои махсуси таҳсилотӣ воситаҳои онлайн ташкил карда, ХИМ - дошта боз ҳам бештар барои намоиш додани самараи корашон ва омӯхтани корҳои эҷодӣ ҷалб мешуданд, мусобиқаҳо ташкил карда, шавқмандии онҳоро бедор намоянд.

Мавҷудияти тақсимоти вазифаҳо барои ХИМ - дошта ва хонандагони солим аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси раванди фарогир дар ғояи фарқиятҳои назаррас байни иштирокчиёни раванди таҳсилоти иловагӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Комилан равшан аст, ки ХИМ - дошта иштирокчиёни гуногуни раванди фарогирӣ буда, иштирок дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ доранд, аммо ин ба мо монеа шуда наметавонад, ки ниёзҳои фарҳангии онҳоро умумӣ баррасӣ намоем.

Дар акси ҳол, онҳо дар таҳсилоти иловагӣ дар як фазои таълимӣ хоҳанд буд. Он гоҳ таҳсилоти фарогир моҳияти худро гум намекунад. Дар баробари ба таълим фаро гирифтан дорои шаҳодатномаи касбӣ мегарданд. Бо ҷорӣ намудани стандартҳои нави ҷумҳуриявии давлатии таълим нақши корҳои беруназсинфӣ меафзояд, чунки таҳсилоти иловагӣ дар аввал ба рушди шахсияти ХИМ - дошта нигаронида шудааст.

Иштирок дар фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ воситаи универсалии рушди қобилиятҳои шахсии ХИМ - дошта буда, инкишоф додани малакаҳои муоширатӣ, ҳамкорӣ, мутобиқсозӣ ва иҷтимоӣ кардани онҳо дар ҷомеа мебошад, ки ба таври табиӣ ба раванди корҳои ЗЭ дар таҳсилоти иловагӣ дохил карда шудааст.

Ба истифодаи фаъолияти корҳои зеҳнию эҷодии мусиқӣ, расмкашию меҳнатӣ ба мақсадҳои ифшо додани тарбияи зебоипарастӣ, ахлоқӣ, ақлӣ ва ҷамъиятии хонандагон шавқу рағбати онҳо дар кори олимону муҳаққиқон мушоҳида мегардад.

Кори иттиҳодияҳои эҷодӣ ба ХИМ - дошта барои намоиш додани истеъдоди худ кумак мерасонад. Яке аз самтҳои фаъолияти эҷодӣ дар маҳфилҳои мусиқӣ, расмкашӣ ва эҷодиёти меҳнатӣ мебошад. Иштирок дар маҳфилҳои ЗЭ хонандагонро дар руҳияи дӯстӣ, ҳамбастагӣ, кумаки якдигар ва сабру таҳаммул ҳидоят менамояд.

Тавассути фаъолиятҳои эҷодӣ ХИМ - дошта ба ташаккул додани малакаҳои зарурӣ барои зиндагӣ дар ҷомеа шуруъ мекунанд ва ба муҳити зистро мутобиқ шудан меомӯзанд. Ин ба онҳо кумак мекунад, ки эҳтиром ба дигарон ва эътимод ба худ дошта бошанд. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ба ХИМ - дошта барои ошно шудан ба қобилиятҳои худ кумак мекунад. Инчунин, ХИМ - дошта дар ҷараёни корҳои ЗЭ ва аз худ кардани малакаҳои барои ҷомеаи муосир зарурӣ шуруъ мекунанд. Онҳо барои рушд ва қобилият мутобиқ шудан ба муҳити зист, ки дар ХИМ - дошта эҳтироми дигаронро мепарварад, ба ташаккули ҳисси эътимод ба худ мусоидат мекунад.

Агар дар давоми корҳои ЗЭ ХИМ - дошта малакаҳои муоширатро аз худ карда тавонанд, пас мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии онҳо дар ҷомеаи муосир пуршиддаттар аз нигоҳи вақт ва оромтар эҳсосӣ ва равонӣ хоҳад буд.

Шиддатнокӣ дар раванди кор бо воситаи онлайн бо ёрии эҷодкорӣ аз ҷиҳати эҳсосотӣ аз байн меравад ва дар байни иштирокчиён фарқият вуҷуд дорад, ин дар муқоиса бо ҳозирон ба вуҷуд меоянд. Дар раванди корҳои ЗЭ тавассути барномаи онлайнӣ шармгинӣ нисбат ба нуқсонҳои хонандагон дар таҳсилоти фарогир аз байн меравад, дар онҳо зуҳуроти шавқмандӣ ба вуҷуд меояд. Қабул кардани ҳолати эмотсионалии ХИМ - дошта дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ омӯхта мешавад, қобилияти

корҳои ЗЭ ташаккул дода мешавад ва баён кардани эҳсосот барои аз худ кардани онҳо замина ба вуҷуд меорад.

Таҳсилоти минбаъда на танҳо ба рушди қобилиятҳои ЗЭ, балки ба шумо кумак мекунад, ки худ ва дигаронро беҳтар фаҳмед. Дар раванди таҳсилоти иловагӣ мо метавонем ба ҳамдигар кумак карданро ёд гирем, ки ин барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд мусоидат мекунад. Қобилият, фаҳмиш ва ҳиссиёти ХИМ - доштагонро дар таҳсилоти иловагӣ хуб меомӯзем. Муҳим аст, ки мо ҳиссиёт ва эҳсосоти ХИМ - доштаро фаҳмем ва эҳтиром кунем. Ин ба мо кӯмак мекунад, ки бо дигарон беҳтар муошират кунем ва дар ҷомеа муваффақ шуда корҳои эҷодии омодашударо ба дигар мамлакатҳои ҷаҳон муаррифӣ карда тавонем.

Воситаи асосии педагогӣ ва психологӣ дар инкишоф додани ХИМ - дошта дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ ташаккул додани фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатиро роҳбари маҳфил аз рӯи мавзуи пешниҳодкардаи нақшаи корӣ омода месозад. Ба ХИМ - дошта имконият хоҳад дод, ки ба воситаи фаъолиятҳо эҳсосоти худро баён кунанд ва кӯшиш кунанд, ки дигаронро низ эҳсос намоянд. Барои пешгирӣ кардани мушкилот дар корҳои эҷодӣ бо роҳбари маҳфил, омӯзгорон, ҳамсолон ва калонсолон барои кумак эҳтиёҷот доранд, баррасӣ намоянд.

Илова бар ин, роҳҳо ва усулҳои педагогӣ, иҷтимоӣ, психологӣ вобаста ба ин бозиҳои ЗЭ дар маҳфилҳои мусиқӣ ин машқҳое ба ҳисоб меравад, ки ба тариқи онлайн ҷалб намудани хонандагон, ба ташаккул додани малакаи шунидани ҳамсуҳбат, ба созиш расидан дар бораи инкишоф додани зуҳуроти ғайрирасмӣ, дар шаҳру ноҳияҳо, қобилияти ба вуҷуд овардани баҳсҳо на бо роҳи баромадан аз вазъияти низоъ, инчунин, усулҳо ва роҳҳои дар вазъиятҳои душвор мутаносибан ба он нигаронида шуда буданд. Мутобиқшавии ХИМ - доштаро тавассути

муошираты байниҳамдигарӣ дар муносибати онлайнӣ мушоҳида намудем.

Мақсади кори илмӣ ба ХИМ - доштагон ташаккули донишу малакаи эҷодӣ, инчунин, баррасии маълумотҳо барои рушди соҳаи таҳсилоти иловагӣ мебошад. Фаъолияти ХИМ - дошта ин аз он сабаб муҳим аст, ки ин раванд мураккаб буда, аз муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ, ки ба ихтисоси омӯзгорӣ машғуланд, дониш ва маҳорату малакаҳои муайяни эҷодиро талаб мекунад.

Дастгирии роҳбари маҳфил бояд мувофиқ бошад. Дар ҷараёни кор, барои таъмини самаранокии корҳои ЗЭ тамоми паҳлуҳоро назорат кардан лозим аст. Маводҳои эҷодӣ бояд барои ҳамаи ХИМ - дошта ҷолиб бошанд. Интихоби мавод бояд ба ҳадафҳо ва вазифаҳо мувофиқат кунад. Дар раванди маҳфилҳои эҷодӣ, таҳсилоти махсус иловагӣ ва кор бо хонандагон, аз ҷумла, ХИМ - дошта аз муносибати манфӣ ва тамасхур кардани онҳо канорагирӣ мекунанд. Агар корҳои эҷодӣ хеле хуб анҷом дода шавад, дар муошират хонандагон кӯшиш мекунанд, ки кам сухан гӯянд.

Дар хонандагони солим хислатҳои масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, фаъолият ва мустақилият бештар ташаккул меёбанд. Ба онҳо бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ бурдан лозим аст, ки ба ХИМ - дошта тез мутобиқ шаванд, муошират, ҳамкориро ҷиддитар ва муносибатро дуруст ба роҳ монад, аз онҳо канорагирӣ накунанд, дар вақти муноқишаҳо кӯшиш намояд, ки ХИМ - ро ором намоянд. ХИМ - дошта дар чунин муносибат малакаҳои муоширатӣ ва эътимод ба худ пайдо мекунанд. Ҳамкории педагогии фаъолияти эҷодӣ дар универсалӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва имкониятҳои ислоҳии онҳо мебошад.

Назарияи мутахассисони ватанӣ Х.Зеваров, Ш.Мирсаидова, Ҷ.Ҷураев дар масъалаи кӯдакони ношунаворо бештар фаъолият намуда, чунин ақидаро барои пешрафти ин кудакон пешниҳод менамояд: «Барои муошират бо кӯдакони ношунаво теъдоди муайяни имову ишора

истифода бурда мешавад. Дар байни худи ношунавоён барои муошират байниҳамдигарӣ забони имову ишора ба кор бурда мешавад, ки сохтори овозӣ иттиллооти он хеле мураккаб буда, аз ишораҳои табии одамони солим фарқ дорад» [122;107].

Дар ин ҷо барои ХИМ - дошта шароити махсус фароҳам оварда шудааст, то рушду таҳсилоти иловагии онҳо дар муҳити фарогир таъмин карда шаванд. Шароити рушди иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ дар ҷомеа тавассути муошират солими байни хонандагон, мутахассисон ва қабули ХИМ - дошта фароҳам оварда мешавад.

Дар баробари ин, як қатор мушкилотҳои мушахаси ХИМ - доштаро ҳал кардан лозим аст, аз ҷумла: ба кори муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҷойи корҳои ЗЭ дар самти мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ инкишофи фаъолияти нутқ, малакаҳои муошират, шароитҳои иҷтимоиро, ки барои зиндагии хонандагон дар ҷамъияти муосир заруранд, дохил кардан зарур аст. Намунаҳои мусбати таҷрибаҳои фарогир, ки дар доираи фаъолияти мустақими таҳсилоти иловагӣ барои ХИМ - дошта амалӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин, нисбат ба ХИМ - дошта як қатор вазифаҳои мушаххасро ҳал кардан лозим аст, аз қабили: иштирок дар маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ, меҳнатӣ дар таҳсилоти иловагӣ барои инкишоф додани ислоҳи нуқсонҳои нутқ, маҳорат ва малакаҳои муоширатӣ, иҷтимоӣ, ки барои ХИМ - дошта дар ҷомеаи муосир ҳаёт ба сар мебаранд, муҳим аст. Намунаҳои мусбати амалияи фарогир, ки дар доираи фаъолияти бевоситаи таҳсилоти иловагӣ ХИМ - дошта иҷро карда мешаванд.


Мувофиқиятҳои таҳсилоти иловагӣ дар системаи раванди таълиму тарбия ба таври махсус ташкил карда шудааст ва ба ХИМ - дошта аз ҳама гуногунтарин усулҳои қонеъкунандаи талабу рағбатҳои эҷодиро фароҳам оварда, дар онҳо хусусиятҳоеро ташаккул медиҳад, ки ба ҳар гуна намудҳои корҳои ЗЭ бо дилбастагӣ муносибат намоянд. Ин ҳолат

боиси он мегардад, ки ба кадом соҳа рағбат доштани ХИМ - ро муайян карда, дар фаъолияти пурҷӯши ӯ комёбӣ ба даст оварда шавад.

Хусусиятҳои фаъолияти эҷодӣ дар таҳсилоти иловагӣ дар шароити муосир кадомҳоянд? Таълими иловагӣ алоқаи муассисаҳои таълимии махсусро бо ҳаёт мустаҳкам менамояд. Дар солҳои охир доираи фаъолияти он бо роҳи алоқа бо иттиҳодҳои меҳнатӣ ва коллективҳои эҷодӣ хеле васеъ ва мазмунан хеле бой гардидааст. Ташкили таҷрибаҳои идеявию сиёсӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, фаъолияти эҷодии ХИМ - ро баъзан манбаи фаҳмидан ва дар амал татбиқ намудани донишҳои дар таҳсилоти иловагӣ гирифташуда мегардад.

Таҳсилоти иловагӣ талаб намекунад, ки ХИМ - дошта танҳо дар асоси хоҳишу майлу рағбатҳои худ чӣ кор карданро интихоб намоянд. Аз ин рӯ, роҳбарони маҳфил ҳангоми ташкили корҳои ЗЭ дар таҳсилоти иловагӣ бояд якчанд қоидаҳоро риоя кунанд. Аз ин лиҳоз, ба гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ меоварем: «Имрӯз дар ҷаҳон рушди илму технология ва ҷараёни таҳсилоти иловагӣ суръати рӯзафзун пайдо кардани корҳои эҷодӣ шуда истодааст ва табиист, ки мо низ аз ин раванди пешрафту тараққиёти соҳаи маориф ҷаҳони мутамаддин дар канор буда наметавонем» [14;3].

Вазифаи роҳбари маҳфилҳо инҳоянд:



Дар заминаи ташкили таҳсилоти иловагӣ дар баробари корҳои эҷодӣ қайд намудан ба маврид аст, ки чорабиниҳои сиёсии миллӣ нақши басо муҳим доранд. Ҳама гуна корҳои ЗЭ -ро дар идҳои миллӣ бо комёбиҳову арзишҳои давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ягона алоқаманд намудан лозим аст, то ки дар ХИМ - дошта нисбати халқу ватан ҳисси ифтихори миллӣ устувор гардад. Дар айни замон, ХИМ - дошта бояд ба фаъолияти шахсии худ баҳо дода, зарурияти қатъият ва беҳтар намудани корҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатиро дарк кунанд.

Барои мутобиқшавии ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ системаи умумии тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ оид ба корҳои эҷодӣ низ нақши воқеӣ мегузоранд. Ин намуди маҳфилҳои эҷодӣ аз тарафи роҳбари маҳфил гузаронида мешавад, ки ин қобилиятҳо ҳамчун таҳсилоти иловагӣ дар қасрҳои маданӣ бургузор мегардад, инчунин дар ин маҳфил ихтироъкорони ҷавон ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Солҳои охир ташкили кори тарбиявии берун аз муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дар ҷойи истиқоматии ХИМ - дошта бештар вусъат ёфтааст. Онро бештар муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, идораву муассисаҳо ташкил мекунанд. Ба таҳсилоти иловагӣ то андозае кори тарбиявии ХИМ - ро дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дохил кардан мумкин аст.

Арзишмандии таҳсилоти иловагӣ ва самаранокии онҳо аз бисёр ҷиҳат ба риояи як қатор талаботҳо вобаста аст. Пеш аз ҳама, мақсаднокии раванди корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дар руҳияи сиёсии ин машғулиятҳо таъмин намудан лозим аст. Ҳангоми интихоби шаклу методҳои корҳои ЗЭ таҳсилоти иловагӣ дар ҷараёни банақшагирӣ ва ташкили он дер вақти ҷамъбасти натиҷаҳо ин талаботҳоро риоя кардан мумкин аст. Машғулиятҳои таҳсилоти иловагиро ташкил карда, ба кори он бояд роҳбарӣ намуд, то ки худогоҳии миллии онҳо рушд ёбанд.

Пеш аз ҳама, зимни ташкили ЗЭ таҳсилоти иловагӣ, ки аз тарафи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ гузаронида мешавад, таҳти назорати роҳбари маҳфил одатан қисмати корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ, барномаи умумии муассисаҳои махсуси тахсилотӣ тайёр шуда, онро ба нақша медароранд. Дар заминаи ҳамкории зич бо директори муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва ҷонишини ӯ оид ба корҳои эҷодӣ вазифаҳои асосии тарбияро дар соли ҷорӣ муайян мекунанд, намудҳои асосии фаъолиятеро, ки ХИМ - дошта ба он ҷалб карда мешаванд, дида мебарояд ва чорабиниҳои асосии тарбиявиро дар ҳудуди муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ пешбинӣ мекунад. Минбаъд роҳбари маҳфил иҷрои барномаро назорат мекунад ва натиҷаи корҳои эҷодиро ба ҳисоб мегирад.

Роҳбари маҳфил бо мақсади истифодаи таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ хонандагонро аз сарчашмаҳои нави педагогӣ тавсия диҳад, рафти муҳокимаи корҳои эҷодиро аз назар мегузаронад. Дар заминаҳои ҳамкорӣ бо директори мактаб ва роҳбари маҳфили муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳамаи ХИМ - доштаро ба гузаронидани корҳо ҷалб менамоянд. Хуб мешуд агар, роҳбари маҳфил ба яке аз қисматҳои корҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ корҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва эҷодӣ ҳамкорӣ намояд. Дар ин шароит ӯ метавонад боз ҳам бештар ба корҳои эҷодии муассисаҳои иловагӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ таъсир расонад.

Омӯзгорон, роҳбари синф бо тавсияҳои роҳбари маҳфил одатан оид ба роҳандозии донишҳои педагогӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарон корҳои зиёдеро ба анҷом расонад. Бо ин мақсад бо волидайни хонандагон лексияҳо, суҳбатҳо ва машваратҳои педагогӣ ба роҳ монда мешавад. Омӯзгорон, роҳбари синф бо шартнома ҳуқуқи роҳбари маҳфил мувофиқи ихтисос ва самт шуданро дорад.

Роҳбари маҳфил дар фаъолияти худ, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва берун аз он сурат мегирад, ба ташкилотҳои ҷамъиятии

муассисаи таълимӣ такя мекунад. Ӯ барномаи худро ба нақшаҳои онҳо вобаста намуда, барои гузаронидани корҳои оммавии беруназсинфӣ фаъолона иштирок мекунад.

Мо бо ин мақсад таҳқиқоти худро дар корҳои эҷодии муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе низ доир намудем. Ин муассиса ҳамасола дар баробари хонандагони солим ХИМ - доштаро низ қабул мекунад. Ҳангоми ба муассисаи таҳсилоти иловагӣ қабул кардани ХИМ - дошта нисбати корҳои эҷодкардаашон пайгирона арзёбӣ карда мешавад. Дар айни замон дар муассисаи номбурда дар маҳфилҳои меҳнатӣ, корҳои эҷодӣ, «Шоҳмот», «Дӯзандагӣ», «Пазандагӣ», «Зардӯзӣ», «Гулдӯзӣ», «Челонгарӣ», «Атласбофӣ» бомуваффақият фаъолият мекунад. Дар маҳфилҳо 270 - нафар хонандагон иштирок мекунанд, ки бо вуҷуди дорои нуқсонҳои нутқ, чапдаст, сустшунаво, вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ ба навохтани таблак, дойра, най, хондани суруд, рақс, кашидани расмҳо фаъолият дорад, ки дар он ҳамагӣ 60 - нафари ХИМ - дошта шомиланд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин муассиса ХИМ - дошта дар маҳфили меҳнатӣ ширкат меварзиданд, мутобиқшавии онҳо каме ба ақидаи роҳбари маҳфил ба душвориҳо дучор шуда буданд. Аз рӯйи назарияи роҳбарони маҳфил бештари ХИМ - дошта тез дилмонда шуда, баъд аз 2-3 ҳафта аз ЗЭ даст мекашанд. Душвории онҳо ин буд, ки онҳо ба хонандагони солим корҳои эҷодиро ба итмом мерасониданд. Дар аввал ХИМ – дошта бо хонандагони солим дар мутобиқшавӣ аз нуқсони худ шарм карда, канорагирӣ мекарданд. Дар муошират бештар бо ХИМ - дошта худ суҳбатҳо ороста, кӯшиш мекарданд, ки корҳои эҷодиро бо дастгирии якдигар ба итмом расонанд.

Хурсандиовар аст, ки имрӯз бо дастгирии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфтааст. Хонандагони солим дар муассисаҳои таҳсилотӣ дар якҷоягӣ бо ХИМ - дошта таълим дода мешаванд ва аз аҳволи онҳо бохабаранд. Аз

ин лиҳоз, хонандагони солим кӯшиш намуданд, ки барои мутобиқ шудани ХИМ - дошта дар рафти дарсҳо шароитҳо фароҳам оваранд. Корҳои зеҳнию эҷодии худро дар ҳар як маҳфил аввал аз ХИМ - дошта ба назар гирифта, сипас аз хонандагони солим баррасӣ мегардид. Бо ҳамин восита онҳо ба осонӣ бо якдигар унс гирифта, то имрӯз мададгори якдигаранд [14;3].

Машғулиятҳои мунтазам дар маҳфилҳо ба инкишофи ҳаматарафаи шахс зеҳнӣ, ҷисмонӣ, эҷодӣ, зебоипарастӣ мусоидат мекунанд. Дар рафти кори маҳфилҳо ба хислатҳои фардии ҳар як иштирокчӣ, эҳтиёҷот ва маҳдудиятҳои вобаста ба саломатии вай диққати махсус дода мешавад. Роҳбари маҳфил дар системаи таълими иловагӣ аз рӯзи аввал шароит муҳайё мекунад, ки дар он ҳамаи ХИМ-дошта сарфи назар аз аҳволи саломатиашон бо ҳамдигар муошират ва муомила карда тавонанд. Онҳо метавонанд, ёрӣ пурсанд дар бораи фаъолияти якҷоя розигӣ диҳанд, натиҷаҳои кори худро муҳокима кунанд ва ғайра.

Қайд кардан бо маврид аст, ки вазифаи роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ баланд бардоштани корҳои эҷодии ХИМ-дошта буда, ба воситаи онлайн намоиш додани ихтироъкорӣ ва ғанӣ гардонидани шаклу усулҳои ҷараёни корҳои тарбиявӣ аз таҷрибаи якдигар баҳра гирифта, бо ин раванд ҷойи асосиро ишғол менамоянд.

2.3. Салоҳияти касбии роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд

Барои пешрафии ХИМ-дошта дар ҷомеаи имрӯза ташаккул додани завқи корҳои ЗЭ аҳаммияти муҳим дорад. Талаботи эҷодкорӣ ба ХИМ-дошта на танҳо барои интихоби касб, балки дар ҳаёт нақши зарурӣ доштани он аз фоида холӣ нест. Худомӯзӣ дар фаъолияти роҳбари

маҳфил ба маҳорату қобилияташон аст, ки ин фаъолиятро ба ду ҷузъи раванди эҷодӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Эҷодиёт муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро дар ХИМ - дошта таҷассум менамояд. Қобилияти доимӣ масъалаи нав андеша намудан ва аз худ кардани маҳорату малакаро ба таври бояду шояд истифода бурдан лозим аст. Хусусиятҳои асосии қобилиятҳо, аз қабили суръати дарк, возеҳии ақл, асолати тафаккур, кунҷковӣ ва амиқӣ ба шумор меравад, ки ин сифатҳо ҳамчун воситаи рушди нерӯи зеҳнии роҳбари маҳфил дарак медиҳад.

Суръати дарк -қобилияти зуд иваз кардани ғояҳои гуногун ва татбиқи як маълумот дар контекстҳои гуногун мебошад;

Возеҳии шуур -бо забон маҷмӯи малакаҳои хуб таҳия кардашуда метавонад аз як идея ба идеяи дигар гузаштани хонандагонро осон гардонад;

Асолати тафаккур -ба ин қобилият, пеш аз ҳама ғояҳои наве дохил мешавад, ки аз идеяҳои қабулшудаашон ба куллӣ фарқ карда меистад;

Кунҷковӣ -ин яке аз қобилияти кашф намудани хонандагон мебошад, ки барои кушодани чизҳои нав истифода бурда мешавад;

Амиқӣ -қобилияти такмил додан ва анҷом додани лоиҳаҳои эҷодӣ мебошад;

Далерӣ -ин қобилияти қабули қарорҳои қатъӣ дар шароити номуайян, ҷамъбасти хулосаҳои худ ва дидани кор то охир аст. Ин махсусан барои ХИМ - дошта хеле муҳим аст.

Барои дар ХИМ - дошта инкишоф додани қобилиятҳои ЗЭ дар таҳсилоти иловагӣ аз усулҳои махсуси ташакул намудани тафаккури эҷодӣ дар таҳқиқоти худ пурмаҳсул истифода бурда шуд. Оид ба фаъолияти эҷодӣ мо дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ сухан ронда, барои ХИМ - дошта шароитҳо муҳайё сохтем, то ин ки барои ташаккул додани ба хусусиятҳои дар боло зикршудаи корҳои эҷодии хонандагон мусоидат намоем. Агар оид ба корҳои эҷодиёт дар ҷараёни таҳсилоти иловагии

ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ сухан ронем, ин ҷо, пеш аз ҳама фаъолияти роҳбари маҳфил ва ҳам хонандагонро ба инобат бояд гирем.

Маҳорати муносибати эҷодкоронаи роҳбари маҳфил вобаста аз маҳорати кор карда баромадани ҷараёнҳои наву шавқовари таҳсилотҳои иловагӣ, ки ин боиси ворид шудан ба барномаю стандартҳои таҳсилоти иловагӣ мебошад.

Дар марҳилаи аввал роҳбари маҳфил саъю кӯшиши худро барои бой гардонидани тафаккури ХИМ - дошта равона мекунад ва аз сарчашмаҳои илмӣ истифода бурда, барои ҳамаҷониба ташакул додани тафаккури эҷодии онҳо роҳу усулҳои педагогиро ба роҳ мемонанд ва доираи тасаввуротро васеъ менамоянд. Асоси ин фаъолият, муносибати хайрхоҳона ба ХИМ - дошта буда, хоҳиши кумак кардан ва ташаккул додани қобилиятҳои ЗЭ хонандагон мебошад.

Албатта, ҳамаи ХИМ - доштаро новобаста аз оне ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ иштирок мекунанд, якбора шахсияти эҷодкор тарбия кардан ғайриимкон аст.

Новобаста аз он роҳбарони маҳфил бояд кӯшиш намоянд, ки эҷодкорӣ барои ХИМ - дошта барои оянда бурдани ҳаёти мустақилона онҳо зарур аст. Сарчашмаҳои истифодашуда моро водор менамояд, ки барои инкишоф додани қобилияти ЗЭ ХИМ - дошта чӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва чӣ дар муассисаҳои иловагӣ бо дар назардошти шавқу рағбат ва ангезаи эҷодӣ онҳо мувофиқи самт ба роҳ монда шавад:

1. Ташкил намудани фаъолияти эҷодӣ ва фикрии гурӯҳӣ дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ;

2. Иҷро намудани корҳои мустақилонаи эҷодкорӣ.

Усули фаъолияти эҷодии гурӯҳӣ, пеш аз ҳама, дар мусобиқаҳои эҷодӣ сурат мегирад. Ин ба ҳамагон имкон медиҳад, ки дар маҳорати гӯш кардан, ба якдигар диққат додан ва ӯро фаҳмидан, дар вақти корҳои эҷодӣ ҳамкори намудан ХИМ - доштаро тарбия менамояд. Ҳамаи ин аз

эҷодкории роҳбари маҳфил вобастагӣ дорад, ки дар натиҷа хонандагони мушоҳидакор низ фикри худро иброз мекардагӣ мешаванд. ХИМ - дошта, на танҳо дар маҳфилҳои эҷодӣ иштирок кунанд, балки дар доираи мавзуъ андешаронӣ ва мафҳумҳои лозимаро ҷустуҷӯ намоянд, ҳар як кори ЗЭ - ро таҳлилу хулосабарорӣ намоянд, то ин ки ба зиндагии оянда худро омода карда тавонанд.

Мақсади аввали ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани ХИМ - дошта ин омӯхтан ва маҳорати азхуд кардан тавассути таҳсилоти иловагӣ ба ҳаёти оянда омода шудан шуруъ мегардад, аммо ба эҷодиёт ҳанӯз омода нестанд. Вазифаи роҳбари маҳфил дар он аст, ки дар ХИМ - дошта ангезаи эҷодиётро бедор намоянд.

Доктори илмҳои педагогӣ Б.Маҷидова ва Н.Юнусова, Қурбонова Г., чунин ақида доранд, ки. «Яке аз василаҳои муҳимтарини кор бо кӯдакони ба таҳсили махсус эҳтиёҷманд нақшаи таълими фардӣ мебошад. Нақшаи таълими инфиродӣ ҳуҷҷати расмие ба шумор меравад, ки дар бораи кӯдак ва хизматҳое, ки бояд ба ӯ расонда шавад, маълумоти муфассалмедиҳад. Он аз ҷониби гурӯҳи омӯзгорон ва мутахассисон бо мақсади таҳияи барномаи маҷмӯии машғулият бо кӯдак тартиб дода мешавад. Нақшаи мазкур муайян мекунад, ки ҳар як мутахассис маҳз кадом хизматҳоро пешниҳод менамояд. Волидон дар таҳияи нақшаи таълими инфиродӣ фаъолона иштирок мекунанд, зеро онҳо кӯдаки худро аз дигарон беҳтар медонанд. Нақшаи таълими инфиродӣ мутобиқгардонию дигаргунсозиҳои заруриро муайян намуда, барои нақшагирии минбаъдаи машғулиятҳои таълимӣ асос мегардад. Он барои ҳар як талабаи ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд таҳия ва татбиқ мешавад» [179;49].

Роҳбари маҳфил зимни гузориши машғулиятҳои назариявӣ дар таҳсилоти иловагӣ диққати ХИМ - доштаро бояд ба раванди инкишофи корҳои эҷодӣ ҷалб намояд. Роҳбари маҳфил тавассути дониш, маҳорату малакаи касбӣ роҳу усулҳои корҳои эҷодкорӣ ва пешниҳоди хонандагон

намояд, ин маҳорати ӯ ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин маврид воситаҳои таълими хониши онҳо набояд, ки ба робитаи роҳбари маҳфил ва ХИМ - дошта халал расонанд.

Дар раванди тафаккур саволҳо ба миён меоянд, ки фаҳмишро талаб мекунанд. Тафаккури эҷоди чаҳор хусусияти асосӣ пешниҳод менамоем:

1. Нотакрорӣ, тафаккури ғайриодӣ, эҳсоси ба муҳити зист овардани чизи нав. Роҳбари маҳфил эҷодкорона танҳо дар ҳама ҷо ғояҳои худро тарғиб мекунад ва ҳар ҷое, ки равад, навоварӣ кунад.

2. Таҳлили қобилияти аз нуқтаи назари нав нигоҳ кардан ба объект, пайдо кардани роҳҳои нави истифодабарии он ва васеъ намудани доираи истифодаи амалии он нигаронида мешавад.

3. Қобилиятҳои тағйир додани дарки забоипарастии ҳамаҷонибаи объект бо мақсади тарафҳои дигари онро муҳокима ва баррасӣ намудан.

4. Дар сурати мавҷуд набудани далелҳо барои тасдиқи ин гипотеза, идеяҳои алтернативӣ пешниҳод карда мешаванд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки хислатҳои фардии сифатҳои шахсӣ ва хусусиятҳои психологии шахсро мефаҳманд, ки ӯро аз одамони дигар фарқ мекунанд. Инчунин, таъкид кардан бамаврид аст, ки ин сифатҳо модарзодӣ нестанд, балки роҳбари маҳфил метавонад дар раванди таълиму тарбия онро ташаккул дода, эҷодкории худро баланд намояд.

Ҳар як роҳбари маҳфил дорои қобилиятҳои ЗЭ гуногун мебошанд, ки онҳо ба таври гуногун инкишоф меёбанд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки қобилияти ҳар як роҳбари маҳфил ба таври фардӣ ташаккул меёбад. Масалан, ҳар як роҳбари маҳфил бо равиши худ ба омӯзиш аз дигар роҳбарони маҳфил фарқ мекунад, ҳар як нависанда, рассом, навозанда ё меъмор услуби хоси худро дорад ва ҳамчун роҳбари маҳфил корҳои ЗЭ - ро дар самти интихобкардааш эҷод мекунад.

Дар доираи инкишофи қобилият дар соҳаи педагогика ва равоншиносӣ зинаҳо барои ташаккул додани қобилияти ЗЭ роҳбарони

маҳфил донистани қобилият, маҳорат, истеъдод, эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин хусусиятҳо ба роҳбари маҳфил вобаста ба имкониятхои фардии ҳар як хонанда хос мебошанд. Дар раванди инкишоф додани қобилиятҳо роҳбари маҳфил якчанд марҳилаҳоро аз сар мегузаронад ва барои муайян кардани кадом қобилиятҳо пуршиддат инкишоф меёбанд, таҷдиди назар менамояд ва ба онҳо дар марҳилаҳои аввал баҳо додан лозим аст. Барои инкишоф додани қобилиятҳои эҷодӣ, хусусиятҳои онҳоро муайян кардан лозим аст.

Мафҳуми қобилиятҳо маҷмуи хусусиятҳои анатомию физиологии системаи асаб ба ҳисоб меравад, ки асоси инкишофи табиии қобилиятҳоро дар роҳбари маҳфил ташкил медиҳанд. Масалан, хусусиятҳои гуногуни инкишофи анализаторҳо ҳамчун аломати истеъдод хизмат карда метавонанд. Ҳамин тавр, хусусиятҳои фардии идрок асоси инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ шуда метавонанд. Аломатҳои қобилияти зеҳнӣ асосан дар ҷараёни фаъолияти фаъоли функсионалии майна, суръати муқаррар намудани алоқаҳо ва ғайра зоҳир мешаванд.

Бояд гуфт, ки қобилият дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Вобаста аз шароите, ки қобилиятҳо дар он инкишоф меёбанд, онҳо метавонанд иқтидори воқеӣ бошанд. Қобилиятҳои иқтидори воқеӣ онҳое мебошанд, ки дар фаъолияти мушаххас ҳанӯз амалӣ нашудаанд. Бо вуҷуди ин, вақте ки шароити иҷтимоӣ тағйир меёбад, онҳо метавонанд муҳим бошанд. Қобилиятҳои воқеие, ки аллакай дар фаъолияти муайян амалӣ гардидаанд ва аҳаммияти амалӣ доранд. Ҳамаи ин қобилиятҳоро роҳбари маҳфил ҳамчун назария бояд ба ХИМ - дошта фаҳмонад.

Таркиби ҳама намуди қобилият дар худ сифатҳои умумӣ ва ҳаматарафаро тақассум менамояд, ки ба талаботи намудҳои гуногуни фаъолият ҷавобгӯ мебошад. Ҳамчунин, сифатҳои махсусе, ки муваффақият ва комёбиро танҳо дар як намуди фаъолият таъмин менамоянд. Масалан, баъзе ХИМ - дошта қобилиятҳои махсуси

математикиро омӯхта истода, муайян сохтем, ки “барои иҷроиши бомуваффақияти фаъолияти меҳнатӣ ин хусусиятҳо зарур ҳастанд.;

Муносибати фаъол ва мусбӣ ба таҳсилоти иловагӣ, қобилияти бо он машғул шудан, ки дар дараҷаи баланд оҳиста-оҳиста ба корҳои эҷодӣ табдил меёбад.		
Як қатор хусусиятҳои характер, аз ҷумла меҳнатдӯстӣ, ташкилотчигӣ, мустақилнокӣ, мақсаднокӣ, устуворӣ ва ҳамчунин ҳиссиётҳои фикрии устувор.	Мавҷудияти ҳолатҳои мусбии психикие, ки барои иҷрои ин ё он фаъолият лозим ҳастанд.	Захираи муайяни дониш, маҳорат ва малакаҳо дар ин ё он соҳа

Вазифаи роҳбари маҳфил хусусиятҳои фардии ХИМ - доштаро, инчунин, қисматҳои ламсию ақлии онҳоро таҷдиди назар намуда, қобилиятро ба корҳои эҷодӣ такмил медиҳад.

Дар ин замина, чор аломати аввали номбаршударо метавон ҳамчун хусусиятҳои умумии барои ҳама гуна фаъолият зарурӣ баррасӣ кард.

Қобилиятҳо тавсиф мешаванд ва дар бисёр мавридҳо маҳоратҳо вобаста ба сатҳи инкишофи онҳо фарқ мекунанд. Вақте ки сухан дар бораи маҳорати роҳбари маҳфил меравад, аввалин чизе, ки ба хотир меояд, қобилияти ворид шудан ба раванди муайяни истеҳсолот аст. Дар ҳама намудҳои касбҳо маҳорат омодагии равониро барои ҳалли эҷодии ҳолатҳои мураккаб ифода мекунад.

Дараҷаи инкишофи қобилиятҳо дараҷаи инкишофи қобилиятҳои махсус мебошад. Инкишофи қобилиятҳо дар ҷараёни фаъолият ба вуҷуд меояд ва ба хусусиятҳои фардии шахс вобаста аст. Фаъолияти одами дорои дараҷаи баланди инкишофи қобилият аз фаъолияти одами дорои дараҷаи миёнаи инкишофи қобилият фарқ мекунад.

Тараққиёти қобилиятҳо ба талаботи ҷамъият ва замон вобаста аст. Бояд гуфт, ки инкишофи қобилият маҷмуи ҷиҳатҳои ба ҳам алоқаманд мебошад. Ба дараҷаи баланди инкишофи як қобилият ноил шудан мумкин нест. Масалан, якчанд ҷанбаҳои рушди қобилият вуҷуд доранд, ки барои аксари одамон дар як вақт маъмуланд. Ба инҳо хотира, суръати фикр ва эҷодкорӣ дохил мешаванд, ки онҳоро бо қисматҳо дар боло нишон додем. Ин ҷиҳатҳо ба он вобастаанд, ки хотира яке аз омилҳои таъсиргузор ба фаъолияти эҷодист. Аммо бе зеҳни баланд, тафаккури эҷодӣ ва мантиқи инкишофёфта ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан имконнопазир аст.

Ташаккули маҳорат ва малака дар ҷараёни фаъолият сурат мегирад. Дар рафти фаъолият робитаҳои зарури ташаккул ва мустаҳкам мешаванд, ки ин шарти инкишофи ҚЗЭ мебошад.

Қобилиятҳо дар ҷараёни фаъолият ошкор ва инкишоф меёбанд ва истифодаи онҳо имконпазир мегардад. Фаъолият ҳар қадар гуногун ва мураккаб бошад, инкишофи қобилият ҳамон қадар фаъолтар ба амал меояд. Вазифаи роҳбар аз он иборат аст, ки ба ХИМ - дошта имконият фароҳам оранд, ки қобилияти худро нишон диҳанд ва ба онҳо кумак расонанд. Вазифаи роҳбари маҳфил низ аз он иборат аст, ки хислатҳои ХИМ - доштаро бодиққат омӯхта, ҷиҳатҳои пурқуввату заифии онҳоро муайян намуда, ба инкишоф ва омӯхтани онҳо ёрӣ расонад. Дар баъзе мавридҳо вазъияте ба амал омада метавонад, ки «беташаббус»-хонандагон дар муносибати ӯ ба омӯзиши ин ё он фан зуҳур меёбад, аммо ин на ҳамеша нишонаи набудани қобилият аст.

Баъзе ХИМ - дошта пас аз нишон додани корҳои ЗЭ аз тарафи роҳбари маҳфил дар гузариш ба шаклҳои мураккабтари фаъолият душворӣ мекашанд, вале бо истифода аз усулҳои пештар омухташуда, натиҷаҳои хуб ба даст оварда метавонанд. Аммо дар вақти ба марҳалаи нави корҳои эҷодӣ гузаштан ташаббус нишон намедиҳанд ва ин метавонад боиси рушд наёфтани қобилият бошад. Сабаби асосии рушд

наёфтани қобилият, ин иштирок накардан дар корҳои ЗЭ таҳсилоти иловагӣ мебошад.

Дар айни замон дар илми педагогӣ ва равоншиносӣ зарурати таҳияи имкониятҳои гузаронидани таҳқиқот дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ ба миён омадааст, ки ин дар фанҳои таълимӣ инъикос ёфтааст.

Дар фаъолгардонии ХИМ - дошта мустаҳкамкунии маҳфили эҷодӣ нақши калон мебозад. Роҳбари маҳфил дар рафти баёни маводи нав корҳои эҷодиро қисм ба қисм ҷудо мекунад. Сипас, баъд аз ҳар як қисми хурди маводи нав бо роҳи ба хотир овардан ва ё овардани далелҳои нав ва таҳлили онҳо мустаҳкамкунӣ гузаронида мешавад. Мустаҳкамкунӣ қисми мустақили раванди таҳсилоти иловагӣ низ шуда метавонад. Намуди дигари мустаҳкамкунӣ такрори ҷамъбасткунандаи маводи таҳсилоти иловагӣ ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳсилоти иловагӣ барои мустаҳкам намудани донишҳои азхудкарда роҳбари маҳфил бояд диққат махсус диҳад. Дар муассисаҳои махсус ҳаҷми соатҳои таҳсилоти иловагӣ чандон калон нест, бинобар ин азхудкунии мустаҳками ҳамаи маводҳои омӯхташударо таъмин намудан вазифаи роҳбари маҳфил мебошад.

Афзоиши ҳаҷми маводи таҳсилоти иловагӣ дар инкишоф додани тафаккури интиқодии хонандагон бо зарурати таъмини устувории дониш маҳдуд мешавад. Ба мустаҳкам намудани мафҳумҳои муҳимтарин ва далелҳои муайяне, ки ба чуқуртар аз худ намудани дониш мусоидат мекунанд, роҳбари маҳфил диққати махсус додан лозим аст.

Роҳбари маҳфили эҷодӣ барои дар ҳаёт ва амалия татбиқи донишҳои андӯхташуда аҳаммияти махсус медиҳад. Сифати омӯзишро дар таҳсилоти иловагӣ бояд ба сатҳи омодагии ХИМ - дошта ва имкониятҳои онҳо мувофиқ бошад. Мустаҳкам намудани донишҳои азхудкарда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

A) Барои тақвият бахшидан аз усулҳои гуногун истифода бурдан лозим аст, ки барои ташаккули малака ва маҳорати ХИМ-дошта шароит фароҳам меоранд;

B) Дар раванди мустаҳкамкунӣ ХИМ - дошта бояд ба далелҳо такя кунанд, супоришҳои амалии гуногунро иҷро намоянд ва аз усулҳои гуногун истифода баранд;

C) Роҳбар бояд ба ХИМ - дошта дар бораи роҳҳои имконпазири рушд маълумот ва тавсияҳо диҳад, инчунин, истифодаи воситаҳои мавҷударо пешниҳод намояд.

D) Раванди таҳсилоти иловагӣ тавре сохта шудааст, ки ХИМ - дошта арзиши ташаккули малака ва қобилияти худро дарк намуда, беҳбудӣ инкор намуда, дар амал татбиқ намоянд.

Хусусан, дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ баррасӣ намудани маводҳои таълимӣ хеле муҳим мебошад, зеро бидуни пурраро соҳиб шудан ғайриимкон аст.

Бояд таъкид кард, ки дуруст ва пай дар пай мустаққам намудани корҳои эҷодӣ дар амалия ва мунтазам татбиқ намудани он шарти ҳатмии бомуваффақияти омӯзиш мебошад. Роҳбари маҳфил вазифадор аст, ки дар ҷараёни иштирок ба таҳсилоти иловагӣ қобилияти хонандагонро мунтазам мувофиқи сатҳи донишашон ташаккул диҳад ва дар амал татбиқ намояд. Ин ҷиҳати муҳимми мустаҳкам намудан ва инкишоф додани маҳорати онҳост.

Ҳамин тариқ, таҳкими донишҳои илмӣ тавассути дарк кардан таҳқиқ ва татбиқи дониш ба амал меояд. Ҳадафҳои таҳсилоти иловагӣ, вазифаҳои умумӣ ва мушаххасе, ки дар доираи ин раванд иҷро мешаванд, ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муваффақ мебошанд. Нигоҳ доштани мувофиқати байни вазифаҳои умумӣ ва мушаххас шарти ҳатмии пешрафт дар омӯзиш мебошад.

Дар рафти корҳои ЗЭ ба малакаҳои амалӣ диққати махсус дода мешавад, ки ин ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки дониш ва

таҷрибаро аз худ кунанд. Илова бар ин, ба ҷузъи зеҳнӣ рушди тафаккури интиқодӣ ва ташаккули малакаҳои таҳлили иттилоотӣ дар таҳсилоти иловагӣ ХИМ - дошта дар мадди назар дошта мешавад. Ин ба ХИМ - дошта имкон медиҳад, ки донишҳои гирифтаашро дар амал татбиқ намуда, масъалаҳои касбиро бомуваффақият ҳал кунанд. Ба фаъолияти амалӣ низ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, ки ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти ҳар як ХИМ - дошта, аз ҷумла, санъаткор, ихтироъкорон, рассомон на танҳо бо дониш, балки бо зарурати инкишоф додани малака ва маҳорати касбӣ маҳдуд аст, зеро мо дар таҳқиқот мушоҳида намудем, ки баъзе роҳбарони маҳфили эҷодӣ аз набудани мутахассис на ҳамеша ба қоидаҳои муқарраршуда риоя мекунанд, масъалаҳоро ҳал намекунанд, суҳбатҳо намегузаронанд, аз ин хонандагон руҳафтода шуда, аз таҳсилоти иловагӣ даст мекашанд.

Маҳорат қобилиятест, ки иҷрои амали муайянро дар асоси таҷрибаи ҳосилкардашуда ба вуҷуд меояд. Маҳорат бо санъат зич алоқаманд буда, ба малака низ табдил меёбад ва дар сатҳи баланди иҷро намудани супориш ифода мекунад., дар натиҷаи такрори ин амал ҳукмрон мегардад. Шахсе, ки дорои ин малака аст, кори худро ба таври автоматӣ иҷро мекунад ва ҷараёни кор диққати ҷиддиро талаб мекунад. Бо назардошти ин маҳорат метавон гуфт, ки малака дар ҳаёти инсон аҳаммияти бештар дорад. Роҳбари маҳфил бояд фарогири дониш, маҳорат, малака, қобилият ва салоҳиятҳои касбӣ бошад.

Дар шароити ҳозира роҳбари маҳфил на танҳо фарогирии донишу малака бошад, балки тавонад онҳоро дар кори худ эҷодкорона ва амалан татбиқ намояд. Вазифаи муҳимми роҳбари маҳфил ташаккул додани малакаҳои тафаккури интиқодӣ, таҳлили иттилоот, муқоиса ва баҳодиҳии ҳодисаҳо, муқоисаи кори худ бо кори дигарон мебошад. Роҳбари маҳфил бояд ба сифати кори худ ва кори ХИМ - доштаро

дуруст арзёбӣ карда тавонад, ки ин барои рушди самараноки ХИМ - дошта аҳаммияти калон дорад.

Роҳбари маҳфил будан на танҳо кори масъулиятнок, балки вазифаи муҳимми дар ҳаёти инсон буда, маҳорати баланд ва дониши ҳаматарафаро талаб менамояд. Шахсе, ки ин вазифаро ба уҳда гирифтааст, бояд тамоми сифатҳои ба устоди ҳақиқии хос ба монанди: хоксорӣ, меҳнатдустӣ, дилсӯзӣ, хирадмандӣ, таҳаммулпазирӣ, суботкорӣ, қатъият, муташаккилӣ ва муносибати эҷодӣ ба меҳнатро дошта бошад.

Роҳбари маҳфил бояд тачрибаи бой дошта, инчунин, дорои истеъдоди баланд бошад. Вай лоиҳаи корҳои эҷодиро тартиб дода, барои оянда мутахассисони ҷавонро тайёр карда, онҳоро ба фаъолияти эҷодкорӣ ва тайёр кардани касб омода менамояд. Роҳбари маҳфил бояд намунаи иборат буда, бо рафтори худ аҳаммияти шахс масъулиятнок ва боэътимод буданро нишон диҳад. Роҳбари маҳфил на танҳо шахсе мебошад, ки ба ҷараёни таҳсилоти иловагӣ роҳбарӣ мекунад, балки шахсест, ки бо корҳои зеҳнию эҷодии худ ояндаи кишвар ва шогирдонро равшан афзун мегардонад.

Муваффақият ва пешравии ҳамаи маҳфилҳои эҷодӣ, инчунин ба камол расидани ХИМ - дошта бевосита ба фаъолияти роҳбари маҳфил вобастагӣ дорад. Роҳбари маҳфил на танҳо вазифаи душворро ба дӯши худ мегирад, балки ХИМ - доштаро ҳамчун шахси баробарҳуқуқ тарбия намуда, онҳоро ба ҳаёт омода мекунад, корҳои эҷоднамудаашонро ба намоишҳо мегузорад ва ба онҳо эътимод мебахшад.

Хуррам касест, ки сазовори ин номи бузург ва ин касби пуршараф аст. Роҳбари маҳфилро мо ҳамчун омӯзгоре мешиносем, ки касби пуршарафи худро дӯст медорад. Ӯ шахсиятест, ки ҳамеша барои навоварӣ талош мекунад. Албатта, аз худ кардани навоварӣ, инчунин, рафтору гуфтори нек ба ҳама осон нест.

Роҳбари маҳфил барои корҳои ЗЭ -ро омӯзонидан бояд шахси обрӯманд бошад, бевосита ихтисоси худро хуб донад, аз уҳдаи корҳои эҷодӣ баромада тавонад.

Роҳбари маҳфил ҳамчун ташкилотчӣ ва ҳамоҳангсози раванди таҳсилоти иловагӣ бояд хусусиятҳои фардӣ ва нуқсонҳои ХИМ - доштаро ба инобат гирад. Бояд гуфт, ки бо талошҳои роҳбари маҳфил ХИМ - дошта таҳсилоти эҷодкории босифат ва маҳорати касбиро барои дар оянда, ҳаёти мустақил гузаронидан мегиранд. Аз ин лиҳоз, корҳои эҷодии пешниҳодкардашуда мувофиқи замон бояд сурат гиранд.

Имрӯзҳо масъалаи эҷодиёт ва эҷодкорӣ яке аз муаммоҳое мебошанд, ки барои ба ҳаёт омода кардани ХИМ - дошта аҳаммияти бештарро пайдо менамояд Ҳалли ин масъала дар соҳаи маориф ҳамчун таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои махсус бояд таҳти таҷрибаи роҳбарии маҳфил сурат гирад.

Дар ҳалли ин масъала нақши роҳбари маҳфил муҳим аст, зеро ҳар як роҳбари маҳфил бояд қобилияти ЗЭ дошта, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба раванди таҳсилоти иловагӣ ва ташаккул додани талаботи ҷомеа ба мутахассисони баландихтисоси эҷодкор ҳамкорӣ намояд. Дар ин сурат метавонанд дар соҳаи худ пешсаф шуда, дар рушди он саҳми арзанда гузоранд.

Таҳқиқотчиёни соҳаи психология дар раванди ташкили таҳсилоти иловагӣ якчанд зинаҳои эҷодкориро муайян карданд, ки ба роҳбари маҳфил хос аст.

Сатҳи аввали эҷодкорӣ ин ҳамкории роҳбари маҳфил ва ХИМ - дошта дар доираи усулҳо ва равишҳои стандартӣ мебошад. Роҳбари маҳфил аллакай усулҳои фаъолро истифода мебарад, аммо амалҳои ӯ ба қолабҳо ва таҷрибаи роҳбарони дигар асос ёфтааст.

Дараҷаи дуюм банақшагирии фаъолияти ЗЭ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва мутобиқ кардани ин фаъолиятҳо берун аз соатҳои дарсӣ мебошад. Эҷодкории роҳбари маҳфил дар он зуҳур меёбад, ки вай

мазмун, усул ва шаклҳои таҳсилоти иловагиро моҳирона, мақсаднок ва эҷодкорона интихоб мекунад.

Сатҳи сеюм эвристикӣ (тафаккури эҷодии пурсамарро тадқиқ ва таҳлил мекунад) буда, роҳбари маҳфил аз имкониятҳои муошрати зинда бо ХИМ - дошта истифода мебарад. Дараҷаи олии эҷодии роҳбари маҳфил дар мустақилияти ӯ ифода меёбад. Вай метавонад усулҳои анъанавии таҳсилоти иловагиро истифода барад, аммо вай қодир аст, ки ба созмони онҳо аз нуқтаи назари нав нигоҳ карда, муносибати эҷодии худро ба он илова кунад.

Эҷодиёти роҳбари маҳфил мафҳуми бисёрҷанбаест, ки на танҳо мавҷудияти сифатҳои муайян, аз қабили объективӣ, салоҳият, кордонӣ ва тачриба, балки инкишоф ва такмили доимии онҳоро дар бар мегирад. Ин равиш, ки ба объективӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки шароитҳои педагогиеро муайян кунем, ки мазмун ва моҳияти эҷодиёти роҳбари маҳфилро ташаккул медиҳанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки роҳбари эҷодкор онҳое мебошанд, ки дорои дониш, маҳорат ва малака ҳастанд. Фаъолияти зеҳнию эҷодии роҳбари маҳфил бо маҳорати педагогии ӯ алоқаи зич дорад, вале ин мафҳумҳо якхела нестанд. Маҳорати педагогӣ маҳорати баланди касбӣ дар фаъолияти педагогии роҳбари маҳфилро ифода мекунад. Маҳорат ва малакаи аз худ кардани принсипҳои бунёдии касбӣ, бомуваффақият дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифташуда, амиқ дарк кардани мавзуи худ ва ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар ин соҳа мебошад. Ҳар як роҳбари маҳфил метавонад мутахассиси эътирофшудаи соҳаи худ бошад. Эҷодкори оянда буда, чизи нав кашф намояд. Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ барои фаъолияти эҷодии роҳбари маҳфил шароит фароҳам оварда шудааст, ки он ҷиҳати эҷодиёт, ки дар фикру андешаҳои шахсӣ ифода ёфтааст, мусоидат мекунад. Маводҳои корҳои эҷодкардашуда бояд шавқовару ҷолиб бошанд, зеро супоришҳои шавқовар метавонанд қобилияти ҷустуҷӯии онҳоро рушд диҳанд.

Роҳбари маҳфил бояд навовару эҷодкор бошад, ба воситаи шабакаҳои интернатӣ дар ҷараёни корҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ чунин шароитҳо фароҳам оварда мешавад:

- ✓ Коркарди маҷмуи корҳои эҷодӣ бо воситаи тахтаи электронӣ;
- ✓ Коркарди маҷмуи машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи ХИМ - дошта ба воситаи компютер;
- ✓ Истифодаи маводҳои ёрирасон барои корҳои эҷодӣ дар омӯзиши маводи нави таҳсилоти иловагӣ;
- ✓ Коркарди луғатҳо вобаста ба корҳои эҷодӣ;
- ✓ Таҳияи мавзуъҳои таҳсилоти иловагӣ барои намоиш додан бо воситаи онлайн;
- ✓ Таҳияи маводҳои олимпиадаҳои корҳои эҷодӣ мувофиқ ба маҳфилҳои эҷодӣ;
- ✓ Таҳия намудани китобхонаи электронӣ барои ХИМ - дошта мувофиқа ба барномаи таълимии таҳсилоти иловагӣ;
- ✓ Ташкил намудани маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ.

Сохти нақшаи худомӯзии роҳбари маҳфил дар ҳамин замина метавонад мураттаб гардад. Дар асоси мавзуи интихобшуда нақшаи худомӯзӣ мураттаб гардонида мешавад. Нақша метавонад аз қисматҳои зерин иборат бошад:



Ташкили худомӯзии роҳбари маҳфил роҳи баланд бардоштани савияи касбии ӯ, бо донишҳои нав мусаллаҳ гардондани вай ин марҳалаи душвортарин ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки талабот асоси ҳар фаъолият аст. Талабот гуногунанд, вале онҳо омилҳои дохилӣ ва беруниро ташкил медиҳанд, ки ба монеаи раванди рушди эҷодии роҳбари маҳфил мусоидат мекунанд.

Тарбия ва инкишоф додани маҳорати педагогии роҳбари маҳфил ҳаргиз қатъ намегардад ва ба охир намерасад. Роҳбарони маҳфил дар тамоми давраи фаъолияти худ аз пешравиҳои соҳаи худ бояд бохабар бошанд. Эҷодкорӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои фарҳанги инсонист. Ҳар як роҳбари маҳфил ва ҳар як ХИМ - дошта созанда ва идомадиҳандаи он мебошад.

Роҳбарони маҳфилҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бояд ба тавсияҳои дар «Низомномаи муассисаҳои таълими иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2007 тасдиқ карда шудаанд», таваҷҷуҳ кунанд. «Мутобиқи банди 2 моддаи 10 Низомнома маҳфилҳои эҷодӣ бояд 2-3 соати академӣ бо танаффус аз 5 то 10 дақиқа дар ҳар 45 дақиқа давом кунанд». Ин ҷадвал барои ХИМ - дошта санҷида шуда, ХИМ - доштаро дар корҳои эҷодии меҳнатӣ ба монанди хонандагони солим омода карда метавонанд [8;3].

Дар давоми сол роҳбарони маҳфили меҳнатӣ дар асоси нақшаҳои маҳфили эҷодӣ, ки дар доираи таҳсилоти иловагӣ кор мекунанд, кори якчанд маҳфилҳои аз ҷиҳати меҳнатӣ нигаронидашударо ташкил мекунанд. Мувофиқи Оиннома роҳбари маҳфил нақшаи кор тартиб медиҳад, ки онро директори муассиса тасдиқ мекунад. Ба маҳфил ХИМ - доштагоне, ки на аз рӯйи синну сол, балки аз рӯйи шавқу рағбат ва ҳавас ба маҳфил муттаҳид шудаанд, қабул карда мешаванд.

Дар вақти муайян кардани мазмуни кори маҳфил мақсади мавзуи интихобшударо ба назар гирифтан лозим аст. ХИМ - дошта, ки дар маҳфилҳои меҳнатӣ иштирок мекунанд, бояд дониши кофӣ ва истеъдоди баланд дошта бошанд. Аъзоёни маҳфил қоидаҳоеро, ки дар яке аз ҷаласаҳои аввалини худ муқаррар кардаандд, иҷро карда, риоя мекунанд.

Муваффақияти маҳфили эҷодӣ бештар ба фаъолияти фаъолони гурӯҳ, аз ҷумла, роҳбари маҳфил, котиби маҳфил ва масъули маҳфил, инчунин, таъмин намудани маводи таълимӣ ва нашри он вобаста аст.

Роҳбари маҳфил ва директори муассиса бояд пайваста бо ҳамдигар дар алоқа бошанд, сарвари маҳфил аз тағйирот ва ҷадвали машғулият ба ҳама мунтазам хабар медиҳад. Вай инчунин, ба маҷлисҳо роҳбарӣ мекунад, руйхатҳои кори эҷодиро тартиб медиҳад ва аз болои иҷрои вазифаҳои дигар аъзоёни маҳфил назорат мекунад.

Вазифаи котиби маҳфили эҷодӣ, рӯйхати навбатдоронро тартиб дода, онро назорат карда, иштирокчиён, аз ҷумла, ХИМ-доштаро дар кори маҳфилҳо ба қайд гирифта, сабабҳои иштирок накардани баъзе хонандагонро ба директори муассиса иттилоъ медиҳад, маҷлиси

машваратии маҳфилро муфассал ташкил мекунад, дар бораи рафти кори эҷодӣ ва маҳфилҳо ҳисобот омода мекунад.

Вазифаи масъулини маҳфили эҷодӣ маводҳои таълимии меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқиро дар ҳолати корӣ, дар ҳолати хуб будани маводи таълимӣ назорат мекунад ва барои дастрас будани мавод барои аъзоёни маҳфил дар китобхонаи муассиса масъул аст. Шахси масъул кори маҳфили эҷодиро оид ба нашри рӯзномаи деворӣ бо ҳамроҳии аъзоёни ҳайати таҳририя (нашриёт) мутобиқ мекунад, барои нашри рӯзнома маводҳо интихоб мекунад ва барои сари вакт тайёр кардани он назорат мекунад. Роҳбарияти маҳфил бо мақсади мустақилияти аъзоёни маҳфил ташаббус инкишоф нишон дода, барои ҳалли масъалаҳо чораҳо меандешад.

Дар таҳсилоти иловагӣ худомӯзии роҳбари маҳфил ва аҳаммияти он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ин таҳқиқот бештар байни роҳбарони маҳфил фаъолият ва эҷодкории онҳо ба нақша гирифта шудаст. Албатта, эҷодкории онҳо гуногун буда, яке тарроҳи хуб, дигаре дорои маҳорати дуредгарӣ, баъзе роҳбарони маҳфил дӯзандаи моҳир, дар маҷмуъ ҳамчун ихтироъкорон ба ҳисоб мераванд. Мо тавонистем, ки раванди худомӯзӣ ва корҳои эҷодие, ки ба хонандагон онҳо меомӯзонанд, зери таҳқиқоти худ қарор диҳем. Дар фаъолияти роҳбарони маҳфил барои такмил додани корҳои эҷодӣ қобилиятҳо-фаҳмиши тез, равшании ақл, кунҷкобӣ, ҷасурӣ такмил дода шуд.

Онҳо дар аз худ кардани компютер ва шабакаҳои интернетӣ имкониятҳои худомӯзии худро рушд доданд. Мо ба воситаи корҳои эҷодие, ки роҳбарони маҳфил ба ХИМ - дошта ба воситаи компютер пешниҳод мекарданд, таҷдиди назар намудем. Аз ҷумла, сохтани макетҳо, рафти пора кардан ва дӯхтани либосҳои занона ва мардона, инчунин, таъмир кардани радио, оинаи нилгун ва дигар асбобҳои рӯзгор ба воситаи омӯхтан аз компютер аз тарафи роҳбари маҳфил пешниҳод

карда шуд. Инчунин, роҳбари маҳфил фаъолияти эҷодкардаи худро ба воситаи онлайн ба дигар мамлакатҳо пешниҳод намуда, байни роҳбарони дигар муассиса рақобатпазирӣ ба вуҷуд меояд.

Роҳбарони маҳфили «Тарроҳони наврас» аз муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе роҳбар Дилфузаи Б., ва роҳбарони маҳфили «Дӯзандагӣ» аз муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе», роҳбар О.Сангинова., иброз намуданд, ки мо барои худомӯзӣ кардан ҳамеша ба воситаи шабакаҳои интернетӣ кӯшиш менамоем, ки чизҳои наву аҷоиб омӯхта, ихтироъ намоем, ки барои ХИМ - дошта шавқовару дилчасп бошад.

Роҳбари маҳфили «Асбобҳои зарбӣ» аз муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» Н.Руяков., иброз намуд, ки ман барои худомӯзӣ кӯшиш менамоям, ки аз сарчашмаҳои илмӣ истифода бурда, мувофиқ ба мусиқӣ истифодаи асбобҳои зарбиро омӯзам.

Роҳбари маҳфили «Расмкашӣ» аз Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» -и шаҳри Душанбе, Ҳ.Холматова., иброз намуд, ки ман барои худомӯзӣ кардан ҳамеша ба воситаҳои шабакаҳои интернетӣ кӯшиш менамоям, ки чизҳои наву аҷоиб кашиданро омӯзам. Инчунин, барои ихтироъ кардани расмҳои шавқовару дилчасп кӯшиш менамоям.

Роҳбари маҳфили «Муҳракашӣ» аз «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» -и ноҳияи Рӯдакӣ М.Қосимова, баъд аз худомузӣ ман бо хаёлоти худ метавонам рангҳоро интихоб кунам, то ки рангҳои муҳра аз якдигар дилчасптар бошанд. Роҳбарони маҳфил бо кӯшишу ғайрати худ саъй менамоянд, ки чизи нав офаранд ва онро ба ХИМ - дошта низ омӯзонанд, то ки дар озмунҳо иштирок карда, ҷойи намоёнро ишғол намоянд.

Ҳамин тавр, худомӯзии роҳбари маҳфил яке аз ҷиҳатҳои асосии такмили ихтисоси ӯ мебошад. Ин як раванди фаъолияти бошуурона ва

маърифатӣ мебошад, ки барои роҳбари маҳфил мувофиқ аст. Кори мустақилона бо ташаббуси худи роҳбари маҳфил ташкил карда шуда, ба он роҳбарӣ мекунад.

Хулосаи боби 2

Дар зербоби якуми боби дувум маълумот дар бораи рушди эҷодиёти ХИМ-дошта дар ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардид. Мо дар ин зербоб фаъолияти он нафаронеро рӯйи қалам овардем, ки барои инкишоф додани ҚЗЭ, аз худ кардани дониш, маҳорат ва малака кӯшишҳо ба харҷ дода, номи худро дар ҷаҳон боқӣ гузоштанд. Мо пешравии ин мардуми маҳдудиятдоштаро таҷдиди назар карда, огоҳ аз он шудем, ки новобаста аз вазъи саломатии ХИМ-дошта метавонанд дар оянда касби дӯстдоштаашонро интихоб намоянд ва барои худ ҷаҳони дурахшонро соҳиб шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Хиромон, мусиқинавоз ва оҳангсоз, И.Нурмуҳаммади шоир, иштирокчии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ” Ф.Раҷабов., М.Ҳафизов., ғолиби мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, И.Сорбони., варзишгар дар Олимпиадаи махсуси “Абу-Даби – 2019”, байни варзишгарони имконияташон маҳдуддошта, Ф.Бобокалонова., варзишгар, бозингари дастаи духтаронаи футболи Тоҷикистон, А.Асадуллозода., донандаи се забон: забони англисӣ, русӣ ва туркӣ, соли 2025 номзади илмҳои иқтисодӣ, С.Илёсов., донандаи се забон: забони англисӣ, русӣ ва ҷопонӣ, Б.Гандумова., магистр ва сароянда, ки барои суруди беҳтарин аз тарафи Раиси кумитаи кор бо ҷавонони Ҳукумати Тоҷикистон соли 2024 дорои сипоснома, М.Ф.Ашуров., М.Қодирова., А.Хоҷаева. ва ҳазорҳои дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки бо маҳорати худ ҷойҳои намоёро сазовор гардидаанд.

Дар зербоби дувуми боби дувум масъалаи мутобиқшавии хонандагони имконияташон маҳдуд ба корҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳамчун воситаи инкишоф додани маҳоратҳои эҷодӣ бо

истифода аз омӯзиши онлайн дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалагузорӣ карда шуд. Аз таҳқиқот маълум гашт, ки иштироки ХИМ-дошта дар маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ кори мунтазам буда, бо роҳи худомӯзӣ кардан бо ҳамсолон ва роҳбарони маҳфил бо душворӣ мутобиқ мешаванд, зеро аз нуқсони худ шарм карда, ба мушкилӣ муошират менамоянд. Барои мутобиқ шудани ХИМ-дошта ба маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ роҳбари маҳфил бояд нуқсонҳои онҳоро ҷудо карда тавонад, ташхиси онҳоро таҷдиди назар намояд, зеро хонандагони дорои нуқсонҳои аутизмӣ бо мушкилиҳо ба маҳфилҳои илмӣ мутобиқ мешаванд, лекин хонандагони сустшунаво ва деркаршуда бошад, ба зудӣ ба дигарон робита пайдо менамоянд.

Мутобиқшавии хонандагони нуқсонҳои ақлию зеҳнидошта дар муассисаҳои иловагӣ аз сабаби осеб дидани майнаи сар ба зудӣ ба роҳ монда мешавад. Зеро шуури онҳо ба ҳама кори зеҳнӣ мувофиқ нест ва танҳо корҳои зеҳнӣ сараввал аз тарафи роҳбари маҳфил омӯзонида мешавад, сипас онҳо онро давом медиҳанд.

Роҳбарони маҳфил барои мутобиқшавии ХИМ–дошта вазифадоранд, ки барои корҳои эҷодӣ, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, намоиш додани корҳои эҷодӣ ба воситаи онлайнӣ, бо роҳбарони маҳфил ва иштирокчиёни дигари маҳфил муошират намоянд ва бо якдигар мутобиқ шаванд. Бо ин мақсад ба воситаи онлайн чорабиниҳо баргузор гардид, ки дар он ХИМ–дошта бо хонандагони солим сурудхонӣ карданд, забони ишораро истифода бурданд, корҳои эҷодии худро дар намоиш гузошта, муаррифӣ карданд ва бо ин восита ба осонӣ мутобиқ шуда, ғайр аз маҳфили эҷодӣ боз маҳфили дӯстӣ барпо карданд.

Тавассути онлайн шармгинии ХИМ-дошта аз байн меравад раванди шавқу рағбат, мутобиқшавӣ дучанд гардида, онҳо аз тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ огоҳ мегарданд. Дар муассисаи давлатии

маркази кӯдакону наврасон баъзе роҳбарони маҳфил нисбати хонандагони маъюб норозигӣ баён намуданд. ХИМ-дошта дар маҳфилҳои эҷодӣ баъзан нороҳат шуда, ба хонандагони солим мутобиқ намешаванд, зеро дар вақти муошират аз нуқсони худ шарм дошта, канорагирӣ менамоянд. Баъзеи дигараш бошад, ба осонӣ мутобиқ мешаванд, зуд ба дигарон унс мегиранд. Мо дар таҳқиқот маълум кардем, ки танҳо хонандагони дорои нуқсонҳои шадид дар маҳфилҳои зеҳнӣ ширкат кардан намехоҳанд ва инчунин мутобиқ шудан намехоҳанд, дигарон бошанд баробарҳуқуқии худро эътироф менамоянд.

Дар зербоби сеюми боби дувум масъалаи худомӯзии роҳбари маҳфили таҳсилоти иловагӣ ва аҳаммияти он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуд. Пешрафти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз худомӯзӣ ва худтакмилдиҳии роҳбари маҳфил вабастагии зиёд дорад, зеро дар таҳқиқоти ин боб маҳз аз қабили суръати дарк, возеҳии ақл, асолати тафаккур, кунҷковӣ ва амиқии дониши роҳбари маҳфил маълумотҳо пешниҳод гардидааст. Агар роҳбари маҳфил ин сифатҳоро доро бошад, воситаи рушди неруи зеҳнии он инкишоф меёбад.

Вазифаи роҳбарони маҳфил барои ХИМ-дошта имконият фароҳам овард, ки қобилияти худро нишон диҳанд ва ба онҳо кумак расонанд. Вазифаи роҳбарони маҳфил низ аз он иборат аст, ки хислатҳои ХИМ-доштаро, инчунин, ташхиси ХИМ-доштаро бодиққат омӯхта, мувофиқи синнусол ва нуқсонҳои мухталифи онҳо корҳои эҷодӣ пешниҳод намоянд. Вазифаи дигаре, ки дар назди роҳбари маҳфил гузошта шудааст, ташаккул ва инкишоф додани малакаҳои тафаккури интиқодӣ, таҳлил кардани иттилоот, инчунин муқоиса ва баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳои гирду атроф, муқоиса намудани корҳои ЗЭ худ бо кори дигарон мебошад. Роҳбари маҳфил бояд ба сифати корҳои эҷодии ХИМ-дошта дуруст арзёбӣ намуда, нақшаи худомӯзи мураттаб намояд, зеро бе нақша ба мақсади дарпешистода расида наметавонад.

БОБИ 3. ДОИРАҲОИ ЭҶОДӢ ҲАМЧУН МУҲИТ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

3.1. Имконияти педагогии дарсҳои расмкашӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони имконияташон маҳдуд

Фаъолияти эҷодӣ ин ҷараёне ба ҳисоб меравад, ки иштироки ХИМ - дошта тавассути роҳу воситаҳо ва равишҳои гуногун метавонанд як маҳсулоти навро ихтироъ намоянд. Истифодаи қобилияти зеҳнӣ дар таҳсилоти иловагӣ ин фаъолиятест, ки дар он ХИМ - дошта фикру ақидаҳои фардии худро дар маҳфилҳои расмкашӣ дар амал баён мекунанд. Ин воситаҳо фаъолияти зеҳнии ХИМ - доштаро барои дар низом даровардани таҷрибаҳо, фароҳам овардани шароити нав, интиқол додани дониш ва истифодаи бурдани он дар шароити нав барои инкишофи ҷиҳатҳои маънавӣ ва мадании шахсияти онҳо имконият медиҳад. Маданияти моддии ХИМ - дошта дар рафти фаъолият намудан дар таҳсилоти иловагӣ, бо кумаку дастгирии роҳбари маҳфил амалӣ карда, инкишоф дода мешавад.

Ба ақидаи муаллиф Р.Х Багова, исбот намудааст, ки «Кӯдаки дорои маҳдудиятдошта асосҳои фаъолиятҳои эҷодӣ, ба монанди расмкашӣ, аз хурдӣ омӯзонида шаванд. Ин маънои онро дорад, ки ба кӯдак асбобе барои ифодаи худӣ дода шавад. Расмкашӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷаҳони ботинии худ, худи худро омӯзанд. Инчунин ғайр аз ин, эҷоди чизе, ки худаш эҷод мекунад, ба баланд бардоштани эътимод ба худ, ташаккули тасаввуроти худии онҳо ва ташаккули дарки мусбати худӣ мусоидат мекунад. Дарки мусбати худ ва дигарон асоси муошрати мусбат аст» [315;21].

ХИМ - дошта метавонанд, эҳсосоти худро тавассути расмкашӣ баён намоянд. Инчунин, дар аз худ кардани таҷрибаҳои расмкашӣ ба

воситаи тасвирҳои биноӣ дар бештар зоҳир меёбад. Дар баъзе ХИМ - дошта баъзан, қобилияти шунидан ё муошират кардан хеле маҳдуд мебошад, зеро баъзан ин хонандагон тамоман нутқ надоранд, яъне дар муошират ҳамроҳ намешаванд. Аз ин рӯ, ягона роҳи баён кардани фикру ақидаи хубро ё бо роҳи имову ишора ё тавассути муошират расмкашӣ баён менамоянд.

ХИМ - дошта аз ҷумлаи онҳое мебошад, ки дорои нуқсонҳои нутқӣ, сустшунаво, ношунавоӣ, нуқсонҳои зеҳнӣ, синдром аутизм, синдром дауна ва нуқсонҳои узвҳои ҳаракатӣ мебошанд. ХИМ - дошта новобаста аз маҳдудияташон ба фаъолияти эҷодӣ машғул шуда метавонанд ва дар маҳфилҳои эҷодӣ бо шавқ тавассути азхудкунии маҳорату малакаҳо иштирок меварзанд.

Бояд иброз намуд, ки фаъолияти корҳои эҷодӣ ҳам барои ХИМ ва ҳам барои хонандагони нуқсони нутқӣ дошта бояд истифода бурда шавад. Бо вуҷуди ин, ХИМ - дошта як қатор хусусиятҳои махсус доранд, ки бояд ба назар гирифта шаванд. Ҳаёти меҳнатии ХИМ - дошта аз муассисаҳои томактабӣ оғоз меёбад. Омӯзиш ба рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон аз даврони таҳсилоти ибтидоӣ нигаронида шудааст. Онҳо дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ ба маҳфилҳои эҷодӣ сафарбар гардида, дар маҳфилҳои расмкашӣ, мусиқӣ ва меҳнатӣ иштирок меварзанд. Иштирок дар маҳфил ХИМ - дошторо водор месозад, ки барои маҳфилҳои эҷодӣ масолеҳи гуногунро истифода барад. Фаъолияти расмкашӣ метавонад машғулиятҳои гуногунро дарбар гирад ба монанди: моделсозӣ, аппликасия, расмкашӣ, буриш ва ғайра.

Оид ба расмкашӣ Б.Бойназаров, чунин иброз ақида намудааст: «Рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар расмкашӣ инкишоф додани малакаҳои таркиб, дарки ранг ва тафаккури фазоӣ, инчунин иштироки фаъол дар фаъолиятҳои бадеии лоиҳавӣ ва коллективиро талаб мекунад» [318;42].

О.К Тихомиров, бошад, «Фаъолияти эҷодии расмкашӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ аввалиндараҷа аст, зеро хонандагон вазифадоранд, ки барои мутобиқ шудан ва эҷоди чизи нав кӯшиш кунанд» [229;45].

Маҳфили расмкашӣ воситаи асосӣ ва шинохту намоиши воқеияти ХИМ - дошта буда, дар онҳо хусусиятҳои хаёлот, ҳолати эмотсионалӣ ва ихтиёрӣ, инчунин, тафаккурро ташаккул медиҳад. Усули бозӣ, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани рушди эҷодии ХИМ - дошта ба шумор меравад, иштироки онҳо дар маҳфилҳои расмкашӣ боиси рушди хаёлот рангини онҳо гардида, дар корҳои ЗЭ онҳоро хубтар дарк менамояд.

Ба ақидаи олимони ватанӣ Л.Иматзода, Р.Рамазонова «Шахси эҷодкор бо ҳавасмандии баланд ба фаъолият хос аст. Хонандагони имконияташон маҳдуд эҷодкор на бештар аз расидан ба мақсади эҷодкорӣ, балки дар худи раванди он қаноатмандӣ мебинад. Хусусияти хоси эҷодкор ҳамчун майли қариб бебозгашт ба фаъолияти эҷодӣ тавсиф мешавад Ба рушди хонандагони имконияташон маҳдуд қобилиятҳои эҷодии ӯ таъсири калон мерасонад. Имкониятҳои рушди умумӣ як қисми фаъолияти эҷодӣ мебошанд» [328;74].

ХИМ - дошта расмкаширо на танҳо шавқовар мепиндоранд, балки барои онҳо ҳамчун кори эҷодӣ буда, барои ояндаи худро дурахшон гардонидан кӯшиш менамоянд. ХИМ - дошта он чизеро, ки дар ботини худ пинҳон мекунанд ё дар бораи он фикр мекунанд ва он чизе ки диққати онҳоро ҷалб мекунад, бо дар расм онро таҷассум менамояд. ХИМ - дошта расмкаширо на танҳо шавқовар мепиндоранд, балки барои онҳо ҳамчун кори эҷодӣ буда, барои ояндаи худро дурахшон гардонидан кӯшиш менамоянд.

Бояд иброз намуд, ки бо ХИМ - доштагоне, ки бинобар сабаби кам будани захираи луғавӣ, дуруст фаъолият накардани мушакҳои даст, нуқсонҳои нутқӣ ва зеҳнӣ доштанашон дар Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» - и шаҳри Душанбе таҳсил мекунанд, таҳқиқот бурда шуд.

Ҳадаф ва мақсади ташкил кардани ҳамагуна маҳфил барои ХИМ - дошта пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки анализаторҳои ҳиссиёт, ҳисси биноӣ ва мушакҳои организмҳо фаъол кардан мебошад. Масалан, дар маҳфилҳои расмкашӣ иҷрои масъала ба ҳангоми расмкашӣ дар ХИМ - дошта кумак мекунад, ки онҳо ба маводҳои ҳиссӣ хубтар шинос шаванд, то ин ки хусусиятҳои соҳаи эҳсосӣ - ихтиёрияшон тавассути тасаввурот ва тафаккурашон ошкор карда шавад. Бояд гуфт, ки манфиатҳоеро, ки маҳфили расмкашӣ ба ХИМ - дошта меорад, ин, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ва хотираи онҳоро инкишоф дода, малакаҳои ҳаракатиро хуб мегардонад инчунин, нутқашон инкишоф меёбад. Ҳамин тавр бо ХИМ - дошта малакаи иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ, ҷараёни таҳлилу тафаккурро меомӯзанд, муқоиса ва андозагириро муайян мекунанд, тасаввур ва эҷодкориро дар онҳо ҷой менамоянд.·

Корҳои эҷодии расмкаширо аз нигоҳи Н.Н.Лазарева коркард гардида қайд менамояд, ки «Аз ҳар як хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки расми калейдоскопии худро бо буридани доираи коғазии додашуда ба шаклҳо, васл кардани он, часбондан ба варақи коғаз ва ранг кардани қисмҳои калейдоскоп бо рангҳои дӯстдоштаи худ эҷод кунад. Номҳои рангҳо бояд дар қисмҳои калонтар нишонгузорӣ карда шаванд. Асарҳои ҳосилшударо метавон барои ташкили намоишгоҳи расмҳои абстрактӣ истифода бурд». [335;13].

Муаллифи рус Т.А.Корнеева, таъкид менамояд, ки «Барномаи бадеӣ ва эстетикӣ барои татбиқи самтҳои афзалиятноки таълими санъат равона шудааст: муаррифии санъат ҳамчун таҷрибаи маънавӣ барои наслҳо, азхуд кардани усулҳои бадеӣ ва рушди шахсият, истеъдод ва қобилиятҳои эҷодии кӯдак мусоидат менамояд. Барнома принсипҳои расмкаширо меомӯзад, ки бидуни он паймоиш дар ҷараёни иттилооти бадеӣ ғайриимкон аст. Кӯдакон расмкаширо ҳамчун як падидаи куллӣ дарк мекунанд. Мавзӯъҳои барнома барои пешгирӣ аз тафсилоти аз ҳад зиёд, таҷзияи падидаҳо, далелҳо ва рӯйдодҳо таҳия шудаанд. Ин имкон

медиҳад, ки ҷанбаҳои арзишманди санъат ҳифз карда шаванд ва аз коҳиш додани омӯзиши он ба ҷанбаи маҳдуди технологӣ пешгирӣ карда шавад. Машғул шудан ба намудҳои гуногуни расмкашӣ ба худшиносии кӯдакон мусоидат мекунад, қобилиятҳои эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад ва фаҳмиши онҳоро дар бораи воқеият ғанӣ мегардонад» [149;2].

Ҳамин тариқ, дар муассисаи давлатии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» - и шаҳри Душанбе маҳфили расмкашӣ барои инкишоф додани диққати хонандагон ва барҳам додани хастагии онҳо, инчунин, шиддати тамоми раванди таҳсилоти иловагӣ вазифаҳои равонӣ мусоидат мекунанд.

Дар маҳфили эҷодии расмкашӣ афзалияти ХИМ - доштаро дар Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» -и шаҳри Душанбе мушоҳида намудем. Маҳфил бо номи «Расмкашӣ ифтихори ман аст», ки дар он ХИМ - дошта ширкат меварзанд. Хонандагон дар маҳфили ин муассисаи махсуси таҳсилотӣ фаъолона ширкат меварзанд. Ҳангоми суҳбат мо аз он огоҳ шудем, ки хонандагон дар ин маҳфил фаъолияти аёниро аз дигар намудҳои фаъолият фарқ мекунанд, маҳфили расмкашӣ барои онҳо ҳамчун шавқовартарин машғулият ба ҳисоб меравад. Онҳо расмкашӣ аз ҷиҳати ифоданокӣ, дастрасӣ ва возеҳии худ ба бозӣ наздик медонанд.

Мутафаккирони рус Е.С.Ивахненко, Л.К.Байсиева қайд менамоянд, ки «Имрӯз шумораи кӯдакони имконияти маҳдуддоштаро ҳар сол афзоиш меёбад ва ҷомеа бо вазифаи душвори фароҳам овардани шароити зарурӣ барои мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавии кӯдакон ва наврасони махсус, таъмини худшиносии онҳо дар соҳаҳои гуногун рӯбарӯ аст. Бисёре аз муассисаҳои таълимӣ барномаҳои таҳсилоти фарогирро тадриҷан амалӣ мекунанд, ки ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки баробар бо кӯдакон солим таҳсил фаро гирифта шавад. Муаллиф яке аз роҳҳои инкишофи кӯдакони имконияти маҳдуддошта, фаъолияти эҷодӣ аст. Тавассути санъати расмкашӣ, тамос бо ҷаҳони беруна хеле зудтар

барқарор мешавад. Имрӯз гурӯҳҳои зиёди театрӣ ва созмонҳои ихтиёрӣ барои кӯдакони имконияти маҳдуд мавҷуданд. Ҳадафи асосии ин гурӯҳҳо ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони имконияти маҳдуд тавассути санъати расмкашӣ ва театрӣ мебошад» [326;210].

Расмкашӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимтарини корҳои ислоҳнамоӣ эътироф шудааст. Фаъолияти биноии онҳо барои дониши хонандагон дар бораи ҷаҳони атроф муҳим ҳисобида мешавад. Маҳфилҳои эҷодӣ дар ин самт ба ХИМ – дошта барои худтанзимкунӣ одат шуда, ба инкишоф додани мутаносиби онҳо мусоидат менамоянд.

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ин ҷараёни фаъолияти мақсаднок буда, ХИМ - доштаро барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва муқаррар намудани шабеҳият ва фарқияти ашёҳо кумак мерасонад. ХИМ - дошта муносибат ба тамоми корҳои ЗЭ ва қисмҳои он, ба муқоиса байни фаъолияти эҷодшуда шуруъ мекунанд. Расмкашӣ на танҳо ба инкишоф додани функсияи аналитикӣ-синтетикӣ, (кори таҳлили синтезӣ, синтетикӣ), балки барои тафаккури ХИМ - дошта мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ камбудиҳои ҳисси ашёро, ҳассосӣ ва аёниро бо хосиятҳои онҳо бартараф карда метавонад.

Фаъолияти биноии дастаҷамъона ба ташаккули малакаҳои муошират мусоидат мекунад. Аз ҷумла, ташкили расмҳои ҳамдигар ва сипас мубодилаи онҳо ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмем, ки аъзоёни гурӯҳ якдигарро чӣ гуна қабул мекунанд ва одамони дигар онҳоро чӣ гуна қабул мекунанд. Ин муносибатҳо бо нусхабардории асари дигарон, ки ба хонандагон асосҳои расмкашӣ меомӯзонад, ба инкишофи қобилияти эҷодии онҳо ёрӣ мерасонад.

Ба ақидаи Р.Х.Багова, усулҳои расмкаширо бо усули «Арттерапия - барои ислоҳи ҳолатҳои эҳсосии ХИМ -дошта» пешниҳод намуда, онро ҳамчун табобат пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ «Арт- терапия, табобат тавассути санъат ё эҷодкорӣ - ҳамеша яке аз усулҳои муассиртарини ислоҳи ҳолатҳои психо -эмотсионалӣ ҳисобида мешуд. Ниёзи инсон

барои ифодаи эҳсосот ва ҳаловати худ манбаи эҷодкорӣ аст. Расмкашӣ, мисли ҳама гуна фаъолияти эҷодӣ, стресси психо -эмотсионалиро ислоҳ менамояд. Арттерапия як шохаи психо -терапия аст, ки таҳлил ва асарҳои эҷодиро дар бар мегирад. Он ҳатто бо кӯдакони хеле хурдсол истифода мешавад. Ин усул барои мубориза бо тарсҳо, изтироб ва бисёр зуҳуроти психосоматикӣ кӯмак мекунад, ва дар ниҳоят, эҷодкорӣ ба шахс имкон медиҳад, ки лаззати худро баён кунад» [315;21].

Маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ барои инкишоф додани тарбияи меҳнатии ХИМ -дошта аҳаммияти калон дорад. Иштирок дар маҳфилҳо, қобилияти расмкашии хонандагонро бедор мекунад, муҳаббат ва эҳтироми якдигарро зиёд мекунад, ба табиат онҳоро ошно сохта, дарки муҳитро инкишоф медиҳад. Иштирок дар маҳфили расмкашӣ онҳоро аз ҷиҳати равонӣ ба ҳаёт омода месозад, онҳо аҳаммияти расмкашӣ дар ҳаёти ҳар як ХИМ - дошта дарк кардан меомӯзанд. Аз зебоии расмкашӣ аз ҷиҳати зебоипарастӣ баҳра мебаранд, худро дар муҳити рассомон мепиндоранд ва дониши худро мустаҳкам менамоянд ва ба кору зиндагӣ аз нигоҳи нав менигаранд. Бо воситаи расмкашӣ дар онҳо сарватҳои моддиро, ки барои ҷамъият зарур аст, инкишоф дода мешавад. Дар баробари ин, метавон малакаҳои ибтидоии ХИМ -доштаро дар маҳфилҳои расмкашӣ, ки ба онҳо малакаҳои эҷодӣ ҳосил мегардад, барои ташаккул ва инкишофи баланд бардоштани лаёқату истеъдоди тарбияи зебоипарастӣ руҳияи хонандагон аз аҳаммият холӣ нест.

А.В.Никитина, Г.Н. Давидова дар таҳқиқоти анҷомдодашуда собит шудааст, ки «Рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон дар низоми таълими санъати расмкашӣ тавассути ҷалби фаъоли онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолиятҳои бадеӣ ба даст оварда мешавад, ки ба ташаккули дарки эстетикӣ ва таҷрибаи эҷодии инфиродии онҳо мусоидат мекунад» [189;45].

О.К.Тихомиров бошад дар ин ақида аст, ки «Фаъолияти эҷодии расмкаширо дар маҳфилҳои эҷодӣ метавон дар мадди аввал гузошт, зеро

хонандагон барои мутобиқ шудан ба дигарон ва эҷоди чизҳои нав масъул мебошанд» [229;45].

Раванди расмкашӣ дар маҳфилҳои эҷодӣ махсусан, дар марҳилаи аввали азхудкунӣ оғоз мегардад ва он аз хонандагон дақиқӣ, шиддатнокӣ ва мутамарказиро талаб менамояд. Дар хонандагон тамаркузи аз ҳад зиёди диққат, ҳамеша кӯшишҳои зиёди нолозимро ба вуҷуд меоварад. Ин на танҳо барои мушакҳо узвҳои корӣ зарар мерасонад, балки мушакҳоро дар ҷараёни расмкашӣ аз ҳад зиёд хаста мегардонад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми кор бо даст ХИМ - дошта аз шиддатнокӣ ва ҳаракати пайиҳами мушакҳои ангуштон, қафаси сина ва гардани он мондашавиро эҳсос мекунад ва хонанда аз маҳфили расмкашӣ даст мекашад. Аз ин рӯ, дар ҳолати аз ҳад зиёд кашидани расм шумораи зиёди мушакҳо дар ҳолати пуршиддат кор карданашон, ҳатто ҳангоми тағйир додани ҳаракатҳо ором намешаванд, ки ин боиси зиёд шудани хастагии умумии ҷисми хонандагон мегардад.

Дар маҳфилҳои расмкашӣ бештари кор бо қалам сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, кор бо қаламҳои одӣ ХИМ - ро дар маҳфилҳои эҷодӣ бо асбобҳои мураккаб омода месозад. Маҳоратҳои аввалиндараҷаи расмкашӣ аз тарафи роҳбари маҳфил бедор кардани завқу шавқи хонандагон мебошад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ин маҳорату малакаҳо барои инкишоф додани ҳаракатҳои моҳирона, кашидани расми зебо ва ба мақсад мувофиқ мусоидат хоҳад кард. Агар маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ ҳар чӣ бештар шавқовар ва дуруст гузаронида шавад, ХИМ - дошта бо майлу хоҳиш фаъолият хоҳанд бурд. Баробари ин барои инкишоф додани ангезаҳои ХИМ - дошта ба кори онҳо навгонӣ ворид месозанд.

Расмкашӣ бояд як мақсади муайян дошта бошад, зеро кори номуташаккил, бемақсади ҳар як хонанда ба худи онҳо зарар оварда,

муносибати манфӣ, аз қабили беинтизомӣ, бепарвоиро ба вуҷуд меоварад.

Ба воситаи маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ дар шуури ХИМ - дошта дигаргуниҳои назаррас ба амал меоянд. Диққати онҳо бештар ба ин ҷалб карда мешаванд. Маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ, ба инкишофи тарбияи зебоипарастӣ нигаронида шудаанд. Дар ин маврид машқҳои амалӣ, ки ба аз худ намудани техникаи графикӣ ва инкишоф додани қобилияти интиқоли ранг ва симметрияи композитсия нигаронида шудаанд, аҳаммияти калон доранд. Ин ба вусъати дарки зебоӣ ва ҷамъ шудани таассуроти зебоипарастӣ мусоидат мекунад. Бисёр хусусиятҳо ва шаклҳои образ дар ХИМ - дошта бо расмҳои зебою дилкаш рағбатро бедор мекунанд.

Дар рафти мушоҳида ХИМ - дошта ашёҳоро меомӯзанд, ранг, шакл, мавқеи фазоии онҳоро таҳлил мекунанд, монандӣ ва тафовут, инчунин хусусиятҳои беназирро муайян мекунанд. Муайян намудани хусусиятҳо ва баъдан дар расмҳо инъикос намудани онҳо ба инкишофи дарки зеҳнӣ ва зебоипарастии хонандагон мусоидат мекунад.

Фаъолияти эҷодии расмкашӣ бевосита бо инкишофи умумии психологии ХИМ - дошта алоқаманд буда, онҳо дар расми эҷодии худ ҳамзамон ҷаҳони ботинӣ, ҷаҳонбинӣ, эҳсосот, дарки муҳити зист ва таҷрибаи худро инъикос менамоянд.

Расмҳои эҷодии ХИМ - дошта вобаста ба намуди нуқсони онҳо хусусиятҳои хеле равшан доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки расмҳои кашидаи хонандагон бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим ҳамчун воситаи ташхис кардани ХИМ - дошта дар инкишофи равонии онҳо истифода шуд. Расмҳои эҷодии ХИМ - дошта на танҳо барои сатҳи инкишофи зеҳнии онҳо, балки иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ муносибати эмотсионалии онҳоро ба олами атроф инъикос мекунанд.

ХИМ - дошта нисбат ба он чизе, ки бо варақаҳои тоза равшан тасвир шудааст, ҳангоми ба расмкашӣ дохил кардани унсурҳои ороишӣ,

ба монанди парчамҳои рангоранг, пардаҳои дурахшон бо гулҳои гуногун, таҷассум намудани либосҳои зебо, камонҳо ва ғайра муносибати мусбӣ ба онҳо баён мекунанд ва кунҷҳои ҳар як манзараро бодиққат кашида мебароранд.

Муносибати манфии эмотсионалӣ дар расмҳои кашидаи хонандагон метавонанд бо истифода аз рангҳои торик ба монанди кабуд, сабзи торик, қаҳваранг, сиёҳ, ки дар расм ифода карда шудааст, диққатро бештар гардонад, зеро чунин нақшҳои кашидашуда аз тарафи хонандагон баъзан табиатан нотамом монда, онро ороиш дода наметавонанд, баъзан онҳо барои кашидани хатҳои фосила бепарво мебошанд.

Аз далелҳои пешниҳодкардаи Т.А Корнеева «Тавассути расмкашӣ, кӯдакон дидан ва қадр кардани зебоии ҷаҳони атрофро меомӯзанд ва завқи бадеӣ ва эстетикиро инкишоф медиҳанд. Ин дарсҳо ба рушди меҳнат ва фаъолияти эҷодӣ, базму ирода, истодагарӣ ва эҳсоси дастгирии мутақобила мусоидат мекунанд. Онҳо имкониятҳоро барои худшиносии эҷодӣ ва шинос шудан бо анъанаҳои санъати халқ фароҳам меоранд» [149;2].

Фаъолияти биноии ХИМ - дошта бидуни таҳсилоти иловагӣ ба вуҷуд намеояд ва инкишоф ёфта наметавонад. Дар ҳоле ки дар ХИМ - дошта расмкашӣ омӯзонида мешавад, оҳиста-оҳиста истеъдод ба вуҷуд меояд ва инкишоф меёбад.

Дар инкишоф додани маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ дар ХИМ - дошта бештар нусхабардории қолиб (модел) дида мешавад. Баъзан расмҳои кашидаи онҳо дар шакли хатҳои парокандае, ки барои тасвир намудани мутаносиб пайваст карда нашудаанд, дида мешавад. Пайдоиши таносуби байни расмҳои кашидашуда ва ашёҳои истифодабурда, набудани расми фаъол низ ба қайд гирифта мешавад. Агар ХИМ - дошта бе дастгирии роҳбари маҳфил, расмҳои эҷодии худро пешниҳод намоянд, онҳо бо ашёи воқеӣ алоқаманд нестанд.

Таҳқиқотро мо дар ду муассисаи давлатӣ барои ХИМ - дошта аз ҷумла, дар муассисаи давлатии «Мактаб - интернати №2 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» -и шаҳри Душанбе ва дар муассисаи давлатии «Мактаб - интернати барои кӯдакони имконияташон маҳдуддошта» №3-и шаҳри Душанбе гузаронида, ба маҳфилҳои эҷодӣ таҷдиди назар намудем. Дар маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ ХИМ бо коғазу қалам на он қадар фаъоланд. Мисол, хонандагон, ки хусусиятҳои асарҳои содаи расмкаширо, ки барои камолот саъю кӯшиш доранд, образҳои мураккабу нозукро меофаранд. Онҳо на танҳо он чизеро, ки мебинанд, нусхабардорӣ мекунанд, балки бо истифода аз таҷриба ва тасаввуроти худ чизи нав эҷод карда метавонанд.

Хусусияти фарқкунандаи расмҳои кашидашудаи онҳо набудани шакли равшан аст, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳаракатҳоро озодона шарҳ дода, лаҳзаҳои ҷолибтаринро дар хотира нигоҳ доранд. Дар натиҷа, баъзе тарафҳо чапа кашида мешавад, ба монанди аз рост, чап ё боло кӯчонида мешаванд ва тасвир нопурра мегардад.

Расмҳои пешниҳодшудаи онҳо бо кумаку дастгирии роҳбари маҳфил натиҷаи коркарди ашё ва тақлид ба амалӣ роҳбар мебошад. Пас аз ба итмом расонидани кори эҷодкардашуда оид ба ташаккул додани маҳорату малакаҳои эҷодии расмкашӣ ХИМ – дошта, ягон тасвирро дар рӯйи коғаз ифода карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, дар давраи таҳқиқотӣ мо кӯшиш намудем, ки бо кумаку дастгирии худи роҳбари маҳфил, нозири беруна маънои чизи кашидашударо муайян карда тавонад. Масалан: расми гурбаро мо ба монанди хати дарозе тасвир кардем, ки бо зиёди хатҳои кутоҳ-кутоҳи дигар он бурида мешуд. Дар расмҳо шакли умумии дар расми кашидашуда вуҷуд надорад. Мо онҳоро ба шакли ашё, қисматҳоро алоҳида кашидем. ХИМ қисмҳои алоҳидаро комилан мустақилона тасвир карда тавонистанд. Баъзе хонандагон ба ҷойи даст пойро тасвир намуд ва бо кумаку дастгирии роҳбари маҳфил муҳтоҷ буданд.

ХИМ, ки нуқсонҳои инкишофи руҳии миёнаро шомиланд, ҳангоми корҳои зеҳнии расмкашӣ баъзан аломатҳои муҳимми ашёро нодида ба итмом мерасонанд. Расмҳоро онҳо метавонад, баъдан чандин маротиба такроран иҷро карда шавад. Масалан, мо дар таҳқиқот расми одамро бо таври хеле сода тасвир намудем. Ин расми кашидаро мо ба ду қисм ҷудо намудем, ки расми асосӣ аз сар ва пой иборат буд. Пойҳоро мо ба шакли чӯбҳо монанд карда, васл намудем. Расми сарро бошад бо як кунҷи муайян ба поён гузоштем. Баъдтар барои онҳо қисмҳои нави симои одам, пеш аз ҳама, дасту тан пайдо кардем. Инчунин, танаи чоркунҷа омода карда, байзашакл ва ё дар шакли рахи дарозшуда монанд намудем. Дастҳоро бошад дар аксари мавридҳо дар алоҳидагӣ тасвир кардем. Мо бо воситаи ангуштони калонамон дар шакли нурҳои офтоби дурахшон, ки шумораи онҳоро метавонист тақрибан якчанд маротиба калон аз шумораи воқеӣ фарқ кунад, дар алоҳидагӣ нишон додем. Сипас ХИМ - дошта барои кашидани гардан бо кумаки мо шуруъ намуданд, ки он ҳамчун номутаносиб дарозтар тасвир карда шуд.

Дар маҳфилҳои эҷодӣ корҳои ХИМ - дошта қисмҳои рӯй, даҳон, чашм ва бинӣ дар расмҳои кашидаи онҳо мавҷуд аст, лекин абрувон ва гӯши одам бештар муддати хеле дароз вуҷуд надоранд.

ХИМ - дошта, онро ба осонӣ мекашад, либосҳоро дар тан мепӯшонад, шакли тугмаро тасвир менамояд, вале дар дараҷаи нуқсонҳои мухталиф ин ҷузъиёти муҳим, ба расмҳои хонандагон хос буда наметавонад. Хусусияти хоси расмҳои кашидаи ин гуна хонандагон такрор ба такрори унсурҳо ба ҳисоб меравад. Дар асоси кашидани расми одам, сатҳи қобилиятҳои маърифатии ин хонандагонро ба таври кофӣ дақиқ муайян кардан ғайриимкон аст, зеро доираи маҳорати графикӣ хеле васеъ аст ва дар хонандагони мувофиқи нуқсонҳо ба таври гуногун зоҳир мегардад. Ҳамзамон дар таҳқиқот мо мушоҳида намудем, ки мавзуъ дар вақти расмкашӣ, ба монанди усули суҳбат, дар бораи он чӣ кашида шудааст, инчунин, худи расми кашидашуда арзиши қимате

дорад, ки дар муқаррар намудани фаҳмиши онҳо нисбат ба кашидани расм ва муҳокима кардани хислатҳои онҳо оқилона истифода бояд бурд.

Бояд иброз намуд, ки расмҳои кашидашудаи ХИМ - дошта дар баъзе мавридҳо, ки дар маҳфилҳои зеҳнӣ пешниҳод карда мешавад, яке аз нишондиҳандаи воқеиятро ҳамчун коҳиши инкишоф нишон дода хизмат карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, бо баъзе сабабҳо расмҳои кашидашуда маънои як мафҳуми томро иникос намекунанд ва қобилияти воқеиро аз асари кашидашуда дур месозад. Бинобар ин, он тасвири графикие, ки ба ҳодисаҳо, объектҳо барои олами атрофро дарк намудани хонандагон пешниҳод мегардад, яке аз меъёрҳои ягонаи арзёбии инкишоф додани тарбияи зеҳнии хонандагон ғайриимкон аст.

Расмкашии эҷодӣ дар маҳфилҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бештар барои муқаррар кардани ташхис низ бояд дар якҷоягӣ бо таҳлил намудани фаъолияти боқимонда маълумотҳои имтиҳони педагогӣ ва психологӣ гузаронида шавад. Баъд аз ташхиси натиҷаҳои мушоҳидаи ҷараёни маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ маълумотҳои мухтасар аз ҷониби мутахассисон, ба монанди сурдопедагог, логопед, олегофренопедагог бо истифода аз роҳу усулҳои фаъоли таълим мавриди омӯзиш қарор дорад. Ин ба мо имконият дод, ки тавсифи пурраи хулосаҳои хешро мувофиқ ба нуқсони ХИМ - дошта тавсияҳо пешниҳод намоем.

ХИМ - дошта дар маҳфилҳои расмкашии муассисаи давлатии «Мактаб - интернати №2 барои кӯдакони имконияти махсусдошта» - и шаҳри Душанбе наметавонанд ҳамеша дар бораи амалҳои тасвири худ дуруст ва пурра ҳарф зананд, баъзан ҳатто амалиёти ҳозираи худро дуруст номбар карда наметавонанд, инчунин фаъолияти худро ҳамеша мувофиқи дастурҳои шифоҳӣ ва хаттӣ низ ташкил карда наметавонанд. Инкишоф додани нутқи хонандагон метавонад қисми муҳимми кори ислоҳӣ ба ҳисоб равад, зеро ҳангоми тасвир кардани расм дар маҳфили эҷодӣ ба номи «Расмкашӣ ифтихори ман аст» таҳқиқот гузаронида,

муайян намудем, ки яке аз вазифаҳои асосии ХИМ - дошта муошират нутқ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот гузаронидаи мо нишон дод, ки самараи кори ислоҳӣ бо иштирок дар маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ зиёд мешавад. Маҳфили расмкашӣ барои рушди эҷодии ХИМ - дошта, на танҳо барои хонандагони нуқсонҳои шунавоидошта, синдроми аутиз, синдроми дауна ва дигар хонандагон, ки дар муҳити таҳсилоти фарогир таҳсил мекунад, муфид аст. Меъёрҳое, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд, ҷанбаҳои маърифатӣ, ҳавасмандкунӣ ва фаъолиятро дар бар мегиранд. Асарҳои эҷодкардаи ХИМ - дошта аз руйи мазмуну мундариҷаи гуногун офарида шудаанд.

Иштирок дар маҳфили расмкашӣ ба рушди ҳамаҷонибаи ХИМ - дошта мусоидат намуда, ба онҳо шодию қаноатмандӣ бахшид. Нақши роҳбари маҳфилро дар ба амал баровардани кори ислоҳию эҷодкорӣ дар муассисаҳои махсуси таълимӣ қайд кардан лозим аст. Роҳбари маҳфил ба равандҳои фаъолияти дохилӣ ва берунии ХИМ - дошта роҳбарӣ мекунад. Хеле муҳим аст, ки роҳбари маҳфил медонад, ки чӣ гуна роҳбарӣ намояд ва роҳҳои ҳавасмандиро истифода барад. Яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии ин равиш - ин намоиш додани расмҳои пешниҳодкардаи ХИМ - дошта ба намоишгоҳҳо ва ба воситаи интишори шабакаҳои интернет онлайн буда метавонад.

Маҳфили муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳамон вақт самарабахш шуда метавонад, ки агар роҳбари маҳфил нуқсонҳои ҷисмонӣ, ақлию зеҳнии хонандагон ва вазифаҳои раванди махсуси таълимро равшанӣ андозад, нисбати корҳои ислоҳӣ чораҳои махсус андешида тавонад.

Роҳбари маҳфил бояд назорати иҷрои марҳилаҳои зарурии корро, аз ҷумла: таҳлил, ташаккул ва арзёбии натиҷаҳоро таъмин намояд. Дар рафти кори таҳқиқоти мо меъёрҳои арзёбӣ таҳия гардид, ки ин ба рушди қобилиятҳои эҷодии ХИМ - дошта мусоидат намуд. Дар анҷоми таҳқиқот озмоиши назоратӣ гузаронида шуд, ки ҳадаф аз он арзёбии

тағйирот дар сатҳи қобилиятҳои омӯзишии ХИМ - дошта буд. Барои гузаронидани санҷиши формативӣ ва истифода дар маҳфилҳо барномаҳои махсус оид ба расмкашӣ таҳия карда шуд. Маҳфили эҷодӣ, ки ташкил ва гузаронида шуд, имконият дод, ки хонандагон шавқу ҳаваси расмкаширо инкишоф диҳанд, онҳоро бо эҷодкорӣ, ташаббускорӣ ва фаъолияти онҳо руҳбаланд гардонанд. Пас аз маҳфилҳои гузаронидашудаи расмкашӣ хонандагон аз асбобҳои аёнӣ самараноктар истифода бурданд ва кори худро дуруст анҷом доданд, аз ин ҷиҳати меҳнатӣ дурусттар гардид.

Е.С.Ивахненко,. Л.К.Байсиева дар мақолаҳои худ маҳфили расмкаширо дигар хел тавзеҳ додааст: «Маҳфилҳои расмкашӣ ва моделсозӣ фаъолиятҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба рушди эҳсосоти ламсӣ нигаронида шудаанд. Кӯдакон аз он меомӯзанд, шаклҳои фигураҳои гуногуни геометриро муайян кунанд, расмҳои гуногун аз хамири бозӣ созанд, аз акварелҳо истифода мебаранд ва аз муҳраҳо ва маводҳои табиӣ ҳунармандӣ месозанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки расмкашӣ бо каф ва ангушт, бо истифода аз қаламҳои ранга, қум ва трафаретҳо барои кашидани ҳайвонот ва растаниҳои гуногун, ки инчунин омӯзиши онҳоро дар муҳити зист мустақиман осон менамояд. Бо ин роҳ, кӯдакон ба расмкашӣ ва меҳнатӣ ва усулҳои гуногун шавқ пайдо мекунанд. Расмкашӣ ба рушди тахайюл ва хаёлоти эҷодӣ мусоидат мекунад. Ин фаъолият барои кӯдакони шармгин ва ноором хеле муфид мебошад ва кӯдакон палитраҳои рангҳои дурахшонро фарқ кунанд ва эътироф кунанд ва андешаҳои худро тавассути расмкашӣ баён кунанд» [326;211].

Оид ба маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ Р.Х Багова қайд менамояд, ки «Маҳфилҳои расмкашӣ ба кӯдакони имконияти маҳдудошта кӯмак мекунанд, ки вокунишҳои муассири эмотсионалиро инкишоф диҳанд ва онҳоро ба шаклҳои қобили қабули иҷтимоӣ табдил диҳанд, онҳо аз эҳсосот, таҷрибаҳо ва ҳолатҳои эмотсионалии худ огоҳ мешаванд ва

онҳо эътимоди худро тавассути эътирофи иҷтимоии арзиши маҳсулоте, ки онҳо эҷод мекунанд, афзоиш медиҳанд. Муаллиф фаҳмидани эҳсосот ва мубориза бо онҳо аксар вақт барои кӯдакон, махсусан онҳое, ки маъюбанд, ба як мушкилӣ табдил меёбад. Арттерапия ба кӯдакон имкон медиҳад, ки аз эҷодкорӣ барои фаҳмидан, таҷриба кардан ва ифода кардани эҳсосоти худ истифода баранд» [315;23].

Ба ақидаи олимони ватанӣ Л.Иматзода, Р.Рамазонова «Қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд таъсири мустақим мерасонад, яъне ҳар қадаре ки сатҳи қобилият баланд бошад, барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар эҷодиёти ӯ ҳамон қадар дурнамои бештар кушода мешавад. Намунаҳое, ки бо он сохта шудаанд, вобаста ба дараҷаи умумии инкишофи қобилият ва маҳорати бадастомада каму беш ифоданокӣ доранд. Дар баробари ин, хонандагони имконияташон маҳдуд на танҳо он чизеро, ки дидаанд ва эҳсос мекунанд, инъикос мекунанд, балки бо мавод ва ашёи дорои хосият ва сифатҳои гуногун шинос мешаванд» [328;74].

Расмкашӣ ба хонандагон имконият дод, ки эҳсосоти худро нишон диҳанд ва дар шакли рамзӣ баён карда тавонанд. Ин барои рушд додани қобилиятҳои мутобиқшавии ХИМ - дошта мусоид менамояд ва ҷиҳатҳои равонии онҳоро аз ҳолатҳои стресс мебарорад.

Дар раванди расмкашӣ ХИМ - дошта усулҳо ва маводҳои гуногунро истифода мебаранд: аз унсурҳое, ки фикрҳои муаллифро инъикос мекунанд, ба тасвири бошууронаи эҳсосот ва руҳияи онҳо таъсир мерасонад. Кор бо ассотсиатсияҳо ба калимаҳои «муҳаббат», «нафрат», «зебоӣ» ва «озодӣ» тасаввуротро таҳрик медиҳад ва ифодаи эҳсосотӣ ба ҳисоб меравад. ХИМ - дошта дар нутқронӣ бо душвориҳо рӯ ба рӯ шуда, онҳо метавонанд бо истифода аз маҳфилҳои расмкашӣ ба корҳои эҷодӣ ҳолати равонии худро беҳтар намоянд, зеро онҳо дар ҷараёни расмкашӣ тавассути ранг, шакл, фишор ва ҳаракати дастӣ истифода мебаранд. Он барои ислоҳӣ шиддати дохилӣ ва ифодаи

эҳсосоте, ки на ҳама вақт бо калима ифода карда мешавад, кумак менамояд.

Мутафаккири Муҳаққиқи ватанӣ М.Пачаева рушди эҷодии расмкашӣ рӯйи қалам меоварад ва иброз менамояд, ки «Гузаронидани озмунҳои гуногуни тасвирӣ дар машғулиятҳо яке роҳҳои баланд бардоштани рушди эҷодии кӯдакон ба шумор меравад. Масалан, кӯдаконро бо гурӯҳҳо тақсим карда шарт монда мешавад, бо воситаи бозӣ, кадом гурӯҳ тезтар ва ифоданок мавзуи бадеиро тасвир месозад. Дар ин маврид кӯдакон бо навбат ин ё он қисми расмро иҷро мекунанд. Бояд омӯзгор онҳоро бо роҳҳои гуногун ба раванди тасвирӣ дилгарм намуда, даъват ба амал орад, ки кадом гурӯҳе, ки ғолиб барояд тасвири онҳо дар синф нигоҳ дошта мешавад. Кӯдакон кушиш мекунанд, ки тасвири онҳо нисбати гурӯҳи дигар бештар ифоданок ва ҷолиби диққат бошад. Ин раванд дар ниҳоди онҳо ҳисси пешсафӣ, болодастӣ, пирӯзӣ ва бартарӣ доштан нисбат ба рақибонро тарбия мекунад» [286;15].

Дар маҳфилҳои эҷодӣ бо эҷод кардани маҳсули фаъолияти худ ХИМ - дошта ҳисси муваффақият ва қаноатмандиро эҳсос мекунад. Ин ба беҳтар шудани муошират кумак мекунад ва онро созандатар мекунад. Кор бо маводи гуногун, аз қабили барг, қум, гил ва санг имкон медиҳад, ки ХИМ - дошта чандирӣ ва пластикии тафаккурро инкишоф диҳанд.

Дар муассисаи давлатии «Мактаб интернати махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» - и №3 шаҳри Душанбе бо хонандагони синфи 4 ум техникаи ранг кардани расми чойнику пиёларо истифода бурда, ба натиҷаи пешбининамудаи хуб расидем. Мо дар таҳқиқот дар заминаи коғази сафед бо ранги сиёҳ расми чойнику пиёларо кашидем. Дар расм як найчаи пластикии рангҳои гуногунро ҳамчун асбоб истифода бурдем. Дар канори коғаз зарфҳои пластикии шаффофӣ истифода бурдем ва бо рангҳои равшан онро ранг намудем, инчунин, рӯймолчаҳои коғазӣ барои пок кардани дастҳо гузошта шудаанд. Дар

ташаккули ҳавасмандии ХИМ - дошта ташкили зебопарастии ҷои кор нақши муҳим дорад.

Маҳфили эҷодӣ дар се марҳила гузаронида мешавад. Марҳилаи аввал, ҳавасманд кардани ХИМ - дошта ба амал мебошад. Пас аз муқаррар намудани робита бо ХИМ - дошта ҳикоя, шеър ё афсона барои ҳавасманд кардан тахайюлоти ӯ (эҷодӣ) мувофиқи қобилияти эҷодии имрӯзааш истифода мешавад. Масалан, барои хурдсолон шумо метавонед кашидани чойнику пиёла, шакли доира, росткунча пешниҳод намоед. Роҳбари маҳфил ХИМ - доштаро даъват мекунад, ки ҳамроҳи ӯ расми чойнику пиёларо кашад.

Марҳилаи дуюм амалӣ намудани ҳадафи асосии таҳсилоти иловагӣ мебошад. Барномаи маҳфилҳо барои ҳар як ХИМ - дошта алоҳида тартиб дода шуда, роҳбари маҳфил шавқу ҳаваси ӯро ба инобат мегирад. Ҳадафҳо метавонанд аз таҳкими мушакҳои даст ва рушди буғумҳо то истироҳат ва рушди хаёлот иборат бошанд.

Марҳилаи асосии маҳфил аз интихоби ХИМ - дошта барои тасвири оянда оғоз меёбад. Дар зери шиша коғази ранга интихобшуда, гузошта мешавад, он ҳамчун маводи ях барои кашидани расм истифода мешавад, дар ин ҳолат, «борон» пешниҳод мешавад, ки дар болои чойнику пиёла борон мечакид. ХИМ - дошта абр ва зарбаҳо - қатраҳоро дар коғаз тасвир мекунад. Роҳбари маҳфил дар ҳолати зарурӣ (танҳо бо иҷозати хонанда) қаламҳои рангаро ба дасти ХИМ - дошта медиҳад, то ки хатоҳои кашидашударо каме ҳам бошад, ислоҳ намоянд. Пас аз он расмҳои рангкардашударо ба ҳаёт мутобиқ менамоянд. Усули истифодаи ранг мувофиқи имкониятҳои ХИМ - дошта интихоб карда мешавад. Агар ХИМ - дошта ҳангоми расмкашӣ намакро дар ангуштони пӯшида дошта натавонад, шумо метавонед намакро ба рӯймолча пошед, плексигласро (шишаи пластикии ранга) бо тасвири гуаш рӯ ба поён гардонед ва каме пахш карда, бо мушт ё кафи дасти худ майда намоед. Кристаллҳои намак (порчаҳои намак) ба гуаш часпида, тарҳ ранг

мешавад. Бо истифода аз ин техника, шумо метавонед тарҳҳои мураккабтарини ранга эҷод карда, рангҳоро зина ба зина татбиқ намоед. Истифодаи намак барои нафаскашии ХИМ - дошта (онҳое, ки дар нафаскашӣ азият мекашанд), барои оромии асаб истифода бурда мешавад. ХИМ - дошта намакро дар даст мегиранд, ки ин торҳои асабро соиш медиҳад, торҳои хурди мушакҳои даст хубтар кор мекунад, роҳҳои хунгард молиш меёбанд. Порчаҳои намак тез рангро ба худ мегиранд ва расми кашидашуда зебо ба назар мерасад.

Дар марҳилаи сеюми маҳфили эҷодӣ мо ХИМ - доштаро ба суҳбате ташвиқ мекунем, ки ба мавзуъ ва мақсади маҳфил мувофиқ бошад. Дар суҳбат пайвандҳои рефлексӣ мавҷуд аст, ки дар давоми он ХИМ - дошта ба роҳбари маҳфил дар бораи он, ки дар таҳсилоти иловагӣ чӣ ба ӯ маъқул буд, чиро омӯхтааст, чӣ ҳис мекунад ва ғайра фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунад. Вазъияти таҳлилӣ ба ташаккули соҳаи худшиносии ХИМ - дошта масалан, худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад.

Аз таҳсилоти иловагӣ баъзан мо расмкаширо бо ангуштон ё кафҳо ба расмкашӣ бо найчаи гуаш мегузаронем. Бо тағйир додани андозаи сӯрох, мо бо хатти гуаш ё нуқтаҳо намуна эҷод мекунем. Маҳфилҳои эҷодӣ ҳар қадар зиётар ва пайдарпай гузаронида шаванд, донишу маҳорат ва қобилияти эҷодии ХИМ - дошта торафт дақиқтар хоҳад шуд.

Дар кашидани расм мо метавонем, ба навиштани ҳарфҳои чопӣ гузаронем, зеро ХИМ - дошта барои омӯзиш оҳиста-оҳиста омодагӣ гирифта метавонанд. Пас аз он ки маҳорат аз худ карда шуд, найчаи гуашро бо найчаи ширеши силикатӣ иваз намудем. Намаки рангаро бо ширеше сахт мебанданд ва намаки зиёдатиро бо ларзиш тоза мекунанд. Рангҳо яке паси дигар татбиқ карда мешаванд.

М.Пачаева. дар фаъолияти илмияш қайд менамояд, ки «Дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ дар кӯдакон тасаввурот инкишоф ёфта, дар натиҷа эҷоди онҳо пурмазмун ва самарабахш мегарданд. Кӯдакон

дар асоси он чизе, ки бевосита дарк кардаанд тасвир ва эҷод мекунанд. Онҳо аз тахайюл истифода намуда, образҳои нав меофаранд» [286;14].

Агар ХИМ - дошта аллакай як рози намакро дарк карда тавонад, пас ӯ онро ба расми ширеше дар боло бо ҳар як ранг алоҳида татбиқ мекунад. Мо тадриҷан вазифаҳоро душвор мегардонем ва ба татбиқи порчаҳои кристаллҳои калон мегузарем, ки ҳар яки онҳо алоҳида татбиқ карда мешаванд, дар натиҷа нақши рӯйи шишаҳои рангин, ки дар он рӯшноӣ мегузарад, зебогӣ пайдо мешавад, аммо ин гуна шиша дигар дубора истифода намешавад, зеро ширеши силикатӣ шишаро шуста намекунад.

ХИМ - дошта маҳсули эҷоди худро бо ихтиёри худ мекунад. Ӯ онро ба дигарон нишон медиҳад, масалан, дар намоишгоҳ нигоҳ медорад ё ба касе медиҳад. Ин фаъолияти иҷтимоии ХИМ - доштаро ҳавасманд мекунад ва дар як гурӯҳи ХИМ - дошта ба худ тасдиқи худ мусоидат мекунад.

Расм бо намак таъсири оромбахш дорад, ки онро бо илова кардани равғанҳои хушбӯй ба гуашҳо беҳтар мекунад. Он гоҳ, масалан, афлесуни кашидашуда на танҳо афлесун аст, балки бӯйи афлесун низ дорад.

ХИМ - дошта бо ёрии рангубор бо гуаш имкон пайдо мекунад, ки усулҳои мураккабтарро аз худ кунад, бидуни тарси он, ки ранг дар натиҷаи ҳаракатҳои ногувор ба либос мерезад ва ин ба худшиносии ӯ меафзояд. Барои ин, ях бо рангҳои ғизоӣ омехта карда мешавад ва барои ранг кардан истифода мешавад, ба монанди ранг кардан бо рангҳои равғанӣ бо истифода аз техникаи чутка (шетка) низ истифода мешавад. Ин намуди расмкашӣ ХИМ - доштаро тадриҷан ба расмкашӣ дар рӯйи коғаз омода месозад ва тарси онҳоро аз он ки вай ягон иштибоҳ мекунад, аз байн мебарад, зеро ҳамеша илоҷи ислоҳ кардан аст.

Техникаи тавсифшуда метавонад мустақилона ё ҳамчун яке аз марҳилаҳои машварат истифода шавад. Инчунин, метавонад, ҳамчун воситаи ёрирасон барои осон кардани тамос ва истироҳат хидмат кунад.

ХИМ - доштаи ғамгин одатан розӣ мешаванд, ки мушкилоти худро дар рӯи ях кашанд, зеро расмро ҳифз кардан ё ба касе нишон додан ғайриимкон аст. Танҳо дастатонро болои он гузоред ва он нопадид мешавад. Аммо таъсири табобатии чунин расм то ҳол мушоҳида мешавад. ХИМ - дошта он чизеро, ки ӯро ба ташвиш меорад, тасвир мекунад. Вақте ки ин тасвирро дигар мекунад ё хароб мекунад, сабукиро ҳис мекунад.

Дар сурати якҷоя расм кашидани ХИМ - дошта низ натиҷаи хуб ба даст меоянд. Ин, махсусан, вақте муфид аст, ки агар байни калонсолон ва ХИМ - дошта алоқаи эмотсионалӣ ва муносибатҳои эътимоднокро барқарор кардан шавад Чунин расмкашӣ метавонад яке аз роҳҳои дарёфти забонҳои муштараки байнишахсии ХИМ - дошта гардад. Дар давоми кор шишаи органикӣ бо гуаши сафед, ки ба он истифода мешавад, амудӣ (перпедикулярӣ) байни тарафҳои холифот насб карда мешавад, ки монеаи муошират нагардад. Сипас, ХИМ - дошта бо тасвири рӯйи шиша фазои муоширатро бо ҳамдигар ташкил менамоянд.

Усули дигари кори эҷодӣ барои ХИМ - дошта, ки гирифтори фалаҷи мағзи сар аст, кор бо мум мебошад. Мум ба картон хуб часпидааст ва онро барои сохтани тарҳи рангаи баланд истифода бурдан мумкин аст.

ХИМ - дошта, пеш аз ба кор сар кардан, бо хамир кардан дар дасташ бо хусусиятҳои мум шинос мешавад. Ҳангоми таҳсилоти иловагӣ аввал калонсолон дасти ХИМ - доштаро нигоҳ медоранд, то он даме ки онҳо боварии комил пайдо кунанд. Ҳамин тавр, ХИМ - дошта бо муми гарм кор карданро ёд мегирад ва ин ба вай барои дамгирӣ ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми кор бо ХИМ - дошта риояи чанд қоида муҳим аст: Агар ХИМ - дошта нахоҳанд, маҳфилҳои эҷодиро оғоз накунед ва ба онҳо муҳити эътимод эҷод кунед. Шарик будан ба ҳар он чизеро, ки ХИМ - дошта пешниҳод мекунад, иҷро кунед. Мубодилаи таассурот ва эҳсосоти

онҳоро бедор намоед. ХИМ - доштаро руҳбаланд кунед ва ба муваффақиятҳои ӯ диққат диҳед. Хатоиро ба афзалиятҳо табдил диҳед.

Дар рафти иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ҳангоми омода кардани ХИМ - дошта метавонад, на танҳо аз рангҳои равшану зебо ва хушсифат, балки усулҳои кори дастиро низ интихоб намояд. Дар таҳсилоти иловагӣ нутқ бояд унсурҳои қувваи таъсиркунанда, аз қабили афсонаҳо, бо истифода аз ташбеҳ ва тағйирёбии овоз иборат бошад. Ин фазои ғайриодӣ ва асрори ҳодисаи рухдодаро ба вуҷуд меорад ва имкон медиҳад, ки муъҷизаи ҳодисаҳои табиати худшиносии ХИМ - дошта ба амал ояд. Барои ҷамъбаст, мо метавонем бартариҳои зеринро қайд кунем, ки ХИМ - дошта ҳангоми маҳфилҳои эҷодӣ ба даст меорад:

ХИМ - дошта имконият пайдо мекунад, ки ҳолати хашмгиниро дар шакли аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул баён кунад. Расмкашӣ роҳи бехатари ислоҳии стресс аст.

Низоъҳои зери шуур ва таҷрибаи дохилӣ тавассути тасвирҳои биноӣ нисбат ба муошират шифоҳӣ осонтар ифода карда мешаванд. Мундариҷа ва услуби кори эҷодӣ на танҳо ба калонсолон, балки ба худи ХИМ - дошта низ маълумоти васеъ медиҳад, ки вай маънии амиқи офаридаҳояшро меомӯзад.

Эҷодиёти муштарак ба таҳкими муносибатҳои байни ХИМ - дошта ва дигар иштирокчиён мусоидат мекунад. Унсурҳои шабоҳат дар расмҳои аъзои гурӯҳ рушди ҳамдардӣ ва эҳсосоти мусбатро суръат мебахшанд, ба нарм кардани ихтилофҳо, пайдо кардани забонҳои умумӣ ва фароҳам овардани заминаи дӯстии оянда мусоидат мекунанд.

Таҳсилоти иловагӣ барои ташаккули ҳисси назорати дохилӣ, амалҳои сохторӣ дар сатҳи дохилӣ ва тартибот дар фикрҳо кумак мекунанд. Иштирок дар таҳсилоти иловагӣ таваҷҷуҳро ба ҳиссиёти худ ва хоҳишҳои бошуурона инкишоф медиҳанд ва мустаҳкам мекунанд. Расм дар натиҷаи амали эҷодӣ ба вуҷуд меояд, ки ин имкон медиҳад, ки эҳсосоти биноӣ равшан карда шавад ва ба кас имкон медиҳад, ки бо онҳо

таҷриба гузаронида шавад. Таҳсилоти иловагӣ ҳисси арзиши ХИМ - доштаро баланд мебардоранд ва салоҳияти бадеияшонро такмил медиҳанд.

Ҳамин тавр, натиҷаи кори маҳфил равшан, рангоранг ва озода буд. Бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки иштирок ва баромад дар маҳфили ХИМ – дошта, ниҳоят дар сатҳи баланд гузаронида шуд.

3.2. Фаъолиятҳои мусиқӣ ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд

Маҳфилҳои эҷодӣ қисми ҷудонашавандаи системаи таълимӣ барои ХИМ-дошта буда, ба таъмини интихоби озод ва дастрасӣ ба барномаҳои таълимии иловагӣ нигаронида шудаанд, ки яке аз он донистани тарбияи мусиқӣ ва эҷод кардани он барои ХИМ –дошта нигаронида шудааст.

Дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ Ёров Ҷамшед хатмкунандаи коллеҷи фарҳанги ба номи Буйдоқов П., дар суҳбат ба мо иброз намуд, ки қироати сурудҳо ба воситаи имову ишора дар дарсҳои мусиқӣ ва беруназсинфӣ дар маҳфилҳо гузаронида мешавад. Хонандагон аз таҳсилоти ибтидоӣ бо синтизатор, баландгӯякҳо, тукмача (клавишит) мусиқиро интихоб карда, имову ишора аз тарафи омӯзгор нишон дода ва барои намоиш омода карда мешавад. Мутаассифона, дар ин мактаб-интернат асбобҳои мусиқӣ истифода бурда намешавад, зеро хонандагон овозро бо душворӣ мешунаванд. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи духтарон дар ҷараёни мусиқӣ аз уҳдаи рақси кӯлобӣ, суғдӣ ва бадахшонӣ баромада метавонанд. Онҳо мувофиқ бо зарби мусиқӣ мерақсанд.

Дар нақшаи маҳфили мусиқӣ хонандагон тафриқабандӣ карда шудаанд. Синфи 1 - ум шуъбаи якум 14 - нафар, шуъбаи дуюм 12 - нафар ва шуъбаи ёрирасон 10 - нафарро ташкил медиҳанд. Синфи 2-юм шуъбаи якум 15 - нафар ва шуъбаи дуюм 12 - нафарро ташкил медиҳанд. Синфи 3

- ум, 13 - нафар аз шуъбаи дуюм, синфи 4 - юм бошад шуъбаи якум 12 - нафар ва шуъбаи дуюм 10 - нафарро ташкил медиҳанд. Маҳфили мусиқӣ ҳафтае 2 - маротиба дар 1 - сол ба миқдори 70 - соат ба нақша гирифта шудааст. Барои баргузории чорабиниҳо дар дарсҳои мусиқӣ ва маҳфили мусиқӣ хонандагон омода карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳо байни муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ баргузор мегардад. Соли 2023 озмуни «Тоҷикистон Ватани азизи ман» дар даврҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ байни ХИМ - дошта баргузор гардида буд, «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» -и ноҳияи Рӯдакӣ ҷойи намоёнро ишғол намуд.

Таҳсилоти иловагӣ дар баробари анҷом ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки ҳангоми истироҳат онҳо дар чорабиниҳои махсус дар муассисаҳои таълимӣ ба кори эҷодӣ машғул шаванд. Ин барои ояндаашон, дар ҳолати ба донишгоҳ дохил нашуданашон кумак мерасонад, ки барои интихоби касб дар оянда омода мешаванд.

Дар ҷомеаи муосир таҳсилоти иловагӣ барои ХИМ - дошта дар рушди эҷодии онҳо нақши муҳим мебозад. ХИМ - дошта вобаста ба шавқу ҳавасҳои фардӣ ба намудҳои гуногуни мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ машғул мешаванд. Ба ин восита, онҳо маҳорати худро инкишоф дода, эҳтиёҷоти худро ба санъат, эҷодкорӣ ва маънавиёт қонеъ мегардонанд. Ин раванд ба онҳо кумак мекунад, ки роҳ ва услуби хоси худро ба санъат ва эҷодкорӣ инкишоф диҳанд.

Ба ақидаи олими рус А.Н.Кузвесова, барои хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳои мусиқии кӯдакони синни томактабии нуқсони зеҳнидошта «Мусиқӣ шакли аз ҳама эҳсоситарини санъат аст. Истифодаи он дар таҳсилоти махсус хеле муҳим аст. Мусиқӣ бо дигар шаклҳои санъат зич алоқаманд аст. Он метавонад ҳар яки онҳоро пурра кунад. Омӯзгорон бояд ба рушди қобилиятҳои мусиқии хонандагон диққати ҷиддӣ диҳанд. Қобилиятҳои мусиқӣ хусусиятҳои фардии равонӣ мебошанд, ки дарк, иҷрои мусиқӣ, таркиб ва қобилияти омӯзишии шахсро дар мусиқӣ

муайян мекунанд. Ҳангоми инкишофи ин қобилиятҳо, кӯдакон муносибати эҳсосӣ бо мусиқӣ инкишоф медиҳанд, шунавоии онҳо беҳтар мешавад ва тахайюлоти эҷодии онҳо шукуфоӣ меёбад. Таҷрибаҳои кӯдакон ранги беназири зебопарастӣ пайдо менамояд» [333;87].

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ барои ҳаёти ХИМ - дошта дар омода шудан ба ҳаёт нақши бориз дошта, тарбия додани ин самтҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳимми низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ барои тарбияи ҳамаҷонибаи ХИМ - дошта мусоидат буда, корҳои эҷодӣ тавассути мусиқӣ, расмкашӣ, меҳнатӣ, машғулиятҳои беруназсинфӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ин рӯ, мо тавассути пажуҳиш дар «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони сустшунаво ва деркаршуда» - и ноҳияи Рӯдакӣ, муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе муайян намудем, ки хусусияти фарҳанги мусиқӣ ва ҳадафҳои санъати мусиқӣ дар таҳсилоти иловагӣ бо кадом сабаб ба вуҷуд меояд. Инчунин, мушкилотҳои ҷойдошта дар баробари инкишоф додани рағбати фарҳанги мусиқӣ ва иштирок дар маҳфилҳои эҷодии хонандагон бо роҳҳои муосири ташаккули завқи санъати мусиқии онҳо, дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ таҳқиқ карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки масъалаҳои умумии санъати мусиқии беруназсинфӣ дар ташаккули завқи мусиқии хонандагон дар осори илмии як қатор педагогон ва мусиқишиносони ватанию хориҷӣ инъикоси худро ёфтааст.

Сарфи назар аз он ки муҳаққиқони соҳаи педагогика ва мусиқӣ ҷиҳатҳои гуногуни таълими мусиқии беруназсинфиро таҳқиқ карда

бошанд ҳам, то имрӯз такмил додани тарбияи мусиқии ХИМ - дошта ҳалли худро наёфтааст ва таҳқиқоти минбаъдаро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур ба ҷанбаҳои асосӣ нигаронида шуда, мо дар доираи сарчашмаҳои мавҷуда хусусиятҳои санъати мусиқии беруназсинфӣ барои ХИМ - ро мавриди омӯзиш қарор додем.

Вобаста ба мавзуи мавриди баррасӣ аввал бояд таъкид кард, ки иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ҷанбаи муҳим буда, тамоми паҳлуҳои онро дар ҳамин замина баррасӣ кардан лозим аст. Фаъолияти эҷодии мусиқӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ набояд бо як соат дар як ҳафта дарси мусиқӣ маҳдуд карда шавад. Барои пурра кардани ин, роҳбари маҳфил бояд чорабиниҳои беруназсинфиро ба нақша гирад. Иштироки ХИМ - ро дар маҳфилҳои мусиқӣ шавқманд намуда, ба онҳо кумак расонад, ки бо ҳунарнамоӣ ва сурудхонӣ шинос шаванд. Муаллими суруд ва мусиқӣ дар дарсҳо хонандагонро роҳбарӣ намуда, меҳру муҳаббати онҳоро ба мусиқӣ бедор менамояд ва барои такмил додани корҳои эҷодӣ маҳфили илмӣ ташкил менамояд. Роҳбари мусиқӣ бошад, барои мустақилона эҷод намудани мусиқӣ ва суруд ба хонандагон шароит фароҳам меоварад.

М.Т Мадатова, дар рисолаи қайд менамояд, ки «Машғулиятҳои беруназсинфӣ яке аз самтҳои муҳими раванди тарбиявӣ ба ҳисоб рафта, дар рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон нақши назаррас доранд. Ин гуна фаъолиятҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявии худро мустаҳкам намоянд, балки малакаҳои эҷодӣ ва муоширатии худро низ инкишоф диҳанд. Дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфӣ онҳо имконият пайдо мекунанд, ки дар гурӯҳ кор кунанд, фикри худро озодона баён намоянд, бо ҳамсолон ҳамкорӣ кунанд ва таҷрибаи иҷтимоӣ ба даст оранд. Ҳамзамон, чунин фаъолиятҳо ба баланд шудани ангезаи омӯзиш, ташаккули мустақилияти фикрронӣ ва рушди қобилиятҳои фардии хонандагон мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ,

машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи муҳими педагогӣ дар рушди шахсияти фаъол ва эҷодкор нақши муҳим мебозанд» [338;31].

О. Ҳабибова дар фишурда автореферат дар масъалаи ки «Шароитҳои дидактикки рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ» қайд менамояд, ки «Ҳангоми кор бо шароитҳои дидактикӣ, дар чараёни фаъолияти беруназсинфӣ чорабиниҳои гуногуни тарбиявиро роҳандози намудан мумкин аст, ки на танҳо нишонаҳои қобилиятӣ дар кӯдак табиатан нуҳуфтаро инкишофу такмил дода, инҳирофати номатлуби иҷтимоии дар ақлу рафтори ӯ ниёзмандӣ худруддиҳӣ, худамалисозии доимиро низ ташакуул медиҳанд [303;35].

Моҳияти маҳфилҳои эҷодии мусиқиро танҳо дар сурате бомуваффақият татбиқ кардан мумкин аст, ки агар донанд, ки шаклҳои гуногуни эҷодиёти мусиқӣ ба кадом сатҳи ХИМ - дошта мувофиқ аст ва ба он то чӣ андоза шавқу ҳавас доранд. Дар ташаккули ҳавас ва хислати ХИМ - дошта оила, муҳит ва ҳамсолон нақши ниҳоят калон мебозанд, ки роҳбари маҳфил ҳангоми ташкили чорабиниҳо бояд инро ба назар гирад.

Аз нигоҳи мутафаккири рус Д.Б.Кабалевский., «Мусиқӣ дорои қувваи бузурги таъсиррасон ба олами ботинии хонандагон мебошад ва метавонад ҳиссиёт, эҳсосот ва ҳолати рӯҳии ӯро ба таври амиқ тағйир диҳад. Мусиқӣ ҳамчун як навъи санъат на танҳо воситаи фароғат, балки омили муҳими тарбиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ба ташаккули завқи зебоипарастӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги маънавии шахс мусоидат мекунад. Дар раванди таълим ва тарбия истифодаи мусиқӣ имконият медиҳад, ки ҳиссиёти ботинии инсон фаъол гардад, тафаккури образӣ рушд ёбад ва робитаи байни эҳсосот ва андеша мустаҳкам гардад. Ҳамин тавр, мусиқӣ ҳамчун воситаи тавонои таъсиррасонӣ дар ташаккули шахсияти ҳаматарафа рушдёфта нақши муҳим мебозад» [132;45].

Дар вақти интихоби мавзуъ барои ташкили барномаҳои консертӣ роҳбари маҳфил нақшаро бояд тавре тартиб диҳад, ки мазмун ба синну соли ХИМ - дошта ва дараҷаи фаҳмиши санъати мусиқӣ мувофиқ бошад. Мусиқӣ ба шунавандагон танҳо вақте таъсир мерасонад, ки эҳсосотро бедор кунад ва онҳоро ба шавқ орад. Инро роҳбарони маҳфилҳои мусиқӣ дар таҳсилоти иловагӣ таълим медиҳанд. Вазифаи роҳбари маҳфил аз он иборат аст, ки на танҳо сурудҳо омӯзанд, балки саҳначаҳо, рақсҳои кӯлобию суғдӣ, бадахшонӣ омода намояд. Онҳо инчунин, ХИМ - ро ҳамроҳи хонандагони солим бо сенарияи консерт шинос мекунанд. Пеш аз баргузории саҳнаҳо нақшофарандагонро хуб омӯзад, то ки роҳбар аъзоёни маҳфилро бо хислатҳои мусиқии қаҳрамонҳои асосӣ ва мазмуни ансамблҳо шинос намояд, зеро дарк кардани тамошобинони ношинос ба онҳо душвор аст.

Кори эҷодии мусиқии таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бо роҳи ташкили маҳфилҳои гуногун, аз қабили сурудхонии ҳамсароӣ, гурӯҳҳои мусиқичиён, яккахон, якканавоз дуэтҳо, (асари мусиқӣ барои ду асбоб ё ду овоз, гурӯҳҳо, барои омода кардани саҳнача, иҷрои рақси саҳнавӣ, тақлидсозӣ ва дигар ансамблҳо амалӣ мешаванд. Дар ин маҳфилҳо бо хоҳиши хонандагон баромадҳо ташкил карда мешаванд. Ҳатто дастаҳои ҳамсароӣ, ки дар ибтидо барои ХИМ - доштаи дорои истеъдоди мусиқӣ (гушнавозии хуб, овозхонӣ) ташкил шуда буданд, ҳоло барои ҳама, сарфи назар аз қобилияти мусиқии онҳо кушодаанд. Таҷриба нишон дод, ки кори эҷодкорӣ имкон медиҳад, ки ҳар кас, аз ҷумла ХИМ - дошта, сарфи назар аз мушкилот, маҳорати мусиқӣ ва овозхонии худро инкишоф диҳад.

Муҳлати маҳфил барои пурра инкишоф додани маҳорати вокалию ҳамсароӣ кифоя нест. ХИМ - дошта дар чорабиниҳои таҳсилоти иловагӣ иштирок мекунанд, то дар ҳамсароӣ таҷрибаи бештар пайдо кунанд. Барои бомуваффақият инкишоф додани маҳорати мусиқӣ таҷрибаи дар синф андӯхташуда рафти корҳои эҷодии таҳсилоти иловагиро серталаб

ва ғанӣ гардонад. Санъати ҳамсаронӣ аз рӯйи анъана дар фаъолияти роҳбари маҳфил мавқеи махсус дорад. Сурудхонии ҳамсаронӣ шакли дастрастарини эҷодиёти мусиқӣ барои хонандагон буд ва мебошад. Онҳоро бо маданияти мусиқӣ шинос мекунад.

Фаъолияти ҳамсаронӣ бештар ба дараҷаи иштирок дар маҳфилҳои сурудхонии таҳсилоти иловагӣ вобаста аст. Ҳамсаронӣ як намуди фаъолияти иҷроии дастаҷамъона мебошад. Бинобар ин, барои дар ҳамсаронӣ дуруст иштирок кардан ХИМ - дошта дар маҳфилҳои таҳсилоти иловагӣ иштирок мекунанд. Ин барои баланд шудани маҳорату малакаҳои сурудхонии умумӣ ва ташаккул додани ҳисси мусиқӣ, инкишоф додани тарбияи маънавӣ ва ҷаҳонбинии онҳо мусоидат мекунад.

Кор кардан дар болои суруд танҳо як тақлиди механикии роҳбари маҳфили ҳамсаронӣ нест. Ин ҷараёни ҳаяҷоноварест, ки ба мо тадриҷан ба қуллаҳо баромаданро хотиррасон мекунад. Роҳбари ҳамсаронӣ ба хонандагон хотиррасон мекунад, ки дар ҳар як суруд, ҳатто сурудҳои одитарин ҳам меҳнати бузурги эҷодиро талаб мекунанд. Дар заминаи таълиму тарбияи мусиқии ҳамсаронӣ сурудхонӣ вазифаҳои зиёде дорад.

Аввалан, ХИМ - дошта тавассути омӯзиш ва иҷрои асари ҳамсаронӣ бо асарҳои гуногуни мусиқӣ шинос мешаванд. Ин ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки дар бораи мазмуни мусиқӣ, алоқаи он бо олами атроф тасаввурот пайдо намуда, гуногунии мусиқӣ ва хусусиятҳои имову-ишоравию образии онҳо дарк кунанд. Яке аз онҳо дараҷаи ибтидоии маданияти умумӣ ва мусиқӣ мебошад. Ин ба рушди равандҳои психофизикӣ, аз қабили дарки мусиқӣ, хотира, малакаҳои муошират, эҳсосот ва қобилияти иштирок кардани ХИМ - дошта ба фаъолиятҳои коллективӣ, дар оғози таҳсил таъсир мерасонад. Омили дигар ҳолати дастгоҳи шунавоӣ ва овози ХИМ - дошта, инчунин маҳорати ибтидоии овозию ҳамсароии онҳо пеш аз иштирок дар чорабиниҳои беруназсинфӣ мебошад.

Ба ақидаи А.П. Алиев, «Ташаккули салоҳияти мусиқии хонандагон дар шароити муассисаҳои таълимӣ тавассути фаъолияти амалии мусиқӣ ва усулҳои муосири педагогӣ самаранок мегардад» [263;18].

Ба ақидаи олими рус И.В.Штанко бошад «Барномаҳои фароғатӣ, рақс ва фолклор чорабиниҳои идона, мусобиқаҳо, фестивалҳо, карнавалҳо, рӯзҳои мавзӯъӣ, ярмаркаҳо, намоишҳо, консертҳо, дискотекаҳо ва шомҳои рақсиро дар бар мегиранд. Барои он ки кӯдакони дорои маҳдудият дар чунин чорабиниҳо иштирок карда тавонанд, муаллими синф тавассути омӯзиши амиқи хусусиятҳои кӯдакон ва ҳамкории фаъол бо волидон бояд фаъолиятҳоеро интихоб кунад, ки ба кӯдакон имкон медиҳанд озодона амал кунанд ва маъюбии онҳоро таъкид накунанд. Кӯдакон метавонанд дар лоиҳаҳои муштарак, эҷоди ороишҳо, либосҳо, эҷоди инсталлясия ё тарроҳии тамоми чорабинӣ, таъмини садо барои консертҳо ё намоиш дар онҳо ва интихоб ва татбиқи ҳамроҳии мусиқӣ барои чорабинӣ иштирок кунанд» [311;33].

Назарияи педагогии Н.Н. Лазарева дар масъалаи мусиқӣ «Дар ин дарс, сабукии равонӣ тавассути системаи супоришҳои гурӯҳӣ, ки сурудхонии эҳсосӣ ва драматизатсияро дар бар мегирад, ба даст оварда мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки Бозӣ «Калейдоскопи мусиқӣ» аст. Пас аз кашидани корт бо номи ранг, хонандагон бояд аз ҷояшон бархезанд ва хонандагон «худ»-ро пайдо кунанд - хонандагоне, ки кортҳои якхела доранд. Ин гурӯҳро барои бозии суруд ба гурӯҳҳо тақсим мекунад. Сипас ба ҳар як гурӯҳ вазифа дода мешавад, ки номи ранги гурӯҳро бо оҳанги суруд суруд хонанд. Масалан, гурӯҳи «сабз» калимаи англисии «сабз»-ро бо оҳанги «малахе дар алаф нишаст», гурӯҳи норинҷӣ калимаи «норанҷӣ»-ро бо оҳанги «осмони норанҷӣ» ва гурӯҳи сафед калимаи «сафед»-ро бо оҳанги «аспҳои сафедпӯст» месарояд». Муаллиф қайд менамояд, ки «Сурудҳо метавонанд гуногун бошанд; шумо метавонед хонандагонро ташвиқ кунед, ки агар вақт дошта бошед,

худашон ғояҳои монандро пешниҳод кунанд. Агар ягон идея пайдо нашавад, мувофиқи шаблони пешниҳодшуда суруд хонед. Ҳамаи онҳое, ки вазифаро иҷро мекунанд, кафкӯбӣ мегиранд; агар касе ноком шавад, онҳо бояд аз ҳамсинфони дӯстона, ки омодаанд суруд хонанд, кӯмак гиранд ва ғайра».[335;38]

Сурудхонии ҳамсароӣ барои ХИМ - дошта дастрастарини фаъолияти эҷодӣ мебошад. Инкишофи дурусти ҳамсароӣ бо назардошти хусусиятҳои синну сол ва шакли инкишофи овоз ҳамзамон ба солим ташаккул ёфтани дастгоҳи овозӣ мусоидат мекунад, лекин аз сабаби нуқсонҳои нутқи зиёд доштани ХИМ - дошта танҳо бо роҳи хондани суруд, ки онро мо дар илми логопедия ритмикаи логопедӣ мегӯем, бартараф хоҳад шуд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки қариб ҳамаи ХИМ - дошта нуқсонҳои нутқ доранд. Аз ин лиҳоз, мо барои худро хушбахт ҳис кардан, мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кардан иштирок дар маҳфилҳои эҷодиро ҳатмӣ мешуморем.

Фаъолияти мазкур ба ташаккули қобилияти бадеӣ ва зебопаирастии ХИМ - дошта тавассути ташкили маҳфилҳои таҳсилоти иловагӣ нигаронида шудааст. Барои ба низом даровардани ҷараёни кори беруназсинфӣ барномаи маҳфил тартиб дода шудааст. Шакли асосии татбиқи барномаи ҳамсароӣ дар фаъолияти эҷодии беруназсинфӣ дар «Мактаб - интернати сустшунаво ва деркаршуда» -и ноҳияи Рудакӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад: синфҳои 1 - 4, 2 соат дар як ҳафта, 68 соат дар давоми сол; синфҳои 5 - 8 ҳафтае 2 соат, дар давоми сол 68 соат ва синфҳои 9 - 11 - 3 соат дар як ҳафта, 102 соат дар давоми сол.

Ҳамсароӣ як кори эҷодии таҳсилоти иловагӣ буда, фазои эҷодӣ ба вуҷуд меоварад, қисми ҳатмии маҳфилҳо ва озмунҳои идона дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, вилояту ноҳияҳо мебошад. Ҳамин тавр, дар ҳамсароӣ дар атрофи хонандагони солим ва ХИМ - дошта ҷамъ омада, таъсири дӯст доштани мусиқӣ ба наслҳои ҳозира ва оянда ташаккул меёбад.

Ба ақидаи Н.Ф. Виноградова, «Истифодаи унсурҳои этномаданӣ дар раванди таълими мусиқӣ яке аз самтҳои муҳимми педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад, зеро он ба рушди қобилиятҳои мусиқии хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Чунин равиш имконият медиҳад, ки хонандагон бо мероси фарҳангӣ ва мусиқии миллӣ шинос шуда, ҳисси зебопарастӣ, завқи эстетикӣ ва дарки амиқи мусиқиро инкишоф диҳанд. Ҳамзамон, истифодаи унсурҳои этномаданӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ ба ташаккули хотираи мусиқӣ, ҳисси ритм, қобилияти шунавоӣ ва тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Ин раванд на танҳо рушди қобилиятҳои фардиро таъмин менамояд, балки робитаи кӯдакро бо фарҳанги миллӣ ва арзишҳои маънавӣ мустаҳкам месозад. Ҳамин тавр, таълими мусиқӣ дар заминаи этномаданӣ ҳамчун воситаи муҳими рушди ҳамаҷонибаи хонандагон арзёбӣ мегардад» [266;15].

Ҳалли вазифаҳои маҳфилҳои мусиқӣ танҳо дар ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки ХИМ - дошта дар иҷрои асарҳои мусиқӣ ба дараҷаи ифодаи бадеӣ ноил шаванд. Ба иҷрои ин асарҳо бояд равишҳои эҷодӣ ва дилрабо, бо дарки чуқури образҳои мусиқӣ хос бошад.

Омӯзиши суруд на танҳо аз ёд кардан ё тақлид кардани дастурҳои дирижёрро дар бар мегирад; ин як раванди ҷолибест, ки ба болоравии устувор ба сӯйи муваффақият шабоҳат дорад. Дирижёр ба хонандагон таъкид мекунад, ки ҳар як суруд кӯшиши назарраси эҷодиро талаб мекунад, ҳатто агар он одӣ ба назар расад. Сурудхонии ҳамсароӣ танҳо дар ҳолате муваффақ мешавад, ки ғайр аз дарс дар маҳфилҳои эҷодӣ иштирок намояд. Дар ҳамин ҳолат дар таълиму тарбияи оммавии мусиқӣ бартариҳои зиёд ба даст меоварад.

ХИМ - дошта тавассути омӯхтан ва иҷро кардани асарҳои асари ҳамсароӣ бо асарҳои гуногуни мусиқӣ ошно мешаванд ва ба ин васила дарки онҳо дар бораи мазмуни мусиқӣ, робитаи он бо ҳаёти атроф васеъ мегардад, дар бораи жанрҳои мусиқӣ, хусусиятҳои интонатсия - образи онҳо фаҳмиш пайдо мекунанд.

ХИМ - дошта бо роҳу воситаи суруд хондан ва бо воситаи ҳамсарой ҷаҳонбинии мусиқии худро васеъ намуда, муносибати мусбатро нисбат ба санъати мусиқӣ ташаккул медиҳад. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки қонунҳои мусиқиро дар рафти иҷрои бевоситаи он аз худ кунанд, шавқу ҳаваси мусиқиро бедор кунанд ва онҳо ба эҷодиёти ҳамсарой иштирок кунанд.

Яке аз онҳо ба сатҳи ибтидоии фарҳанги умумӣ ва мусиқӣ нигаронида шудааст, ки дар марҳилаи ибтидой ба инкишофи чунин равандҳои психофизикӣ, ба монанди дарки мусиқӣ, хотира, малакаҳои муошират шифоҳӣ, аксуламалҳои эмотсионалӣ, қобилияти иҷрои амалҳои гуногуни гурӯҳӣ таъсир мерасонад. Дигар омил ин ҳолати дастгоҳи шунавой ва овозии ХИМ – дошта инчунин малакаҳои ибтидоии вокалӣ ва ҳамсарой пеш аз дохил шудан ба таҳсилоти иловагӣ мебошад.

Сурудхонии ҳамсарой яке аз шаклҳои корҳои эҷодиёти ХИМ - дошта мебошад. Он барои ташаккули услуби дурусти сурудхонӣ бо назардошти хусусиятҳои синну сол ва марҳилаҳои инкишофи овоз кумак мекунад. Ин ба рушди солими дастгоҳи овоз мусоидат мекунад. Чорабинӣ ба рушди қобилиятҳои бадеӣ ва зебоипарастии ХИМ - дошта тавассути ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ нигаронида шудааст. Ҳамсарой гурӯҳи доимии беруназсинфӣ буда, фазои воқеан эҷодӣ ба вуҷуд оварда, иштирокчии ҳатмии чорабиниҳои идона ва озмунҳои муассисаҳои таълимӣ, ноҳия ва вилоят мебошад.

Ҳалли масъалаҳои тарбияи мусиқӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки ХИМ - дошта барои иҷро кардани асари бадеӣ ва мусиқӣ ноил шаванд. Иҷрои ифоданокии асарҳои мусиқӣ бояд эҷодкорона сурат гирад. Санъати мусиқӣ барои ХИМ - дошта бояд ҳаяҷонбахш бошад, онҳо ҳисси амиқи дарки образи мусиқӣ дошта бошад. Кор дар болои суруд дилгиркунанда ё тақлиди механикии роҳбари маҳфил буда наметавонад, балки ин раванди ҳаяҷоноварест, ки суботкорона ва тадриҷан ба баландӣ баромаданро ба хотир меорад. Роҳбари маҳфил

бояд кӯшиш намояд, ки шуури хонандагонро ба ҳар як суруд, ҳатто суруди одитарин ҳамчун кори эҷодӣ ангезонад.

Ғайр аз ин, ҳамсароӣ ҳамчун яке аз намудҳои дастрастарини фаъолияти эҷодӣ дар ташаккули шахсияти хонандагон нақши муҳим мебозад. Он ба рушди хотира, ғанӣ гардидани захираи луғавӣ, беҳтар шудани нутқ ва мустаҳкам шудани малакаҳои муоширатӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, ин намуди фаъолият ҳисси ҳамкорӣ, масъулият ва муттаҳидиро дар гурӯҳ тақвият медиҳад. Дар баробари ин, мазмуни бадеӣ ва ахлоқии сурудҳои ҳамсароӣ ба ташаккули арзишҳои маънавии хонандагон таъсир расонида, муносибати онҳоро нисбат ба муҳити атроф, арзишҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ муайян менамояд. Аз ин рӯ, самаранокии ҳамсароӣ аз интихоби дурусти репертуар, сатҳи касбии омӯзгор ва ташкил намудани муҳити эҷодии таълим вобастагии зич дорад.

Мо дар таҳқиқоти худ дар зербобҳо маҳз барои он истифодаи ҳамсароиро пешниҳод менамоем, ки дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ бештар ба асбобҳои мусиқӣ, ба монанди дутор, рубоб, аккордеон, таблак ва доира кам диққат дода мешавад. Сабаби дигари он ин аст, ки мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи сурудҳои ҳамсароӣ дар ҳамаи чорабиниҳои фарҳангӣ сурат мегирад.

Барои ташкил намудани маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ ҳар як хонанда бояд рағбат ба сози мусиқӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, хондани суруди ҳамсароӣ дошта бошад, вале бинобар маҳдуд будани шароити иҷтимоию иқтисодӣ дар баъзе муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ин гуна маҳфилҳо амалан фаъолият намекунанд. Аз ин рӯ, дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ба воситаи маҳфилҳои ҳамсароӣ дар шароити ҳозира ташкил кардани ансамблҳои мусиқӣ ба мақсад мувофиқ ва фоидаовар мебошад.

Маҳфилҳои ҳамсароӣ барои ХИМ - дошта новобаста аз синну сол ҷудо карда шуда, муттаҳид карда мешавад. Инчунин, тавсия дода

мешавад, ки маҳфилҳои зерини ҳамсарой ташкил карда шавад, ба монанди: ҳамсароии хурдсолӣ (синфҳои I - IV), ҳамсароии синни наврасӣ (синфҳои V - VII), ҳамсароии синни калони мактабӣ (синфҳои VIII - XI). Барои баланд бардоштани таъсири таҳсилоти иловагӣ ба корҳои эҷодӣ дар соҳаи мусиқӣ ва хондани суруд ташкили гурӯҳҳои ҳамсароии муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, муттаҳид намудани тамоми гурӯҳи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иҷрои асарҳои пештар азхудшуда нақши калон мебозанд.

Ташаккул ва инкишоф додани ҳамсарой аз қабули кушоди иштирокчиён оғоз меёбад. Роҳбари мусиқӣ саъю кӯшиш менамояд, ки дар маҳфил хонандагонеро ҷалб намояд, ки на танҳо маҳорати хондани ҳамсарой доранд, балки аз иҷрои хондани суруду рақсҳои кӯлобию бадахшонӣ ва суғдӣ баромада тавонанд. Инчунин, қобилияти баромад кардан дар саҳначаҳо ва меҳри самимӣ ба эҷодкорӣ дошта бошад. Дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла, дар маркази кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе дар ҳайати ҳамсарой дар баробари хонандагони солими ХИМ -дошта низ дохил карда мешавад, ки ин низ аз манфият холӣ нест. Онҳо на танҳо аз уҳдаи хондани ҳамсарой мебароянд, балки ба он ҳамчун ҳаваскор хеле ҷиддӣ муносибат мекунанд.

Хондани ҳамсароии гурӯҳи ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, иҷрои суруд мувофиқи нақшаи маҳфил дар аввал бо ҳамроҳии роҳбар сурат гирад. Дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дар сурати ба миён омадани душвориҳо роҳбари ҳамсарой метавонад ба ҳар як ХИМ - дошта як ё ду нафар хонандагони солимро вобаста намояд, то барои ҳамовоз шудан ва дуруст талаффуз кардани ҳамсарой дар хотир нигоҳ доштани он кумак расонанд.

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дар ҳолати аз уҳдаи хондани ҳамсарой набаромадани ХИМ - дошта роҳбари маҳфил барои дуруст талаффуз кардану беғалат хондани ҳамсарой ҳамовоз мешавад. Оҳангҳои

хондани суруди ҳамсароӣ оммавӣ, ки ба синну солашон мувофиқанд, интихоб карда мешавад, зеро дар ҳамсароиҳои дароз ё мафҳуми вазнин ХИМ - дошта барои дар хотир нигоҳ доштан мушкилӣ мекашанд. Вазифаи роҳбари маҳфил барои корҳои эҷодӣ фароҳам овардани шароити мусоид мебошад. Ин имкон медиҳад, ки ба сифати овози сароянда ва дарки матн дуруст баҳо дода шавад. Барои нишон додани қобилияти мусиқии хонандагон роҳбари маҳфил метавонад аз онҳо хоҳиш намояд, ки сурудро бо овозҳои гуногун ва бо тарзҳои гуногун иҷро кунанд (аз ҷумла чапакзанӣ), лекин иҷрои ҳамсароӣ бошад бояд бо овози якхела, баландию пастии якхела сурат гирад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки иқтидори ХИМ - доштаро ошкор намуда, дурнамои таҳсили минбаъдаи мусиқии онҳоро муайян кунем. Қобили зикр аст, ки ХИМ - дошта дар синфҳои якум, дуюм ва сеюм шармгин мешаванд. Аз ин рӯ, дар гурӯҳҳои хурди 3 - 4 нафара шунидани овози онҳо муфид хоҳад буд.

Маълум аст, ки барои корҳои эҷодии мусиқӣ ташкил кардани гурӯҳи ҳамсароӣ мувофиқи интихоби гурӯҳи хонандагон мешавад. Мо аз сабаби кам будани ХИМ - дошта мувофиқ ба синну сол дар таҳсилоти иловагӣ, хонандагони солимро низ истифода бурдем. Танҳо мо кӯшиш менамоем, ки дониши мусиқии ХИМ - дошта баробари хонандагони солим сурат гирад.

Мавзӯи илмии Х.Нарзуллоев масъалаи вазифаи омӯзгори мусиқиро дарбар гирифта, дарҷ менамояд, ки «Инкишофи салоҳияти этникӣ - фарҳангии муаллими ояндаи мусиқӣ бидуни ҷалби фаъолонаи онҳо ба фаъолиятҳои эҷодӣ, ки бар асоси мусиқии халқӣ асос ёфтаанд, ғайриимкон аст. Корҳои эҷодӣ бо маводи этнопедагогӣ рушди тафаккури бадеӣ, завқи эстетикӣ ва қобилияти мустақилона эҷод кардани арзишҳои фарҳангиро таъмин мекунанд» [283;10].

Д.С.Рамазонзода, дар фишурдаи диссертатсия оид ба масъалаи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ» андешаи хешро таъкид

менамояд, ки «Фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар синни томактабӣ ба худ хусусиятҳои хос дорад, зеро дарки мусиқӣ, фаҳмидан ва айнан такрор кардани он ба инкишофи асабу психикаи онҳо алоқаманд аст. Идроки мусиқӣ дар шунидан, фаҳмидан ва ҳаловат бурдан зуҳур меёбад. Он дар заминаи эҳсосоти кӯдакон ба вуҷуд омада, ба инкишофи ақлу фаросат, зеҳну заковатмандӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, фаъолияти мусиқӣ кӯдакон як шакли фаъолияти маърифатӣ буда, он барои азхудкунии ҳаҷми муайяни донишҳо, таассуроту ҳодисаҳо ба воситаи шунидан мусоидат мекунад» [289;16].

Барои бомуваффақият инкишоф додан ва такмил додани фаъолияти эҷодӣ, инчунин барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва ташаккули маҳорати сурудхонии ҳамсароӣ дар ХИМ - дошта роҳбари маҳфили мусиқӣ бояд хусусияти дастгоҳи овозии ҳар як хонандаро тачдиди назар намояд, зеро баъзе ХИМ - дошта овози ғафс, нофорам дошта, барои ҳамсароӣ ширкат варзиданашон ғайриимкон аст. Ин гуна хонандагон метавонанд дар маҳфилҳои рақс, саҳнача иштирок намоянд.

Овози ХИМ - дошта муносибат ва мониторинги бодиққатро талаб мекунад, зеро он метавонад, осебпазиртар бошад. Дар баъзе мавридҳо, онҳо метавонанд, ҳангоми намоишҳои консертии синфӣ аксуламалҳои эмотсионалӣ нишон диҳанд. Инчунин, онҳо дар баромадҳои дарс-консерт баъзан ба эҳсосот дучор мешаванд.

Дар хотир доштан лозим аст, ки дар солҳои охир инкишофи физиологии ХИМ - дошта аз ҳарвақта дида тезтар ба амал омада, зуд ба балоғат мерасанд. Ин ба ташаккули овози сарояндагии чунин хонандагон таъсири калон мерасонад. Мушоҳидаи овози ХИМ - дошта ҳангоми хондани суруди ҳамсароӣ метавонад душвор бошад. Аз ин рӯ, роҳбари маҳфил бояд ҷараёнро дар магнитофон, планшет ё телефони мобилӣ сабт намояд ва сипас сабтро ба хонандагон пешниҳод намояд. Роҳбари мусиқӣ бояд мустақилона муайян кунанд, ки дар кадом овозҳо барои хонандагони хурдсол - сопрано (овози баландтарини занона) ва

тембр (овози баландтарини мардона) алт (овози пасти занона) ва баритон (овози ғафси мардона) дар ҳолати ба инобат нагирифтани овозҳо сурудхонии дағалона мушоҳида карда мешавад, онро зуд бояд ислоҳ намуд.

Р.Абдуллоева дар рисолаи илмии худ чунин ақида баён намудааст, ки «Тарбияи эстетикии хонандагон тавассути меҳнат ва санъат дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мақсаднок инкишоф меёбад». Ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ мо ба андешаи Р.Х.Абдуллоева розӣ шуда, тавсия медиҳем, ки ХИМ - дошта низ барои дар оянда «дуруст интихоб кардани касб зимни таҳсилоти иловагӣ ба иҷрои нақшҳои театрӣ, супоришҳои мусиқӣ, иҷрои рақсҳои мавзуни миллӣ (кӯлобӣ, суғдӣ, бадахшонӣ), ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, бадеӣ ҷалб карда шаванд. ХИМ - дошта метавонанд ба ин восита бо такя аз завқи зебоипарастияшон худашон низ чизи наверо эҷод намоянд» [260;55].

Назарияи М.А. Набиева оид ба масъалаи корҳои эҷодии мусиқӣ ҳамкориро муассиса ба таҳсилоти иловагӣ «Ҳамгироии равандҳои таълимӣ бо маҳфилҳои эҷодӣ барои хонандагон мусоидат менамояд ба ташаккули қобилиятҳои зебоипарастӣ ва зеҳнӣ, бедор кардани эҷодкорӣ ва эҳсоси шахсӣ» [282;50].

Дар давраи таъсири шадиди мусиқии баланд кӯдакон ва наврасон метавонанд падидаеро аз сар гузаронанд, ки онро ҳамчун «мутатсия» дар фаъолияти эҷодӣ ва маҳфилии онҳо тавсиф кардан мумкин аст. Ин метавонад дар коҳиши таваҷҷуҳ ба фаъолиятҳои қаблан дӯстдошта ва қатъи иштирок дар гурӯҳҳои мусиқӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ ифода карда шавад.

Дар асоси таҷрибаи кор бо кӯдакон ва наврасон дар чунин шароит метавон тахмин кард, ки ин падида бо тағйир додани афзалиятҳо ва паст шудани ҳавасмандии фаъолияти эҷодӣ алоқаманд аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ХИМ - дошта ва наврасон шавқу рағбати худро ба мусиқӣ ва дигар машғулиятҳо комилан гум мекунанд. Бояд ба назар

гирифт, ки дар давраи «мутатсия» хонандагон ва наврасон эҳтиёҷоти шаклҳои нави худшиносӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои алтернативии амалисозии неруи эҷодии худро эҳсос мекунанд. Вобаста ба ин, тавсия дода мешавад, ки чорабиниҳое, ки ба дастгирӣ ва рушди қобилияти эҷодии онҳо, инчунин фароҳам овардани шароит барои худшиносии онҳо нигаронида шудаанд, амалӣ карда шаванд. Илова бар ин, ба назар гирифтан лозим аст, ки дар давраи «мутатсия» хонандагон ва наврасон бештар ба омилҳои беруна гирифтор мешаванд, ки ба ҳолати эмотсионалӣ ва ҳавасмандии онҳо таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ба онҳо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи омӯзгорон, падару модарон ва дигар калонсолон зарур аст.

Ғайр аз ин, дуруст истифода бурдани реҷаи хондани суруд ба нарм гузаштани давраи «мутатсия» заминаи худро мегузорад. Роҳбари маҳфилро лозим меояд, ки дар ин синнусол сурудҳоеро ба нақшаи таҳсилоти иловагӣ ҷой диҳад, ки меъёри овозӣ аз овози сароянда бояд хонандагон як тон паст сурат гирад.

Чунон ки мо зербобҳоро таҷдиди назар кардем, барои инкишоф додани маҳорати овозию ҳамсароӣ, машқҳои махсусро иҷро кардан лозим аст, ки ба ташаккули маҳорати ибтидоии овози ҳамсароӣ ёрӣ мерасонанд.

Хайнд. Ф., дар бораи мусиқӣ дарҷ менамояд, ки. «Мусиқӣ ҳамчун як падидаи фарҳанги маънавӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии эстетикӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии шахс нақши муҳим мебозад. Он ба инсон имконият медиҳад, ки эҳсосот ва тасаввуроти дохилии худро ба воситаи шаклҳои бадеӣ ифода намояд. Дар раванди таълим истифодаи мусиқӣ ҳамчун воситаи тарбиявӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ, эҳсосоти зебошиносӣ ва баланд шудани сатҳи маънавии шахс мусоидат мекунад» [302;10].

И.В.Штанько, оид ба бозиҳо дар дастури худ қайд менамояд, ки «Истифодаи технологияҳои бозӣ ба ҳалли мушкилоти гуногун 1) дидактикӣ (васеъ кардани уфуқҳо, рушд ва татбиқи малака ва

қобилиятҳои муайян дар амал); 2) таълимӣ (парвариши истиқлолият, ирода, ҳамкорӣ ва малакаҳои муошират); 3) (рушди хислатҳо ва сохторҳои шахсият, равандҳои зеҳнӣ; ангеза барои омӯзиш, эҷодкорӣ); 4) иҷтимоӣ (шиносоӣ бо меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа, мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист); 5) ислоҳӣ (барқарорсозӣ ва ислоҳи равандҳои хурди ламсӣ, тафаккур ва ғайра, бо назардошти ихтилоли мавҷуда) мусоидат мекунад, зеро усулҳои педагогии ҳамкорӣ дар кор бо кӯдакони имконияти маҳдудошта мавқеи махсусро ишғол мекунанд, муносибатҳои инсондӯстона дар асоси принсипҳои муошират мусбат, таҳаммулпазирӣ ва ҳамкории имконпазир асос ёфтаанд, инкишоф дода шаванд» [311;32].

Вазифаи асосии роҳбарони маҳфилҳои ҳамсароӣ аз он иборат аст, ки шавқу ҳавас ва рағбати иҷрокунандагонро ба машқҳо ва дигар асарҳое, ки дар дарсҳои ҳамсароӣ иҷро мекунанд, ба вуҷуд оранд. Чунин машқҳо воситаи муассир барои ташаккули маҳорати овозӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, роҳбари маҳфил метавонад, ки дар рафти таҳсилоти иловагӣ мондашавии ХИМ - доштаро зуд бо такя аз воситаҳои машқҳои логопедӣ, бозиҳои логопедӣ, машқҳои сенсорӣ ва дигари фаъолияти маҳфил бартараф созад, то вазифаи дар наздашон гузоштаро дар сатҳи баланд ва мувофиқ ба талабот иҷро намоянд.

Агар ХИМ - дошта дар маҳфили эҷодӣ мақсади иҷрои супоришҳои эҷодиро дуруст фаҳманд, онҳо ба кори якҷоя оид ба хондани суруд ҳавасманд мегарданд. Ташаккули маҳорати овозӣ ва фаъолияти мусиқии хонандагон ба маҳорати роҳбари гурӯҳ ва дуруст интихоб кардани асар, ба он вобаста аст, ки порчаи интихобшуда чӣ гуна хислатҳои тарбиявӣ ва эҷодӣ дорад ва маҳорати сурудхониро чӣ гуна сайқал медиҳад.

Барномаҳои хондани сурудҳои ҳамсароӣ бояд аз рӯйи шакл, мазмун, вазифа гуногун сурат гирад. Барои ба роҳ мондани фаъолияти консертӣ ба репертуар асарҳои классикони тоҷик, сурудҳои халқӣ, инчунин асарҳои бастакорони хориҷиро, ки ба равияҳои мусиқии муосир мувофиқанд, дохил кардан лозим аст. Дар вақти тартиб додани

репертуар якчанд меъёрро ба назар гирифтан лозим аст: мувофиқати дараҷаи тайёрии иҷрои аъзоёни ҳамсароӣ, мазмуни тематикӣ ва эмосионалии асарҳо, инчунин хусусиятҳои сохти маводҳои мусиқӣ, ба роҳбари гурӯҳ имконият медиҳад, ки саҳначаҳо самаранок ташкил ва гузаронида шавад.

3.3. Доираҳои эҷодӣ бо самти касбӣ ҳамчун муҳит барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд

Яке аз вазифаи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва таҳсилоти иловагӣ баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи ХИМ-дошта ва рушди фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳост. Масъалаи рушди қобилияти эҷодии ХИМ-дошта яке аз масъалаҳои мубрами замонавӣ ба ҳисоб меравад, зеро яке аз сарчашмаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии некуаҳволии миллат маҳз рушди қобилияти эҷодии ХИМ-дошта мебошад. Онҳо фақат бо ҳамин роҳ воситаи ҳаёти худро дар оянда дуруст ташкил карда метавонанд.

Ба андешаи Э.А.Музафарова «Таҳсилоти иловагӣ воситаи асосии принсипҳои ташкили таълим буда, ҳамчун падидаи иҷтимоию педагогӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, фарогирӣ ба таҳсилоти иловагӣ на тағйир додан ё ислоҳ кардани хонандагон мебошад, балки бештар мутобиқ кардани муҳити иҷтимоӣ ба қобилиятҳои эҷодии ХИМ-дошта нигаронида шудааст» [344; 89].

Дар муассисаи давлатии маркази рушди кӯдакони ва наврасон маҳфили «Тарроҳони ҷавон» амал мекунад, ки ҳамчун маҳфили таҳсилоти иловагӣ фаъолият мекунад.

Рафти машғулияти маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дар ҳолате дар ХИМ-дошта мақбул мегардад, ки супоришҳои эҷодии онҳо гуногунранг ҷараён гирифта, корҳои эҷодии онҳо ба намоиш гузошта шавад. Бинобар, бо мурури замон диққати маҳфилчиёнро бояд на танҳо

ба кори эҷодӣ, балки ба бозиҳои шавқовари эҷодӣ низ ҷалб намудан зарур аст. Кори маҳфил дар инкишофи зеҳнии ХИМ - дошта аҳаммияти калон дорад.

Р. Рамазонова «Фаъолияти меҳнатӣ ҳамеша ба ноил шудан ба натиҷаҳо нигаронида шудааст. Ин хусусияти корест, ки онро аз баъзе бозӣ фарқ мекунад, ки дар ҳар марҳилаи инкишоф ба анҷом мерасаду тамом намешавад. Бо вуҷуди ин, бозӣ барои хонандагони ақланақибмонда ҷолибияти худро гум намекунад» [208;21].Муллиф дар ин мақола дарҷ намудааст, ки муаллим олегофренопедагог дар хонандагон қобилияти меҳрубонона ва холисона баҳо додан ба натиҷаҳои меҳнатӣ худ ва ба меҳнати рафиқони худ тарбия мекунад. Тарбияи қобилияти таҳлил ва баҳодиҳӣ дар омодасозии хонандагон ба мактаб хеле муҳим аст» [209;173]. Инчунин дар ин мақола иброз шудааст. ки баробари азхуд кардани қоидаҳои ташкили фаъолияти меҳнатии худ хонандагон тачрибаи иштирок кардан дар меҳнат ва азхуд намудани маҳоратро азхуд мекунанд, хонандагон асосҳои меҳнатдӯстиро ташаккул медиҳанд. Ҷиҳати муҳим дар хонандагон ташаккул додани асосҳои гурӯҳи, қобилияти якҷоя кор кардан, ба ҳамдигар ёрӣ расондан, душвориҳои рафиқонро пай бурда, ёрӣ расондан, аз ҳамсолон ёрӣ пурсидан, аз муваффақиятҳо ва натиҷаҳои умумии корашон шод шудан мебошад» [208;161].

Вазифаи асосии маҳфили меҳнатӣ ғанӣ гардонидани дониши маърифатии ХИМ - дошта ташаккули дарки зебоипарастӣ, ташаккули маҳорату малака ва рафтори ахлоқӣ мебошад. Муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бояд маҳфилҳоеро пешниҳод намоянд, ки барои интихоби касби онҳо нигаронида шавад. Дар маҳфилҳои эҷодӣ роҳбар бояд дастурдиҳанда доир ба ихтисос бошад.

Вохӯрӣ бояд ба таври ҷолиб, маъмулан дар гурӯҳҳо, ки аз се марҳила иборат аст, ташкил ва гузаронида шавад ва мо дар бораи ин марҳилаҳо баъдан маълумоти муфассал хоҳем дод. Давомнокии як дарс

як соати академӣ мебошад. Ҳар як машғулияти маҳфил бодиққат тайёр карда мешавад, аз ҷумла: барномаи маҳфили эҷодӣ тартиб дода мешавад, асарҳои офаридашуда дар байни роҳбарони маҳфил ҳамчун презентатсия намоиш дода мешавад ва ХИМ - дошта қисмҳои шавқовари корҳои эҷодии худро ҳамчун асарҳои эҷодӣ, ҳамчун эҷодиёти хонандагон, намунасозӣ, меъморӣ, кандакорӣ ва ғайраҳоро ба намоиш омода месозанд.

Дар маҳфилҳои ташкилкардашуда ХИМ - дошта ба фаъолияти эҷодии меҳнатӣ машғул мешаванд. Дар кори самаранок истифода бурдани вақти холӣ барои дар оянда азият накашидани ХИМ - дошта иштирок дар машғулиятҳои таҳсилоти иловагӣ нақши бениҳоят калон мебозанд. Мақсади асосии он муайян кардани таваҷҷуҳи ХИМ - дошта ба як соҳаи муайяни илм ва технология тавассути омӯзиши амиқи масъалаҳои барнома, инчунин барномаҳое, ки ҳангоми татбиқи он ба миён меоянд, оварда мешавад. Инчунин оид ба масъалаи мазкур дар китоби «Методикаи меҳнат дар мактаби ёрирасон». Р.Рамазонова, бештар ба маҳфилҳои эҷодӣ диққат медиҳад ва чунин изҳор менамояд, «Аз тарафи ҳанандагон мустақилона интихоб намудани самти фаъолияти худ дар маҳфил барои ҳавасманд гардонидани фаъолияти эҷодии меҳнатии хонандагон аҳамияти калон дорад. Бояд гуфт, ки дар ин бобат дар мо дар рафти омӯзиши мушкилотҳои зиёд факту маводҳо гирд оварда шудаанд, ки аз зарурати такмил додани усулҳои ҳавасмандкунии хонандагон ба интихоби самти фаъолияти худ дар доираи маҳфилҳои ташкилшуда дар таҳсилҳои иловагӣ далолат мекунанд» [212;45].

ХИМ - дошта бояд қисми зиёди вақти холигии худро на беҳуда, балки ба мақсади инкишоф додани тарбияи меҳнатӣ, ташаккул додани маҳорату малакаи умумимеҳнатӣ, худфаъолиятӣ, қобилияти эҷодӣ дар маҳфилҳои эҷодии “Тарроҳони наврас” сарф намояд. Ин фаъолияти ХИМ - дошта барои мусоидат ба интихоби касби оянда нақши беназирро доранд.

Ҷ.Ҳакимова, дар фишурдаи рисолаи илмии диссертатсионӣ дар мавзӯи «Махсусиятҳои дидактии ташкили фаъолияти таълими дар шароити таҳсилоти фарогир», ки маҳс ба хонандагони имконияташон маҳдуд баррасӣ мегардад. Ӯ дар ин фишурда чунин иброз менамояд: «Нақшаи таълимии мактаб-интернат ғайр аз омӯхтани забон силсилаи фанҳои гуманитарӣ, математика, инчунин, таълими меҳнат – дарси технология (ба таври ҷудогона барои писарбачаҳо ва духтарбачаҳо) вобаста ба самтгирӣ ба касби оянда аз қабили касбҳои қаннодӣ, дӯзандагӣ, дӯредгарӣ, мӯзадӯзӣ, тунукасозӣ, наққоҳӣ, муҷасамасозӣ ва ғайраҳоро дарбар мегирад» [304;41].

Дар таҳсилоти иловагӣ муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ баъзан дар машғулиятҳои беруназсинфӣ корҳои эҷодкории худро ба намоиш мегузоранд. Дар чорабиниҳое, ки дар саҳнаи муассисаҳои таҳсилотӣ ё толори маҷлис гузаронида мешавад, дастовардҳои хонандагон, инчунин корҳои эҷодие, ки дар муассиса ва дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ, дар муассисаи давлатии маркази кӯдакону наврасон омода карда шудааст, ба намоиш гузошта мешаванд. Баъди баромад натиҷаи тамоми корҳои таҳсилоти иловагӣ ҷамъбаст гардида, ба фаъолону пешқадамон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда мешаванд. Ин туҳфаҳо на танҳо дар муассисаҳои таълимӣ, балки баъзан дар муассисаҳои ҷавонону наврасон низ супорида мешаванд.

Рисолаи илмии М.Н.Раҳматова таҳти унвони «Ташаккули фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии наврасон дар давраи фаъолияти беруназсинфӣ» ба масъалаҳои ташаккули фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии наврасон бахшида шудааст. Муаллиф ин масъаларо таҳлил намуда «Нақши эҷодиёти техникиро дар баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии ҷавонон» қайд кардааст. Муаллиф «Ҷиҳатҳои татбиқи фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии насли наврасро дар доираи намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла фаъолияти техникӣ” муфассал баён кардааст [291; 25].

Дар рисолаи номзадии Г.Г.Мухторова «Тарбияи меҳнатӣ дар педагогикаи халқи тоҷик ва масъалаҳои муосири меҳнати хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, масъалаҳои ба нақша гирифтани дарсҳои таълими меҳнати муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таълиму тарбия хонандагон ва интихоби фаъолияти касбӣ баррасӣ гардидааст [281;18].

Бо ҳамин восита, дар ҷараёни кори маҳфили меҳнатӣ дар ХИМ - дошта сифатҳои қатъият, поквиҷдонӣ, таҳаммулпазирӣ, сариштакорӣ, ростқавлӣ, суботкорӣ, омода будан ба иҷрои супоришҳо, мулоҳизакорӣ ва монанди инҳо пайдо мегардад. Гузаронидани маҳфили меҳнатӣ талаботи гуногуни ХИМ - доштаро қисман бошад ҳам қонеъ менамояд, онҳоро аз беҳуда сарф кардани вақт нигоҳ дошта, ба ин ё он фан шавқманд месозад.

Р.Рамазонова, ба кори маҳфилҳои эҷодӣ баҳо дода, «чӣ дар мактабҳои маълумоти умумӣ ва чӣ дар дигар марказҳои эҷодӣ дар асоси нақшаи календарию тематикии аз тарафи роҳбари маҳфил тартибдодашуда ва аз ҷониби директори мактаб, мудири шӯъбаи таҳсилоти иловагӣ муассисаҳо тасдиқ карда мешавад. Аксар вақт нақшаи кори маҳфил хеле пеш аз оғози маҳфил тартиб дода, тасдиқ карда мешавад, ки роҳбар ҳануз ҳайати аниқи маҳфилро намедонад» [209; 43].

Дар мақолаи илмии А.Н.Шамсиева, Б.Э. Дадобоева бошад, «Масъалаи ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон эътибори ҷиддӣ дода шуда, то қадри имкон барои самаранокии раванди таълим корҳои назаррасро анҷом дода истодаанд. Яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илмҳои психологияву педагогика ин ташаккул додани маҳорати эҷодии хонандагон ба ҳисоб меравад, ки илмҳои мазкур барои дарёфту ҷустуҷӯ ва роҳҳои гуногуни татбиқкунии ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Омӯзиши масъала вобаста ба ташаккули

маҳорати эҷодӣ вазифаи баррасии мафҳумҳои «маҳорат» ва «эҷодкорӣ»-ро муайян менамояд» [363;263].

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тибқи маълумоти умумии ба дастовардаи мо барномаи маҳфилҳои зиёде, ки барои баланд бардоштани эҷодиёти ХИМ - дошта ташкил карда шудаанд, дар асос ё бо назардошти мазмуни фанни «Технология» тартиб дода мешаванд. Мутобиқи барномаи таҳиянамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008 номҳои фаслҳо ва мавзуъҳои таҳсилоти иловагӣ, ҳаҷми вақти таҳсилоти иловагӣ, шаклҳои таҳсилоти иловагӣ, сохтор ва талабот ба сатҳи омодагии хонандагон муайян карда шуданд [8;3].

Рисолаи илмии Д. Мансурова дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ - эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Масъалагузори мегардад ва қайд менамояд, ки «Ба туфайли фазои эҷодӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ кӯдак қобилияти худро осонтар ошкор мекунад, сифатҳои беҳтарини шахсии худро инкишоф медиҳад, ба меҳнат, эҷодкорӣ ва фаъолиятӣ маърифатӣ саъй мекунад, салоҳиятҳои барои ин кор зарууриро ташаккул медиҳад. Ба туфайли ҳаракатнокӣ ва таъғйрпазирии таҳсилоти муосири томактабӣ муяссаргардонии талаботи зудтайғирёбандаи ҷомеаи муосир, фароҳам овардани шароити мусоид барои худамалисозии фардии кӯдак фавран қонеъ карда шавад» [278;14].

Мутобиқи стандарти таҳсилоти иловагӣ дар маҳфилҳои «Меҳнатӣ» намудҳои назорат ва баҳодиҳӣ, ҷузъҳои иловагии мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ, масъулияти омӯзгорон ва ҷадвал муайян карда шудаанд. Мо дар таҳқиқоти худ пешниҳод намудем, ки дар оянда, агар ин барномаҳо дар оғози соли хониш амалӣ шаванд, миқдори соатҳо дар як ҳафта кам шуда, сохтори таҳсилоти иловагӣ ба барнома мувофиқат мекунад [15;2].

Р.Рамазонова дар дастури таълимӣ ибрози ақида намудааст, ки «Ҳангоми ташкили кори маҳфилҳо масъулини фаъолияти онҳо саъй

мекунанд, ки дар ҳар як доира на камтар аз 15 нафар бошанд (бо шумораи бештари хоҳишмандоне, ки дар ин маҳфил таҳсил кардан мехоҳанд, гурӯҳи параллелӣ ташкил карда мешавад) ва ки маҳфилҳои хамаи профилҳо ҳафтае як маротиба 2-3 соати академӣ 2- машғул мешаванд» [209;41].

Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе барои гузаронидани маҳфилҳои тарбияи меҳнатӣ ба ҳукми анъана даромада, барои эҷодкорию навоварӣ шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе рӯзномаи (газета) «Салом оянда» нашр карда мешавад. Дар ин рӯзнома дар бораи корҳои эҷодӣ, пешравию муваффиқиятҳои марказ маълумотҳо пешниҳод карда мешавад. Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мақолаи илмии худ дарҷ мекунад, ки иштирок дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ яке аз намудҳои инкишоф додани қобилияти эҷодӣ худтакмилдиҳӣ буда, онҳо ба ин хотир барои баргузории озмуну мусобиқаҳо ва барномаи фарҳангиву маърифатӣ мунтазам ба роҳ мемонанд, ки ин як навъ ҳавасмандгардонӣ ва арзёбии сатҳи қобилияти эҷодӣ ва муаррифии ин гурӯҳи хонандагон ба аҳли ҷомеа мебошад.

Мо дар таҳқиқот бо директори марказ Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим ҳамсуҳбат шудем ва маҳфуз иброз намуд, ки усулҳои кори маҳфилҳо бо ХИМ - дошта дар марказ назар аз хонандагони муқаррарӣ хеле фарқ мекунад ва дар робита бо ин онҳо хусусиятҳои хоси худро доранд. ХИМ - дошта дар корҳои эҷодӣ аз 15 то 25 дақиқа тамаркуз мешаванд. Барои онҳо лаҳзаҳои дамгириро мунтазам мақсаднок истифода мебарем, то ин ки диққаташон аз нав барқарор карда шавад. Аз ин рӯ, роҳбарони маҳфил кӯшиш менамоянд, ки маҳфилро шавқманд ва муассир гузаронанд. Ҳамчунин, дар рафти корҳои эҷодӣ машқҳои ҷисмонӣ ва инчунин, малакаҳои иҷтимоӣ низ истифода бурда мешавад.

Инчунин, дар Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе, дар маҳфилҳои эҷодӣ ширкат меварзанд ва барои ифшо додани қобилиятҳои ЭЗ дар аввал душворӣ мекашанд, мо дар таҳқиқоти худ барои модули корҳои зеҳниро дар маҳфилҳои меҳнатӣ, расмкашӣ, мусиқӣ «Коркарди бадеии маводҳо» ёддоштҳои кори беруназсинфӣ таҳия кардем. Мо боварӣ дорем, ки ин барнома қобилияти зеҳнии ХИМ - доштаро дар маҳфили меҳнатӣ инкишоф медиҳад.

Фаҳмидани хусусиятҳои ҳар як намуди ранг кумак мекунад, ки ХИМ - дошта матоеро бояд интихоб намояд, ки ба маҳсулоти эҷодӣ мувофиқат кунад. Ба роҳбари маҳфил тавсия дода мешавад, ки рангҳоро бо равшании муайян интихоб кунад, беҳтараш ба ранги маҳсулоти тайёр наздик бошад. Сабаб дар он аст, ки аксари рангҳо дар зери нури сунъӣ сояҳоро иваз мекунанд: сурх кундтар мешавад, кабуд ва сабз мешаванд.

Аз таҷрибаи корҳои эҷодӣ натарсед, зеро рангҳои гуногун дорои интихоби бузург мебошанд. Бо вуҷуди ин, дар хотир доред, ки омезиши тасодуфии рангҳои гуногун хеле кам ҳамчунин се ё чор натиҷаи таъсирбахш дода метавонад.

Дар илми педагогикаи ҷумҳури омӯзиши масъалаҳои фаъол гардондани эҷодиёти хонандагон дар дарсҳои таълими меҳнат дар мактабҳои маълумоти умумӣ мунтазам ва ҳаматарафа ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумлаи асарҳои асосии муҳаққиқони ватанӣ А.Н.Шамсиева, Б.Э.Дадабаева [363], М.Н.Раҳматова [291], Ш.М.Рузиев [215], Н.К.Каримов [141], М.Н.Алиева, Р.А.Рустамова [314], Н.Н.Сангова, Г.Мухторова [281], И.О.Обидов, дар мақолаҳои илмии олимон ва мутахассисони хориҷӣ В.М. Казакевич [330], В.В.Вигонов, В.Логинова [336], В.А.Панков [197], А.В.Абдуллаев, А.С.Адаменко [23], В.М.Аридин, Д.Б.Богоявленская [53] ва дигарон мавриди истифода қарор дорад.

М.Н.Алиева, Р.А.Рустамова бошад «Бо мақсади дар амал татбиқ намудани мавзуи мавриди назар ҳангоми дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ

қарор доштан бо хонандагони маркази таҳсилоти иловагӣ маҳфили эҷодӣ таҳти унвони «Техникаи муосир» ташкил намуда, кори амалӣ омода карда шуд. Аслан дар маркази таҳсилоти иловагӣ бисёртар оид ба корҳои дӯзандагиву пазандагӣ, коркарди масолеҳ, кор бо коғаз, кор бо матоъпораҳо, кашидадӯзиву гулдӯзиҳо ва дигар корҳои ороишию амалӣ машғулиятҳо гузаронида мешуд, аммо донишҷӯ-таҷрибаомӯз хост техникаи нав, яъне «Стринг-Арт»- ро ҷорӣ намуда бошад. Маҳфили ташкилнамуда дар 1 ҳафта 3 маротиба, яъне рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва ҷумъа баъди дарс муддати 4 ҳафта ва ҳафтае 4 соатӣ дар умум 48 соатро ташкил медод. Баъди гузаронидани маҳфили эҷодии «Техникаи муосир» хулосабандӣ кардан мумкин аст, ки дарк кардани асарҳои санъат, он гоҳ бештар воқеӣ мегардад, ки агар хонанда хусусиятҳои услубии нақши бадеии намуди муайяни ифодакардашудаи санъатро дарк кунад» [314;217].

Оид ба тарбияи меҳнатӣ В.М. Казакевич дар мақолаи худ менависад: «Байни омӯзиши технологӣ ва омӯзиши меҳнатӣ фарқияти асосӣ вуҷуд дорад: муқаррар кардани ҳадафҳои таълимӣ дар омодагӣ ба меҳнат ҳамеша ба рушди қобилиятҳои хонандагон барои иҷрои амалҳои корӣ дар шароити идеалии раванди технологӣ нигаронида шудааст. Аммо, дониш, малака ва қобилиятҳое, ки хонанда ҳангоми омӯзиш дар бораи модели идеалии раванди технологӣ аксар вақт бо вазъиятҳои воқеии истеҳсолӣ ва ҳаётӣ муқоисанашавандаанд ба даст меорад».Ин равиш риояи талаботи мушаххасро барои мундариҷаи омӯзиши технологӣ ва дастгирии таълимӣ ва методологии он талаб мекунад: инкишофи дониши чандир ва мобилӣ, инчунин қобилияти истифодаи эҷодии он дар вазъиятҳои ғайриоддӣ. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таълими технологӣ, зарур аст, ки маводи дидактикӣ барои хонандагон васеъ карда шавад, ҷанбаҳои экологӣ, таърихӣ ва иқтисодии як соҳаи мушаххаси таълими технологӣ инъикос карда шаванд, модели фаъолиятҳои амалии хонандагон дар шароити гуногун пешниҳод карда

шавад ва рушди фаъолияти эҷодии хонандагон таъмин карда шавад» [330;33].

Дар асарҳои Ш.М.Рӯзиев «Масъалаҳои аз худ кардани технологияҳои нав дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Муоширати байни хонандагон ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ ба амал меояд ва муошират воситаи муҳимми инкишоф ва ташаккули самтҳои арзишманди шахсияти хонандагон мебошад. Ин раванд дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ барои хонандагон самаранок аст» дида баромада шудаанд [216; 25].

Дар рафти корҳои эҷодӣ ХИМ - дошта тарзи кор карданро бо рангҳо ва шаклҳо, истифода бурдани матоъҳои рангҳо ва матнҳои гуногун меомӯзанд. Нармияти махмал ё тобиши атлас метавонад намуди либосро комилан тағйир диҳад. Таҳти назорати роҳбари маҳфил ХИМ - дошта метавонанд матоъҳои нақшҳои гуногунро ба ҳам пайваст кунанд. Мо бояд боварӣ ҳосил намоем, ки минтақаҳои дорои намунаҳои хурд ба минтақаҳои намунаҳои калон наздик бошанд. Ин параҳо бояд бо порчаҳои содатаре иваз карда шаванд, ки ба мо ҳамчун замина хизмат мекунанд, дар ҳоле ки равшании ин параҳо бо нақшҳо таъкид карда мешавад.

Дар доираи ин таҳқиқот таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои фаъолият гузаронида шуд. Натиҷаҳои кор дар муассисаҳои махсусгардонидашуда ҷамъбаст карда шуданд, ки фаъолияти таълимӣ вобаста ба иштирок дар таҳлили кор, арзёбии самаранокии фаъолият, инчунин муайян кардани роҳҳои имконпазири оптимизатсия ва такмили корро дар бар мегирад.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе низ мо дар ҷараёни омодасозии рисола таҳқиқотро доир намудем.. Дар баробари хондани дарсҳои таълими меҳнат мо нақшаи маҳфилро тартиб додем. Дар маҳфилҳои дар ин муассиса амалкунандаи дӯзандагӣ, гулбофӣ, тоқидӯзӣ, омода кардани ҷузвдонҳои духтарона, аз

нигинаҳо омода кардани қутиҷаҳо барои мондани зару зевари духтарон тайёр карда мешавад.

Дар баробари иштирок дар маҳфилҳо ба хонандагон дарсҳои таълими меҳнат гузаронида мешавад. Дар синфи 6-юм 204 соат, барои синфҳои 7-юм 265 соат, барои синфҳои 8-юм 272 соат ва барои синфҳои 9-юм 274 соат нақша тартиб дода шудааст.

Барои корҳои эҷодии маҳфил 4 - адад мошинаи дӯзандагӣ (Ҷанина) ва 1 - адад мошинаи авирлок ҷудо шудааст. Дар ҳамкорӣ бо роҳбари маҳфили меҳнатӣ дар ин муассисаи махсус амалкунанда Шарипова Мунаввара мебошад, ки ҳафтае 3 - маротиба хонандагонро барои омӯзонидани маҳфили дӯзандагӣ, гулбофӣ, тоқидӯзӣ аз матоъ ва тур ҷалб менамояд. Духтарон ва писарон дар маҳфилҳо иштирок карда, ба дӯхтани курта барои писарон тоқӣ, ҷелак, барои иштирок дар маҳфилҳо халатҳои кабуд машғул гардонида шуданд. Дар кори маҳфил бештар хонандагони фаъол аз синфи 6 - юм Назарова Роҳиламо, Маркасова Кристина, синфи 7 - юм Бердиев Зоҳир, (ғайр аз маҳфили таълими меҳнат боз дар маҳфили расмкашӣ иштирок мекунанд) синфи 8 - юм Сафаров Фотеҳ, Давлатова Фотима, Алматзода Абубакр, синфи 9 - юм, Убайдуллоев Абдурасул ва Толиева Майсара (нуқсони хусусияти дауна) иштирок меварзанд. Байни хонандагон барои тоза кардани утоқи маҳфил навбатдор таъин намудем.

Инчунин, барои писарон маҳфилро дар устохона кардем, ки ташкили озмоиш намудем ва дар ин амал низ ҳам писарон ва ҳам духтарон бо завқ иштирок намуданд. Дар корҳои беруназсинфӣ моҳи сентябр дар дарси аввал риояи қоидаҳои техникии бехатарӣ омӯзонида шуд. Сипас, нақшаи маҳфил тарзи омода карда шуд. Нақшаи омода кардани курсӣ (стул) дар тахтаи синф ба хонандагон нишон доданд, аз кадом қисматҳо тайёр карда мешавад. Дар маҳфилҳои оянда қисматҳои курсӣ ва сохтани он омӯзонида шуд. Сипас, бо асбобҳои дуредгарӣ,

тарзи ширеш кардан, буридани чӯб, ҳамвор кардани чӯб ба хонандагон гузаронида шуд.

Дар моҳи октябр дар нақшаи маҳфили дуредгарӣ, дар аввал асбобҳои дастӣ, сипас, омода кардани тахтачаи сабзирезакунӣ, намудҳои суян, тез намудани теғ бо суян, тарзи сохтани сабадча, буридани шохаи хушки дарахтон, моҳи ноябр ва декабр кор бо рандаи дастӣ, таъмири ҷевони китоб, тарошидани чӯб бо рандаи дастӣ, сохтани гулдонҳо, тайёр намудани гӯшаи синфӣ, тайёр намудани ранг, рангуборкунии асбобҳо, омода кардани нақшаи тахтаи шоҳмат, моҳи декабр омода кардани нақшаи дастаи табар, сохтани дастаи табар, шинондани дастаи табар, омода кардани нақшаи ҷевони либосмонӣ, сохтани тирезаҳо ва тайёр кардани ришта, намудҳои ришта, номгӯйи асбобҳои дуредгарӣ, моҳи январу феврал нақшаи болға, болғаи резинӣ, намудҳои арра, тарзи дуруст тез намудани арра, буридани росткунча ва ҳар гуна шаклҳо аз оҳан ҳамчун корҳои эҷодӣ омода карда мешавад.

Ба ақидаи Р.Рамазонова, «Ҳангоми ташкили таҳсилоти иловагӣ барои баланд бардоштани эҷодиёти техникӣ присипи пешбаранда аз он иборатаст, ки ба ҳамаи хонандагоне, ки ба он шавқу рағбати зиёд доранд, инкони қонеъ гардидани саъю кӯшиш ва инкишоф додани қобилияти худро доранд» [212;54].

Таҳияҳои ин мавзуъҳоро метавон дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва ҳам дар муассисаҳои иловагӣ татбиқ кард.

Дар омода кардани кори илмӣ мо кӯшиш намудем, ки таҳқиқотро на танҳо дар муассисаҳои махсус, балки дар муассисаи давлатии маркази кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе, ки яке аз пешоҳангони амалисозии корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, фаъолияти асосии он фарогирии насли наврас ба таҳсили иловагӣ иборат мебошанд, амалӣ карда шуд. Ба ин мақсад дар марказ зиёда аз 36-маҳфилҳо ташкил шудааст, ки дар он наздики 1500 хонандагон ҷалб карда мешавад. Мо дар таҳқиқот 270 нафар хонандагонро аз 17 маҳфил

интихоб кардем. Дар ин маҳфилҳо баробари хонандагони солим ХИМ - дошта низ баробар иштирок мекунанд. Дар ин раванд аз рӯйи равандҳои меҳнатӣ, бадеӣ, забономӯзӣ, ҳунарӣ ва варзишу сайёҳӣ ба хонандагон омӯзгорони соҳибтаҷриба ва мутахассисони ҷавони соҳибкасб дарс мегӯянд. Дар ин марказ иштироки ХИМ - дошта баробари хонандагони солим ҳуқуқи таълим гирифтани якҷояро доранд.

Марказ дорои шароити хуби таҳсилотӣ буда, дар баробари синфхонаҳои таҳсилотӣ он аз устохонаву утоқҳои компютерӣ, китобхона, толори калони фарҳангӣ, толори рақс ва дигар утоқҳои ёрирасон иборат мебошад. «Боғи кӯдакон» низ барои баргузории чорабиниҳои фарҳангиву оммавӣ дар ихтиёри марказ дода шудааст.

Дар чорабиниҳои фарҳангии пойтахт дар ҷумҳури хонандагон бо ҳунару истеъдод ва корҳои эҷодии худ фаъолона иштирок менамоянд. Дар назди марказ ансамбли бачагонаи «Шукуфаҳои пойтахт» амал менамояд. Гурӯҳи навозандагони асбобҳои зарбӣ ва нафасии ансамбл ҷоизаҳои фестивалӣ байналмилалии эҷодиёти мусиқии кӯдакон “Земля-наш общий дом Россия, Екатеринбург, солҳои 2014-2017) мебошад.

Чеварони маҳфилҳои дӯзандагиву гулзанӣ ва попурдӯзиву зардӯзӣ он чунон аз нозукиҳои ҳунар бархурдор мешаванд, ки дастранҷи онҳоро метавон дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва либосҳои саҳнавии ҳунармандони касбӣ вохӯрд.

Яке аз бахши муҳим омода кардани кори илмӣ, ки дар ин муассиса бархӯрдор шудем, чорабиниҳои фарҳангиву оммавист. Байни ин гуна вохӯриҳо метавон чорабиниҳои оммавӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдаконро, ки ҳамасола 1 июн таҷлил мегардад, ном бурд. Дар баробари ин, баргузории «Наврӯзи кӯдакон ва наврасони пойтахт», «Мавҷи сомон», «Ҳафтаи кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе, «Сада», «Ватани азизам шаҳри Душанбе», «Ту қалби манӣ - Тоҷикистон», «Ватани ман, ифтихори ман», «Ҷоизаи умед», «Мо насли

хушбахти ҷаҳон», «Шукуфаҳои пойтахт» ва «Ҷоизаи истеъдод», «Тоҷикистони азизи ман» ба ҳукми анъана даромадааст.

Роҳбарони маҳфил хонандагони солим ва ХИМ-ро дар ин чорабиниҳо омода мекунанд. Дар баробари иштирок дар озмунҳо хонандагон ва инчунин роҳбарони марказ ба мукофотҳо сазовор мегарданд. Дар гузаронидани чорабинии «Шукуфаҳои пойтахт» ансамбли доиранавозон барои ҷои дуюм дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» аз рӯйи номинатсияи навозандагӣ дар жанри «Анъанавӣ» бахшида ба таҷлили ҷашни 26-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллӣ сарфароз гардида шуданд. Инчунин, дар гузаронидани чорабинии «Ту қалби мани Тоҷикистон» ба миқдори 50000 сомонӣ, «Ҷоизаи умед» 10000 сомонӣ, «Тоҷикистон -Ватани азизи ман» 10000 сомонӣ ҳавасманд карда шудааст.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба корҳои тарбиявӣ ва ташкили натиҷабахши фаъолият вобаста ба он аз ҷониби Марказ мунтазам дастурҳои методӣ ва маводҳои дигар интишор мегардад, ки дар онҳо корҳои эҷодии хонандагон баррасӣ карда мешавад. Маводи «Тобистон» -2013", «Салом тобистон», «Ҳамешабаҳор» ва рӯзномаи «Салом оянда» аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Дар марказ маҳфилҳои «Расмкашӣ», «Наққошӣ»,«Асбобҳои зарбӣ», «Овозхонии эстрада», «Гитаранавозӣ», «Рақс», «Дасти шафқат», «Рузғордорӣ», «Тарроҳони наврас», «Попурдӯзӣ», «Дузандагӣ», «Зардӯзӣ», «Конструкторони наврас», «Дуредгарӣ», «Ҳамсарӣ», «Бофандагӣ», «Рузғордорӣ» фаъолият мекунад. Иштирок дар маҳфилҳо, бо тариқи ройгон истифода бурда мешавад.

Оғози маҳфилҳо дар ин марказ аз 15 -сентябр оғоз гардида, то 1-июл ҷамъбаст мегардад. Дар ин давра маҳфилҳо ба ду баст амал менамояд. Дар давраи таътили тобистона низ дарҳои ин марказ барои хонандагон бозанд. Яъне иштирок дар маҳфилҳо бидуни таътилу истироҳат, дар вақти барои хонандагони пойтахт мусоид фаъолият

менамояд. Дар маҳфилҳои меҳнатӣ, мусиқӣ ва расмкашӣ баробари хонандагони солим ХИМ низ ширкат варзида, соҳиби ҷоизаҳо мегарданд.

Хулосаи боби 3

Дар зербоби якуми боби сеюм бештар масъалаҳои самтҳои асосии корҳои ислоҳӣ оид ба рушди қобилиятҳои эҷодии расмкашӣ дар шароити таҳсилоти фарогир дида баромада шуд. Истифодаи расмкашӣ барои такмил додани эҷодкорӣ дар таҳсилоти иловагӣ ки яке аз фаъолиятҳои эҷодӣ ба ҳисоб меравад, дар ХИМ-дошта ба ин восита аз сабаби дуруст фаъолият накардани ангуштон, маторикаи даст инкишоф дода мешавад. Мо дар таҳқиқот кӯшиш намудем, ки бештари ХИМ-доштаи нуқсони ақлию зеҳниро таҷдиди назар намоем, зеро дар ин хонандагон мушакҳои дасту пойи на он қадар хуб ташаккул ёфтааст.

Барои ором шудани асаби ХИМ-дошта иштирок дар маҳфилҳои расмкашӣ хеле бамаврид буд, зеро манфиатҳои эҷодкории расмкашӣ барои ифодаи муошират ХИМ-дошта кумак расонд. Барои бартараф кардани шармгинӣ хизмат намуда, дар нақшофарӣ аз вазъияти изтироб берун кардани хонанда ва дигар мушкилоти эмотсионалӣ ёрӣ намуд. Инчунин барои худхизматрасонии ХИМ-дошта иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ боиси рушди захираи луғавӣ гардид ва маторикаи даст хуб фаъолият кард, дастгирӣ, роҳнамоӣ ва руҳбаландӣ бештар зоҳир шуд.

Яке аз воситаҳои корҳои ислоҳнамоӣ расмкашӣ эътироф карда шуд, зеро дар ХИМ-дошта фаъолияти биноӣ хубтар инкишоф ёфтааст. Мо дар таҳқиқот барои ХИМ дар ҷараёни расмкашии эҷодӣ ташхиси онҳоро таҷдиди назар намуда, маълумотҳои педагогӣ ва психологӣ гузаронида, вобаста ба ташхис расмҳо пешниҳод кардем ва онҳо расмҳои моро ҳамчун кори эҷодӣ ба анҷом расониданд. Маторикаи дасташон инкишоф ёфт, захираи луғавияшон бой гашт ва ҳуқуқи худро эътироф намуданд.

Маҳфили эҷодии расмкашӣ дар се марҳила гузаронида шуд. Марҳилаи аввал ҳавасманд кардани ХИМ - дошта буд, марҳилаи дувум хондани ҳикоя, шеър ва афсона ва марҳилаи сеюм рангин кардани тахайюлоти хонандагон сурат гирифт, ки хонандагон ба мақсади ниҳони худ расиданд.

Дар зербоби дувуми боби сеюм ташкили маҳфили корҳои эҷодии санъати мусиқӣ дар таҳсилоти иловагӣ коркард гардид. Масъалаҳои санъати мусиқӣ чӣ берун аз синф ва чӣ берун аз мактаб дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва муассисаҳои иловагӣ барои ташаккул додани шавқу рағбати мусиқӣ дар баробари хонандагони солим, инчунин, дар осори илмии нуқсоншиносон ва мусиқишиносони ватанию хориҷӣ инъикоси худро ёфт.

Аз маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ ХИМ - дошта консертҳо омода карданд, албатта дар санъати мусиқӣ он хонандагон иштирок карданд, ки қобилияти эҷодӣ доштанд. Маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ дар таҳсилоти иловагӣ, аз қабили гурӯҳҳои ҳамсароӣ, мусиқинавозӣ, иҷрои рақс, омода кардани саҳначаҳо ташкил ва гузаронида шуд. Дастаҳои ҳамсароӣ ташкил карда шуда, ХИМ - дошта дар сатҳи баланд баробари хонандагони солим дар ансамл иштирок варзиданд. Иштирок дар маҳфилҳои мусиқии эҷодӣ нишон дод, ки ХИМ - дошта аз уҳдаи ҳамсароӣ баромада метавонанд.

Ҳамсароии эҷодӣ ба ХИМ - дошта имконият дод, ки байни хонандагони солим фазои эҷодӣ ба вуҷуд оварда, онҳо байниҳамдигар дӯстӣ пайдо намуданд. Бо воситаи сурудхонӣ ХИМ - дошта тавонистанд, ҷаҳонбинии мусиқии худро инкишоф диҳанд, инчунин, қонунҳои мусиқиро аз худ намоянд, рағбати худро доир ба мусиқӣ ангезонанд.

Санъати мусиқӣ дар ҷараёни баромад дар консертҳо ҳаяҷони ХИМ - доштаро ба ҷӯш овард, ки онҳо суботкорона шеъру таронаҳоро дар хотир гирифтанад. Вазифаи асосии роҳбари маҳфили мусиқӣ бештар бо

воситаи ҳамсарӣ барои ташаккул додани маҳорати овозӣ истифода карда шуд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм роҳ ва усулҳои ташаккули қобилиятҳои эҷодии ХИМ - дошта дар маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ бахшида шуд. Вазифаҳои дар пешгузоштаи маҳфили меҳнатӣ дар мадди аввал бой гардонидани корҳои эҷодии ХИМ - дошта буда, иштирок дар маҳфил бо воситаи ташаккул додани дарки зебоипарастӣ анҷом дода шуд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ХИМ - доштаро водор намуд, ки ташаккули маҳорату малакаашон ва рафтори ахлоқияшон дар сатҳи баланд бошад.

Дар маҳфили технология дар ХИМ - дошта дар баробари сохтану бофтан, сифатҳои меҳнатдӯстӣ сариштакорӣ, ростқавлӣ ва суботкорӣ омӯзонида шуд. Онҳо кори эҷодии меҳнатиро бо як мулоҳизакорӣ ба анҷом расониданд. Маҳфили технологӣ ба ХИМ - дошта имконият дод, ки фаҳмидани хусусиятҳои ҳар як намуди рангро омӯхтанд. Барои ХИМ матоъ ва рангҳои баланд интихоб карда шуд. ХИМ – дошта, дар маҳфилҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ, гулбофӣ, конструкторсозӣ, мизу курсисозӣ, тоқидӯзӣ, омода кардани сумкачаҳои духтарона, ба воситаи тугма ва нигинаҳо ва ғайраҳо омода карда шуд. Дар маҳфилҳои эҷодии меҳнатӣ чеварони маҳфилҳои дузандагӣ, гулдӯзӣ, попурдӯзӣ, зардӯзӣ фаъолият мебаранд, ки дар он хонандагон ба нозукиҳои ҳунар бархӯрдор шуданд. Ҳунарҳои онҳоро ба намоишгоҳ гузошта, шавқу рағбати ХИМ - доштаро зиёд намуда, барои касбинтихобкунӣ шароитҳо фароҳам оварда шуд.

Дар муассисаи давлатии Маркази рушди кӯдакон ва наврасони-и шаҳри Душанбе маҳфилҳои гуногун арзи вуҷуд дорад, ки дар он истеъдоду қобилиятҳои ХИМ-доштаро ба эътибор гирифта, аз 1 - уми сентябр ба маҳфили эҷодӣ қабули онҳо кардан оғоз мегардад. Иштирок дар маҳфилҳо барои ҳама ба тариқи ройгон ба роҳ монда шуд.

БОБИ 4. ТАРҲРЕЗӢ, ТАТБИҚ ВА АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ БАРНОМАҲОИ МАҲФИЛҲОИ ЭҶОДӢ, БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

4.1. Тарҳрезии барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд

Дар зербоби мазкур бояд ба тафсири мафҳуми “инкишофи зеҳн” таваҷҷуҳ зоҳир кард. Дар Википедия чунин омадааст: “Инкишофи зеҳн раванди камолот, ташаккул ва беҳтар шудаши қобилияти фикрӣ, дарк ва ҳалли масъалаҳо мебошад. Ин раванд ба инсон имконият медиҳад, ки дониш гирад, маълумотро таҳлил кунад ва ба муҳити атроф хубтар мутобиқ шавад” [27;54].

Усулҳои таҳияи барномаи амалии маҳфилҳои эҷодӣ бо назардошти рушди қобилиятҳои хонандагони имконияташон маҳдуд дар доираи таҳсилоти иловагӣ

Қобилиятҳои эҷодӣ ин натиҷаи аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои ин ё он намуди эҷодкорӣ ба монанди фарҳанги мусиқӣ, меҳнатӣ ва расмкашӣ мебошад.

ХИМ - дошта дар баён кардани эҳсосоти худ, гирифтани таҷриба ва ҳиссиёти худро бо истифода аз тасвирҳои биноӣ нисбат ба усули шифоҳӣ осонтар аз худ менамоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки баъзе ХИМ - дошта қобилияти шуниданашон ва ё муошираташон маҳдуд буда, ё тамоман бо имову ишора муошират менамоянд. Аз ин рӯ, дар онҳо бештар муоширати ғайринутқӣ ягона воситае буда метавонад, ки ҳиссиёт ва эҳсосоти шадидро ошкор ва равшан менамояд.

Зимни таҳқиқот дар муасиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе мо маҳфилро таҳти номи «Дунёи хурсандӣ» ташкил

намудем. Дар аввали фаъолият мо ҳамчун мутахассиси бештар бо назария сарукордошта барои омода кардани нақшаи корҳои амалӣ душворӣ кашидем, аммо баъди ХИМ - дошта аз наздик муошират ва муносибат намудан огоҳ шудем, ки ин гурӯҳи хонандагон ба корҳои эҷодӣ шавқу рағбати зиёд доранд ва минбаъд худро озод ҳисобидам. Дар вақти гузаронидани корҳои эҷодӣ муддати тулонӣ дарк намудем, ки ба онҳо корҳои ислоҳӣ ҳамчун маҳфилҳои эҷодӣ бояд ташкил намоем. Бо мақсади пешбурди корҳои ислоҳӣ роҳбари маҳфилро интихоб намудем, ки дар ҳамин муассиса фаъолият мебарад.

Роҳбари маҳфил хатмкунандаи ихтисоси логопедияи таҳсилоти ибтидоӣ, факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Давлатова З. интихоб гардида, ҳафтае ду маротиба, моҳе ҳашт маротиба маҳфил татбиқи ин корҳо баргузор мегардад. Ин маҳфил барои ташаккул додани «Самтдории иҷтимоию маишии хонандагони имконияти маҳдуддошта» ҳамчун корҳои ислоҳӣ истифода бурда шуд. Ин маҳфил ҳамчун машғулиятҳо аз фанни таълими меҳнат барои аз худ кардани малакаҳои меҳнатӣ гузаронида мешавад. Барои гузаронидани маҳфил 3 туҳфаҳо аз зумраи микровалнофка, 2 то плитаи хӯрокпазӣ, 2 то мошинаи либосшӯйӣ, 1 адад аппарати гуштмайдакунанда, 1 адад мантупазак, 2 адад мошинаи афшуратайёркунӣ, 3 утюки дарзмолкунанда ва дегу, коса, рӯзғори ошхона ва гайра аз ҳисоби худи муассиса харидорӣ гардиднамудем.

Инчунин, барои чорабиниҳо омода кардани туҳфаҳо, муҳраҳо, риштаҳои ранга барои зардӯзию гулдӯзӣ, дукон барои шероздӯзӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ барои дӯхтани пешдоман пешниҳод намудемгардид.

Мо барои гузаронидани маҳфил нақшаи соли таҳсили 2024 - 2025 ташкил намудаем, ки чунин сурат гирифт.

Ҷадвали 1. Самтдори иҷтимоӣ -маишӣ

Чоряки 1-ум. 16-соат

Т/Р	Номгӯи мавзуъ аз самтдори иҷтимоӣ -маишӣ	Миқдори соатҳо	Таърихи рӯз
1	Гигиенаи шахсӣ	1	6.09.2024
2	Шиносоӣ бо тарз ва намуди гигиенаи шахсии наврасон	1	6.09.2024
3	Хусусияти тарзи шустани либосҳои сафед ва ранга	1	13.09.2024
4	Кори амалӣ, фарқ кардани либосҳои ранга ва сафед	1	13.09.2024
5	Шиносоӣ бо қоидаи истифодабарии моддаҳои шӯянда	1	20.09.2024
6	Корӣ амалӣ	1	20.09.2024
7	Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаи бехатарӣ дар либосшӯйӣ бо даст ва мошинаи ҷомашуӣ	1	27.09.2024
8	Корӣ амалӣ	1	27.09.2024
9	Шиносоӣ бо хелҳои мошинаи либосшӯйӣ ва қоидаи истифода бурдани он	1	4.10.2024
10	Кори амалӣ	1	4.10.2024
11	Тарз ва тартиботи дарзмол кардани либос аз матоъҳои гуногун	1	11.10.2024
12	Кори амалӣ: қоидаи бехатарӣ	1	11.10.2024
13	Тарз ва намуди тайёр кардани либос	1	18.10.2024
14	Кори амалӣ	1	18.10.2024
15	Усули ямоқ гузоштани либос	1	25.10.2024
16	Кори амалӣ: қоидаи бехатарӣ дар ҳамомхона ва дарзмол кардани либос	1	25.10.2024

Чоряки 2-юм, 14-соат

1	Тарзи тоза кардани сабзавот	1	8.11.2024
2	Кори амалӣ, тарзи дурусти тоза кардани сабзӣ ва картошка	1	8.11.2024
3	Тарзи тоза кардани маҳсулоти гуштӣ ва моҳӣ	1	15.11.2024
4	Кори амалӣ	1	15.11.2024
5	Талаботи асосии санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарӣ дар хурок	1	22.11.2024
6	Кори амалӣ	1	29.11.2024
7	Қоидаи дуруст истифода бурдани асбоб барои хӯрокхурӣ	1	6.11.2024
8	Кори амалӣ	1	6.12.2024
9	Шиносоӣ бо таркиби хӯроки нисфирӯзӣ	1	13.12.2024
10	Кори амалӣ	1	13.12.2024
11	Намуд ва тарзи тайёр кардани хӯроки якум	1	20.12.2024
12	Кори амалӣ	1	20.12.2024
13	Тарзи тайёр кардани хӯроки дуюм	1	27.12.2024
14	Кори амалӣ	1	27.12.2025

Чоряки 3 юм, 18-соат

1	Тарзи тайёр кардани хуроки сеюм	1	10.01.2025
2	Кори амалӣ Оила	1	10.01.2025
3	Ёрӣ ва тарзи кумак расонидан ба падару модар	1	17.01.2025
4	Кори амалӣ	1	17.01.2025
5	Хелҳо ва тарзи нигоҳубин ба кӯдакони синнусоли майда	1	24.01.2025
6	Кори амалӣ	1	24.01.2025
7	Қоидаи рафтор дар меҳмонӣ	1	31.01.2025
8	Кори амалӣ	1	31.01.2025
9	Қоидаи туҳфа додан ва туҳфа гирифтан	1	7.02.2025
10	Кори амалӣ	1	7.02.2025
11	Тарзи рӯбучини ҳаррӯза		14.02.2025
12	Кори амалӣ	1	14.02.2025
13	Намуди воситаҳои шустушӯйӣ ва қоидаи бехатарӣ дар истифода бурдан он	1	21.02.2025
14	Кори амалӣ	1	21.02.2025
15	Талабот ба нигоҳубини хелҳои тозагии асбобҳо	1	28.02.2025
16	Кори амалӣ	1	28.02.2025
17	Коидаи санитарии гигиенӣ дар рӯбучини истиқоматгоҳ	1	07.03.2025
18	Кори амалӣ	1	07.03.2025

Чоряки 4, ум 16-соат

1	Нақлиёт. Шиносоӣ бо нақлиёти роҳи оҳан	1	14.03.2025
2	Кори амалӣ	1	14.03.2025
3	Хусусияти кори хизматрасонии истгоҳи роҳи оҳан ва ҳавопаймо	1	21.03.2025
4	Кори амалӣ. Савдо	1	21.03.2025
5	Хелҳои мағоза, нархи мол, қоида. таҳвия	1	28.03.2025
6	Кори амалӣ	1	28.03.2025
7	Воситаи алоқа, шиносоӣ бо хелҳо	1	02.04.2025
8	Кори амалӣ	1	02.04.2025
9	Қоида ва тартиби ба ҷо овардани бандеролу таҳвил	1	04.04.2025
10	Кори амалӣ	1	04.04.2025
11	Шиносоӣ бо дорукутии хонагӣ ва қоидаи истифода бурдани ҳароратсанҷ	1	11.04.2025
12	Кори амалӣ. Ёрии тиббӣ	1	11.04.2025
13	Шиносоӣ бо тарзи гузаронидани ёрии тиббии аввал ва растаниҳои табобатӣ	1	18.04.2025
14	Кори амалӣ	1	18.04.2025
15	Намуди манбаи даромади оилавӣ ва қоидаи ба тартиб гирифтани пули нафақаи музди меҳнат	1	25.04.2025
16	Кори амалӣ	1	25.04.2025

Эзоҳ: Мақсади номгузории мо ба ин маҳфил «Дунёи хурсандӣ» дар он буд, ки ҳар як мавзуи гузаронидашуда ба хонандагон хушнудӣ меоварад, инчунин, ба ҳаёт ва рӯзгору зиндагӣ онҳоро омода месозад.

Мавзуъҳо тавре интихоб карда шуд, ки дар он пайдарпайӣ ва системанокӣ истифода бурда шавад.

Мавзуъҳо дар чоряки 1 - ум, 16 - соатро ташкил кард. Мавзуи аввалро ба номи «Гигиенаи шахсӣ» ва мавзуи дувум, «Шиносои бо тарз ва намуди гигиенаи шахсии наврасон» номгузорӣ шуда, дар як рӯз 2 соатро ташкил намуд, зеро ХИМ-дошта бояд ба тозагӣ риоя намоянд. Ҳар як маҳфил аз тарафи роҳбар гузаронида мешуд. Номи мавзуи маҳфил дар тахтаи синф навишта мешуд ва хонандагон ба корҳои зеҳнӣ машғул мешуданд.

Яке аз маҳфилҳо, ки санаи 31.01.2025, ки дар мавзуи «Қоидаи рафтор дар меҳмонӣ» баргузор гардид, дар оғози маҳфил мо ба хонандагон хоҳиш намудем, ки ҳамчун ҳикоя онро эҷод намоянд. Аз сабабе, ки бештари хонандагон писар буданд, онҳо ба даст об рехтанд, дар назди меҳмон ба дастархон даст дароз накарданро ҳикоя намуданд.

Аз сабабе ки майнаи сари онҳо осеб дидааст, мо фикр мекунем, ки дар онҳо корҳои эҷодӣ танҳо бо нишон додан, фаҳмонидан, ҳикоя кардан сурат мегирад. Аз сабабе ки ин маҳфил ба номи «Дунёи хурсандӣ» вуҷуд надошт, бо Шоикова Гуландом нақшаи маҳфилро омода карда, ҷадвали маҳфилро дар назди директори муассисаи махсус тасдиқ Э.Худоёрзода. намудем.

Роҳбари маҳфил Шоикова Гуландом, мавзуи «Қоидаи рафтор дар меҳмонӣ» - ро бо хонандагон гузаронид. Сараввал тарзи дастшӯйӣ ба ХИМ - дошта омӯзонида шуд, ки дар маҳфил хонандагон бо собун дастҳоро то оринҷ тоза шуста, байни ангуштонро молиш дода, бо сафҳои тоза дастҳояшонро пок намуданд. Сипас, одоби меҳмондорӣ ба хонандагон аз тарафи роҳбари маҳфил қироат гардид. Сипас, ХИМ - дошта онро нишон доданд, яке меҳмон, дигаре соҳиби хона, сеюмин нақши кӯдакро бозид. Дар охир баъд аз хона рафтани меҳмон дастархон ғун карда шуда, аз тарафи хонандагон ҳурмату эҳтироми меҳмоннавозӣ истифода бурда шуд.

Ҳамин тавр, «Қоидаи рафтор дар меҳмонӣ» яке аз мавзуъҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар он ба ХИМ – дошта, тарзи шустану тозагии дастон омӯзонида мешавад.

Дар нақша бо назардошти мураккабшавии тадриҷии маводи маҳфил аз сода ба мураккаб тарҳрезӣ мешавад, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ аст: дар раванди таҳсилоти иловагӣ шаклҳои гуногуни супоришҳо, аз қабили лоиҳаҳои эҷодӣ, кори амалӣ ва ҳатман татбиқи донишу малакаҳои нав дар доираи таҳсилоти иловагӣ ба назар гирифта шуданд. Аммо дар хотир бояд дошт, ки дар таҳсилоти иловагӣ ХИМ – дошта бояд ба миқдори маҳдуд дониши нав аз худ намоянд, на бештар аз ду малакаи амалӣ, вагарна дар азхудкунии корҳои эҷодӣ мавод метавонад ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири худро расонад, инчунин ба хонанда аз кори анҷомдодаи худ қаноатманд намешавад.

Пайдарҳамии вазифаҳо дар нақшаи омода шуда ба мо имконият дод, ки сатҳи омодагӣ ба қобилиятҳои эҷодии ХИМ - доштаро дар марҳилаҳои ибтидоӣ муайян намоем ва баъдан дониш, маҳорат ва малакаҳои мавҷуда ва нав ба даст оварда мешавад, дониши онҳо инкишоф ва такмил дода мешавад.

Дар шароити имрӯза ХИМ - дошта барномаҳои умумии рушди таҳсилоти иловагиро бомуваффақият аз худ мекунанд. Роҳбарони маҳфил дар кори худ ба барномаҳои таълимии гуногун сатҳӣ ва тағйирёбанда такя мекунанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бо категорияҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла, хонандагони лаёқатманд ва дорои имкониятҳои саломатидошта бомуваффақият кор кунанд.

Дар автореферати Н.Нурматова қайд карда шудааст, ки «Сатҳи баланди рушди қобилиятҳоро, «лаёқатмандӣ» гуфтан мумкин аст. Ҳамчун хонандаи болаёқат шахсе фаҳмида мешавад, ки дар омӯзишу таълим ва дигар навъи фаъолиятҳо қобилияти аз меъёрҳои муқаррари баландро нишон медиҳад. Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки рушди қобилиятҳои кӯдак фардӣ буда, давра ба давра сатҳаш боло рафта

метавонад ва дар баъзе ҳолатҳо метавонад паст фарояд. Ин ҳолатҳо пеш аз ҳама ба омилҳои синну солӣ, шароити иҷтимоӣ, таъсири муҳити атроф ва таъсири бевоситаи омӯзгорон вобаста мебошад. Чун анъана дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгорон гузоштани фарқият дар дараҷаи қобилиятҳои хонандагон аксаран аз сатҳи қобилияти зеҳнии хонандагон истифода мебаранд» [285;11].

Дар таҳсилоти иловагӣ маҳфилҳои эҷодӣ ХИМ - дошта новобаста аз қабили гидросефалияи модарзодӣ ширкат мекунанд. Онҳо бо ҳамсолони худ дар таҳсилоти иловагӣ ширкат менамоянд. Барои ХИМ - дошта корҳои эҷодӣ бояд ба таври шавқовар ва бозӣ сурат, гирад, ки ба рушди онҳо мусоидат мекунад. Дар вақти кор кардан бо комплекси конструкторӣ ҳар ду нимкураи майна иштирок мекунад, ки ин ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо таъсири хуб мерасонад.

Дар ҷараёни корҳои амалӣ ХИМ - дошта тадриҷан, зина ба зина сохтанро ёд мегирад. Ин намуди омӯзиш ба онҳо имконият медиҳад, ки бо суръати фардӣ худ пеш равад, хоҳиши омӯхтан ва ҳалли мушкилоти нави мураккабро ба вуҷуд орад. Ҳар як муваффақияти эътирофшуда ва қадрдонӣ боиси эътимоди бештар ба худ мегардад.

Корҳои эҷодӣ як усули муассири ташаккули шахсияти эҷодкор ва ҳамаҷониба мебошад. Он имкон медиҳад, ки ХИМ - дошта ба фаъолиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим шомил шаванд ва ба худшиносии онҳо мусоидат кунанд.

Дар таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ тибқи барнома кӯдакони гирифтори осеби органикии системаи марказии асаб, номутобиқатии доимии иҷтимоӣ, таъхири рушди психомоторӣ, инчунин фалаҷи мағзи сар аз уҳдаи корҳои эҷодӣ баромада тавонистанд. Барнома дар таҳсилоти иловагӣ фарогир буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад, аз қабили аниматсияи аква (расм дар рӯйи об), аниматсия дар қум ва расмкашӣ. Маҳфилҳои эҷодӣ 45 дақиқа давом мекунанд ва самтҳо иваз карда мешаванд.

Мақсади маҳфил кумак ба ХИМ - дошта дар ташаккули фаъолияти маърифатӣ, кунҷковӣ, ташаккули муносибати дуруст ба олами атроф, аз худ намудани намудҳои гуногуни фаъолият, инкишоф додани мустақилият ва бедор кардани қобилиятҳои эҷодӣ мебошад.

ХИМ - дошта бо усулҳои ғайрианъанавии расмкашӣ, аз қабили аниматсияи аква ва рангкунии рег шинос мешаванд. Маҳфилҳои эҷодӣ дар эътидол овардани ҳолати эҳсосотӣ, инкишоф додани ҳассосияти ламсӣ ва малакаҳои хуби мотории дастҳо мусоидат мекунанд, инчунин бо иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ метавонанд дигаронро гӯш кунанд ва эҳсосоти худро баён кунанд. Ба ин гуна восита хонандагон дар таҳсилоти иловагӣ иштирок карда, худро бехатар ва бароҳат ҳис кунанд.

ХИМ - дошта метавонанд танҳо тавассути ҳаракат додани чӯб бар қатраҳои ранг дар об, дар кашидани расм, сохтани асбобҳои рӯзғор эҷодкунии худро инкишоф диҳанд. Онҳо инчунин, хоҳанд фаҳмид, ки расмро ба коғаз интиқол додан мумкин аст ва он ҳамчун хотира боқӣ мемонад. Сохтан, дӯхтан, расмкашӣ барои рушди малакаҳои хуби мотории дастҳо ва мушакҳои даст, омода кардани даст барои навиштан ва эҷоди эҳсосоти мусбӣ кумак мекунад. Ин махсусан ҳангоми кор бо ХИМ - дошта муҳим аст.

Усулҳои ғайриодии расмкашӣ барои бартараф кардани тарси зоҳирии бемаънӣ ё хандовар кумак мекунанд ва бо таҷрибаҳои манфӣ ва мушкилоти дохилӣ мубориза мебаранд.

Дар доираи таҳсилоти иловагӣ барномае амалӣ карда мешавад, ки ба инкишофи хаёлот, фантазия, мустақилият, ташаббус ва фардияти ХИМ - дошта нигаронида шудааст.

Дар маҳфилҳои эҷодӣ хонандаи синфӣ 7 “а” Ашуров Мунис Ҷаҳонгирович соли таввалудаш 09.03.2010, ки аз хурдӣ гирифтори бемории майдасарии ташхис шудааст, иштирок намуда, бо ӯ барномаи фардии мутобиқшуда гузаронида шуд. Дар натиҷа хонанда инкишофи ҳаракат ва нутқи хонанда беҳтар шуд.

Дар таҳсилоти иловагӣ барои корҳои эҷодӣ бозиҳо ва машқҳо бо ашёҳои хурд ба монанди мозайка, ғалладонагиҳо, бозичаҳои хурд, тугмаҳо, банди либосҳо, тӯрҳо, бозиҳои обӣ, барои расмкашӣ бо ангуштҳо, кафҳо, пластилин, сояҳо аз рӯйи намуна, ранг кардан, коғаз, картон, техникаи гуногун, пластилин, хамир барои шаклсозӣ ва дигар усулҳо истифода бурда шуд.

Ҳайати роҳбарони маҳфил барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ХИМ - дошта кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ба онҳо на танҳо чизе омӯзондан, балки ба вай ёрӣ расондан лозим аст, ки корҳои эҷодӣ ва дониши гирифтаашро дар ҳаёти ояндааш истифода барад. Натиҷаҳои пешбинишаванда мутобиқшавии иҷтимоии онҳоро дар раванди тақсилоти иловагӣ ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ, бартараф намудани муносибати манфӣ нисбат ба ҷамъият ва худи ХИМ - дошта мусоидат менамояд. Инчунин, барои баланд бардоштани сатҳи эътимоди иҷтимоӣ ба ҷомеа, мутобиқсозии иҷтимоии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни синну сол, дар шуури ҷамъият ҷорӣ намудани мисолҳои бомуваффақияти татбиқи амалии принсипҳои муносибати таҳаммулпазир ва бемонеа нисбат ба ХИМ - доштаро татбиқ менамояд.

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ имконияти интихоби озоди фаъолиятҳоеро фароҳам меорад, ки инкишофи фардии ХИМ - доштаро муайян мекунад, инчунин, бо назардошти хусусиятҳои гуногунрангии мазмун ва шаклҳои ташкили раванди таҳсилоти иловагиро таъмин менамояд.

Дар раванди таҳлили ҳолат ва дурнамои рушди системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХИМ - дошта дар расонаҳои чопӣ, телевизион ва интернет, олимон, мансабдорони давлатӣ, арбоби ҷамъиятӣ, омӯзгорону мутахассисони соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои ташкил ва расонидани хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии махсус, таҳсилоти иловагӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ таваҷҷуҳи хоса доранд. Ҳамзамон, рушди неруи эҷодӣ,

ташаккули салоҳиятҳои муоширатӣ, иҷтимоӣ ва касбии хонандагон, инчунин рушди шахсияти онҳо идома дорад.

Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун корҳои эҷодкорӣ яке аз омӯзиши амиқи ХИМ - дошта ба ҳисоб меравад. Вале маҳз таҳсилоти иловагӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки қувваи худро озмуда, қобилияту истеъдоди худро инкишоф диҳанд, якҷоя бо хонандагони солим ба намудҳои гуногуни фаъолият, аз қабили бадеию зебоипарастӣ, тарбияи ҷисмонӣ, фарҳанги мусиқӣ, маҳфилҳои маданию фароғатӣ ва ғайра машғул шаванд.

ХИМ - дошта ба муошират, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ниёз доранд. Роҳбари маҳфил дар ҳаёти онҳо нақши муҳим мебозад, ба онҳо дар омӯхтани ҷаҳон ва бартараф кардани маҳдудиятҳояшон кумак мекунад. Роҳбари маҳфил ба ХИМ - дошта кумак мекунад, ки арзиши худро дарк кунанд ва худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эътироф кунанд.

Аксар вақт мо фикр намекунем, ки ХИМ - дошта кистанд. Мо онҳоро дар кӯчаву майдончаҳо намебинем, дар мактабҳои муқаррарӣ таҳсил намекунанд. Ба назар чунин мерасад, ки онҳо вуҷуд надоранд. Аммо ХИМ - дошта дар дунёи пӯшидаи худ зиндагӣ мекунанд, ки барои мо дастнорас аст.

Бо вуҷуди ин, ХИМ - доштагон ба фаъолияти эҷодӣ машғуланд, баъзеи онҳо расмкашӣ мекунанд, ҳайкалтарошӣ мекунанд, аппликатсияҳо месозанд, медӯзанд, мебофанд, мерақсанд, мехонанд ва асарҳо меофаранд. Асарҳои онҳо аз ҳиссиёт, таҷриба, шодию завқ ва дард фаро гирифта шудаанд. ХИМ - дошта назар ба ҳамсолони худ ҷаҳонро равшантар ва эҳсосотӣ дарк мекунанд. Онҳо бештар бо ҷидду ҷаҳд, боандеша ва бодиққат ҳастанд, бо вуҷуди он ки қобилияти ҷисмонии онҳо маҳдуд аст.

Эҷодкорӣ як роҳи баромад барои ХИМ - дошта мегардад, барои мутобиқ шудан ва барқарорсозии онҳо кӯмак мекунад ва як роҳи ифодаи худшиносии миллӣ мебошад.

Тавассути эҷодиёти худ ХИМ - дошта кӯшиш менамоянд, ки ба мақсади дарпешистода расанд. Мушкилоти асосие, ки ХИМ - дошта рӯ ба рӯ мешаванд, ин аз нофаҳмии онҳо, рад кардани ҷомеа, набудани муошират бо ҳамсолони худ дар муошират майл надоштани хонандагони солим ва аҳаммият надодан ба ҳисоб меравад. Тавассути таҳсилоти иловагӣ дар корҳои эҷодӣ ХИМ - дошта кӯшиш менамоянд, ки бо дигарон муошират намоянд, бо атрофиён алоқа пайдо кунанд. Пеш аз ҳама, онҳо мисли хонандагони муқаррарӣ ба чизҳои оддӣ низ ниёз доранд, ба монанди: таваҷҷуҳ кардан, муҳаббат доштан, фаҳмидан ва имконияти эҷодкорӣ доштанро тақазо менамоянд. Ин мушкилотҳо тавассути маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳал карда мешавад, зеро аксар вақт дар ягона имконият барои ХИМ - дошта барои фаъолияти эҷодӣ ва муоширати иҷтимоӣ истифода бурда мешавад.

Муҳити таҳсилоти иловагӣ, ки дар он бештар корҳои эҷодӣ истифода мегардад, имконият медиҳад, ки хонандагон аз кори эҷодкардаи худ истироҳат намоянд, зеро дар таҳсилоти иловагӣ хонанда озодиро бештар барои амалӣ кардани хоҳиш ва ғояҳо истифода мебарад.

ХИМ - дошта бо эҷод кардани чизи нави бо дастони худ бо дигарон робитаи барқарор менамояд, инчунин, худро бо ҷаҳони беруна мустаҳкам менамояд, ки ин барои ХИМ - дошта махсусан муҳим мебошад. Маҳсули дасти худро, ки ХИМ - дошта эҷод мекунад, дорои осори шахсияти ӯ ба ҳисоб меравад.

Барои ХИМ - дошта эҷодкорӣ шарти муҳимми худшиносии бомуваффақияти инсон буда, ки ба онҳо имконият медиҳад, ки худро дар ҷаҳони муосир, дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт зиндагӣ кунанд, худро бо роҳи эҷодкорӣ муаррифӣ намоянд. Ҳар қадар ХИМ - доштаро ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намоем, ҳамон қадар корҳои эҷодии ӯ беҳтар мешаванд.

Фаъолияти эҷодӣ ин фаъолияти ҳар як инсон шуда метавонад, агар худи ӯ ба корҳои ЗЭ шавқманд бошад. Дар вақти корҳои ЗЭ

хонанда метавонад чизи навро ба вуҷуд оварад. Новобаста аз он ки ин офариниш фаъолияти эҷодӣ аст ва ӯ метавонад ягон чизи олами берунаро ва ё сохти маъруфи ақлу эҳсосоти худро, ки танҳо дар худи шахс зиндагӣ мекунад, зоҳир намояд. Барои гузоштани сармоя ба фаъолияти эҷодӣ, ХИМ - дошта қобилиятҳои фаъолияти ЗЭ -ро, ки метавонад боиси муваффақият гардад, дар навбати худ бояд таваҷҷуҳро ба ҷараёни эҷодӣ нигоҳ дорад.

Инкишофи қобилиятҳои ЗЭ дар ХИМ - дошта на танҳо имконпазир буда метавонад, балки ин як меъёр ба ҳисоб меравад ва аз деформатсияи инкишофи онҳо вобаста нест.

ХИМ - дошторо ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудан, яке аз вазифаҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҳфилҳои эҷодӣ, ки нақшаҳои маҳфил омода карда шудааст, на он қадар ба талабот ҷавобгуй буданд, онҳоро мо тағдиди назар карда, тағийроту иловаҳо ворид намудем.

Кори ин маҳфилҳоро таҳлил намуда, бояд қайд намуд, ки эҷодиёти ХИМ - дошта ҳамеша на танҳо қобилиятҳои зеҳнию эҷодии онҳо, балки заковати техникиро низ ифода менамояд. Корҳои ЗЭ дар шаклу намудҳои гуногун истифода мешавад, вале мушкилоти асосие, ки мо дар маҳфилҳои эҷодӣ вохурдем, он аст, ки бо кадом роҳу восита дар эҷодиёти худ душвориҳои вуҷуддоштаро бартараф созем. Дар фаъолияти касбии худ мо хусусияти мусбати натиҷаҳоеро, ки дар рафти иҷрои вазифаҳо ба даст оварда шудаанд, тасдиқ мекунем. Аз ин рӯ, дар ҷараёни корҳои ЗЭ, маҳсулот барои хонандагон аз натиҷа камтар шуда наметавонад.

Дар корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ба офиятбахшии психологии ХИМ - дошта бояд диққати махсус дода шавад. Таваҷҷуҳ ба офиятбахшии равонии оилавӣ дода мешавад, зеро оила наздиктарин муҳити хонандагон буда, шавқу рағбат, муносибат ба таҳсилоти иловагӣ

ва ҷалби онҳо дар ҷараёни корҳои эҷодӣ самаранокии офиятбахширо муайян менамояд.

Нақшаҳои маҳфилҳои эҷодӣ барои рушди фардӣ на танҳо ба ХИМ - дошта, балки ба оилаи онҳо низ таъсирпазир шудааст. Он корҳои ислоҳию эҷодии фарзандони имконияти маҳдудиятдоштаашонро дар омӯзиш оид ба тадбирҳои барқарорсозӣ ва ислоҳи муносибатҳои оилавӣ дар бар мегирад.

Вазифаи волидайн дар корҳои ЗЭ аз он иборат мебошад, ки ХИМ - дошта дар ошкор кардани иқтидори инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо, дар ташаккул додани яке аз қобилиятҳои онҳо ҷуброн карда мешавад, инчунин дар иҷрои корҳои зеҳнию эҷодии онҳо ва дар оянда таъмин намудани ҳамгироии ҳадди аксар ба ҷомеаи муосир онҳо низ мусоидат менамоянд.

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ зимни иҷрои кори илмӣ ба он нигаронида шуд, ки ба воситаи расмкашӣ, ҳамсароӣ, маҳорати рақс, меҳнатӣ дар бораи олами атроф фаъолона омӯзонида шуда, маълумотҳо бештар пайдо намоем. Эҷодкорӣ як фаъолияти дастрас ва ҳаяҷоноварест, ки барои аз худ кардани эҳсосоти худ, даркнамоӣ, инкишоф додани тафаккур ва хаёл робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҳангоми кор бо ХИМ - дошта роҳбари маҳфилро мебояд корҳои ЗЭ хонандагонро бо таъриф оғоз намояд. Ӯ бояд танқид накунад, шарҳ надиҳад, балки барои эҷоди обрӯи мусбат дар байни хонандагон ӯро ҳавасманд гардонад. Вазифаи дигари роҳбари маҳфил ташвиқ кардан, ҳар як хатои эҷодиро ба осонӣ ислоҳ намудан мебошад. Бо ин восита баъди ба итмом расонидани корҳои ЗЭ, хонандагон худро дар назари дигарон хуб эҳсос менамоянд.

Роҳбари маҳфил барои корҳои эҷодӣ бо ХИМ - дошта аз усулҳои ғайримуқаррарӣ истифода менамуд. Вай ҷолибияти онҳоро барои корҳои эҷодӣ омезиши ғайриодии мавод ва асбобҳо, универсалӣ ва дастрасии технология қайд менамояд. Ҳар як хонанда қобилиятҳои гуногуни ЗЭ

дорад, ки онҳо ба хусусияти системаи асаб, ҳассосияти эмотсионалӣ ва характери он вобаста мебошад.

Эҷодкорӣ на танҳо як роҳи баён кардани худ, балки як роҳи таъсиррасонӣ ба ҷаҳони атроф аст. Бо вуҷуди ин, ХИМ - дошта дар зиндагӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ ба душвориҳои муайян дучор мешаванд. Ба онҳо машғул шудан бо корҳое, ки ҷасорат ва тасаввуротро талаб мекунад, душвор аст.

Мақсади маҳфили мо на танҳо ба ХИМ – дошта, додани малака ва усулҳои кор бо маводи гуногун, балки озод кардани онҳо ва баланд бардоштани бовариашон ба қобилиятҳои худ иборат буд. ХИМ - дошта вақте ки бо ҳамсолони солими худ муошират мекунанд, аз онҳо меомӯзанд ва дастгирӣ мегиранд, тезтар рушд меёбанд.

Барои тақвиятбахшии сатҳи чунин ХИМ - дошта мо дар ҷараёни озмоиши педагогӣ, инчунин, аз усули ҳавасмандгардонӣ истифода намудем. Усулҳои ҳавасмандгардонӣ муайян кардани ҳадафҳо, нишон додани аҳаммияти амалии фаъолият ва натиҷаҳои корро дар бар мегиранд. Натиҷаи корро дар намошгоҳҳои эҷодии ХИМ - дошта дидан ва таҳлил кардан мумкин аст. Барои ҳавасмандгардонии руҳбаландкунанда ҳар як кори эҷодии ХИМ - дошта баҳогузорӣ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ин равиш имкон медиҳад, ки идеяҳо ва қобилиятҳои ХИМ - дошта инкишоф дода шавад.

Яке аз ҳадафҳои маҳфили мо ин пурра ошкор кардани неруи шахсии хонандагон аст, зеро иқтидори эҷодӣ ҷузъи муҳимми он мебошад. Дар ҳар як маҳфили эҷодӣ бояд корҳои ихтироъкунӣ дар озмунҳо намоиш шавад. Озмунҳо ба мо имкон дод, ки эҷодкориро ҳамчун фаъолияте баррасӣ кунем, ки метавонад дар тули ҳаёти хонандагон ва тамоми оила инкишоф ёбад. Аз ин ҷост, ки баъзе мусобиқаҳое, ки дар телевизион намоиш дода мешавад, ба дигарон ба воситаи онлайн пешниҳод мегардад. Дар ноҳияҳо корҳои эҷодӣ ба

намоиш гузошта мешавад, дар он падару модарон низ иштирок меварзанд.

Ҷараёни фаъолияти ЗЭ дар таҳсилоти иловагӣ ХИМ - доштаро ба кунҷкобӣ, зиракӣ ҳидоят менамояд. Онҳо сараввал малакаҳои одитаринро аз худ мекунанд. Сипас, барои худмуайянкунии касбӣ чораҳои махсус меандешанд. Ин барои бомуваффақият ворид шудан дар ҷомеа муҳим аст. Фаъолияти эҷодӣ ба ташаккули як қатор сифатҳое мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба хислати хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд.

Усулҳои ғайримуқаррарии санъати мусиқӣ ба хонандагон кумак мекунанд, ки худро озод ҳис кунанд, бидуни монеаҳо ҷаҳонро аз як паҳлуи нав бубинанд. Усули расмкашӣ бошад ба онҳо имкон медиҳад, ки дар коғаз он чизеро, ки бо роҳҳои муқаррарӣ интиқол додан душвор аст, баён намояд. Муҳимтар аз ҳама, дар таҳсилоти иловагӣ усулҳои техникии ғайрианъанавӣ ба хонанда имкон медиҳанд, ки ба ҳайрат афтад ва аз ҷаҳон лаззат барад.

Ин нақшаҳое, ки аз тарафи мо таҳрезӣ шуд, ба кор бо ХИМ - дошта бо истифода аз усулҳои санъати мусиқии ғайрианъанавӣ асос ёфтааст. Бо истифода аз маводҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯза моро иҳота мекунанд, бо усулҳои ғайриодӣ фарҳанги мусиқӣ дар хонандагон эҳсосоти мусбӣ ба вуҷуд меорад. Хондани суруд, иҷрои рақсҳо хонандагонро мафтун мекунад ва онҳо бо хоҳиши зиёд чизи навро мекашанд, эҷод мекунанд.

Роҳбари маҳфил барои дар хонандагон дӯст доштани расмкашӣ ва бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба расмкашӣ дар таҳсилоти иловагӣ аз бозӣ оғоз мекунад. Барои ин усулҳои расмкашии ғайрианъанавӣ, ки бо такмили усулҳои анъанавӣ фазои эҷодкорӣ ташкил намуда, корҳои одиро ба бозӣ ва афсона табдил медиҳанд, хеле мувофиқанд.

Ҳангоми расмкашӣ бо роҳҳои ғайримуқаррарӣ ХИМ - дошта аз хато кардан наметарсанд, зеро ҳама чизро ба осонӣ ислоҳ кардан мумкин

аст ва аз хатоиҳо онҳо метавонанд чизи нав пайдо кунанд. Ин ба онҳо кумак мекунад, ки ба худ эътимод пайдо кунад, «тарс аз вараҡи холӣ» - ро бартараф кунад ва худро рассом ҳис кунад. Дар ин ҳолат шавқу ҳаваси рассомиро инкишоф медиҳад.

Шумо метавонед бо ҳама чиз ва дар ҳама ҷо бо истифода аз маводҳои гуногун тасвир кунед. Ин мушкилоти навро ба миён меорад ва шуморо маҷбур мекунад, ки ҳама вақт чизи нав пайдо кунед. Аз ин расмҳои содалавҳона ва содаи хонандагон дар ниҳоят, як объекти шинохташаванда ба вуҷуд меояд ва ман аз уҳдаи фаъолияти эҷодӣ мебароям мегӯяд.

Таҳсилоти иловагии ХИМ - дошта ба фароҳам овардани шароите равона карда шудааст, ки дар он ҳар яки онҳо, бо назардошти хусусиятҳои фардӣ, шавқу эҳтиёҷоти эҷодӣ тавоноии худро пурра амалӣ менамоянд.

Барои роҳбарони маҳфил системаи чорабиниҳое, ки ба ташаккули муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба ХИМ – дошта, ниёзҳои махсус, инчунин ташаккули сифатҳои беҳтарини инсонӣ, аз қабили масъулият, дилсӯзӣ, ниёз ба кумак ва эҳтиром ба шаъну эътибори дигарон нигаронида шудаанд, таҳия шуд. Ба ин чорабиниҳо суҳбатҳо, мубоҳисаҳо, муҳокимаҳои видео, филмҳо ва барномаҳо дар мавзуи додашуда, тренингҳо, бозиҳои нақшбозӣ ва чорабиниҳои муштараки лоиҳавӣ, инчунин чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ дохил шуд.

Иштирок дар таҳсилоти фарогир ба он нигаронида шудааст, ки ҳамаи хонандагон, сарфи назар аз хусусиятҳои фардӣ, дастовардҳои гузаштаи таҳсил, забони модарӣ, фарҳанг, вазъи иҷтимоию иқтисодии волидон, қобилияти равонӣ ва ҷисмонӣ метавонанд ба таҳсилоти иловагӣ дастрасӣ пайдо кунанд ва ба муваффақиятҳои таълимӣ ноил шаванд.

Ҳар гуна ғояҳои эҷодии хонандагонро дастгирӣ ва тасдиқ кардан, муваффақиятҳои ҳадди ақалро мустаҳкам кардан ва дар заминаи фаъолияти муштарак инкишоф додани шахсияти онҳо муҳим мебошад.

Ҳодисаи таҳсилоти иловагӣ ҷолиб буда, далелҳо бар зидди он одатан ба он оварда мерасонанд, ки ХИМ - дошта бе чунин таҳсил сатҳи пасти дониш мегиранд ва ё дар мутобиқшавии иҷтимоӣ мушкилот доранд. Бо вуҷуди ин, тасдиқи ин даъвоҳо душвор аст.

Таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони муқаррарӣ ва ҳам барои ХИМ - дошта ва барои хонандагони болаёқат бартариҳои зиёд дорад.

Аввалан, дар таҳсилоти иловагӣ ҳузури ХИМ - дошта барои корҳои эҷодиро бамуваффақияти хонандагони лаёқатманд ягон таҳдид ё хатар эҷод намекунад. Чунин ақида, ки ХИМ - дошта раванди таҳсилоти иловагиро халалдор мекунанд, беасос аст. Вақти дар маҳфилҳои эҷодӣ барои ХИМ - дошта сарфшуда бо он вақт, ки роҳбари маҳфил барои хонандагони одӣ сарф мекунад, комилан муқоисашаванда аст.

Сониян, равиши фарогир ба таҳсилоти иловагӣ метавонад тавассути баланд бардоштани сифати корҳои ЗЭ ва такмили технологияҳои таълим ҳам ба хонандагони муққаррарӣ ва ҳам ба хонандагони лаёқатманд ва ҳам ба ХИМ - дошта фоида расонад. Баъзе ХИМ - дошта ба технологияҳои нави замонавӣ ниёз доранд; масалан, дар раванди таҳсилоти иловагӣ истифодаи технологияи иттилоотӣ аксар вақт зарур аст. Хонандагони дигар низ метавонанд аз ин технологияҳои корҳои ЗЭ баҳра баранд ва бештар аз ин, ҳамаи хонандагони дигар метавонанд аз онҳо ҳангоми таҳсилоти иловагии ХИМ - дошта истифода баранд.

Дар гурӯҳи фарогир ХИМ - дошта лаёқатманд дар эҳтиром ва қадр кардани ҳамсолони худ ва дигарон, ки дорои маҳдудият мебошанд, эътироф кунанд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти таҳсилоти иловагӣ на танҳо ба ХИМ - дошта, балки ба хонандагони муқаррарӣ низ таъсири мусбат

мерасонад. Бо кумак расонидан ба ҳамсолони маъюби худ дар иштироки фаъолона дар фаъолиятҳои таҳсилоти иловагӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳимми ҳаётро меомӯзанд. Ин таҷрибаи мусбати баланд бардоштани шуурнокии ҷамъиятӣ, дарк кардани он, ки дар байни одамон тафовут нест, инкишоф додани худшиносӣ ва худогоҳӣ, ташаккули принсипҳои шахсӣ, аз ҳама асосӣ, тарғиби ғамхории ҳақиқӣ ва дӯстиро дар бар мегирад.

Барномаи таълимии муосири таҳсилоти иловагӣ бояд тағйироту шароитҳоеро дар бар гирад, ки барои татбиқи бомуваффақияти таҳсилоти фарогир заруранд. Ин дигаргуниҳо бояд шахсияти ҳар як хонандаро ба назар гирифта, ба талаботи махсуси ҳар як хонанда ҷавобгӯ бошанд.

Иҷрои амалҳои омодагӣ марбут ба бевосита тайёр кардани маҳсулоти лозимӣ барои корҳои эҷодӣ мебошад, ки марҳилаи тайёриро ба анҷом мерасонад. Тайёрӣ вақтро барои иҷрои воқеии кори пешбинишуда сарфа мекунад. Бинобар ин, ХИМ - дошта бояд ба омодагӣ ҷиддӣ муносибат кунанд, он гоҳ дар иҷрои нақша муваффақият ба даст меояд. Барои ноил шудан ба муваффақият дар иҷрои вазифаҳо барои ХИМ - дошта доштани малакаҳои зарурӣ, аз ҷумла, одатҳо амалҳои маъмулие, ки онҳо дар ҷараёни фаъолияти амалӣ ё назариявӣ мегиранд, нақши истисноӣ мебозанд. Барои ин ХИМ - дошта мебояд донишу малакаи меҳнатиро бошуурона аз худ кунанд, онҳоро эҷодкорона, бо сарфи пурраи қувва истифода баранд. Ҳамчунин, қобилияти эҷодии худро ва шахсияти эҷодкорро инкишоф диҳанд, дар ҷараёни суҳбат, ба ҳақиқат табдил додани идея, гурӯҳҳои гуногун аз техника истифода бурда тавонад, ҳавасмандандиҳо, кумакпулиҳо барои корҳои эҷодӣ пешниҳод карда шуд.

Усулҳои ҳавасмандгардонӣ муайян кардани ҳадафҳо, нишон додани аҳаммияти амалии фаъолият ва натиҷаҳои корро дар бар мегиранд. Натиҷаи корро дар намошгоҳҳои эҷодии ХИМ-дошта

маҳдуддошта дидан ва таҳлил кардан мумкин аст. Барои ҳавасмандгардонии руҳбаланкунанда ҳар як кори эҷодии ХИМ-дошта баҳогузорӣ карда мешаванд, ин маънои онро дорад, ки ин равиш имкон медиҳад, идеяҳо ва қобилиятҳои ЗЭ ХИМ - дошта инкишоф дода шавад.

Дар маҳфилҳои эҷодӣ баъзан ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки ХИМ - дошта бо сабабҳои гуногун дар иҷрои супоришҳо душворӣ мекашанд. Бо ин мақсад усулҳои ёрирасон истифода мешаванд. Хонандагон новобаста аз маҳдудияташон дорои сатҳи гуногуни дониш, маҳорат, қобилият ва истеъдоди инкишофёфта мебошанд. Аз ХИМ - доштаи марбут ба дараҷаи инкишофи қобилияти эҷодии «Мактаб - интернати хонандагони сустшунаво ва деркаршуда» - и шаҳри Душанбе ноҳияи Рудакӣ бо усулҳои зерин: ёдраскунӣ, мушаххассозӣ, гузоштани саволҳои пешбар менамоянд. Инчунин, хонандагон аз рӯйи 3 - равия ба маҳфил ҷалб карда мешаванд. Ба хонандагони шуъбаи 1 - ум хонандагоне дохил мешавад, ки сустшунавои дараҷаи сабуканд, ба шуъбаи 2 - юм хонандагоне дохил мешавад, ки сутшунавои дараҷаи миёнаанд ва ба шуъбаи 3 - юм хонандагоне дохил мешаванд, ки сутшунавои ёрирасон ном дошта, дараҷаи вазнинро дар бар мегирад.

Дар ин муассиса барои интихоб кардани касбомӯзӣ якчанд маҳфилҳо бо номи «Маркази рушди ношунавоён» ба номи «Имконияти баробар» соли 2023 ташкил карда шудааст. Роҳбари маҳфил Давлатов Файзулло хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, маҳфили «Дуредгарӣ», ки ҳамагӣ 20 - нафар хонандагон иштирок меварзанд. Аз онҳо 3 - нафарашон сутшунавои дараҷаи сабук (шуъбаи якум) 17 - нафарашон сустшунавои дараҷаи миёна (шуъбаи дуюм) иштирок мекунанд. Аз тарафи маҳфил асбоб барои арра кардани чӯбу тахта, суфта кардан, мехча задан истифода бурда мешавад. Бо ин асбоб омода кардани мизу курсӣ, бозичаҳо, тахтача барои майда кардани сабзӣ, аз чӯб тайёр кардани дастаи болға, дастаи табар, дастаи кедман, бел, асбобҳои дуредгарӣ ва ғайраҳо аз тарафи хонандагон омода

карда мешаванд. Соли 2023 корҳои эҷодии хонандагон дар коллеҷ №8 барои кӯдакони ношунаво намоиш дода шуд. Дар озмун хонандагон ҷойи намоёнро ишғол карда, бо ҳавасмандкуниҳо сарфароз гардиданд.

Дар «Мактаб-интернати хонандагони сустшунаво ва деркаршуда» - и ноҳияи Рудакӣ маҳфил барои духтарон ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Роҳбари маҳфил Қосимова Меҳрӣ, аз соли 2016 то имрӯз дар 4 - маҳфил, ҳамчун роҳбар фаъолият мебарад. Маҳфили «Бофандагӣ», маҳфили «Дузандагӣ» ва маҳфили «Муҳракашӣ» ва маҳфили «Тарроҳӣ» ташкил карда шуд.

Дар маҳфилӣ «Тарроҳӣ» - 41 нафар, маҳфили «Кадбону» 14 - нафар, маҳфили «Дузандагӣ» 14 - нафар, маҳфили «Бофандагӣ» 12 - нафар, маҳфили «Муҳракашӣ» 14 - нафар ҳамагӣ - 95 нафар духтарон иштирок менамоянд.

Аз тарафи лоиҳа синфхонаҳо барои маҳфил муҷаҳҳазонида шуд. Аз ҷумла 10 - дона мошинаи дарздӯзӣ, 1 - мошинаи попур, 2 - мошинаи авирлок барои омӯзонидани корҳои эҷодии хонандагони сустшунаво ва деркаршуда тақдим карда шуд. Хонандагон бо кумаку дастгирии роҳбарони маҳфил либосҳои гуногун медӯзанд. Инчунин, барои писарон ва духтарон пешбандак, дастпӯшак барои ифлос нашудани либос омода мекунанд. Дар маҳфили муҳракашӣ бошад муҳраҳо, зару зевар омода мекунад. Рӯзҳои ид дастмона барои омӯзгорон ва модарон, ки дар он насаби онҳо навишта шудааст, ҳамчун туҳфа дода мешавад.

Маҳфили «Кадбону», ин вазифа ба дӯши Какилова Уғулой дар ошхонаи ин муассиса гузаронида мешавад. Аз лоиҳа дар ин маҳфил тафдон, асбоби барқии хӯрокгармкунанда (микравалновка), гази барқӣ (плита), яхдон, (асбоб барои омехта кардан) миксер, зарфҳо, барои аз худ кардани рӯзғоргузаронӣ истифода бурда мешавад. Дар маҳфили «Кадбону» ҳамагӣ - 7 нафар духтарон аз синфҳои болоӣ иштирок меварзанд. Инчунин, барои маҳфили «Кадбону», синфхонаи «Қаннодӣ» мавҷуд аст, ки дар он бештар ширинихо омода карда мешавад. Дар

маҳфил хонандагон ширинихо омода карда, худи муассиса мағозае дорад, ки ин ширинихо фурӯхта мешаванд. Ин маҳфил ҳафтае 4 - маротиба баргузор мегардад.

Дар маҳфили «Пойафзолдӯзӣ» роҳбар М.Қарахонов, соли таҳсили 2020 - 2021

-ҳамагӣ 14 - нафар хонандагон, 11 - нафар аз шуъбаи якум, 3 - нафар аз шуъбаи дуюм, 10 - нафар тоҷик, 2 - нафар ӯзбек, 2 - нафар туркмен, соли 2021 - 2022.

- ҳамагӣ 10 - нафар, 7 - нафар аз шуъбаи 1 - ум, 2 - нафар аз шуъбаи 2 - юм ва 1 - нафар аз шуъбаи ёрирасон, 5 - нафар точик, 3 -нафар ӯзбек, 2 - нафар туркмен соли 2022 - 2023.

- ҳамагӣ 11 - нафар, ҳама аз шуъбаи 1 - ум, 10 - нафар точик, 1 - нафар ӯзбек дар соли 2023 - 2024 хонандагон дар ин маҳфил аз синфи 5 то синфи 11, ҳафтае чор маротиба аз рӯзи чоршанбе то рӯзи шанбе аз соати 17.00 то 17.45, баргузор мегардад. Барои пойафзолдӯзӣ асбоби лофзан (аппарати фрезер) вуҷуд дорад ва бо ин асбоб чанд корро иҷро кардан мумкин аст. Аз ҷумла: пойафзолҳо ширеш мекунад, пояфзол дӯхта мешавад. Инчунин, ин асбоб кордча дорад ва барои тоза кардани пояфзол чутка (шотка) низ истифода бурда мешавад.

Роҳбар С.Қарахонов., дар вақти суҳбат ба мо иброз намуд, ки ҳамасола аз такмили ихтисос барои аз худ кардани забони имову ишора мегузарад. Такмили ихтисос барои аз худ кардани имову ишора дар соли 2020 - 2021 сурдопедагог (муаллими имову ишора) С.Қувватов, соли 2021 - 2022 М.Шодмонов: соли 2022 - 2023 З.Азимова гузаронида, ба роҳбарони маҳфил шаҳодатнома (сертификат) дода шудааст. Дар маҳфили “Сартарошӣ” ҳамагӣ 11 - нафар хонандагон, ҳафтае 3 - маротиба аз соати 16.00 то 16.30 иштирок меварзанд.

Бояд қайд намуд, ки ба хонандагон низ баъди хатми мактаб шаҳодатнома барои пойафзолдӯзӣ аз тарафи муассисаи таҳсилотӣ дода мешавад. Қариб 30% хонандагони сустшунавое, ки дар маҳфили

«Пойафзолдӯзӣ» иштирок мекунанд, баъди хатми ин муассиса барои кор ба ноҳияҳои худ рафта, ин касбро интихоб мекунанд. Мувофиқи ҷадвали маҳфилҳои касбомузӣ ХИМ - дошта усулҳои зарурӣ омӯзонида мешавад.

Усули ёдоварӣ дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки донишҳои зарурӣ ё усулҳои амалӣ то истифода бурдани онҳо дар хотираи ХИМ - дошта нигоҳ дошта намешаванд ва хатои дар ибтидо содиршуда метавонад ба рафти минбаъдаи кор таъсир расонад.

Корҳои эҷодии омода карда шуда кафолат медиҳад, ки ХИМ - дошта вазифаро дуруст иҷро намоянд ва мафҳуми онро фаҳманд. Онҳо он ҷизҳоеро меофаранд, ки дар ҷумҳурӣ арзиш доранд. Яке аз сабабҳои ҳолатҳои душворро ба вуҷуд меоварад, дар ХИМ - дошта ин саволҳо пешниҳод кардани роҳбари маҳфил мебошад, зеро қобилиятҳои онҳо метавонад муҳитҳои мураккабро ташаккул диҳанд. Ин саволҳои пешбаранда барои ба ХИМ - дошта мушаххас омӯзиш додан таъмини моддӣ барои ҳаёти ҳамарӯза хидмат мекунанд, ки чизҳои аллакай маълумро бо номаълум мепайвандад. Тавассути ин равиш, ба ХИМ - дошта имкон медиҳанд, ки ба тафаккури эҷодӣ машғул шаванд ва қарорҳои оқилона қабул кунанд.

Масъалаҳои қабули қарорҳо дар шароити маҳдудият ба рушди қобилиятҳои одамон, аз ҷумла ХИМ - дошта таъсири назаррас мерасонанд. Дар чунин ҳолатҳо роҳбарони маҳфил ҳамчун «миёнарав» байни маъюбон ва ҷаҳони беруна баромад мекунанд. Истифодаи ин равиш имкон медиҳад, ки бо дарназардошти неруи эҷодӣ ва қобилиятҳои онҳо қарорҳои оқилона қабул карда шаванд.

Барои фаъолгардонии қобилиятҳои ХИМ - дошта усулҳое истифода мешаванд, ки ба раванди эмотсионалӣ - ихтиёрӣ таъсир мерасонанд, аз қабили боваркунонӣ, тасдиқ ва ташвиқ исифода бурда мешавад. Боварӣ кардан ба фаъолият вақте пурсамар мегардад, ки ХИМ - дошта ба қобилиятҳои худ боварӣ доранд ва дар тамаркузи кӯшишҳои ихтиёрии худ дар фаъолияташон хуб истифода мебаранд, онҳое душворӣ

мекашанд, ки аз уҳдаи кори эҷодӣ дар маҳфил баромада наметавонанд. Қабули тасдиқҳо ба ХИМ - дошта, ки ба иҷрои дурусти супориш боварӣ надоранд, таъсири бештар мерасонад. Дар баробари ин, ХИМ - дошта ба кӯшишҳои эҳсосӣ ва ихтиёрӣ майл доранд.

Воситаи асосии ташаккули қобилияти ХИМ - дошта, пеш аз ҳама, ангезиш мебошад. Он метавонад ба баҳодиҳии ҷанбаҳои гуногуни корҳои онҳо, устуворӣ ва анҷом додани супоришҳо ва ғайра равона карда шавад. Ҳавасмандиро тавассути таърифи мусбат ва баҳодиҳии натиҷаҳои корҳои эҷодии иҷрошуда ифода кардан мумкин аст. Ситоиш ифодаи қаноатмандии роҳбари маҳфил на танҳо аз рафти кор, балки аз натиҷаи ба назар намоёни меҳнати шогирд ҳам мебошад. Бо истифода аз ин роҳу усулҳо майл ва рағбаташон ба хоҳишҳои эҷодии ХИМ - дошта беҳтар ошкор гардида, маҳорат ва қобилияташон ташаккул ва инкишоф дода мешавад.

Маҳфили «Дузандагӣ» дар маҳфилҳои таълими меҳнат гузаронида мешавад. Маҳфилҳои меҳнат аз синфи 6 то 10 гузаронида мешавад. Дар муҳлати як сол маҳфил дар синфи 6 - 144 соат, дар синфи 7 - 144 соат, дар синфи 8 шуъбаи дуюм - 144 соат (ҳафтае 4-маротиба) ва шуъбаи якум 216 соат, дар синфи 9 - 216 соат ва дар синфи 10 - 216 соат (ҳафтае 6 - маротиба) маҳфилҳои муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ аз фанни технология таҳия карда шуд.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе, ҳамагӣ 101 - нафар хонандагон аз синфи 1 - ум то 9 – ум, ки ХИМ, омӯзонида мешаванд. Нуқсонҳоро мо ба гурӯҳҳо ҷудо кардем, ки аз 2 - қисмат иборат аст.

1. Ба қисмати аввал хонандагони асосӣ дохил мешаванд, ки ба ин қисмат онҳое, ки нуқсони махталифи сабук доранд;

2. Ба қисмати дуввум бошад хонандагони ёрирасон дохил мешаванд, ки нуқсони мухталифи дараҷаи вазнинтар доранд;

Дар баъзе синфҳо хонандагони дараҷаи вазнин таълим дода мешаванд, ба монанда хонандагони синфҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8 ҳамчун синфи ёрирасон ба ҳисоб меравад. Синфи 9 бошад ба 2 - гурӯҳ ҷудо мешавад, синфҳои асосӣ ва синфҳои ёрирасон. Синфҳои асосӣ 10 - нафар ва синфҳои ёрирасон аз 9 - нафар иборат мебошанд. Синфҳои асосӣ дараҷаи вазнин, ки аз уҳдаи корҳои эҷодӣ баромада наметавонанд, лекин ба онҳо қобилияти зеҳни инкишоф дода мешавад, ба ҳисоб мераванд, синфҳои ёрирасон бошад дараҷаи нуқсонҳои сабук буда, бо ҳар як синф бо ҳарф шинохта мешавад. Синфҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9 бо ҳарфи «б», синфи 7 ва 9 (аз ду синф иборат аст) бо ҳарфи «а» ишора мешавад. Ҳарфи «а» дараҷаи нуқсонҳои сабук ва ҳарфи «б» дараҷаи нуқсонҳои вазнинро мефаҳмонад.

Дар муассисаи давлатии «Мактаб интернати махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» - и №3 шаҳри Душанбе соли таҳсили 2024 - 2025 аз руйи нақшаи корӣ соатҳои таълимӣ ва маҳфилҳои эҷодӣ чунин тақсимбандӣ карда шудааст, инчунин, маҳфилҳои эҷодӣ низ гузаронида мешавад. Ин маҳфилҳои эҷодӣ аз рӯйи 3 - фанни таълимӣ ва 5 - маҳфили эҷодӣ сурат мегирад, ки чунин соатҳоро дар бар мегирад. Бештари маҳфилҳо аз синфи 5 - ум оғоз мегардад, лекин дар ин муассиса маҳфили меҳнатӣ ва мусиқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад.

Аз синфи 1 - ум то 4 - ум хонандагон ғайр аз маҳфили меҳнатӣ боз маҳфили дар «Самтҳои иҷтимоии маишӣ ташаккул додани кӯдакони имконияти махдуддошта» иштирок меварзанд ва, инчунин, маҳфили дигар, ки ба маҳфили мусиқӣ монанд аст, маҳфили «Мавзуният» ном гирифтааст, ки хонандагон ғайр аз маҳфили мусиқӣ боз дар ин маҳфил ҳар ҳафта 2 - соатӣ, моҳе ҳашт маротиба баргузор мегардад.

Ҷадвали 2. Соатҳои таълимии фанҳо ва соатҳои маҳфилҳои зеҳнию эҷодӣ

№	Синф	Меҳнат			Расмкашӣ		Мусиқӣ		
		Таълимӣ	Маҳфил		Таълимӣ	Маҳфил	Таълимӣ	Маҳфил	
1	1 “б”	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	2 соат
2	2 “б”	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	2 соат
3	3 “б”	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	1 соат	4 соат	2 соат
4	4 “б”	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	2 соат
5	5 “б”	4 соат	4 соат		2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	
6	6 “б”	6 соат	6 соат		2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	
7	7 “а”	8 соат	8 соат		1 соат	2 соат	1 соат	4 соат	
8	7 “б”	6 соат	6 соат		2 соат	2 соат	1 соат	4 соат	
9	8 “б”	8 соат	8 соат		2 соат	2 соат	1 соат	2 соат	
10	9 “а”	1 соат	2 соат		2 соат	2 соат	1 соат	4 соат	
11	9 “б”	9 соат	9 соат		2 соат	2 соат	1 соат	4 соат	

Эзоҳ: Ин тақсимбандӣ ба мо имконият дод, ки бештари маҳфилҳои эҷодиро аз синфҳои ибтидоӣ оғоз намоем, зеро ин кӯдакон дар маҳфилҳои зеҳнӣ иштирок карда, ангуштонро кор мефармоянд ва ин яке аз усулҳои тақвияти фаъолиятҳои сенсорӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар ҳамаи синфҳо ғайр аз фанҳои таълимӣ, барои интихоби касб корҳои тарбиявӣ ҳамчун маҳфилҳои эҷодӣ сурат мегирад. Баъди хатми муассисаҳои махсус ба хонандагон барои кори таълимияшон шаҳодатномаи (аттестат) хатми мактаб ва шаҳодатнома барои интихоби касб дода мешавад.

Мо дар раванди таҳқиқот кӯшиш намудем, ки ба корҳои зеҳнӣ дар маҳфилҳо омода кардаи ХИМ - дошта мувофиқи нуқсонҳои доштаашон эътибор диҳем. Мо он корҳои зеҳниеро дар нақшаи маҳфил ҷой додем,

ки хонандагони нуқсонҳои мухталифи дараҷаи вазнин буданд. Аз ин лиҳоз, дар нақша мавзуъеро интихоб намудем, ки сода буданд. Ин таҳқиқот моро водор сохт, ки пеш аз омода кардани барномаи таълимӣ сараввал маҳдудияти хонандагонро мувофиқи ташхис ба қисмҳо ҷудо намоем.

Дар синфи 1 - ум ҳамагӣ: 9 - нафар, 1 - нафар аломати аутикӣ, сустақлӣ, НУН (Ноинкишофи умумии нутқ) 1 - 2 (1 - дараҷаи сабук, 2 - дараҷаи вазнин), 1 - нафар майдасарӣ, ақибмонии ҷисмонӣ, НУН с1 - 2, 2 - нафар сустақли дараҷаи миёна, 1 - нафар сустақли дараҷаи сабук бо аломати аутикӣ 3 нафар НУН (дараҷаи вазнинтар) 1 - нафар сустақлӣ, НУН, 1 - нафар аломати дауна бо инкишофёби нутқ қамақлӣ, 1 - нафар дараҷаи миёна ва 1 - нафар дараҷаи синдром дауна бо инкишофёбии нутқ қамақлӣ ташхис карда шудааст.

Дар синфи 2 - юм ҳамагӣ: 9 - нафар, 2 - нафар синдроми дауна, сустии дараҷаи миёна, 3 - нафар сустии дараҷаи миёна, 1 - нафар майдасарӣ, сустақли дараҷаи миёна, 1 - нафар сустбин ва ноинкишофёбии нутқ, 1 - нафар ноинкишофёбии умумии нутқ аломати дауна дараҷаи миёна ва 1 - нафар сустии бо ихтилофи рафтор ташхис карда шудааст.

Дар синфи 3 - юм ҳамагӣ 10 - нафар: 1 - нафар сустии дараҷаи сабук, 4 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна, 3 - нафар дорои аломати дауна дар дараҷаи миёна, 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна бо ноинкишофёбии нутқ дар дараҷаи 2, 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна ташхис карда шудааст.

Дар синфи 4 - юм ҳамагӣ 10 нафар: 7 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна, 2 - нафар камақлӣ дар дараҷаи сабук, 1 - нафар хусусияти дауна дар дараҷаи миёна ташхис карда шудааст.

Дар синфи 5 - юм ҳамагӣ 7 - нафар: 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна, 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна вайроншавии биноӣ, 3 - нафар аломати дауна дар дараҷаи миёна, 1 - нафар синдроми дауна

камақлии дараҷаи миёна ва 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна ноинкишофёбии нутқ дар дараҷаи 2 ташхис карда шудааст.

Дар синфи 6 - юм ҳамагӣ 9 - нафар: 1 - нафар сустақлии дараҷаи миёна, 2 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна, 3 - нафар хусусияти дауна дар дараҷаи миёна, 2 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна (аутизм) ва 1 - нафар аломати даун ноинкишофи нутқ ташхис карда шудааст.

Дар синфи 7 - юм ҳамагӣ 18 - нафар: 2 - нафар камақлӣ дар дараҷаи сабук, 2 - нафар майдасарӣ камақлии дараҷаи миёна, 11 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёнаи НУН, 1 - нафар аломати дауна дараҷаи миёна, 1 - нафар дараҷаи камақлӣ миёна 1 нафар аломати дауна дараҷаи сабук ташхис карда шудааст (ин синф ба 2 - гурӯҳ ҷудо мешавад, гурӯҳҳои асосӣ ва ёрирасон. Ба ҳар як гурӯҳ мувофиқи нуқсонҳо хонандагон дар маҳфилҳои эҷодӣ бештар қобилиятҳои зеҳнӣ ширкат меварзанд).

Дар синфи 8 - юм ҳамагӣ 9 - нафар: 5 - нафар камақлӣ дар дараҷаи миёна, 1 - нафар камақлӣ дар дараҷаи вазнин, 1 - нафар сустақлӣ дараҷаи миёна НУН с 3, 1 - нафар хусусияти дауна дараҷаи миёна ва 1 - нафар сустақлӣ дараҷаи миёна ташхис карда шудааст.

Дар синфи 9 - ҳум юм ҳамагӣ 19 - нафар: 4 - нафар камақлӣ дараҷаи сабук, 10 - нафар камақлӣ дараҷаи миёна, 2 - нафар хусусияти дауна дараҷаи сабук, 2 - нафар хусусияти дауна дараҷаи миёна ва 1- нафар хусусияти даунаи дараҷаи вазнин ташхис карда шудааст.

Хулоса, усулҳои таҳияи барномаи амалии маҳфилҳои эҷодӣ бо назардошти рушди қобилиятҳои зеҳнии ХИМ - дошта дар доираи таҳсилоти иловагӣ дуруст арзёбӣ гардид. Мо дар таҳқиқот барои таҳияи барномаи амалии маҳфилҳои эҷодӣ кӯшиш намудем, ки ин амали навоваронаро мувофиқи салоҳиятнокии омӯзгор роҳандозӣ намоем ва аз ин ҷиҳат, ба мақсади дар вазифаи кори таҳқиқотӣ гузоштаамон расидем.

4.2. Равиши тафриқавӣ барои ташкили фаъолиятҳои таълимӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар маҳфилҳои мусиқӣ

Маҳфилҳои эҷодӣ дар ташкили фаъолият ва фароғатӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятидоштаи ХИМ - дошта имкониятҳои зиёд дорад. Дар ҷараёни чунин фаъолият ҳар як хонанда имкон пайдо мекунад, ки вазъияти муваффақиятро аз сар гузаронад, ки ин ба баланд шудани иззати нафс ва устувор гардидани шаъну эътибори шахсии ӯ таъсири мусбат мерасонад. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ таҳсилоти иловагӣ ба ХИМ - дошта муҳим буда, онҳо худ дар таҳсил ва мактаб ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Инчунин, дар навбати худ таҳсилоти иловагӣ низ ба ХИМ - дошта имконият хоҳад дод, ки худро яке аз узви комилҳуқуқи ҷомеа ҳисобанд ва аз хонандагони муқаррарӣ корҳои эҷодиро бештар омӯзанд, инчунин, ҳамдардӣ зоҳир намоянд, дар бораи одамони дигар фикр кунанд, ба онҳо кумак расонанд ва онҳоро шариконӣ баробарҳуқуқ ва баробар бубинанд.

Ҳангоми таҳияи барнома ва нақшаҳои маҳфил дар муассисаи таҳсилоти махсус ва иловагӣ барои хонандагон, ки равиши фарогирро татбиқ менамояд, бояд манфиатҳо, эҳтиёҷот ва мушкилоти ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим дар доираи ин самт ба инобат гирифта шавад.

Системаи таҳсилоти иловагӣ доираи васеи соҳаҳои зиёдеро дар бар мегирад, аз ҷумлаи онҳо иштирок дар маҳфилҳои мусиқӣ, ки манфиатҳои хонандагонро қонеъ мекунанд. Маҳз дар ин система муносибати фардӣ ба ҳар як хонанда, новобаста аз қобилият, сатҳи дониш ва қобилияти ҷисмонии ӯ амалӣ карда мешавад.

И.В.Штанко, яке аз мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир буда, барои ором кардани асаби КИМ -дошта мусиқиро пеша менамояд. «Аз ин рӯ, муайян кардани модулҳои калидӣ, зарур шуморида аз қисматҳо вобаста медонад. Модули якум: Ҳунарҳои классикӣ ва халқӣ ҳамчун

қисми ҷудонашавандаи муҳити эстетикӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон ворид карда мешаванд. Вохӯриҳо бо кӯдакон метавонанд бо мусиқӣ ва ифодаи бадеӣ ҳамроҳ бошанд ва синфхонаро оро диҳанд. Модули дуюм: Шаклҳои санъат (биноӣ, мусиқӣ, адабӣ, меъморӣ ва ғайра) бояд асоси таълимро ташкил диҳанд. Кӯдакон бо шаклҳои гуногуни санъат, рӯйдодҳо, падидаҳо ва ашёе, ки рассомон, мусиқинавозон, нависандагон ва шоирон меомӯзанд, инчунин бо воситаҳои ифодакунандае, ки ба онҳо имкон медиҳанд тасвирҳои равшани воқеиятро эҷод кунанд, шинос карда мешаванд. Модули сеюм: Истифодаи намудҳои гуногуни фаъолиятҳои бадеӣ барои рушди эҷодиёти бадеии фардии кӯдакон ва дастгирии КИМ дошта равона мегардад» [311;79].

Роҳбари маҳфил ҳангоми кори эҷодии мусиқӣ оид ба аз худ намудани асарҳои тоҷикӣ метавонад аз усулҳои гуногуни таълими суруду мусиқӣ, ба саҳна гузоштани рақсҳои идорашаванда, фаъол гардондани инкишофи эҷодии сурудхонии хонандагон истифода барад. ХИМ - дошта бо таҷрибаи муайян хондани суруди худро мешунаванд, онро инчунин, таҳлилу баррасӣ менамоянд, аз муваффақиятҳои баланди худ руҳбаланд магарданд. Камбудиҳои кори худро бо ҳамин восита таҷдиди назар карда, бартараф менамоянд ва ба иҷрои корҳои мураккабтари эҷодӣ барои тайёрӣ дидан ба ҷорабиниҳои фарҳангӣ тайёр мешаванд.

Маҳфили дигар дар муассисаи номбаршуда барои корҳои ислоҳӣ ба номи «Офтобак» ташкил карда шуд, ки дар ин маҳфил мавзуъҳоро, ки ба фарҳангӣ мусиқӣ тааллуқ доранд, интихоб намудем. Мо дар нақшаи кори мураттаб сохта, ба маҳфили «Мавзуният» бештар диққат дода, кӯшиш намудем, ки мавзуъҳои ба мусиқӣ мувофиқ бударо интихоб намоем. Нақшаи маҳфилро ба чорякҳо ҷудо намуда, чунин арзёбӣ намудем:

Ҷадвали 3. Мавзуният

Чоряки якум (8-соат)

№	Мавзӯъҳои маҳфил	Соат	Сана
1	Роҳгардӣ дар ҷойи ист. Аз сафи якнафара ташкил кардани давра	1	06.09.2024
2	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	13.09.2024
3	Иҷро кардани ҳаракатҳои сабук. Бо истифодабарии ашёҳо (туб)	1	20.09.2024
4	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	27.09.2024
5	Машқҳо барои инкишофи умумии бадан	1	04.10.2024
6	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	11.10.2024
7	Ҳаракати гуногуни бадан Ҳаракати давра, шакли панҷаи пой	1	18.10.2024
8	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	25.10.2024

Чоряки дуюм. 7-соат

1	Такрори мавзуъҳои гузашта	1	08.11.2024
2	Машқҳо барои дақиқии ҳаракат	1	15.11.2024
3	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	22.11.2024
4	Машқҳо барои ҳаракати сусти мушакҳо	1	29.11.2024
5	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	06.12.2024
6	Ҳаракати озоди даврашакли дастон	1	13.12.2024
7	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	20.12.2024

Чоряки сеюм. 9-соат

1	Такрори мавзуъҳои гузашта	1	10.01.2025
2	Машқҳо барои ҳаракати панҷаҳои даст	1	17.01.2025
3	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	24.01.2025
4	Машқҳо барои ангуштони даст. (асбобҳои мусиқӣ)	1	31.01.2025
5	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	07.02.2025
6	Машқҳои тақлидӣ: ҳаракати ҳайвонот, паранда ва нақлиёт	1	14.02.2025
7	Мустаҳкакунии мавзуъ	1	21.02.2025
8	Машқҳо бо мусиқӣ	1	28.02.2025
9	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	07.03.2025

Чоряки чорум. 9-соат

1	Такрори мавзуъҳои гузашта	1	14.03.2025
2	Машқкунии унсурҳои рақсӣ	1	21.03.2025
3	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	28.03.2025
4	Ҳаракати ҷолибонаи базм бо оҳанги мусиқӣ	1	04.04.2025
5	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	11.04.2025
6	Бо мусиқӣ рақс кардан	1	18.04.2025
7	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	25.04.2025
8	Давр задан	1	02.05.2025
9	Мустаҳкамкунии мавзуъ	1	09.05.2025

Эзоҳ: Ин нақшаҳоро мо омода намуда, ҳадафи асосии мо аз таҳияи нақшаи мазкур аз он иборат аст, ки ХИМ - дошта дар зиндагӣ ба воситаи

ба корҳои ЗЭ машғул шудан, ва дар ҷамъият онҳо дар зиндагӣ карданро омӯзанд то баробарҳуқуқии онҳо ҳифз шавад. Бинобар ин, нақшаҳо бештар ба он нигаронида шудаанд, ки ба хонандагон малакаҳои ҳаётиро омӯзанд, то ки дар ҷамъият худро ҳамчун шахси комилҳуқуқ эътироф намоянд. Мо фикр мекунем, ки барои рушди ХИМ - дошта гузаронидан чунин маҳфилҳо аҳаммияти назаррас доранд.

Таҳқиқоти баҳодиҳии таҳлилӣ ва мубоҳисавии тафовути фаъолияти ХИМ - дошта дар раванди азхудкунии барномаҳои маҳфилҳои мусиқию ҳунарӣ меҳнатӣ гузаронида шуд.

Дар муасиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе, хонандаи синфи 5 “б” Файзуллоева Нозия Равшановна дорои гирифтори хусусиятии дауна, мебошад. Дар вақти гузаронидани иштирок дар маҳфилҳои дарсӣ ҳолати эмотсионалии ноустувор дошт, доимо гиря мекард., зеро рафтори ҳамсолонаш ба ӯ писанд намеомад ё ин ки ҳолати уток ба ӯ маъқул намешуд. Аммо дар вақти иштирок дар маҳфилҳои эҷодии «Мавзуният» бештар ба иҷрои корҳои иҷрошаванда диққат медод, дар вақти корҳои зеҳнӣ истеъдоди худро муаррифӣ нишон медод, ҳисобкунияш тезтар шуд, малакаҳои иҷтимоияш хубтар фаъолият намуд, ҳолати эмотсионалӣ устувор гашт, ӯ ҳамин тавр, дар ин муддат чунон инкишоф ёфт, ки моро дар ҳайрат монд.

Дар маҳфил хонандаи синфи 1 “б” Саидов Муҳаммад, ки дорои нуқсонҳои нутқи лакнатзабонӣ буд, ки ин маънои аз такрор кардани автоматии калима ва ибораҳо дар суҳбат ранҷ мекашид. Бо мурури дар маҳфил иштирок кардан дар ӯ низ пешравӣ дида шуд, ки ӯ дар муҳлати 4 моҳ ба корҳои зеҳнӣ машғул шуда, дар баробари он хондану навиштанро омӯхт.

Самти яке аз корҳои ислоҳӣ инкишоф додани малакаҳои хуби моторӣ дар маҳфилҳои самти ЗЭ дошта мебошад, зеро дар ХИМ - дошта ҳангоми кор бо чӯб, навохтани асбобҳои мусиқӣ, кашидани расм корҳои

моторикаи дастонаш иникшоф дода мешавад. Дар айни замон ба таъмини ҳуқуқҳои баробари ХИМ - дошта дар таҳсилоти иловагӣ эътибори махсус дода мешавад. Ҳадаф аз иштирок дар таҳсилоти иловагӣ дар ХИМ - дошта тавонбахшии иҷтимоикунонии иҷтимоӣ ва ташаккул додани фарҳанг, тавассути фаъолияти эҷодӣ ба эътибор гирифта мешавад, зеро фарогирии ХИМ - дошта дар ҷомеа бояд таъмин карда шавад. Кори таҳсилоти иловагӣ бо ХИМ - дошта дар баробари дигар ҷанбаҳои педагогӣ, инчунин, онҳоро омода кардан ба озмуну фестивалҳо буда, ҳамин тавр, бо маром мақсаднок барои зиндагӣ тайёр карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки шарти ҳатмии бомуваффақият фаро гирифтани ХИМ - дошта ба барномаҳои таълимии иловагӣ аз маҳорати касбии роҳбарони маҳфил вобаста мебошад. Маҳз роҳбарони маҳфил дар ХИМ - дошта қобилияти аз худ намудани маводи дар нақшаҳои таҳсилоти иловагӣ муайяншударо инкишоф дода, онҳоро барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд ҳавасманд менамояд. Бо ёрии роҳбарони маҳфил дар байни ҳамаи иштирокчиёни таҳсилоти иловагӣ муносибатҳои дӯстонае, ки ба ноил шудан ба мақсади умумӣ нигаронида шудаанд, барпо карда мешаванд.

Маҳфили ҳамсароӣ на танҳо дар корҳои беруназсинфӣ, балки дар корҳои беруназмактабӣ низ истифода бурда мешавад. Инчунин, таҳқиқот дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар ин муассиса «Ҳамсароён» бо роҳбарии Ш.Ҳ. Баротова, (маълумот олии нопурра), дар толори муассиса гузаронида мешавад. Ин маҳфил ҳафтае 2 - маротиба рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа, аз соати 13.30 то 15.55 баргузор мегардад. Дар ин маҳфил 24 - нафар хонандагон, 1 - нафар имконияти маҳдуддошта ширкат меварзанд. Ҳамсароиҳо барои намоишҳои фарҳангӣ омода карда мешаванд.

Роҳбарони маҳфили «Гитаранавозон» Асалбеков Малик ва Хоҷаев Ҷовид (маълумот олӣ), ин вазифаро ба уҳда доранд. Дар ин

маҳфил 48 - нафар хонандагон аз мактабҳои гуногуни ноҳияи Исмоили Сомонӣ ширкат меварзанд. Аз 64 - нафар хонандагон танҳо 5 - нафар ХИМ - дошта дар маҳфили «Ҳамсароӣ», «Овозхонии эстрада», ҳамсароии навохтани «Гитара» ва «Гитараи классикӣ» машғул мебошанд. Нуқсони ХИМ - дошта фалаҷи по ва нуқсонҳои нутқӣ мебошад. Аз сабаби зиёд будани хонандагон маҳфили “Ҳамсароён”, «Овозхонони эстрада» ва «Гитараи классикӣ» ҳамарӯза фаъолият менамояд. Роҳбари маҳфили «Овозхонони эстрада» ва «Ҳамсароён»-и гитара М.Асалбеков, хонандагонро аз соати 9.00 то 12.15 ва роҳбари маҳфили «Ҳамсароён» Ҷ.Хоҷаев, гитараи классискӣ аз соати 14.00 то 17.00 гузаронидан маҳфил машғул мешаванд.

Инчунин дар ин муассиса маҳфили рақс ба номи «Шукуфаҳои пойтахт» амал мекунад, ки дар ин маҳфил 2 - нафар роҳбар М.Фатҳуллоева., ва М.Ҳакимова. вобаста буда, ҳафтае 4 - маротиба баргузор мегардад. Дар маҳфил 40 - нафар (10 - нафари аз 4 - гурӯҳ) хонандагон ширкат меварзанд, ки аз он 2 - нафараш имконияти маҳдудошта ба ҳисоб меравад, аз ҷумла:, М.Раҳимова ва Б.Сарварова, ки яке нуқсони нутқии лакнатзабонӣ ва дигаре нуқсони дорои аутизм мебошанд.

М.Раҳимова рӯзи 24. 01.2014. дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Дар синни томактаби баъд аз ташхис маълум гардид, ки нуқсони нутқии лакнатзабонӣ дорад. Ӯ дар мактаби таҳсилоти №29 дар синфи 3 «А» мехонад. Аз суҳбат бо ӯ маълум гардид, ки падараш Раҳимов Музафар низ дорои имконияти маҳдуд буда, нуқсони такягоҳи ҳаракатӣ дорад.

М.Раҳимова., дар баробари таҳсили хуб дар мактаб доштанаш, инчунин, дар корҳои таҳсилоти иловагӣ бо як шавқу рағбат машғул шуда, дорои дипломи ансамбли «Шукуфаҳои пойтахт»-и муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе барои иҷрои рақси суғдӣ ва иштироки фаъолона ҷойи намоёнро гирифтааст.

Дар таҳқиқот маълум гардид, ки ХИМ - дошта дар якҷоягӣ бо хонандагони солим дар маҳфилҳои эҷодӣ ширкат варзида, ба муваффақиятҳо ноил мегарданд. Дар маҳфилҳои эҷодӣ хонандагон М.Раҳимова: дар якҷоягӣ бо С.Давлатова. аз муассисаи таҳсилотии №1, ки дар синфи 4 - ум мехонад, дар фестивали байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасони кишварҳои узви ИДМ «Шукуфаҳои пойтахт» ҷойи 1 - ум, инчунин, Зебуниссо Исмоилова аз муассисаи таҳсилотии №6 аз синфи 5 ба ҷойи 2 - юм сазовор гардида, дорои диплом ва ҷоизаҳо гардиданд. Маълум шуд, ки хонандагон новобаста аз имконияти маҳдуд доштанашон аз уҳдаи қобилияти эҷодӣ мебароянд ва ба қуллаҳои баланд ноил хоҳанд гашт. Инчунин, бояд қайд кард, ки ҳамаи иштирокчиёни маҳфили рақс дар ин фестивал бо ифтихорномаҳо сарфароз гардиданд.

Ҳар як маҳфил нақшаи тақвимии дурнамоии худро дорад, ки ба муҳлати 3 - сол аз тарафи роҳбар омода карда шуда, ҳамасола директори муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим онро тасдиқ менамояд. Нақшаи тақвимии маҳфили «Ҳамсарон», «Ансамбл» ва «Рақс» барои соли таҳсили 2023 - 2024 (соли якум, дуюм ва сеюми таҳсил) пешбинӣ карда шуд, ки мо нақшаи маҳфили рақсро рӯйи чунин таҳия намудем:

Ҷадвали 4. Нақшаи «Ҳамсарон» дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»- и шаҳри Душанбе

№	Мавзуъ	назариявӣ	амалӣ	ҳамагӣ	Таърихи рӯз
I	**Муқаддима**	3		3	
I	Таърихи рақси тоҷик	3		3	07.09.23
II	Саёҳат ба ансамблҳои давлатии рақсӣ		3	3	14.09.23
III	**Ҳолати даст, пой. Рост кардани қомат ва саломҳо**	**5**	**13**	**18**	

					Давоми ҷадвал
1.	Қомат ва калларо рост нигоҳ доштан. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	21.09.23
2.	Бо қомати рост ва сари боло роҳ рафтан дар қатор ва салом додан.		6	6	28.09.23
3.	Тамрини рақс бо пластик дар духтарон	5	1	6	05.10.23
IV	**Ҳаракати даст, кифт, гардан ва пой дар рақси тоҷикӣ**	**15**	**45**	**60**	
4.	Бо қомати рост ва сари боло роҳ рафтан дар қатор ва салом додан. Тамрини моддаи пластик дар духтарон		6	6	12.10.23
5.	Омӯзонидани дарки мусиқӣ ва зарбҳо. Мусиқии якзарба ва сезарба. Тамрини пластик дар духтарон	6		6	19.10.23
6.	Омӯзонидани ҳаракати пой ва дастон дар миён. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	26.10.23
7.	Омӯзонидани зарби пой дар рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	02.11.23
8.	Омӯзонидани ҳаракати даст дар элементҳои одии рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	09.11.23
9.	Омӯзонидани ҳаракати даст дар ифода намудани воқеа дар рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	16.11.23
10.	Омӯзонидани ҳаракати кифт дар рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон	3	3	6	23.11.23
11.	Омӯзонидани ҳаракати сар ва чашму абру дар рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон	3	6	9	30.11.23
12.	Мавқеи кокулон ва рӯймол дар рақси тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон	3	3	6	07.12.23

					Давоми ҷадвал
13.	Зери мусиқии дойра комплекси ҳаракатҳои пой, даст, кифту сар. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	14.12.23
V	**Омӯхтани чарххо**	**3**	**18**	**21**	
14.	Омӯхтани чарххои одӣ. Тамрини пластик дар духтарон	3	6	9	21.12.23
15.	Омӯхтани чархзании суръати миёна. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	28.12.23
16.	Омӯхтани чархзании суръати тез. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	04.01.24
VI	**Омӯхтани чархзанӣ бо зону. Тамрини пластик дар духтарон**		**12**	**12**	
17.	Омӯхтани чархзании одӣ. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	11.01.24
18.	Омӯхтани чархзании суръати миёна. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	18.01.24
19.	Омӯхтани чархзании суръати тез. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	25.01.24
VII	**Омӯхтани чархзании дар якҷоягӣ бо ҳаракатҳои даст, кифт ва сар. Тамрини пластик дар духтарон**	**3**	**27**	**30**	
20.	Омӯхтани чархзанӣ бо ҳаракатҳои дастҳо		3	3	01.02.24
21.	Омӯхтани чархзанӣ бо ҳаракати кифт ва сар		3	3	08.02.24
22.	Омӯхтани чархзанӣ дар якҷоягӣ бо ҳаракатҳои даст, кифт ва сар. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	15.02.24
23.	Рақси фолклории тоҷикӣ. Тамрини пластик дар духтарон	3		3	22.02.24
24.	Роҳгардӣ бо зарби пой дар рақси фолкрори тоҷик. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	29.02.24

Давоми ҷадвал

25.	Ҳаракатҳои даст ва кифт дар рақси фолклори тоҷик. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	07.03.24
26.	Чархзанӣ дар рақси фолклории тоҷик. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	14.03.24
27.	Ҳаракати сар ва чашму абрӯ дар рақси фолклори тоҷик. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	20.03.24
28.	Мавқеи кокулон ва рӯймол ва лаби доман дар рақси фолклории тоҷик. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	28.03.24
VIII	**Рақси дойра**	**3**	**23**	**26**	
29.	Омӯзонидани ҳаракати пой ва дастон дар миён. Тамрини пластик дар духтарон	1	5	6	04.04.24
30.	Омӯзонидани зарби пой дар зарби дойира. Тамрини пластик дар духтарон	1	2	3	11.04.24
31.	Омӯзонидани ҳаракати кифт дар зарби дойира. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	18.04.24
32.	Омӯзонидани ҳаракати сар ва чашму абрӯ дар зарби дойра. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	25.04.24
33.	Мавқеи кокулон ва рӯймол дар зарби дойра. Тамрини пластик дар духтарон	1	4	5	02.05.24
34.	Зери мусиқии комплекси ҳаракатҳои пой, даст, кифту сар. Тамрини пластик дар духтарон		6	6	09.05.24
IX	**Рақси «Пахтачинии духтарон»**	**3**	**17**	**20**	
35	Омӯзонидани ҳаракати пой ва дастон дар миён таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар духтарон	1	5	6	16.05.24
36	Омӯзонидани зарби пой дар рақс. Тамрини пластик дар духтарон	1	3	4	23.05.24
37	Омӯзонидани ҳаракати кифт таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	30.05.24
38	Омӯзонидани ҳаракати сар ва чашму абру таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар духтарон	1	3	4	06.06.24

					Давоми ҷадвал
39	Зери мусиқӣ комплекси ҳаракати пой, даст кифту сар. Тамрини пластик дар духтарон		3	3	13.06.24
X	**Рақси чупон писар**	**1**	**19**	**20**	
40	Омӯзонидани ҳаракати пой, дастон дар миён таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар писарон	1	5	6	20.06.24
41	Омӯзонидани зарби пой дар рақс. Тамрини пластик дар писарон		2	2	26.06.24
42	Омӯзонидани ҳаракати кифт таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар писарон		3	3	04.07.24
43	Омӯзонидани ҳаракати сар ва чашму абрӯ таҳти мусиқӣ. Тамрини пластик дар писарон		2	2	11.07.24
44	Зери мусиқӣ комплекси ҳаракати пой, даст кифту сар. Тамрини пластик дар писарон		3	3	18.07.24
XI	**Саёҳат ва фароғати хонандагони маҳфил дар ансамблҳои давлатии рақсӣ**				
	Омӯзонидани рақсҳои тоҷикӣ бо гурӯҳи духтарон барои лаҳзаҳои фароғатӣ		2	2	25.07.24
	Такрори мавзуъҳо		2	2	27.07.24
	Ҳамагӣ:	**39**	**177**	**216**	

Эзоҳ: Аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда маълум гардид, ки бештар рақсҳои кӯлобӣ, суғдӣ, бадахшонӣ ба нақша гирифта шудааст, албатта бо ин рақсҳо хонандагон дар тамоми дунё ҳувияти миллии худро нишон медиҳанд. Мо танҳо нақшаи тақвимии соли якумро пешниҳод намудем. Инчунин, дар нақшаи соли дуюми маҳфили рақс ҳамагӣ 216 соат, ки аз он 91 - соат машғулияти назариявӣ, 125 соат машғулияти амалӣ ва нақшаи соли сеюми маҳфили рақс 85 соат машғулияти назариявӣ, 131 соат машғулияти амалӣ, ҳамагӣ 216 соатро дар бар мегирад. Хонандагон дар муҳлати 3 соли таҳсил ҳамагӣ 215 соат машғулияти назариявӣ 433-

соат машғулияти амалӣ ҳамагӣ 648 соат аз омӯзиши ҳаракати рақс омӯзонида мешаванд.

Маҳфили «Асбобҳои зарбӣ» роҳбари ансамбл Н.Руябов., хатмкунандаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов ва навозанда К.Маҳмадҷонов., донишҷӯйи соли аввали консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов мебошад. Дар ин маҳфил аз 36 - нафар, 1 - нафар ХИМ -дошта Холмадзода Шаҳриёр соли таввалудаш 2005 зодаи шаҳри Душанбе буда, айни замон дар синфи 11, Литсейи президентӣ таълим мегирад. Дар баробари иштирок дар маҳфили «Асбобҳои зарбӣ» ӯ ба осонӣ тавонист аз уҳдаи навохтани таблак барояд. Роҳбари ансамбл Н.Руябов. дар суҳбат иброз намуд, ки Холмадзода Шаҳриёр новобаста аз маҳдудият доштанаш, кӯшиш мекунад, ки баробари хонандагони солим аз уҳдаи навохтан ба зудӣ мебарояд. Ӯ бо Атохонов Абубакр хонандаи синфи 5 - уми муасссисаи таҳсилотии №54 шаҳри Душанбе дӯстӣ пайдо карда, қариб, ки дар ҳамаи чорабиниҳо ва озмунҳо ширкат меварзанд. Соли 2022 озмуни байналмилалӣ дар байни 18 - давлат бургузор гардид, ки маҳфили «Асбобҳои зарбӣ» ҷойи дуюмро сазовор гардид. Дар озмун навозандагон бо 10000 сомонӣ ва ансамбл низ бо 10000 сомонӣ мукофот сарфароз гардиданд.

Ҳар як маҳфил аз соатҳои таълимӣ дарси назариявӣ ва амалӣ вобаста аст. Мисол, дар маҳфили «Гитарановозӣ», ки 39 - соат назариявӣ ва 177 соат амалӣ, ҳамагӣ 216 соат, маҳфили «Овозхонони эстрада» 81 соат назариявӣ ва 135 соат амалӣ, ҳамагӣ 216 соатро ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқот чунин нақшаи тақвимии маҳфили “Овозхонони эстрада” пешниҳод карда шуд.

Ҷадвали 5. Маҳфили «Гитарановозӣ» ва «Овозхонони эстрада» дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе”

№	Мавзуъ	назариявӣ	Амалӣ	Ҳамагӣ	Таърихи рӯз
1.	Машқи овоз	3	3	6	06.09.23
2.	Мустаҳкамкунии техникаи овоз	3	3	6	13.09.23
3.	Машҳои вокалӣ	3	3	6	
4.	Шиносоӣ бо асбобҳои тории (гитара) ва тарзи навохтани он	3	6	9	20.09.23
5.	Шиносоӣ бо асбобҳои торӣ ва фарқи онҳо аз ҳамдигар	3	3	6	27.09.23
6.	Хусусиятҳои машқҳо ва моҳияти онҳо	3	3	6	04.10.23
7.	Хондан ва навохтани машқи 1	3	6	9	11.10.23
8.	Хондан ва навохтани машқҳо, аҳаммият додан ба ангуштони дасти рост ва чап	3	6	9	18.10.23
9.	Хондан ва навохтани машқи 2. Нақши асбобҳои торӣ дар ансамблҳо	3	6	9	25.10.23
10.	Хондан ва навохтани машқи 3. Дуруст навохтани машқ	3	6	9	01.11.23
11.	Хондан ва навохтани машқи 4,5. Дуруст навохтани онҳо	3	6	9	08.11.23
12.	Фаҳмонидан ва дуруст навохтани машқҳои номбаршуда	3	6	9	15.11.23
13.	Такрори машқҳои гузашта	3	3	6	22.11.23

					Давоми ҷадвал
14.	Хондан ва навохтани машқи 6	3	3	6	29.11.23
15.	Хондан ва навохтани машқи 7	3	6	9	06.12.23
16.	Хондан ва навохтани машқи 8	3	6	9	13.12.23
17.	Хондан ва навохтани машқи 9	3	6	9	20.12.23
18.	Хондан ва навохтани машқи 10	3	6	9	27.12.23
19.	Хондан ва навохтани машқи 11	6	6	12	03.01.24
20.	Хондан ва навохтани машқи 12	6	6	12	10.01.24
21.	Хондан ва навохтани машқи 13	3	6	9	17.01.24
22.	Машқ ва гитара ва шиносоӣ бо он	3	6	9	24.01.24
23.	Навозиши машқҳо бо гитара	3	12	15	31.01.24
24.	Машқҳо, зарбҳои алоҳида	3	6	9	07.02.24
25.	Такрори машқҳо	3	3	6	14.02.24
26.	Машқҳо, навохтан дар саҳна	3	6	9	21.01.24
27.	Машқҳо, такрори зарбҳо бо гитара	3	6	9	28.01.24
	Ҳамагӣ	**87**	**144**	**229**	

Эзоҳ: Ин ҷадвал танҳо барои нимсола пешниҳод карда шудааст. Ҳадафи омода кардани нақша дар он аст, ки дар вақти хондан ва навохтани мусиқӣ нуқсони нутқии хонандагон ислоҳ мешавад. Инро дар илми педагогикаи махсус ритмикаи логопедӣ меноманд. Дар таҳқиқотӣ худ мо кӯшиш намудем, ки ба ХИМ - дошта корҳои фардӣ, ҷуфтӣ ва гуруҳӣ барои инкишоф додани кори эҷодӣ гузаронем.

Ҳамасола дар маҳфили мусиқӣ чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мегардад. Барои дар сатҳи баланд иҷро кардан ба хонандагон ифтихорнома, шаҳодатнома, сипоснома тақдим карда мешавад. Барои

корҳои эҷодии хонандагони болаёқат фестивали 11 - уми байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакону наврасон «Шукуфаҳои пойтахт», бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе санаи 22 то 26 июни соли 2022 дар пойтахти азизамон баргузор гардид. Дар ин фестивал аз тарафи ҳакамон, ҳофизони хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ.Муродов, Зебо Аминзода ва ректори Донишкадаи фарҳанги ба номи М.Турсунзода Низомӣ Муҳриддин роҳбари маҳфил М.Асалбеков; бо диплом сарфароз гардид. Инчунин, ХИМ - дошта Б.Ниёзов барои бомуваффақият навохтани асбоби мусиқӣ таблак дар фестивали байналмилали кӯдакону наврасон «Қобилияти ҷавонон», ки аз санаи 26 то 30 июни соли 2023 баргузор гардид, бо диплом сарфароз гардидааст. Инчунин, бо дастовардҳои беҳтарин хонандагони дар маҳфил иштирок карда, корҳои эҷодии худро дар телевизиони «Баҳористон» намоиш медиҳанд. Дар соли ҷорӣ роҳбари маҳфил М.Асалбеков, Ҷ.Хоҷаев, ва 8-нафар хонандагони болаёқат дар намоишгоҳ (виставка) бо воситаи мусиқӣ ва рақсҳо дар маҳфилҳои Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакони наврасон» - и шаҳри Душанбе таъби ҷомеаро болида намуданд ва ин ҳамеша идома дорад.

Солҳои охир иштирок дар маҳфили эҷодӣ ба ХИМ - дошта омӯзиши асбобҳои мусиқӣ, созҳои халқӣ ва истифодаи фортепианаву аккордеон хеле кам истифода мешавад. Аз як тараф нарасидани асбобҳои миллӣ ва аз сӯйи дигар нарасидани мутахассисони мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ боиси аз байн рафтани ин маҳфилҳо гардид, вале мо дар бораи чӣ гуна ташкил кардани онҳо дар муассисаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ мухтасар равшанӣ меандозем.

Новобаста аз он ки ХИМ - дошта на танҳо имконияти корҳои эҷодӣ, балки офаридани арзишҳои маънавиро эҷод мекунанд, танҳо хонандагоне, ки офарандаю созандаанд, метавонад ба қадри эҷодиёти худ ва дигарон бирасанд. Хонандагоне, ки худ чизе наофаридаанд, лаззат ва маззаи арзишҳои маънавиро начашидаанд ва зебоии онҳоро

дидаву дарк карда наметавонанд, гарчанде ки инсони мутамаддин дувуним ҳазор сол пеш таърифи арзишҳои фарҳангиро таҳия карда буд.

Асарҳои эҷодӣ дар соҳаи фарҳанги мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ бойтарин манбаи таассуроти зебоипарастии хонандагон мебошанд. Санъат дар ташаккули саводнокии баланди хонандагон нақши муҳим мебозад. Асарҳои санъати мусиқӣ ба дарки маънои табиат, ҳисси сохт ва инкишофи тасаввурот мусоидат мекунанд.

Иштирок кардани ХИМ - дошта, дар маҳфилҳои беруназсинфӣ барои хубтар ба санъат ҷалб намудани онҳо ёрии калон мерасонад.

Роҳбари маҳфил навозандагонро ба эҷодкорӣ руҳбаланд мегардонад, дар онҳо меҳру муҳаббат ба мусиқӣ ва майли зебоӣ бедор мекунад. Барои мустақилона инкишоф ёфтани истеъдодҳои соҳаи мусиқӣ, суруд ва рақс шароит фароҳам меоварад.

Ҳангоми ташкили корҳои мусиқии беруназсинфӣ роҳбарони маҳфил бояд вазифаҳои зеринро ба назар гирад:

1. Корҳои мусиқии таҳсилоти иловагӣ бояд ба тарбияи эҷодӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастии хонандагон инчунин, ба инкишоф додани шавқу ҳаваси онҳо ба санъати мусиқӣ ва суруд нигаронида шаванд;

2. Шаклу усулҳои гуногуни корро истифода бурдан лозим аст, ки ба бедор кардани шавқу ҳаваси бадеӣ, васеъ намудани фаҳмиши хонандагон дар бораи санъат ва ба фаъолияти эҷодии мусиқӣ ҷалб намудани онҳо нигаронида шудааст;

3. ХИМ - дошта бояд шавқу ҳаваси худро ба маҳфилҳои фарҳанги мусиқӣ инкишоф диҳанд.

Дар он ҳолате муваффақият дар таҳсилоти иловагии маҳфилҳои мусиқӣ ба даст меояд, ки ХИМ - дошта шаклҳои гуногуни мусиқиро дарк карда тавонанд ва онҳо ба мусиқӣ таваҷҷуҳ дошта бошанд.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо, пеш аз ҳама, эҷодкорӣ ба ташаккул додани завқи бадеии ХИМ - дошта тавассути таълими суруду мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ,

муассисаҳои мусиқӣ, ки дар ҷумҳурии мо амал мекунанд, мусоидат менамояд.

Дар фарҳанги мардуми тоҷик аз даврони хурдсолӣ эҷодкории мусиқӣ, аз ҷумла театр, кино, оинаи нилгун, радио дар тарбияи зебоипарастии хонандагон нақши муҳим дорад. Ба онҳо унсурҳои расмкашӣ, фарҳангӣ, мусиқӣ, аксбардории бадеӣ, рақс ва ғайра дохил мешаванд. Дар асар неруи эҷодии хонандагон, яъне қобилияти фаъолияти эҷодӣ бо истифода аз ашё мушаххас ошкор карда мешавад. Кори эҷодии мусиқӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба ХИМ - дошта фарҳанги муносибатҳо ва кори дастаҷамъонаро ба манфиати умум омӯзем.

Р.С. Рамазонова дар мақолаи илмӣ «Инкишоф додани таҳсилоти иловагӣ дар асоси зеҳн ва арзёбии истеъдодҳои хонандагони имконияташон маҳдуд» дарҷ менамояд, ки «Таҳсилоти иловагӣ як барномаест, ки дар он хонандагони имконияташон маҳдуди ғайр аз дарсҳо дар расмкашӣ, меҳнатӣ ва мусиқӣ истеъдод доранд, инчунин метавонанд тавассути такмил додани малакаҳои мавҷудаи худ маълумоти барои оянда касб интихоб намоянд. Вақте ки мо ба сӯи таърихи навини худ меравем, таълиме ки ба хонандагони имконияташон маҳдуди эҷодкор дода мешавад, дар муассисаҳои таълимии давлати ва ғайридавлатӣ дода мешавад. Хонандагони имконияташон маҳдуд дар соатҳои муайяни рӯз баъд аз дарс ба корҳои эҷодии машғул шуда, дар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, эҳсосӣ ва равонии худро ба анҷом мерасонанд» [349;224].

Дар асоси фаъолиятҳои бадеӣ ва мусиқии муҳим, масалан, рақсу сурудҳо, ҳамчун усулҳои тасвир, саҳнаҳои тарбиявии бо мавзуи муайян дар маҳфилҳои эҷодӣ истифода мешаванд, ки ба офаридани тасниф ва таҳлил ва ба ташаккули образҳо нигаронида мешаванд. Фаъолияти эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии ҷумҳурии соҳибистиқлоламон ҷузъи ҷудонашавандаи инкишофи ҳамаҷонибаи ХИМ - дошта мебошад.

Вазифаи роҳбари маҳфил на танҳо ташаккул додани фарҳанги эҷодии мусиқӣ, балки вазъияти бадеӣ ва эмотсионалии хонандагон, баланд бардоштани қувваи ахлоқӣ, зебоипарастӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо мебошад. Муносибати хонандагон ба зебоипарастӣ набояд танҳо ба доираи санъат маҳдуд шавад, балки бояд тамоми паҳлуҳои онро фаро гирад. Аз ин лиҳоз, ҳар як роҳбари маҳфил бояд ба фаъолияти эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотии махсус ва иловагии муосир диққати ҷиддӣ дода, ба онҳо моҳияти ин намуди таълимро фаҳмонда тавонад.

Назарияи педагогии А.Н. Кузвесова дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди қобилиятҳои мусиқӣ дар кӯдакони синни мактаби ибтидоӣ бо имкониятҳои маҳдуди зеҳнидошта», дарҷ менамояд, ки «Кӯдакони синфҳои ибтидоӣ бо нуқсони зеҳнӣ аз меъёр фарқ мекунад ва хусусиятҳои муайянеро нишон медиҳад. Ин хусусиятҳо аз ҷониби рушди психофизикии ҳар як кӯдак муайян карда мешаванд. Рушди пасти мусиқӣ бо набудани субот ва дарки бетартиб алоқаманд аст. Қафомонӣ дар сифати устуворӣ ва тақсимоти диққат ба муваффақияти таълими мусиқӣ таъсир мерасонад. Шинохти вайроншуда ба кӯдакон имконият намедиҳад, ки маводи абстрактиро, ки дар дарсҳои мусиқӣ ба онҳо пешниҳод шудааст, пурра аз худ кунанд. Хонандагон дар ифодаи муносиби шифоҳӣ эҳсосос, мекунанд, ки душворӣ мекашанд [333;91].

Дар системаи таҳсилоти иловагӣ фарҳанги мусиқӣ ва фаъолияти эҷодии ХИМ - дошта, инчунин, дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ташкил ва гузарондани консертҳо мавқеи калонро ишғол мекунад ва ХИМ - доштаро дар ҷаҳон муаррифӣ менамояд. Ин шакли кор пеш аз Инқилоби Октябр ва ҳам баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар солҳои баъд аз ҷанг, то замони ҳозира вуҷуд дошт ва дорад.

Маҳсулнокии баланди меҳнати эҷодӣ дар маҳфилҳои беруназсинфӣ на танҳо дар гузарондани лексияю консертҳо, балки дар ташкили чорабиниҳо ва саҳначаҳо, конференсҳои мусиқӣ ва синфхонаҳо,

викторинаҳои мусиқӣ, сеансҳои гуногуни мусиқӣ, пурсишҳои даҳонӣ ва хаттӣ, анкетаҳо низ зоҳир мегардад.

Ба маҳфилҳои мусиқӣ ҷалб намудани хонандагони боистеъдод дар кори баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги мусиқӣ-зебоипарастии оммаи васеи хонандагон нақши калон мебозад. Албатта, роҳбари маҳфил машғулиятҳоро бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон ва сифатҳои шахсии онҳо ташкил мекунад. Мутаассифона, барои расидан ба мақсади тарбияи мусиқии хонандагон на ҳамаи шароитҳо истифода бурда мешаванд.

Мақсад аз маҳфилҳо аз худ кардани маҳорати техникии иҷрои асари муайян ва соҳиб шудан ба маҳорати мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, дар раванди таҳсилоти иловагӣ ба усулҳои ташаккули дарки шунавоӣ ва тасаввуроти эҷодии ХИМ - дошта нокифоя эътибор дода мешавад. Ба ҷои ин, роҳбари маҳфили мусиқӣ дар баробари хонандагони солим ХИМ - доштаро низ бештар бояд аҳаммият диҳад. Сабаби бештар аҳаммият додан ба ХИМ - дошта ин, пеш аз ҳама, дар нодуруст талаффуз кардани суруд ва мусиқӣ мебошад. Зеро ХИМ - дошта аз сабаби аробача доштанашон, рост истода наметавонанд, дар нутқ нуқсонҳои зиёд доранд ва вақти хондани суруд ё ҳамсароӣ ба хатоиҳои нутқӣ мушоҳида мешаванд, инчунин хонандагоне, ки дорои бемории аутизм мебошанд, ба чашми дигарон нигоҳ карда наметавонанд, мушкилиҳо ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, дар вақти хондани ҳамсароӣ, суруд аз эътибор дур мемонад.

Иштирок дар маҳфил ба ХИМ - дошта имконият медиҳад, ки аз машғулияти аввал навохтани асбобҳои мусиқиро дар ансамбл омӯзад ва лаёқати эҷодӣ дар навозандагӣ сайқал диҳад. Навохтани асарҳои бачагона дар иҷро намудани ҳамсароӣ ва иштирок дар ансамблро мо метавонем бо ҳамроҳии роҳбари маҳфил дар аввал хубтар намоем, вале баъдтар онҳо бояд кӯшиш намоянд, ки худашон якҷоя ҳамроҳи ҳамсолон

навозанду тайёрии хубтар дида, дар дигар созҳои мусиқӣ асари омӯхташавандаро аз худ намоянд.

Роҳбари маҳфил порчаи мусиқиро ба қисмҳо тақсим карда, бояд ба ХИМ - дошта, ки сарояндае, ки боистеъдод аст, вогузор кунад, ки қисми алоҳидаи онро дар асбоби мусиқии алоҳида иҷро намояд, ки ин масъулияти солистро зиёд ва боиси ифтихори онҳо мегардад. Дигарон кӯшиш мекунанд, ки мисли ӯ навозандаи хуб бошанд ва барои ноил шудан ба он талош намоянд. Инкишофи қобилияти мусиқии ХИМ - доштаро маҳз роҳбари маҳфил бояд дар машғулиятҳои мусиқии беруназсинфӣ амалӣ гардонд. Бо ин восита масъулиятро ҳис намуда, кӯшиш намоянд, ки гурӯҳи маъюбон ташкил карда, ба онҳо тоза навохтанро омӯзонанд. Ин барои ҳар як ХИМ - дошта метавонад ифтихор бошад, зеро фаъолияти якҷоя метавонад вазифаи умумии корҳои эҷодиро бо иштирок дар маҳфилҳои мусиқӣ иҷро намуда, ба ҳар як нафар ташаббускорӣ ва мустақилиятро дар эҷодиёт ба вуҷуд оварад.

Роҳбари фаъолияти ҳаваскорони бадеӣ ва омӯзгори маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ бояд консепсия пешниҳод намуда, чорабиниҳоеро ташкил намоянд. ХИМ - доштагонро дар маҳфилҳои таҳсилоти иловагӣ вобаста ба барномаҳои таҳсилоти иловагӣ ба иштирок дар консертҳо, шабҳои эҷодӣ ва озмунҳо ҷалб намоянд. Таҳия ва татбиқи чунин чорабиниҳо ба фаъол гардидани фаъолияти маърифатии хонандагон, ҳавасмандгардонии қобилияти зеҳнию эҷодии онҳо ва баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, чорабиниҳои мазкур ба ташаккули завқи зебоипарастии хонандагон, ташаккули сифатҳои шахсӣ ва ташкили иштироки онҳо дар чорабиниҳои фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Роҳбари маҳфил дар ансамблҳои вокалию сурудхонӣ, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шуҳрати ниҳоят калон доранд, инчунин фаъолияти эҷодӣ ташкил мекунад. Ин ансамблро мувофиқи шароити замон ташкил бояд кард. ХИМ - дошта ба ансамблҳои вокалию

сурудхонӣ шавқу рағбати зиёд зоҳир мекунанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки худро узви комилҳуқуқи ҷомеа ҳис кунанд ва аз ҷониби ҳамсолони худ эҳтиром пайдо кунанд. Илова бар ин, иҷрои таронаҳои маъмулӣ барои ҳама осон дарк карда мешаванд ва табиати онҳо ба шунавандагон ҷолиб мегардад.

Роҳбари маҳфил бояд диққати ХИМ - ро ба ҷараёни навозиш равона созад, на ба иҷрои бадеии асари иҷрошаванда, ки хонанда эҳсосоти худро аз ҷиҳат манфӣ ба вуҷуд оварда, таваҷҷуҳи худро ба ҷанбаҳои маълуми эҷодӣ равона карда асарҳои эҷодиро ошкор созанд. Мафтунии хонандагон ба сурудҳои дилгиркунанда аз набудани асбобҳои мусиқӣ ва имконнопазирии таъмини заминаи баланди маънавӣ дар мусиқӣ ба ташаккули шахсияти онҳо таъсири бад мерасонад. Мутобиқати ҳамроҳии мусиқие, ки ҳунармандон бо истифода аз композитсияҳои анъанавӣ иҷро мекунанд, ба нокифоя будани инфрасохтори акустикӣ ва мавҷуд набудани заминаи зарурии техникӣ барои таъмини сатҳи баланди эҳсосӣ ба тамошобин вобаста аст.

Иштирок дар маҳфилҳои ҳаваскорон худфаъолиятии хонандагонро бедор намуда, барои аз худ кардани фарҳанги мусиқӣ аз сода ба мураккаб заминаи боэътимод меоварад. Инчунин, барои инкишоф додани маҳорати баланди мусиқӣ, навозандагию сарояндагии хонандагон ғанӣ гашта, роҳбари маҳфил корҳои эҷодии мусиқиро бо ҳам мепайвандад. Бо ин ҳадаф дар маҳфилҳои эҷодӣ бо алоқамандии сурудҳои машҳури нави худ, сурудҳои ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, тифоқӣ, эҳтироми якдигар бо мусиқии сабуки замонавӣ образҳои хубдоштаро дар сурудҳои халқии тоҷикӣ дохил кардан мумкин аст.

Дар ин маврид имконияти ба назар гирифтани майлу хоҳиши ХИМ - дошта ба шунидани мусиқию суруд, ба муносибати эҷодии роҳбари маҳфил ба чорабиниҳои гузаронидашуда вобаста аст. Роҳбари маҳфил бояд онҳоро бо як порча маҳдуд накунад, баръакс, дар бораи навъҳои гуногуни мусиқӣ, роҳҳои иҷрои он ва тасвири он хусусиятҳои

оҳанг, сохти ритмикӣ, қувва, шиддатнокии овозҳо - динамикаи он фикр карда, диққати онҳоро ба худ ҷалб намояд ва умуман, ҷаҳонбинии мусиқии ХИМ - доштаро васеъ намояд.

Барои васеъ намудани доираи тамошобинон ва ба амал баровардани вазифаҳои гуногуни эҷодӣ ба асари ансамбл асарҳое дохил карда шаванд, ки онҳо гуногунии қобилияти иҷрои аъзоёни онро инъикос менамояд. Масалан, ба шунавандагон таклиф карда мешавад, ки бо тафсирҳои гуногуни оҳангҳои халқӣ ва эстрадӣ шинос шаванд. Ин тафсирҳоро метавон дар тартибҳои гуногун иҷро кард, ки баъдан бо ҳамдигар муқоиса карда, усули муваффақтаринро интихоб мекунанд. Пас аз ин, варианти интихобшуда метавонад ҳамчун як қисми барномаи консертӣ пешниҳод карда шавад. Барои хуб иҷро кардани ин мусиқӣ ХИМ - дошта бояд забони мусиқии модарии худро хуб донанд. Аз худ намудани забони мусиқии модарӣ ба хонандагон имконият хоҳад дод, ки оҳангҳои сурудҳои халқиро мустақилона тартиб диҳанд, яъне онҳоро дар байни асбобҳои мусиқӣ тақсим карда, эҷод ва иҷро кунанд.

Фаъолияти эҷодӣ дар доираи барномаи мусиқӣ асоси инкишофи дарки мусиқӣ ва фаҳмиши мусиқӣ буда, инчунин, барои тамоми паҳлуҳои дигари фарҳанги мусиқӣ, аз қабили сурудхонӣ, рақс, гирифтани дониши мусиқӣ ва ғайра бо иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ мусоидат менамоянд. Роҳбари маҳфил бояд дар ҳамкории зич бо машғулиятҳои беруназсинфӣ, ба инкишофи фаъолияти эҷодӣ нигарондашуда суҳбату чорабиниҳо ташкил намояд. Мавзуъҳои ин гуна чорабиниҳо метавонанд баҳсҳои аҳаммияти мусиқӣ дар ҳаёти маҳдуддоштагон, омӯзиши созҳои мардумӣ, анъанаҳои оилавӣ ва ойинҳои аҷдодӣ, инчунин, тарбияи завқу ҳаваси бадеӣ, рушди ҳисси зебоӣ ва завқи бадеӣ ва ғайраро дар бар гиранд. Талаботи ХИМ - дошта бо воситаи ташкил кардани чорабиниҳо ҳамчун санъаткор дар маҳфилҳо, ба монанди ҳаваскорон амалӣ гардонда шуд.

ХИМ - дошта дар маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун ҳаваскорони бадеии назди муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба олами назм бо шавқу ҳавас фаро гирифта шуда, асарҳои шахсии худро эҷод карданд ва нақшофариҳои адабиро ба саҳна гузоштанд. Онҳо дар чорабиниҳои идона ва ҷамъомадҳои анъанавӣ барои ҳамсолон ва падару модарони худ баромад карданд.

Баъд аз иштироки ХИМ - дошта дар маҳфилҳои эҷодӣ, на танҳо ҳунарҳои навохтани асбобҳои миллиро аз худ карданд, балки кӯшиш намуданд, ки дар корҳои эҷодӣ низ фаъолона ширкат варзанд. Онҳо инчунин, дар маҳфилҳои мусиқӣ маҳорати эҷодии худро тавассути намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ инкишоф дода, бозӣ ва сурудхониро пешниҳод намуданд.

Дар натиҷаи таҳлили маълумоти пешниҳодшуда муайян карда шуд, ки объекти таҳқиқот ба меъёрҳои мушаххаси педагогикаи муосир - ва тарбия намудани ХИМ - дошта аз ҷиҳати маънавӣ мувофиқат намояд. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки на танҳо хонандагони солим, балки ХИМ - дошта низ ба ин намуди тарбия сазовор гардад. Бо ин восита дустии байни хонандагон, ки онҳо хислатҳои муайян доранд, динамикаи махсус ба амал меояд. Ин махсусан дар ҳолатҳое ба назар мерасад, ки хонандагони дорои сифатҳои муайян дар мактабҳое, ки дар наздикии макони зисташон ҷойгиранд, таҳсил мекунанд, якҷоя дар таҳсилоти иловагӣ иштирок мекунанд, барои корҳои эҷодӣ ба якдигар кумак мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо имконият доранд, ки бо ҳамсолони худ бештар муошират кунанд. Дар мустаҳкам намудан ва пойдор гардондани ин гуна дӯстӣ нақши аҳли хонавода, омӯзгорон, роҳбарони маҳфил ва аҳли ҷомеа нақши калон мебозанд.

4.3. Ташхис ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ

ХИМ - дошта, ки дорои иллатҳои гуногуни сабук мебошанд, аз уҳдаи қобилиятҳои зеҳнию эҷодӣ баромада метавонанд ва дар маҳфилҳо фаъолона ширкат меварзанд. Таҷрибае, ки дар рисолаи илмӣ мо дохил намудем, дар Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе, Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта» - и шаҳри Душанбе» «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» - и ноҳияи Рудакӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе» - ро (дар таҳқиқот хонандагони солим дар якҷоягӣ бо маъюб) интихоб кардем, ки дар он 40 - нафар роҳбари маҳфил 740 - нафар хонандагон, (530 - нафар ХИМ - дошта ва 210 - нафар хонандагони солим дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ иштирок карданд.

Роҳбари маҳфили дигар А.Абдуқаюмова. аз муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе бо 2 - нафар ХИМ - дошта дар шаш моҳи охир тавонистанд, ки корҳои эҷодии худро ба намоиш гузоранд ва 2 - нафар соҳиби ифтихорномаи маҳфили «Тарроҳони наврас» гардидааст.

Дар муассисаи давлатии кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе на танҳо барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакон ва наврасони солим, инчунин, бо ҳамин мақсад барои хонандагони имконияти маҳдуддошта якчанд маҳфилҳо «Дастони моҳир», «Наққошӣ», «Дасти шафқат», «Рузғордорӣ», «Тарроҳони наврас», «Попурдӯзӣ», «Дӯзандагӣ», «Зардӯзӣ», «Конструкторони наврас«» ва «Дуредгарӣ» фаъолият мекунад.

Дар таҳқиқот маҳфилҳои дар боло зикргардида истифода бурда шуд. Маҳфили «Дастони моҳир» роҳбар М.Сайфуддинова., ки дар ду

баст ҳафтае 4 - маротиба баргузор мегардад. Маҳфили «Наққошӣ», роҳбар Ф.Валиева., рӯзҳои душанбе ва ҷумъа аз соати 9.00 то 11.25 ва 4 - рӯзи дигар аз соати 14.00 то 16.25 гузаронида мешавад. Маҳфили «Дасти шафқат», роҳбар А.Абдуқаюмова, ҳафтае 3 - маротиба, маҳфили «Рӯзғордорӣ», роҳбари маҳфил А.Қосимова, ҳафтае 4 - маротиба 2 - баст, маҳфили «Тарроҳони наврас» роҳбар Дилфузаи Б., ҳафтае 5 - маротиба аз 2 - баст, маҳфили «Попурдӯзӣ» роҳбар Ҷ.Набиева ҳафтае 6 - маротиба танҳо 1 - баст аз соати 14.00 то 16.25., рӯзҳои ҷумъа ва шанбе аз соати 14.00. то 15.35 гузаронида мешавад. Маҳфили «Дӯзандагӣ», роҳбар О.Сангинова., ҳафтае 5 - маротиба ду баст, маҳфили «Зардӯзӣ», роҳбар Ф.Абдуллоева., басти 1- ум 4 - руз, басти 2 - юм, 2 - рӯз гузаронида мешавад. Маҳфили «Конструкторони наврас», роҳбар Д.М.Замошик, рӯзҳои душанбе ва ҷумъа аз соати 11.00 то 11.25., 4 - рӯзи дигар басти 2 - юм рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе аз соати 14.00 то 15.35 ва рӯзҳои сешанбею ҷумъа аз соати 14.00 то 16.25 инчунин маҳфили «Дуредгарӣ» роҳбар М.Мунаваров, ҳафтае 4-маротиба басти 1 - ум ва 2 - маротиба басти 2 - юм, маҳфили «Рақс» роҳбар М.Фатҳуллоева ва М.Ҳакимова, ҳафтаи 4 - маротиба, ду баст, маҳфили «Гитарановозон» роҳбар М. Асалбекова, Ҷ. Хоҷаева, маҳфили «Асбобҳои зарбӣ» роҳбар Н. Руяков, маҳфили «Ҳамсароён» роҳбар Ш. Шаротова, баргузор мегардад, ки дар ин маҳфилҳо баробари хонандагони солим ХИМ - дошта, низ ҳуқуқи иштирок кардан доранд. Барои хуб омода кардани корҳои эҷодӣ хонандагон аз тарафи марказ бо ифтихорномаҳо мукофотонида мешаванд.

Дар бештари утоқҳо барои ХИМ - дошта овезаҳо муҷаҳҳаз гардидааст. Мисол дар маҳфили «Дӯзандагӣ» чунин асбобҳо муҷаҳҳаз карда шудааст.

Ҷадвали 6. Асбобҳо барои маҳфиҳои «Дузандагӣ» дар «Муассисаи давлатии кӯдакону наврасон» - и шаҳри Душанбе

Кор бо қайчӣ:	**Кор бо дарзмоли барқӣ**	**Кор бо мошинаҳои дӯзандагӣ**	**Кор бо сӯзан**
1. Қайчиро ба ҷойи муайян гузоред; 2. Нӯги тези қайчиро рӯ ба боло нагузоред; 3. Ҳангоми машғулият ба қайчӣ андармон нашавед; 4. Дар чои кор қайчиро кушода намонед; 5. Ҳангоми кор бо мошинаҳои барқие, ки дар ҳаракатанд, қайчӣ бояд дуртар нигоҳ дошта шавад.	1. Ҳангоми кор бо дарзмол ба дурустии он бояд боварӣ ҳосил карда, аз дарзмоли симаш луч истифода набаред; 2. Агар аз дарзмол нодуруст истифода баред, расиши кӯтоҳ ба амал омада, боиси сухтор мегардад. 3.Сими дарзмолро эҳтиёт кунед ва ҳангоми ба охир расидани кор онро аз хатти барқ ҷудо кунед.	1.Мошинаҳои дӯзандагии барқӣ дар замин пайванд набошад; 2. Дар болоии қисматҳои ҳаракаткунандаи мошина хам шудан маън аст; 3. Ҳангоми кор бо мошинаҳои барқӣ мӯйҳоро зери рӯймол ҷамъ намоед; 4. Ангуштонро дар зери белак ва сӯзани мошина нагузоред; 5. Ҳангоми дӯхтан боварӣ ҳосил кардан зарур аст, ки дар зери кук байни матоъ, сӯзан ва дигар ҷисмҳои оҳанин мавҷуд нест.	1. Сӯзанҳоро дар сӯзандон нигоҳ доред; 2. Сӯзанро ҳеҷ гоҳ ба либосатон нахалонед; 3. Сӯзанро шикаста, ба фарш напартоед; 4. Сӯзанро гум накунед; 5. Ба даҳон гирифтани сӯзан қатъиян маън аст.

Эзоҳ: пеш аз оғози маҳфил ин гуфтаҳо ба ҳар як хонанда фаҳмонида имтиҳон гирифта мешавад. Маҳфили «Зардӯзӣ» барои маҳорати баланди эҷодӣ ташаббускорӣ, иштироки фаъолона дар чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ва муносибати иди «Наврӯз» аз тарафи директор К.Раҳимӣ бо мукофот сарфароз гардонида шуд. Ҳавасмандгардониҳо дар дигар маҳфилҳо бо сипосномаҳо мукофотонида мешавад.

Дар маҳфили «Конструкторони наврас» 70 - нафар хонандагон аз мактабҳои таҳсилотӣ марказ ширкат меварзанд. Танҳо 4 - нафари онҳо имконияти маҳдуддошта мебошанд. ХИМ - дошта дар баробари

хонандагони солим фаъолият мекунанд, аз уҳдаи корҳои эҷодӣ мебароянд, инчунин, маҳфил аз рӯи як нақшаи тақвимӣ гузаронида мешавад.

Маҳфили «Конструкторони наврас», ки вазифаи роҳбарии онро Д.М.Замошик ба уҳда дорад, ҳамасола баробар бо баргузории ин сана дар саросари ҷаҳон санаи 17 - уми январ рӯзи «Ихтирокорон» - ро баргузор менамояд. Соли 2024 низ аз 17 то 23 январи ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон таҷлил гардид. Он натанҳо барои дастгирӣ ва гиромидошти нобиғаҳо таъсис дода шудааст, балки ҳадафи он дар ин аст, ки хонандагон ба кунҷкобӣ ба ҷаҳони атроф ва татбиқи эҷодкорӣ дар ҳалли мушкилоте, ки дар ҳаёт ба миён меояд, ҷиддӣ назар менамоянд. Бояд қайд кард, ки баргузории ин сана тасодуфӣ набуда, барои он қайд карда мешавад, ки дар ин рӯз арбоби давлатӣ, дипломат, олим, ихтирокор, рӯзноманигор Бенҷамин Франклин (1706 - 1790) таваллуд шудааст. Бенҷамин Франклин дар синни 12 - солагӣ ихтирои аввали худ як ҷуфт қуттии шинавариро, ки дар дасташон мепӯшанд, сохтааст. Минбаъд вай таҳқиқоти илмиро давом дода, таҷрибаи зиёде гузаронида, дар илми ҷаҳон саҳми бебаҳо гузоштааст.

Дар рузи «Ихтирокорон» маҳорати эҷодкории хонандагон рушд ва қобилияти маърифатии онҳо инкишоф дода мешавад. Ихтирооти хонандагон дар намоиш гузошта мешавад. Семинару консфронсҳо, озмуну мусобиқаҳо ташкил карда мешавад. Васоити ахбори омма бахшида ба ин чорабиниҳо барномаҳо пахш намуда, дар бораи ихтироъ ва дастовардҳои меҳнатӣ маводҳо нашр мекунанд.

Ҳамасола зиёда аз 500 ҳазор нафар хонандагони солим ва ХИМ - дошта дастгоҳҳо ва технологияи нав меофаранд. Як қатор ихтирооте мавҷуд аст, ки маҳз ба ХИМ тааллуқ доранд. Ба инҳо алифбои Брайл, ботут, лижаҳои обӣ, ҳисобкунак ва мошини барфгард дохил мешавад.

Тибқи фармони сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе аз 15 январи соли 2024, № 05/9, бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои

марбут ба таҷлили 20-солагии омӯзиши фанҳои математика, дақиқ ва табиатшиносӣ дар солҳои 2020-2024 чорабиниҳои «фанҳои риёзӣ, дақиқӣ ва табиатшиносӣ» баргузор карда шуданд. Ҳадафи чорабинӣ баланд бардоштани сатҳи огоҳии илм ва истеҳсолот, дастрасии техника ва технологияҳои муосир, рушди тафаккури меҳнатӣ ва эҷодкорӣ мебошад. Дар чорабинӣ ташаббусҳое, ки ба пурзӯр намудани кори дарёфт, ҳавасмандкунӣ ва тарбияи истеъдодҳои нав дар соҳаи ихтироъ ва навоварӣ мувофиқи банди 24 ба низом дароварда шудаанд, иборат буданд. Дар «Рӯзи ихтироъкорон» чорабиниҳои намоишии «Ҳафтаи ихтироъ ва расионализатории кӯдакону наврасон», ки аз 17 то 23 январи соли 2024 ташкил карда шуда буд, баргузор гардиданд. Нақшаи чорабиниҳо бо дарназардошти даврони истиқлолият таҳия шуда, бахшҳои зеринро дар бар мегирад:

Ҷадвали 7. Нақшаи чорабинӣ дар муассисаи давлатии кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе

№	Номгӯйи чорабиниҳо	Муҳлати иҷро
1.	Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои “Ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон” дар таҳсилоти иловагӣ, таъсиси кумитаи тадорукот, насби банер, навиштаҷотҳо, эълонномаҳо ва рӯзномаҳои деворӣ оид ба бургузории чорабиниҳо	16.01.2024
2.	Ифтитоҳи расмии “Ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон” дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ ва нисфирӯзӣ бо дарназардошти муаррифии чорабиниҳои ба нақшагирифташуда ва ҳадафи он	17.01.2024
3.	Баргузории намоиши корҳои эҷодӣ ва ихтироъкориву навъоварии хонандагон бо даъвати волидайн	18.01.2024
4.	Ҷамъбаст, натиҷагирӣ ва баргузории “Ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон” ва ҳавасмандгардонии хонандагон	23.01.2024

Хонандагон дар корҳои гурӯҳи 10 - мушак, 6 - ҳавопаймо, 4 - чархбол, танка, якчанд мошинаҳои ҳарбӣ, аз картон омода кардани хона, аз қошуқҳо сохтани ҷароғ ва ғайраҳо барои намоиш додан дар «Ҳафтаи ихтироъкорӣ ва навоварии кӯдакону наврасон» ва кушодашавии «Даргоҳи ҳунар» пешниҳод намуданд.

Замошник Дмитрий Михайлович иброз намуд, ки мо бо ХИМ-дошта, бештар корҳои фардӣ ҷалб менамоем ва онҳо дар ҳамаи мусобиқаҳо фаъолона иштирок карда, қобилияти баланди эҷодии худро нишон медиҳанд. Хонандаи синфи 5 - уми мактаби таҳсилоти умумии №1 Раҳимов Азиз (хусусияти аутизм) ва Маскалович Данил (хонандаи солим) синфи 3 - уми мактаби таҳсилоти умумии №9 ба корҳои гурӯҳии омодасозии кардани ракета аз чуби дарахт, резин, картон, тунука, пластик, порх таваҷҷуҳи бештар доранд. Барои ба кор даровардан онро дар қувваи барқ пайваст менамоянд. Пас аз пайваст шудан ба манбаи барқ модел ба парвоз фиристода шуд.

Дар рафти корҳои эҷодӣ тарзи омода кардани ҳавопаймо ташкил карда шуд. Ҳавопаймо аз чӯби дарахт, резин, фирфирак, матор омода карда мешавад. Вақте, ки матор ба кор дароварда мешавад, хавопаймо ба ҳаво парвоз мекунад. Инчунин, аз тарафи хонандагон дастгоҳ барои пуф кардани пуфак ва чарххои вилосипед омода карда шудааст. Трактор аз шишаи пластикӣ, пласмас ва оҳан барои ҷамъоварии пахта омода карда шудааст. Барои челонгарӣ бо дастгоҳҳо махсус корҳои эҷоди хонандагон дар намоиш гузошта шудааст. Ҳар як кори эҷодӣ аз тарафи журналистҳо ба навор гирифта мешавад ва баъзан дар оинаи нилгун намоиш дода мешавад. Инчунин, марказ сайти худро дорад, дар он корҳои эҷодӣ низ намоиш дода мешавад. Ин муассиса бо мактабҳои дигар зич ҳамкорӣ мекунанд.

Баъзе муаллимони муассисаҳои таҳсилотӣ бо муассисаҳои беруназмактабӣ ҳамкорӣ мекунанд. Омӯзгор М. Табарова, аз мактаби таҳсилоти умумӣ №91 шаҳри Душанбе дар маҳфилӣ «Рӯзғордорӣ» рӯзҳои

душанбе ва чоршанбе аз соати 14.00 то 15.35., рӯзҳои сешабе ва ҷумъа аз соати 14.00 то 16.25. баргузор мегардад, ки хонандагонро ба ҳаёт омода месозад. Ин омӯзгорон дар баробари аз муассисаҳои миёнаи таҳсилотӣ умумӣ ва ҳамчун ҳамкор дар таҳсилоти иловагӣ фаъолият мебаранд. Танҳо ба ин омӯзгорон маблағ барои рӯзҳои ид ва рухсатии меҳнатӣ дода намешавад. Мо мушоҳида намудем, ки роҳбарони маҳфилҳои эҷодие, ки аз муассисаҳои умумии таҳсилотӣ ҳамчун ҳамкор фаъолият мебаранд, бештари хонандагон аз ҳамон муассиса ҷалб карда мешаванд, зеро ин роҳбарони маҳфил ба хонандагон корбарӣ менамоянд, фарзандони худро, наздиконро, шавқмандонро барои гирифтани ихтисос даъват менамоянд.

Маҳфили «Конструкторони наврас» на танҳо дар корҳои беруназмактабӣ, балки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ фаъолият мекунад, сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. ХИМ - дошта, ки ҳам нутқи муътадил ва ҳам суст инкишоёфта доранд, ба он бо мамнуният меоянд. Хусусиятҳои худи ин маҳфил, мазмуни машғулиятҳо ба ғанӣ гардондани таҷрибаи нутқи ҳар як ХИМ – дошта, инчунин, ба ислоҳи иллатҳои дуюмдараҷаи ХИМ - дошта, дар рафти фаъолияти маҳфилӣ нигаронида шудааст. Бешубҳа, фаъолияти «Конструкторони наврас», яке аз воситаҳои муассиртарини рафъи сустии нутқ, ташаккули таҷрибаи мусбати муносибатҳои иҷтимоӣ ва муоширатӣ бо ҳамсолони солим дар ХИМ - дошта мебошад.

Машғулиятҳои маҳфили «Конструкторони наврас» дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ҳафтае 2 - маротиба гузаронда мешаванд. Дар ҳар як маҳфили эҷодӣ рушди воситаҳои ғайривербалии муошират дар ХИМ - дошта амалӣ карда мешавад. Пеш аз ин ё дар рафти маҳфил ҳатман кори пешакӣ гузаронида мешавад, ки ба инкишофи захираи луғавии ХИМ - дошта, ташаккули нафаскашии нутқ, аз худ намудани воситаҳои интонатсияи ифодаи хонандагон нигаронида шудааст.

Барои шавқовар гузаронидани маҳфилҳои эҷодӣ мо чунин мешуморем, ки таҷрибаи бомуваффақияти фарогир, аз ҷумла дар системаи таҳсилоти иловагӣ, бе иштироки аъзоёни муҳити оилавии хонандагон ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, муҳити оилавии ХИМ - доштаро ба иштирок ба маҳфилҳои эҷодӣ мунтазам бояд ҷалб намуд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ на танҳо барои бартараф кардани ихтилоли нутқ дар шумораи ХИМ - дошта, балки барои бомуваффақият гузаронидани он мусоидат мекунад.

Аҳли хонавода, ки ба фарзанди маъюбашон наздиканд, бештар ба мушкилоти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва дарк мекунанд, ки писар ё духтарашон ба таҳсилоти иловагӣ ниёзҳои хоса доранд. Онҳо барои иҷрои кори мувофиқ дар муҳити оила ҳавасманд карда мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот метавон хулоса кард, ки системаи муассисаҳои таълимии махсус барои таҳсилоти иловагӣ ба шумораи зиёди ХИМ - дошта ва ташаккули малакаҳои зарурии ҳаётӣ дар онҳо имкониятҳои беназир ва зиёд дорад. Ин махсусан, ба ХИМ - дошта дахл дорад. Дар баробари ин, иқтидори таҳсилоти иловагии фарогир ҳанӯз пурра истифода нашудааст. Захираҳои зиёде мавҷуданд, ки барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи иҷтимоӣ ва амалияи касбогоҳии ХИМ - дошта истифода мешаванд, ки ин шарти ҳатмии ҳамаҷонибаи онҳо дар ҷомеа мебошад.

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ кори маҳфилҳои эҷодӣ одатан берун аз соатҳои дарсӣ ташкил карда мешавад. Мо пешниҳод намудем, ки баробари маҳфилҳои эҷодӣ барои диққати хонандагонро ҷалб намудан, хастагии хонандагонро рафъ намудан дар байни маҳфилҳои эҷодӣ бозиҳои эҷодӣ, маҳфилҳои саволу ҷавоб ва мубоҳисаҳои марбуту мувофиқ ба маҳфили меҳнатӣ гузаронида шавад.

Хусусияти фарогириии маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ дар соҳаи оммавӣ ва фардӣ шуда метавонад ва ин ба шакли машғулиятҳо вобаста аст. Ба ҷумлаи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ

намоиши кинофилмҳо, шунидани радио бахшида ба мавзуи меҳнатӣ ва муҳокимаи онҳо дохил мешавад. Роҳбарони синф ва роҳбари маҳфили фанни «Технология» бояд нақшаи таҳсилоти иловагиро оид ба корҳои эҷодӣ тартиб диҳанд. Чорабиниҳои мазкури муассисаҳои махсуси таҳсилотиро бо дигар тадбирҳои мактаб ва берун аз мактаб мутобиқ карда, шавқу ҳаваси ХИМ - доштаро бо хусусиятҳои синнусолияшон ва нуқсонашон ба эътибор гирифтан лозим аст. Нақша бояд тадбирҳои мукаммал дошта бошад ва асоснок будани онҳоро ифода намояд.

Таҳсилоти иловагӣ дар доираи маҳфилҳои эҷодӣ ин асоси алоқаи доимии зичи муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ бо муҳити зист буда, бо ҳаёти корхонаю ташкилотҳо ба амал бароварда мешаванд. Ин ба таҷрибаи ҳаётии ХИМ - дошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ такя карданро дар бар мегирад.

Таҳқиқот инчунин, дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» гузаронида шуд. Дар маҳфили «Расмкашӣ» ва «Наққошӣ» ҳамагӣ 36 нафар хонанда, аз он 17 нафар писар ва 19 нафар духтар фаъолият мебаранд. Маҳфил аз 3 баст иборат буда, дар ҳар як баст 12 нафар хонандагон ба корҳои эҷодӣ машғуланд. Аз 36 нафар 1 нафар Васихон Ҷаҳонгир ҳамчун ХИМ - дошта (вайрон будани такягоҳи ҳаракат) дар маҳфили «Расмкашӣ» дар басти 2 - юм ширкат меварзад. Васихон Ҷаҳонгир айни ҳол дар синфи 4 - ум, мактаби №1 шаҳри Душанбе таълим мегирад. Модари ӯ А.Т.Қосимова, вазифаи роҳбари маҳфили «Рӯзғордорӣ»-ро ба уҳда дорад. Баъд аз суҳбат бо модар маълум шуд, ки Васихон Ҷаҳонгир нуқсони модарзодӣ дошта, дар баробари таваллуд шудан як пояш тобхӯрда мебошад. Инчунин, баробари ба дунё омаданаш ташхис гузаронида шуда, маълум гашт, ки Васихон Ҷаҳонгир дорои нуқсони вайрон шудани такягоҳи ҳаракатӣ (ДСП) буда, барои нигоҳубин кардан ба мушкилиҳо дучор мешавад. То имрӯз барои муолиҷаи ӯ чораҳои махсус андешида, барои табобат маблағи зиёде сарф шудааст. Васихон Ҷаҳонгир новобаста аз нуқсони

доштааш бомуффақият дар муассисаи таълимӣ таҳсилотӣ худро давом дода истодааст. Инчунин, дар ду маҳфил ширкат варзида, бо хубӣ аз уҳдаи расмкашӣ ва наққошӣ мебарояд. Роҳбари маҳфили «Наққошӣ» Ф.Валиева ва маҳфили «Расмкашӣ» А.Газарян, аз истеъдоду корҳои эҷодии Васихон Ҷаҳонгир қаноатманданд ва ӯро ҳамчун шогирди беҳтарин медонанд. Ӯ дар озмунҳо баробари хонандагони солим ҷойи намоёнро ишғол мекунад.

Санаи 7 - октябри соли 2022 чорабинӣ дар мавзуи «Огоҳсозии қалбӣ ва амалҳои қалбӣ барои ҳама» баргузор гардид. Васихон Ҷаҳонгир баробари хонандагони солим Хайриддинзода Юсуф хонандаи синфи 6-уми муассисаи таҳсилотии №7, М.Каримов. синфи 8-уми муассисаи таҳсилотии №29 дар ин чорабинӣ иштирок карда, соҳиби ҷойи намоён гардиданд. Аз маҳфили «Наққошӣ» Р.Зикриллоева, соли таваллудаш 15 марти соли 2013 хонандаи синфи 4-уми муассисаи таҳсилотии №6 шаҳри Душанбе низ ширкат варзида, дорои сипоснома гардидааст. Хонандагони дар боло зикргардида дар тахта расм кашида, ин лаҳваро дар намоишгоҳ мегузоранд.

Соли 2023 дар тавассути телевизиони «Сафина» лаёқату истеъдоди эҷодии ин хонандагон барои тамошобинон пешниҳод карда шуд. Дар маҳфили «Наққошӣ» дар соли якуми таҳсил ҳамагӣ 216 соат машғулияти назариявӣ пешбинӣ шудааст, ки 66 соат машғулияти назариявӣ ва 150 соат машғулияти амалӣ, барои соли дуюми таҳсил 216 соат аз он 66 соат машғулияти назариявӣ ва 150 соат машғулияти амалӣ, барои соли сеюми таҳсил 216 соат аз он 60 соат машғулияти назариявӣ ва 156 соат машғулияти амалӣ, ҳамагӣ 648 соат ба нақша гирифта шудааст.

Дар маҳфили «Расмкашӣ» дар соли якуми таҳсил 216 соат: аз ҷумла 21 соат машғулияти назариявӣ ва 195 соат машғулияти амалӣ, барои соли дуюми таҳсил 216 соат: аз он 36 соат машғулияти назариявӣ ва 180 соат машғулияти амалӣ, барои соли сеюми таҳсил 216 соат аз он

30 соат машғулияти назариявӣ ва 186 соат машғулияти амалӣ, ҳамагӣ 648 соат ба нақша гирифта шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем, чунин хулоса барорем, ки ХИМ - дошта аз рӯйи нақшаҳои пешниҳодшуда корҳои эҷодиро омода карда, барои ояндаи худ касб интихоб мекунанд ва ба ҳаёт мутобиқ мешаванд. Дар вақти расмкашӣ ва наққошӣ фаъолияти биноии онҳо нақши пешбарандаро иҷро мекунанд. Барои инкишоф додани раванди тасвири расмкашии ХИМ - дошта робитаи зич ба муассисаҳои таҳсилотӣ ба назар гирифта мешавад. Нақши пешбарандаи тарбияи ақлии ХИМ - дошта дар ташаккул ва инкишофи фаъолияти биноии онҳо ба таври таҷрибавӣ исбот карда шудааст.

Муҳаққиқ О. Ҳабибова дар фишурда автореферат дар масъалаи «Шароитҳои дидактикки рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ қайд менамояд, ки «Кори тарбиявии беруназсинфӣ бояд ба нақша гирифта шавад: чун дурнамо барои соли хониш ва муфассалтар барои нимсола. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми ташкили кори тарбиявии беруназсинфӣ ҳамчун принсипи муҳимтарини ташкили равандӣ таълиму тарбия ба назар гирифта шавад. [303;36].

Мақсади асосии маҳфилҳо фароҳам овардани шароити дидактикӣ ва ворид кардани хонанда ба олами илму техника, ҚЗЭ ва истеъдод, дар хонандагон ташаккул додани маҳорату малакаҳои амалӣ, ба хонандагон ёд додани истифодабарии донишҳои дар маҳфилҳо, дар дарсҳо азбаршуда ба шумор меравад. Дар барномаҳо на танҳо ба фаъолияти маърифатии хонандагон, балки ба инкишофи қобилиятҳои онҳо, ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ низ таваҷҷуҳи ҷидди зоҳир мегардад» [303;37].

Муҳаққиқи ватанӣ С.Мирзоева бошад, дар рисолаи хеш барои инкишоф додани ақл ва зеҳни хонандагони имконияташон маҳдуддошта бозиро воситаи корҳои ислоҳӣ меҳисобад ва ибрози ақида менамояд, ки

«Дар бораи омода кардани нақшаи дарсӣ мувофиқи нуқсони нутқ, илова кардани машқҳои логопедӣ бо воситаи дарсҳои ғайрианъанавӣ воситаи қадам ба қадам, истифодаи маводи аёнӣ, расмҳои ашёвӣ, мувофиқ сохтани ашё амалу ҳаракатҳо, тартиб додани ибораи сифатӣ истифода бурда шуд. Барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқи хонандагон мондани овоз, бо воситаи хондани суруд, ҳикоя, матн, зарбулмасал, мақол, аҳамиятнокӣ, душворӣ, руи расм ҳикоя ва матн тартиб додан, ба нақши таълимӣ ворид кардани корҳои ислоҳӣ бо зонт, шпател, таҳлили морфологӣ карда шуд. Барои шавқу рағбати хонандагони имконияташон маҳдудро бедор намудан, маҳси логопедӣ баланд ангехтан аз методи ҳавасмандгардонӣ истифода бурда шуданро тавсия медиҳад» [280;112].

Дар ХИМ - дошта қобилияти хоста гирифтани маводҳои зарурӣ, офаридани образҳо дар тасвир, маснуоти омода кардашуда, композисияҳоро дар тасвир дуруст нишон додан, ҷойи тасаввуроти шавқоварро дар тасвир дарёфт кардан бояд инкишоф дода шавад. Барои ХИМ - дошта кумаку дастгирии роҳбари маҳфил бениҳоят зарур аст. Бо ин ҳадаф аз намунаҳои омодакардаи рассомон, макетҳои сохташуда, расмҳо ва диаграммаҳо истифода бурда, аз нуқсонҳои ҷисмонии доштаи худ лаҳзае ҳам бошад, бартараф мешаванд.

Хонанда барои офаридани маҳсули нодири эҷодкардаи худ аз асбобҳои аёнӣ истифода мебарад, сипас натиҷаҳои кори худро мебинад ва эҳсос менамоянд, ки барои чӣ ин қадар кӯшиш ба харҷ додааст. Инкишофи қобилияти эҷодии расмкашии ҳамаи аъзои маҳфил ба таври фардӣ сурат мегирад, вале ба ҳар яки онҳо дар иҷрои корҳои мустақилона баён кардани фикр ва аз фаъолияти эҷодӣ лаззат бурдан имконят медиҳад. Барои ин вазифаҳоеро интихоб кардан лозим аст, ки ба сатҳи омодагӣ ва қобилияти ҳар як ХИМ - дошта мувофиқат кунанд, то ноумедӣ ва аз даст додани шавқу рағбат ба таҳсилоти иловагӣ пешгирӣ карда шавад.

Роҳбари маҳфилҳои эҷодӣ дар иҷро кардани навъҳои гуногун ба супоришҳои ХИМ - дошта кумак мекунад ва ташвиқ менамояд. Ба баъзеи онҳо усули ҳавасмандгардонӣ, ба монанди суханони тасдиққунанда, табассуми тасдиқӣ, дар баъзе маврид тавзеҳоти иловагӣ ва барои иҷрои кори муштарак бо дастгирии роҳбари маҳфил ниёз доранд. Корҳое, ки ба рушди қобилиятҳои ЗЭ ХИМ - дошта дар маҳфили эҷодии расмкашӣ, дар шароити таҳсилоти фарогир алоқамандand, аз ҷиҳати ташаккул додани ғояҳо на танҳо барои хонандагон, балки барои роҳбарони маҳфил низ муҳим мебошанд. Бояд дар хотир дошт, ки ҳар як ХИМ - дошта бояд имконияти гирифтани таҳсилоти иловагиро дошта бошад, зеро онҳо ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ ноил гарданд.

Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ тасаввуроти биноӣ, шунавоӣ ва тақлидкунии ХИМ - дошта рушд меёбад. Роҳбари маҳфил Ҳ. Холматова аз «Муассисаҳои давлатии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»- и шаҳри Душанбе, ба хонандагон дар кори берунасинфӣ кори зеҳнӣ аз тахаюлот ва тасаввуротҳои худ кашидани расми ягон суроберо ба монанди моҳӣ, себ, парасту, пиёла ва ғайра пешниҳод намуд.

Дар маҳфили эҷодии навбатӣ роҳбари маҳфил мушоҳида намуд, ки духтарчае, ки нуқсони дараҷаи сабук дошт дар албоми худ расми одамони болдорро ва дар саҳифаи дигар расми одами бадҳайбатеро, ки ҳамчун одами шохдор мебошад, кашидааст, ки расми кашидаи ӯ ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Вақте ки роҳбари маҳфил ба духтарак саволҳо дод, ки барои чӣ ин расмро кашидааст ӯ ҷавоб дод, ки суратҳои одамон қанотдору шохдор мешаванд ва ман ин расмро дар саҳифаҳои китоб дида будам. Бибиям низ афсонаҳои одамони қанотдору шохдорро ба ман қисса карда буд. Аз баёни духтарак маълум гашт, ки тасаввуроти биноӣ ва шунавоии духтарча чунин расмҳои мураккабро дар хотир нигоҳ дошта, кашида тавонистааст.

Тахайюлот сарчашмаи идеяҳои эҷодӣ, ангезаи ихтироъ ва навоварӣ мебошанд. Маҳз ҳамин тасаввуротҳо хонандагонро ба бозёфтҳо, орзуи сафар кардан ва ҳатто ба ҳаво парвоз карданро ба вуҷуд меорад.

Раванди педагогӣ тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ХИМ - доштаро фаро мегирад. Барои он ки тамоми сифатҳои тарбиявии онҳо дуруст инкишоф ёбанд, таъсири ягонаи системаи таҳсилоти иловагӣ зарур аст, ки он на танҳо дар асарҳои бадеӣ, балки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти онҳо дарки зебоиро бедор менамояд. Барои ин ба онҳо дидан, ҳис кардан ва оро додани ҳаёти ҳаррӯзаро ёд додан лозим аст. Нақши ҷомеаи илмӣ дар таълиму тарбияи ХИМ - дошта хеле калон аст.

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодии санъати расмкашӣ, инчунин, санъати меъморӣ, кандакории хонандагон, наққошӣ ва меҳнат бояд онро ба зебоии ҳаёт мутобиқ созем, то ки зебоии табиатро дар ҷомеа дарк кунад. Асарҳои расмкашӣ хонанда тасвир карда, тарбияи нафосатро дар рафтори қадркунии меҳнату санъати волои онҳо ҳидоят намоем. Қобилияти расмкашӣ бояд нозукиҳои зебогиро дарҷ намуда, дар расмкашӣ ХИМ - дошта, ҳамчун маҳдуди алоҳида тавонанд, ки зимни фаъолияти шахсии расмкашӣ, ҳайкалтарошӣ ва наққошон ба вуқуъ пайвандад.

Расмкашӣ дар ҷараёни эҷодӣ асарҳои бадеӣ шахсият ифода мекунад, вале фаъолияти вай набояд бо ягон мақсад ва вазифаҳои мушаххас алоқаманд бошад. Тасвири маҳсулоте, ки дар чорабиние, ки роҳбари маҳфил ташкил мекунад, метавонад заминаи эҷодӣ асарҳои нави бадеӣ гардад, ки ба рушди эҷодиёти хонандагон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд.

Дар маҳфили эҷодӣ ХИМ - дошта аз рӯи расмҳои кашидаи худ, ба монанди пиёла, чойник, бозичаҳо бо қаламҳои ранга рангу бор карда, зиннат медиҳанд ва шакли онҳоро бо воситаи пластилин омода месозанд.

Мо дар маҳфили эҷодии муассисаи давлатии «Мактаб-интернати ёрирасони барои кӯдакони имконияташон маҳдуддошта» -и №3 шаҳри Душанбе таҳти роҳбари муаллими расмкашӣ Ҳ.Холматова иштирок намудем. Якҷоя нақшаро мувофиқ ба нуқсон омода намудем. Иҷрои ҳар як марҳилаи маҳфилро роҳбари маҳфил моҳирона иҷро намуда, ба хонандагон барои иҷрои вазифаҳо кумак мекард ва онҳо низ фаъолияти худро шавқмандона нишон медоданд.

Роҳбари маҳфил Ҳ.Холматова пеш аз оғози маҳфил ба хонандагон сухани руҳбаландкунанда гуфта, таъриф ва тасдиқи корҳои зеҳнии пештарраро таъмин намуд, инчунин, ӯ барои омода кардани расмкашӣ афсонаи мувофиқи мавзуъро пешниҳод намуд. Аз ХИМ-доштаи маҳфил моҳирона кумакҳои амалӣ, маслиҳатҳои муфид мепурсид.

Ҷадвали 8. Мундариҷаи маҳфили расмкашӣ «Муассисаи давлатии мактаб-интернати ёрирасон»-и №3 шаҳри Душанбе

№	Сохтори дарс	Фаъолияти роҳбари маҳфил	Фаъолияти хонандагон	Амалиётҳо
	Лаҳзаҳои ташкилӣ	Хонандагонро ба маҳфил омода мекунад ва месанҷад	Хонандагон санҷиши тамоми воситаҳои заруриро барои кор дар маҳфил истифода мебаранд	Роҳбари маҳфил ба хонандагон наздик шуда, кушиш мекунад, ки ҳар як ашёҳои рӯйи мизро ишора карда, номи ҳар яки онро бо овози баланд ба хонандагон баррасӣ мекунад
	Суҳбат дар мавзуи кашидани расми пиёла, чойник, бозичаҳо	Хонандагони азиз, машғулияти имрӯза аз корҳои ЗЭ шумо барои гузоштан ба намоиш пешниҳод мегардад. Роҳбари маҳфил дар тахта расмҳои пиёла, чойник, бозичаҳо овезон менамояд ва иброз менамояд, ки пиёла, чойник, бозичаҳо хеле зебо менамоянд. Ману Шумо дар он ҷо чой менӯшем ва бо	Тамоми воситаҳои санҷиши зарурӣ барои кори ЗЭ маҳфил сурат гирифт. Хонандагон иброз намуданд, ки қариб дар ҳамаи афсонаҳои миллӣ, дар муҳити оилаи мардуми тоҷик аксар вақт аз чойнику пиёла, чой менӯшанду кӯдакон бошад фаъолияти ба бозӣ	Роҳбари маҳфили эҷодӣ ба хонандагон наздик шуда, фаъолияту пешривиҳои онҳоро таҷдиди назар карда, ба онҳо кумак мерасонад. Ин расмҳоро шумо мисли афсона омода кардед, гуён ҳавасманд менамояд. Дар ҳама афсонаҳои халқӣ дар ҷумҳуриямон бештар дар бораи урфу

		бозичаҳо низ бо бародарамон бозӣ хоҳем кард. Акнун мову шумо ин расмҳои хонаро тамошо мекунем. Роҳбари маҳфил хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи якум вазифа мегузорад, ки дар расмҳои пиёла, чойник, бозичаҳо бо қаламҳои ранга ороиши гулро ҷой диҳанд. Ба гурӯҳи дуюум дар пиёла, чойник, бозичаҳо расмҳои табиати миллӣ аз ҷиҳати зебоипарастӣ тасвир намоянд. Дар баъзеи онҳо тасвири паррандагон ва ҳайвонот тасвир карда мешавад. Рассомон ҳангоми ороиши пиёла, чойнику бозичаҳо кадом намуди ороишро афзалтар медонанд? Ин чунин маъно дорад, ки рассомон аз зебоии табиат мафтун шуда, онро бо хатҳои суфта, образҳои пиёла, чойнику бозичаҳо меофарад. Дар матои навдаҳои сабз ва гулҳои афсонавӣ бо баргҳои зебо тасвир шудаанд. Ману шумо ин гулҳои зеборо ба вачҳ оварда метавонем. Рассомон ин асарҳои санъатро офаридаанд, ки на танҳо расмҳои гулу пиёла, чойнику бозичаҳо, балки чизи дигарро низ тачассум	машғуланд Аз тарафи хонандагон корҳои ЗЭ расмкашӣ бо шавқи беандоза ва муҳаббати бепоён бо қаламҳо пиёла, чойник, бозичаҳо ранг карда мешавад. Ин рангҳои дилхушикунанда шодӣ ва сурури онҳоро баланд мебардорад. Намунае, ки барои ороиши пиёла, чойник ва бозичаҳо истифода мешавад ва аз унсурҳои ба таври ритмикӣ ҷойгиршуда иборат аст, нақш ё ороиш номида мешавад. Рассомони тоҷик бо кашидани нақшу нигори наботот маҳдуд нашуда, образҳои паррандаю ҳайвонотро офаридаанд. Дар ороиши ҳуҷраҳо нақшҳои гулдор низ истифода мешуданд.	анъанаҳои миллӣ, одобу ахлоқи меҳмондорӣ нушидани чой, оро додани дастархон сухан меравад. Рассомони миллӣ дар ҷумҳурӣ расмҳои пиёла, чойник, бозичаҳоро бо муҳаббати бепоён тасвир карданд ва завқи мардумро болида дилхушӣ мекарданд. Инчунин, шавқи зебоипарастиро бедор менамоянд. Рассомони халқӣ дар рӯйи пиёла, чойнику бозичаҳо паррандаҳо ва ҳайвонотро дар шакли афсона тасвир мекунанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рассом бо нақшу нигори наботот маҳдуд нашуда, ба ороиши наботот эътибор медод. Рассомон кушиш мекарданд, ки зебоӣ ва оҳанги табиати миллиро ба бинанда расонанд. Дар фаъолияти рассомии хонандагон барои кашидани гул кӯшиш менамоянд, ки дар асарҳои зеҳнию эҷодии худ моҳияти зебоипарастиро дар табиат пурра ошкор карда тавонанд. Дар ин замина онҳо элементҳои олами набототро бодиққат интихоб карда, ба ҳам омехта мекунанд, то ки зебоипарастӣ ва хушоҳангии табиии онҳоро равшан нишон дода тавонанд.

		кардан мумкин аст		Дар ин ҳолат расмкашӣ на танҳо аз ҷиҳати аёнӣ, балки бо дилрабоии табиӣ ва боигарии тасвири асбобҳои маишии рузғор (чойнику пиёла) Тоҷикистон ҳаматарафа инъикос ёбад.
	Дақиқаи тарбияи зебоипарастӣ	Имрӯз мову шумо дар дохили расмҳои пиёла, чойник, бозичаҳоро бо рангҳои дилкаш тасвир кардем. Пайдарҳамии иҷрои кор дар ҳамаи марҳилаҳо, аз ҷониби роҳбари маҳфил тартиб дода мешавад ва дар тахта ҷойгир карда мешавад.	1. Барои нишон додани чойник доирае кашиданд; 2. Кунҷҳои хоси косаро муайян карданд; 3. Бозичаҳоро тавсиф намуданд; 4. Усули ранг карданро муайян карданд; 5. Нақшаи ошёнаро пешниҳод намуданд; 6. Элементҳои пиёла, чойник ва бозичаҳоро оро доданд; 7. Пиёлаҳо, чойникҳо ва бозичаҳоро ранг карданд; 8. Тафсилотро кашиданд	Хонандагон бо завқу шавқ ба маҳфил ҷалб шуда, аз роҳбари маҳфил минатдор буданд.
	Кори амалӣ	- ҳангоми иҷрои кори амалӣ роҳбари маҳфил марҳилаҳои иҷрои корро ба хотир меорад; - дар мавридҳои зарурӣ ба хонандагон тавсияҳои фардӣ медиҳад; - Ба онҳо тозагиро хотиррасон мекунад; - Дар охири кор хонандагон ҷойи кори худро ба тартиб оранд.	Ҳангоми кори мустақилонаи хонандагон ба маҳфили зеҳнию эҷодӣ фаъолияти махсус нишон доданд.	Роҳбари маҳфил дар рафти фаъолияти худ маслиҳатҳои шифоҳӣ ва амалӣ медиҳад. Фаъолияти хонандагонро таъсири руҳбаландкунанда дошта, роҳи корро баррасӣ менамояд. Баъди ба охир расидани ҷараёни кор роҳбари маҳфил аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки натиҷаашро ҷамъбаст намоянд. Инчунин, дар бораи мазмуну


				мундариҷаи маҳфил ва чӣ гуна гузаронда шудани он, ақидаронӣ намоянд.

Корҳои ЗЭ хонандагонро дар шакли афсона пешниҳод кардем, ки 6 нафар хонанда дар нақши ҳайвонҳо ва 6 нафар дигар дар нақши роҳбари маҳфил иштирок намуданд ва бо ин восита ба мақсади дар пеш истода расидем.

Вазифаи кори эҷодии мо офаридани афсонаи эҷодӣ барои ХИМ - дошта буд. Гурӯҳро 12 - нафар ташкил мекард, ки ҳар як хонанда бо истифода аз коғаз расмҳои мушаххаси пиёла, чойник ва бозичаҳоро бо рангҳои гуногун омода кард. Албатта, роҳбари маҳфил ба баъзе хонандагон барои дуруст кашидани тасвирҳо кумак намуд.

Баъди гузарондани таҳқиқоти озмоишӣ таҳқиқоти мо усулҳои муайян кардани дараҷаи инкишофи ЗЭ расмкашии ХИМ - доштаро тавассути пайгирии динамикаи нишондиҳандаҳоро такрор намуда, натиҷаҳои зеринро ба даст овардем: Ҳамагӣ 12 - нафар 5 - нафар дар сатҳи баланд, 6 - нафар дар сатҳи миёна, 1 - нафар дар сатҳи паст қарор дошт.

Диаграммаи 1. Маҳфили расмкашӣ дар муассисаи давлатии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе



Аз 12 - нафар хонандагон дар қобилияти маҳорати расмкашӣ 50% дорои сатҳи баланд, 33,34% дорои сатҳи миёна ва 16,66% дорои сатҳи паст қарор доранд.

Ҳангоми иҷрои супориши расмкашӣ Носирзода Муртазо хонандаи синфи 4 «б» соли таваллудаш 30.10.2013 дорои нуқсони мухталиф дошта, ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда тибқи протоколи тиббӣ №86 аз 23.08.2022 роҳ, №255 аз 23.10.2023 буда, аз Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, достони зеринро эҷод кард: Носирзода Муртазо новобаста аз нуқсони миёнаи синдром дауна тавонист расмҳои пиёла, чойник, бозичаҳоро бо рангҳои гуногуни сафед, сурх, гулобӣ ва ғайра гулҳо бо баргҳояшро бо рагҳои гуногуни тиллоӣ ҳамчун табиати зинда, муҷаҳҳаз намояд.

Инчунин, дар афсона Зиязода Фотима Дилшод 25.10.2013 синфи 4 «б» дараҷаи камақлӣ миёна бо тибқи протоколи тиббӣ № 43 аз 28.04.2021 роҳ, №59 аз 12.08.2021 вазифаи ҳайвони (рубоҳ) меҳрубон, сап - сафед, ба бар либоси гулобӣ, ки дар замини сабз бо дӯстони худ ҳаёт ба сар мебарад, ӯ ҳамеша ба мактаб мераваду бо дӯстон ва рафиқон бозӣ мекунад, қариб, ки ҳамаи фанҳоро дӯст медорад ва бо аҳли хонаводааш ҳаёти худро ба сар мебарад. Бо ақидаи Зиязода Ф. ҳайвони меҳрубоне дар афсона эҷод карда шуда буд, дар тан либоси сурхи баланд дошт. Ин ҳайвон бо хонаводааш болои дастархони пур аз нозу неъмат, аз чойнику пиёла чой менӯшиданд, хоҳару бародаронаш бошад бо бозичаҳои рангоранг хурсандӣ карда, хушбахтона дар якҷоягӣ зиндагӣ мекарданд.

Хулоса, баъд аз таҳлил кардани корҳои эҷодӣ он маълумотҳое, ки ба дасти мо омад, мо тавонистем ба хулосае оем, ки барои афзоиш додани сатҳи рушди эҷодии ХИМ - дошта шароити таҳсилоти фарогир таъсири мусбат мерасонад. Гарчанде ки талаботҳои таҳсилоти фарогир ба таври назаррас бо сабаби набудани таҷрибаи зиёди асоснокшудаи

педагогӣ риоя намегардад, вале онҳо бояд дар заминаи насли нави барномаҳои таҳсилоти иловагӣ пурра бояд амалӣ карда шаванд.

Хулосаи боби 4

Дар зербоби якуми боби чорум тартиб додани нақшаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, дар доираи таҳсилоти иловагӣ нишон дода шудааст, ки яке аз унсурҳои асосие ба ҳисоб меравад, ки барои инкишоф додани қобилиятҳои ЗЭ раванди фаъолиятро таъмин намуда, қадамҳои минбаъдаи онро дар нақшаи таълимӣ омода ворид намоем. Дар тартиб додани нақшаи маҳфили эҷодӣ аз тарафи роҳбари маҳфил ба назар гирифтани нуқсони хонанда, истифодаи масолеҳи маҳфил, таҷҳизотҳо ҳатмӣ мебошанд. Дар ин зербоб мо тавонистем роҳбари маҳфилро тавре интихоб намоем, ки бештари онҳо мутахассисони нуқсоншиносро дар бар гиранд. Зеро роҳбарони маҳфил тавре бояд нақшаи маҳфили эҷодиро тартиб диҳанд, ки нуқсонҳои ХИМ - дошта ба эътибор гирифта шавад. Пеш аз тартиб додани нақшаи маҳфили эҷодӣ бояд асбобҳои маҳфил ҷиҳозонида шавад.

Мо дар таҳқиқот дар муасиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе нақшаи дурнамои кори маҳфили самтдори иҷтимоӣ-маишӣ барои соли 2024 - 2025-ро аз нав таҳия намудем. Дар баробари маҳдуддият доштан хонандагон аз уҳдаи аз худ кардани барномаҳои умумии рушди таҳсилоти иловагӣ бомуваффақият баромада, тибқи он корҳои зеҳниро ба итмом расониданд.

Роҳбарони маҳфил барои омода кардани нақшаи кори маҳфил ба барномаҳои таҳсилоти иловагӣ такя намуданд. Дар таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ нақшаҳои таълимии омодашуда, мувофиқ ба барнома кӯдакони гирифтори осеби органикии системаи марказии асаб, инчунин, номутобиқатии доимии иҷтимоӣ, барои рушди психомоторӣ ва фалаҷи мағзи сар ба назар гирифта шуд. Нақшаҳои

таҳсилоти иловагӣ бештар аз аниматсияи аква дар расмкашӣ истифода бурда шуд. Нақшаҳои омодакардаи мо имконият дод, ки сенсорикаи ангуштони ХИМ – дошта пурқувваттар гарданд.

Барои фаъолияти равонии хонандагон, пеш аз ҳама, нақшаи маҳфилҳо омода кардашуда дар бораи ташхиси педагогӣ, психологӣ ва тиббӣ бо ХИМ - дошта суҳбатҳо гузаронида шуд. Суҳбат сараввал барои омода кардани нақшаҳои маҳфил, сипас дар шакли мубоҳисаҳои озод, ки баҳодиҳии зеҳниро инкишоф дод, баргузор гардид. Инчунин, пеш аз омода кардани нақшаҳои маҳфил воситаҳои технологияи иттилоотӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Аз синфи 1 - ум то 4 - ум ХИМ - дошта ғайр аз маҳфили меҳнатӣ, расмкашӣ ва мусиқӣ маҳфили «Самтҳои иҷтимоӣ маишӣ» ва маҳфили «Мавзуният» амал мекунад, ки нақшаи маҳфил омода карда шуд.

Дар зербоби дувуми боби чорум масъалаи омода кардани нақшаҳои кори маҳфили эҷодӣ дар санъати мусиқии ХИМ - дошта таҷдиди назар карда шуд. Дар ин зербоб ҳангоми таҳияи нақшаҳои маҳфил мо дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ манфиатҳо, эҳтиёҷот ва мушкилотҳои нуқсонҳои мухталифи ХИМ - доштаро ба эътибор гирифта, ба ҳар як самт бо таври алоҳидагӣ мувофиқӣ равиши фарогир татбиқ намудем.

Ҳангоми корҳои ЗЭ мусиқӣ роҳбари маҳфил дар нақшаи омодакардашуда бештар асарҳои тоҷикӣ, аз қабили рақсҳои кӯлобӣ, бадахшонӣ ва суғдӣ, инчунин навохтани асбобҳои мусиқӣ истифода бурда шуд ва ХИМ-дошта барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ тайёрӣ диданд.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе нақшаи маҳфили ба номи «Рассомони ҷавон», «Орзуҳои ширин», «Маҳорати эҷодӣ» тартиб дода шуд.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри

Душанбе, нақшаи маҳфили «Дунёи рангин», «Дастони моҳир», «Офтобак», «Дунёи хурсандӣ», таҷдиди назар гардид.

Дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» -и ноҳияи Рудакӣ маҳфили «Муҳракашӣ», «Тарроҳони ҷавон», «Дуредгарӣ», «Кадбону», «Бофандагӣ», «Тарроҳӣ», «Пойафзолдӯзӣ», «Сартарошӣ», «Мусиқӣ» дар нақшаҳои маҳфил тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

Дар муассисаи давлатии маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе маҳфили «Ҳамсароён», «Гитаранавозон», «Рақс» «Асбобҳои зарбӣ», «Конструкторони наврас», «Расмкашӣ», «Наққошӣ», «Рузғордорӣ», баъзе мавзуъҳо ба ХИМ - дошта мутобиқ карда шуд.

Дар баъзе нақшаи омодакардашуда, аз сабаби осеб дидани майнаи сари ХИМ-доштаи нуқсони ақлию зеҳнӣ ва инкишоф додани сенсорикаи хонандагон, машқҳои логопедӣ барои дастон, машқҳо барои ангуштон, ҳаракатҳо ба монанди ҳайвонот, парандаҳо ба воситаи асбобҳои мусиқӣ истифода бурда шуд. ХИМ-дошта ҳангоми иҷро кардани супоришҳои дар нақшаи кори маҳфил мавҷуд буда, ба мушкилиҳо дучор гардида, ки бо кумаку дастгирии роҳбари мусиқӣ сари вақт корҳои ислоҳӣ бурда шуд. Барои барҳам додани хастагӣ мусиқӣ-эҷодӣ, ба монанди захмазанӣ, ҳаракати ангуштон ва зарб моҳиронаву эҷодкорона истифода бурда шуд. Ин фаъолиятҳо барои корҳои эҷодӣ ва, инчунин, такмил додани ангуштон зарур шуморида, дар нақшаи маҳфил ҷой дода шуд.

Дар ин боб мо намунаи нақшаи бароҳмонии таҳлили маҳфилҳои фанни таълими меҳнат, расмкашӣ ва санъати мусиқиро барои воситаи омӯзиши фаъол барои беҳтар кардани корҳои ЗЭ истифода бурда шуд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ХИМ - дошта ба ташаккулёбии захираҳои қобилияти маърифатӣ, инчунин, ташаккулёбии масъулият ва мустақилияти онҳо мусоидат хоҳад кард. Оид ба омилҳои ҳавасмандгардонӣ, таҳлили фаъолияти роҳбарони маҳфил, таҳлили фаъолияти эҷодии иштироккунандагони маҳфил, баҳо додан ба ҳолати санитарию гигиенӣ, натиҷаи таҳлили эҷодӣ ҷамъбаст карда шуд.


БОБИ 5. КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР МУАССИСАҲОИ МАХСУСИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ИЛОВАГӢ

5.1. Ташкил ва марҳилаҳои корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ

Кори назоратӣ дар муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ ва дар «Муассисаи давлатии маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе (дар таҳқиқот хонандагони солим дар якҷоягӣ бо ХИМ-дошта) аз рӯйи 3 - намуди фаъолияти эҷодӣ мусиқӣ, расмкашӣ ва меҳнатӣ пеш аз таҳқиқот баргузор гардид, ки ҳар як маҳфил аз қисматҳои зиёд иборат буд, гузаронида шуд.

Дар заминаи маводи гирдоваришуда аз муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, ҳамагӣ аз рӯи 3 маҳфил дар кори назоратӣ арзёби намудем, ки ҳамчун амсила сохтори онро пешниҳод менамоем.

Амсилаи №1-уми маҳфилҳои мусиқӣ дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе



Эзоҳ: Яке аз воситаҳои дуруст талаффуз кардан ва ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқи хонандагон мувофиқи матлаб ба роҳ мондани фаъолияти маҳфилҳои мусиқӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ҳамсарой, эстрада нуқсонҳои нутқ маълум намегардад, онро мо дар илми логопедия ритмикаи логопедӣ меномем. Ритмикаи логопедӣ тарзи дуруст нафас кашидан ба воситаи ҳамсарой, хондани суруд дар эстрадаро мефаҳмонад. Инчунин, дар маҳфили рақс бошад, хонандагон тарзи ҳаракатҳои баданро бедор менамоянд ва мушакҳои дасту по ба ҷунбиш даромада, барои ором кардани асаб истифода бурда мешавад.

ХИМ-дошта дар оғози таҳқиқот маълум гашт, ки аз сабаби имконияти маҳдуд доштанашон, ки дар *маҳфили* «Ҳ*амсарой*» *16 нафар хонандагон* иштирок менамуданд, аз уҳдаи корҳои эҷодӣ бо душвориҳои зиёд ру ба рӯ мешуданд. Дар хондани ҳамсарой танҳо дар дараҷаи баланд аз 6 нафар 37,5%, дараҷаи миёна бошад, аз 6 нафар хонандагон, яъне 37,5% ва дараҷаи паст аз 4 хонанда, яъне 25% мушоҳида гардид. *Маҳфили* «Э*страда*» *бошад ҳамагӣ 7 нафарро ташкил медод., ки аз онҳо д*араҷаи баланд 1 нафар хонанда 14,28%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 42,86% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 42,86% -ро дар бар гирифт. М*аҳфили* «Р*ақс*» *бошад ҳамагӣ 10 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд тамоман набуд, дараҷаи миёна 7 нафар хонанда 70% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 30% -ро ташкил медод.

Амсилаи №2-юми маҳфилҳои «Расмкашӣ ва эҷодии меҳнатӣ» дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе



Эзоҳ: Дар маҳфили дӯзандагӣ бештар аз ҷониби ХИМ - дошта ба дӯхтани пешдоман, куртаҳои миллӣ барои лухтакҳо, инчунин, аз матоъҳои зиёдатӣ сохтани ҳаргуна бозичаҳо омода карда шуд. ХИМ - дошта ба воситаи муҳраҳои рангин ва риштаҳои серранг, ҷуробҳои бо нақшу нигори бадахшонӣ гулбофӣ карда шуд. Дар ҷараёни тоқидӯзӣ роҳбари маҳфил бофтани шероз барои гирди тоқӣ ва аз муҳраҳо оро додани он дар сатҳи баланд рушд дода шуд. Дар устохонаи муассисаи таҳсилоти махсус ҳангоми баргузории маҳфили дуредгарӣ бо истифода аз дастгоҳҳои баркӣ сохтани қошуқ ва косаҳои чӯбин, инчунин, тахтача ва тираки он иҷро шуд. Инчунин, расмҳои фаслҳои сол, меваҳо, чойнику пиёлаҳои бо рангҳои гуногун тасвир карда шуд.

Кашидани расм, кор бо муҳра, ришта, чуб, матоъ ангуштони ХИМ-доштаро молиш дода, моторика ва асаби онҳоро ором намуда, қобилияти эҷодиро ташаккул медиҳад. ХИМ-дошта барои гузаронидани

муҳраҳои хурд аз сабаби хуб ҳаракат накардани ангуштон баъзан аксари онҳо ба ин корҳо душворӣ кашиданд.

Инчунин, дар муасиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, аз рӯи 5 маҳфили зеҳнӣ ҷудо карда шуда буд, ки ҳар яки онро мо ҳамчун таҳқиқотчӣ назорат бурдем. Мақсади гузаронидани таҳқиқоти назоратӣ дар он буд, ки мо пеш аз таҳқиқот гузаронидан аз маҳфилҳои гузаронидашудаи роҳбарони мусиқӣ бояд огоҳ мешудем ва инчунин дар заминаи мушоҳидаи фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ амсила омода менамудем.

Дар маҳфили меҳнатӣ ва расмкашӣ кори назоратӣ ба номи «Маҳорати зеҳнӣ» ва маҳфили расмкашӣ «Рассомони ҷавон» натиҷабардорӣ карда шуд. М*аҳфили* «Р*асмкашӣ*» *ҳамагӣ 19 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 21,06%, дараҷаи миёна 7 нафар хонанда 36,84% ва дараҷаи паст 8 нафар хонанда 42,10%-ро ташкил медод. М*аҳфили* «Д*узандагӣ*» *бошад, ҳамагӣ 13 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 15,38%, дараҷаи миёна 6 нафар хонанда 46,15% ва дараҷаи паст 5 нафар хонанда 38,47% ро ташкил медод. *Маҳфили* «Г*улбафӣ*» *ҳамагӣ 6 нафарро ташкил медод,* ки аз он дараҷаи баланд набуд, дараҷаи миёна 2 нафар хонанда 33,34% ва дараҷаи паст 4 нафар хонанда 66,66% - ро дар бар мегирифт. М*аҳфили* «Т*оқибофӣ*» *ҳамагӣ 12 нафарро ташкил дод.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 16,66%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 33,34% ва дараҷаи паст 6 нафар хонанда 50%-ро дараҷаи азхудкунӣ ташкил дод, ки мавриди таҳқиқот қарор доштанд. М*аҳфили* «Д*уредгарӣ*» *ҳамагӣ 50 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 10 нафар хонанда 20%, дараҷаи миёна 24 нафар хонанда 48% ва дараҷаи паст 16 нафар хонанда 32% - ро ташкил медод.

Амсилаи №3-юми маҳфилҳои эҷодии мусиқӣ дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе




Эзоҳ: Дар ҳамсароӣ нуқсони нутқ бартараф карда шуд ва байни ХИМ-дошта, бо хонандагони солим маҳфили дӯстӣ барпо гардид. Дар маҳфили эстрада нафаскашии дурусти нутқӣ, кори диафрагма, инчунин, захираи ҳаҷми ҳаво дар шуш нигоҳ дошта шуд. Истифодаи рақс темп, ритм, ҳамоҳангии ҳаракатҳои умумии организм ва мушакҳои гурӯҳҳои алоҳидаи бадан инкишоф дода шуд. Дар хонандагони нуқсони ақлию руҳидошта аз сабаби осеб дидани майнаи сар организми худро идора карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, дар маҳфили “Мавзуният” ба ритмикаи мусиқӣ барои мустаҳкамкунии организми хонандагон истифода карда шуд. Аз ин модул маълум гардид, ки ХИМ - дошта бештар дар маҳфили рақс фаъолтар буданд.

Дар муасиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе *дар маҳфили «Ҳамсароӣ», ки ҳамагӣ 8 нафарро ташкил медод, кори назоратӣ бурда шуд. Дар ин маҳфили эҷодӣ* дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 37,5%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 37,5% ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 25% - ро ташкил дод. *Дар маҳфили «Эстрада» бошад ҳамагӣ 5 нафар иштирок менамуд.* Дараҷаи баланд 1 нафар хонанда 20%,

дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 60% ва дараҷаи паст 1 нафар хонанда 20% - ро ташкил медод. Инчунин *дар маҳфили* «Р*ақс*» *ҳамагӣ 3 нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 1 нафар хонанда 33,34% , дараҷаи миёна 1 нафар хонанда 33,34% ва дараҷаи паст 1 нафар хонанда 33,33% - ро ба сатҳи миёна ташкил медод. *Дар маҳфили* «Мавзуният» *ҳамагӣ 4 нафар иштирок мекард*. Дараҷаи баланд тамоман набуд, дараҷаи миёна 2 нафар хонанда 50% ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 50% - ро ташкил медод.

Дар муассисаи номбурда маҳфили «меҳнатӣ» низ ба чор қисмат ҷудо мешуд, ки онро мо ҳамчун амсила арзёбӣ намудем:

Амсилаи №4-уми маҳфилҳои эҷодии «Расмкашӣ ва меҳнатӣ» дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе




Эзоҳ: Дар маҳфили дузандагӣ ба хонандагон тарзи истифодаи мошинаҳои дузандагӣ, истифодаи сӯзан, ришта, қайчӣ, инчунин корҳои бехатарӣ омӯзонида шуд. Хонандагон дар маҳфили дузандагӣ либосҳои духтарона ва писарона дӯхтанро омӯхтанд. Дар маҳфили пазандагӣ ХИМ-дошта мустақилона тарзи тайёр намудани хӯрок, хуришҳо, тайёр кардани фишурдаи сабзавоту меваҳоро аз худ карданд. Дар маҳфили самти иҷтимоии маишии ХИМ-дошта тарзи пешвоз ва гусел кардани меҳмон, одоби меҳмондорӣ, тарзи кушодани дастархон, қоидаҳои ҷомашӯӣ, истифодаи хокаи либосшӯӣ ва ғайраҳо омӯзонида шуд.

Ҳангоми расмкашӣ хонандагон доштани қалам бо нӯги ангуштон, ранг карданро омӯхтанд, то ки ангуштонашон соиш хӯрда, таъсири он ба майнаи сар фоидаовар бошад.

Дар «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе *дар маҳфили* «Д*узандагӣ*» *ҳамагӣ 25 нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 16%, дараҷаи миёна 6 нафар хонанда 24% ва дараҷаи паст 15 нафар хонанда 60% ро нафар хонанда ташкил гардид. *Маҳфили* «П*азандагӣ*» *ҳамагӣ 35 нафарро фаро мегирифт.* Дараҷаи баланд 8 нафар хонанда 22,87%, дараҷаи миёна 12 нафар хонанда 34,28%, ва дараҷаи паст 15 нафар хонанда 42,85%-ро ташкил медод. *маҳфили* «*Самти иҷтимоии маишӣ*» *ҳамагӣ 9 нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 22,22%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 44,44% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 33,34%-ро ташкил медод. *Маҳфили* «С*амти иҷтимоии маишӣ*» *ҳамагӣ 9 нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 22,22% - ро дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 44,44% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 33,33% - ро ташкил медод. Инчунин дар ин муассиса ба таври алоҳидагӣ *маҳфили* «Р*асмкашӣ", ки ҳамагӣ аз 12 нафар иборат буд, амал мекард.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 16,66%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 33,34%, дараҷаи паст 6 нафар хонанда 50% - ро ташкил медод.

Ташкили корҳои назоратӣ дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рудакӣ ҳамагӣ аз рӯйи 11 маҳфили кори назоратӣ бурда шуд, ки маҳфили эҷодӣ 8 - маҳфилро дар бар мегирифт, аз ҷумла: маҳфили «Дуредгарӣ», «Бофандагӣ», «Дузандагӣ», «Муҳракашӣ», «Тарроҳӣ», «Кадбону», «Пойафзолдӯзӣ», «Сартарошӣ».

Амсилаи №5-юми маҳфилҳои «Меҳнатӣ” дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ




Эзоҳ: Аз сабаби солим будани майнаи сари хонандагон дар маҳфилҳои меҳнатӣ фаъолиятро дар сатҳи баланд амалӣ мекарданд. Дар маҳфили дуредгарӣ хонандагон худ мустақилона ба омода кардани мизу курсӣ, ҷевон барои синфхонаҳо, овезаҳо бо дастгоҳҳои фрезерӣ - харротӣ сохта шуд. Дар маҳфили тарроҳӣ бошад, бештар духтарон машғул буданд, сараввал нақшаҳоро омода намуда, баъд аз тарроҳӣ намудан ба оро додани куртаҳои миллӣ, қурақдӯзӣ, попурдӯзӣ машғул буданд, ки ин барои ифшо додани қобилияти фикрӣ мусоидат менамояд. Дар маҳфили «Кадбону» чӣ тавр ба даст овардани сабзавотҳо, мева, донагӣ омӯзонида мешавад. Хонандагон бояд донанд, ки дар вақти ҷамъоварии сабзавоту меваҳо таркибашон чӣ гуна буд, инчунин, баъд аз пухтани хӯрок низ чӣ гуна шуд. Ҳангоми дар ошхона омода намудани хӯрок аз донагиҳо маторикаи хурд хуб инкишоф дода шуд. Хонандагони нуқсони шунавоидошта аз қабили дӯхтани рафи хоб, куртаҳои мардона ва занона ва либосҳои махсус барои афсарон машғул буданд. Ба воситаи муҳра барои чорабиниҳои фарҳангӣ либосҳои саҳнавӣ омода намуданд. Барои интихоб кардани касб ва омода шудан ба ҳаёти мустақил маҳфили пойафзолдӯзӣ ва сартарошӣ хуб ба роҳ монда шуд. Хонандагон дар ҳамаи маҳфилҳо фаъол буданд, танҳо дар маҳфили дуредгарӣ ва тарроҳӣ баъзан ба роҳбари маҳфил саволҳо медонанд.

Дар «Мактаб - интернати сустшунаво ва деркаршуда» - и ноҳияи Рудакӣ маҳфилҳои меҳнатӣ гузаронида мешавад, ки *маҳфили* «Д*уредгарӣ*» *ҳамагӣ 20 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 5 нафар хонанда 25%, дараҷаи миёна 9 нафар хонанда 45% дараҷаи паст 6 нафар хонанда 30% - ро ташкил дод. *Дар маҳфили* «*Тарроҳӣ*» *ҳамагӣ 11 нафарро иштирок менамуданд.* Дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 27,27%, дараҷаи миёна 5 нафар хонанда 45,46%, дараҷаи паст 3 нафар хонанда 27,27% - ро ташкил медод. *Маҳфили* «*Кадбону*» *ҳамагӣ 14 нафарро ташкил дода буд.* Дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 21,42%, дараҷаи миёна 37 нафар хонанда 50%, дараҷаи паст 4 нафар хонанда 28,58% - ро ташкил медод. *Дар маҳфили* «*Дузандагӣ*» *ҳамагӣ 14 нафар иштирок мекард.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 28,57%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 28,57% ва дараҷаи паст 6 нафар хонанда 42,86%, - ро ташкил медод. *Маҳфили* «*Бофандагӣ*» *ҳамагӣ 12 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 25%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 25% ва дараҷаи паст 6 нафар хонанда 50% - ро ташкил медод. М*аҳфили* «*Муҳракашӣ*» *ҳамагӣ 14 нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 28,58%, дараҷаи миёна 7 нафар хонанда 50%, дараҷаи паст 3 нафар хонанда 21,42% -ро ташкил дода шуда буд. *Дар маҳфили* «*Пояфзолдӯзӣ*» *ҳамагӣ 11 нафар иштирок мекард.* Дараҷаи баланди аз худкунӣ 2 нафар хонанда 18,18%, дараҷаи миёна 5 нафар хонанда 45,46% ва дараҷаи паст 4 нафар хонанда 36,36% - ро ташкил медод. *Маҳфили* «*Сартарошӣ*»*, ҳамагӣ 12 нафар иштирок мекард.* Дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 25%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 33,33%, дараҷаи паст 5 нафар хонанда 41,67% - ро ташкил медод.

Инчунин мо кори назоратиро дар «Мактаб - интернати сустшунаво ва деркаршудаи ноҳияи Рудакӣ» ҳамагӣ аз рӯйи 3 маҳфили эҷодии мусиқӣ ба монанди «Ҳамсаройӣ» ва қироати суруд бо имову ишора ва маҳфили «Расмкашӣ» - ро назорат намуда, роҳбарони маҳфили эҷодиро дар амсила арзёбӣ намудем.

Амсилаи №6-уми маҳфилҳои «Мусиқӣ» дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» -и ноҳияи Рудакӣ



Эзоҳ: Аз сабаби сустшунаво будани хонандагон роҳбари маҳфил рӯбарӯи хонанда истода бо дастонаш ишора менамояд, онҳо бошанд, онро иҷро менамоянд. Хонандагон тавонистанд маънои сурудро дарк намоянд, ҳамзамон асаби онҳо ором карда шуд. Маҳфили суруд дар ин хонандагон ба монанди ҳамсароӣ иҷро карда мешавад. Тасвир намудани расм ба хонандагони сустшунаво имконият дод, ки тарбияи зебоипарастӣ инкишоф дода шуд ва инчунин, расмҳои эҷодкарда бо воситаи онлайн ба намоиш пешниҳод карда шуд.

Дар «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда» - и ноҳияи Рудакӣ, ки ҳамаи сурудҳо бо имову ишора хонда мешавад, дар таҳқиқоти назоратӣ чунин арзёбӣ гардид: *Дар маҳфили «Ҳамсароӣ» ҳамагӣ 20 - нафар* иштирок мекард. Дараҷаи баланд 7 нафар хонанда 35%, дараҷаи миёна 5 нафар хонанда 25% ва дараҷаи паст 8 нафар хонанда 40% - ро ташкил медод. *Дар маҳфили «Қироати суруд бо ишора» ҳамагӣ 10 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 20%, дараҷаи миёна 5 нафар хонанда 50% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 30% - ро ташкил медод. *Дар маҳфили «Расмкашӣ» ҳамагӣ 98 - нафар ширкат мекарданд.* Дараҷаи баланд 28 нафар хонанда 28,57%, дараҷаи миёна 38 нафар хонанда 38,77% ва дараҷаи паст 32 нафар хонанда 32,66% - ро ташкил медод.

Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе аз рӯйи маҳфилҳои «Мусиқӣ», «Ҳамсароӣ», «Гитаранавозӣ»,

«Рақс» ва «Ансамбли зарбӣ» ҳамчун кори назоратӣ натиҷабардорӣ карда шуд:

Амсилаи №7 - уми маҳфилҳои «Мусиқӣ» дар «Муассисаи давлатии маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе




Эзоҳ: Аз сабаби кам будани теъдоди ХИМ - дошта, дар якҷоягӣ бо хонандагони солим дар ин маҳфилҳо иштирок карданашон дар маҳфилҳои мусиқӣ ҳамсарой, рақс, гитаранавазон, ансамбли зарбӣ хуб ба роҳ монда шуд. Бояд қайд намуд, ки ба ҷомеа ворид шудани ХИМ - дошта ва ҳамзамон баробарҳуқуқии онҳо эътироф карда шуд. Маълум гардид, ки дар маҳфилҳои мусиқӣ новобаста аз нуқсон доштанашон аз ҷиҳати равонӣ худро хуб нишон дода, аз уҳдаи маҳфилҳо ба хубӣ баромаданд. Ҳангоми навохтани созҳо, гӯш кардани мусиқӣ дар онҳо хушҳолӣ дида шуда, шавқу рағбаташон нисбат ба маҳфил зиёд гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар маҳфилҳои ин муассиса ХИМ - доштагон бо хонандагони солим, бо як шавқи беандоза иштирок менамоянд. Мисол, дар *маҳфили «Ҳамсарой» бошад ҳамагӣ 30 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 8 нафар хонанда 26,66%, дараҷаи миёна 12 нафар хонанда 40% ва дараҷаи паст 10 нафар хонанда 33,34% - ро ташкил медод. *Маҳфили «Гитаранавозӣ» ҳамагӣ 64 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 13 нафар хонанда 20,31%, дараҷаи миёна 23 нафар хонанда 35,94% ва дараҷаи паст 28 нафар хонанда 43,75% - ро ташкил медод. *Маҳфили «Рақс» ҳамагӣ 40 - нафар* ширкат мекарданд. Дараҷаи баланд 16 нафар хонанда 40%, дараҷаи миёна 11 нафар хонанда 27,5% ва

дараҷаи паст 13 нафар хонанда 32,5%-ро ташкил медод. *Маҳфили* «А*нсамбли зарбӣ" ҳамагӣ 36 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 13 нафар хонанда 32,12%, дараҷаи миёна 9 нафар хонанда 25% ва дараҷаи паст 14 нафар хонанда 38,88% -ро ташкил медод.

Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» - и шаҳри Душанбе корҳои назоратӣ аз рӯйи маҳфили меҳнатӣ «Конструкторӣ наврас» ва маҳфили «Расмкашӣ» мушоҳида гардид. Ҳамагӣ дар ин маҳфилҳо 100-нафарро ташкил медод, 30 - нафар он дар маҳфили «Расмкашӣ» ва 70 - нафар дар маҳфили «Меҳнатӣ» ширкат варзида, дар корҳои назоратӣ арзёбӣ гардид:

Амсилаи №8 - уми маҳфилҳои «Мусиқӣ» маҳфили «Расмкашӣ» ва маҳфили «Конструкторӣ» дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе



Эзоҳ: Расмкашӣ яке аз технологияи ҳозиразамон мебошад, ки дар корҳои ислоҳӣ коррексионӣ бо номи арттерапия истифода мешавад. Бо ин усул инкишофи моторикаи хурд, инкишофи нейронҳои мағзи сар, алоқаи фаъолияти ду нимкураи мағзи сарро инкишоф медиҳад.

Конструксия барои ташаккули эҳсосоти сенсорӣ (шакл, ранг, ҳаҷм) тафаккур, хотира диққат, истифада бурда мешавад.

Дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон» -и шаҳри Душанбе, инчунин, дар м*аҳфили* «*Расмкашӣ*» *ҳамагӣ 30 - нафар* иштирок дошт. Дараҷаи баланд 8 нафар хонанда 26,66% дараҷаи миёна 13 нафар хонанда 43,34% ва дараҷаи паст 9 нафар хонанда 30% - ро ташкил медод. *Дар маҳфили* «К*онструкторӣ*» *ҳамагӣ 70 - нафар* иштирок дошт. Дараҷаи

баланд 22 нафар хонанда 31,42%, дараҷаи миёна 30 нафар хонанда 42,87% ва дараҷаи паст 18 нафар хонанда 25,71% - ро ташкил медод.

Мо дар таҳқиқоти худ назорати муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» - ро таҷдиди назар намудем, ки аз 270 нафар иборат буд. Аз он 60 нафар хонандагон имконияти маҳдуддошта буд. Мо он маҳфилҳоеро барои таҳқиқоти назоратӣ истифода бурдем, ки дар он ХИМ - дошта дар маҳфилҳои эҷодӣ иштирок мекунанд. Бояд қайд намуд, ки 109 нафар ХИМ - дошта дар ду ва зиёда маҳфилҳо иштирок мекунанд, ки чунин натиҷа дод:

Амсилаи №9-уми маҳфилҳои «Меҳнатӣ» (дар муассисаи давлатии «Маркази кӯдакону наврасон» - и шаҳри Душанбе



Эзоҳ: Дар маҳфили «Дастони моҳир» ҳамоҳангии ҳаракатҳои дастон, ҳаракатҳои умумии бадан, диққати устувор пуртоқатӣ, тобоварӣ ташаккул дода мешавад.

Ба воситаи наққошӣ дар хонандагон инкишофи сенсорӣ, дарки зебоипарастӣ меомӯзем. Ҳангоми попурзанӣ омӯхтани рангҳо, фарқ кардани рангҳо, ҳисси миллӣ бедор мешавад. Дар маҳфили тарроҳӣ наврас инкишофи ҷисмонӣ ва руҳӣ дар заминаи тасаввуроташон оид ба ашё чӣ гуна ва кадом вақт истифода намуданро ёд мегиранд. Маҳфили «Кадбону» маҳорати тайёр намудани ғизо, таркиби ғизо ёд гирифтани ҳар гуна хӯришҳо ва хӯрокҳои миллиро омода намуданд. Инчунин онҳо ба ҳаёти ҳаррӯза дар ҷомеа мутобиқ мешаванд. Маҳфили «Бофандагӣ» бошад диққат, тасаввуротҳои математикӣ, моторикаи хурд ташаккул меёбад. Ҳангоми дузандагӣ дар кӯдакон ҳаракатҳои умумӣ, ҳаракати дастҳо, диққат, пай дар пай ҳангоми кор бо матоъ сарфакорӣ ва эҳтиёткорӣ тарбия карда мешавад. Дар вақти муҳракашӣ - нӯги ангуштон соиш хӯрда, ба нимкураҳои мағзи сар таъсир мекунанд. Ҳангоми зардӯзӣ дар хонандагон на танҳо тарбияи зебоипарастӣ инчунин, хотираи ҳаракатӣ ва устувор ташаккул меёбад. Дар дуредгарӣ маҳорати сохтан ва ёд гирифтани малакаҳои одитарини хоҷагидориро меомӯзанд.

Дар ин муассиса дар баробари маҳфили **“**Конструкторӣ” боз маҳфилҳои дигар низ таҷдиди назар карда шуда, тартиби ташкили корҳои назоратӣ дар ин муассиса натиҷабардорӣ гардид: *Дар маҳфили* «*Дастони моҳир*» *ҳамагӣ 13 - нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 30,77%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 30,77% ва дараҷаи паст 5 нафар хонанда 38,46% - ро ташкил дод. М*аҳфили* «*Наққошӣ*» *ҳамагӣ 6 - нафар* иштирок дошт. Дараҷаи баланди азхудкунӣ 1 нафар хонанда, ки 16,66% - *ро* ташкил дода, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 50% ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 33,34% - ро ташкил дод. *Маҳфили* «*Попурдузӣ*»*, инчунин, ҳамагӣ 7 нафар* интихоб карда шуда,

дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 28,57%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 42,86%, ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 28,57% - ро ташкил медод. *Маҳфили* «*Тароҳони наврас*» *ҳамагӣ 15 - нафар* иштирок доштанд, ки аз онҳо *д*араҷаи баланд танҳо 2 нафар хонанда 13,34%, дараҷаи миёна 7 нафар хонанда 46,66%, ва дараҷаи паст 6 нафар хонанда 40% - ро ташкил дод. Дар *маҳфили* «*Дастони моҳир*» *ҳамагӣ 13 - нафар иштирок дошт.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 30,77%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 30,77%, ва дараҷаи паст 5 нафар хонанда 38,46% - ро ташкил дод. ва Д*ар маҳфили* «*Наққошӣ*» *ҳамагӣ 6 - нафар* аз ҷумла дараҷаи баланд 1 нафар хонанда 16,66%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 50%, ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 33,34% - *ро ташкил дод. Маҳфили* «*Попурдузӣ*» *ҳамагӣ 7 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 28,57%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 42,86% ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 28,57% - *ро нишон дод. Маҳфили* «*Кадбону*» *ҳамагӣ 12 - нафарро ташкил медод* Дараҷаи баланд, 4 нафар хонанда 33,34%, дараҷаи миёна 5 нафар хонанда 41,66% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 25% - *ро ташкил медод. Маҳфили* «*Бофандагӣ*» *ҳамагӣ 7 - нафарро ташкил медод.* Дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 28,57%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 42,86% ва дараҷаи паст 2 нафар хонанда 28,57% - ро ташкил медод. Дар *Маҳфили* «*Дӯзандагӣ*» *ҳамагӣ 11 - нафар* иштирок дошт, ки дараҷаи баланд 3 нафар хонанда 27%, дараҷаи миёна 4 нафар хонанда 36,36% ва дараҷаи паст 4 нафар хонанда 36,36% - ро нишон дод. Дар *маҳфили* «*Муҳракашӣ*» *бошад, ҳамагӣ 8 - нафар* иштирок дошт, ки аз он дараҷаи баланд 2 нафар хонанда 25,%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 37,5% ва дараҷаи паст 3 нафар хонанда 37,5% - *ро ташкил дод. Дар маҳфили* «*Зардӯзӣ*» *ҳамагӣ 6 - нафар,* ки аз он дараҷаи баланд 1 нафар хонанда 16,66%, дараҷаи миёна 3 нафар хонанда 50%, дараҷаи паст 2 нафар хонанда 33,34% - *ро ташкил дод.* Дар *маҳфили* «*Дуредгарӣ*» *ҳамагӣ 14 -нафар иштирок доштанд.* Дараҷаи баланд 4 нафар хонанда 28,58,%, дараҷаи миёна 5 нафар

хонанда 35,71%, ва *д*арақаи паст 5 нафар хонанда 35,71% - *ро ташкил медод.*

Дар асоси ҷадвалҳои дар боло пешниҳодшуда, мо ба хулосае омадем, ки аз рӯйи 3 маҳфили эҷодӣ дар байни 4 - муассисаҳои таълимӣ ХИМ - дошта дар гурӯҳи назоратӣ, бештари хонандагон дар сатҳи пасти қобилиятҳои эҷодӣ қарор доштанд.

Хулоса, аз 4 - муассисаи давлатӣ бештари хонандагон дар сатҳи паст қарор доранд. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш менамоем, ки дар таҳқиқоти озмоишӣ фаъолияти ХИМ - доштаҳоро дар корҳои эҷодӣ дар сатҳи боло бардорем.

5.2. Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ

Дар ҷараёни таҳқиқот натиҷабардорӣ аз Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, Муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе, «Мактаб-интернати сустшунаво ва деркаршуда»-и ноҳияи Рудакӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе (дар таҳқиқот хонандагони солим дар якҷоягӣ бо ХИМ - дошта) дар маҳфилҳои мусиқӣ корҳои озмоиши аз рӯйи 3 - намуди фаъолияти эҷодӣ баргузор гардид.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №2 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе ҳамагӣ 133 нафар ХИМ-доштаи нуқсонҳои ақлию руҳӣ, интихоб карда шуд. Мо дар таҳқиқот барои ҳар як маҳфил нақшаро аз нав таҳия намуда, мувофиқ ба маҳфил номгузорӣ намудем. То бурдани таҳқиқоти мо маҳфил бо дигар ном фаъолият мекард. Мисол: маҳфили «Расмкашӣ» бо номи «Расмкашӣ - ифтихори мо» буд ва мо онро «Рассомони ҷавон» номгузорӣ намудем. Дар маҳфили «Рассомони

ҷавон» роҳбар: Шарипова Мунаввара, дар маҳфил «Мусиқӣ» ба номи «Орзуҳои ширин» Б.Салимова, дар маҳфили «Дузандагӣ» ба номи «Маҳорати эҷодӣ» роҳбар Д.Ёдгорова, таъин гардиданд.

Дар муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе ҳамагӣ 101 нафар ХИМ- дошта аз рӯйӣ 5 маҳфил иштирок намуданд. Мо дар ин муассиса низ нақшаҳои маҳфилро аз нав дида баромада, тағйироту иловаҳо ворид намудем. Маҳфили расмкашӣ ба номи «Дунёи рангин» роҳбар Ҳ.Холматова дар маҳфили «Мусиқӣ» ба номи «Орзуҳо» М.Шарипова дар маҳфили «Меҳнатӣ» ба номи «Дастони моҳир» роҳбар Ҳ.Азимова, дар маҳфили «Офтобак» М.Баҳриддинова дар маҳфили «Дунёи хурсандӣ» роҳбари маҳфил З.Давлатова фаъолият доштанд. Ду маҳфил дар ин муассиссаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта»-и шаҳри Душанбе зиёдтар гузаронида шуд. Зеро ин муассиса имкониятҳои бештар дошт. Нақшаи маҳфили «Офтобак», ки аз тарафи мо ва роҳбари маҳфил М. Баҳриддинова пешниҳод гардид, ба маҳфили «Мусиқӣ» монанд буд. Фарқи ин маҳфил дар он буд, ки мо бештар мавзуъҳоеро интихоб намудем, ки аз сабаби осеб дидани майнаи сар ва инкишоф додани ҳисси дасту пойи хонандагон роҳгардӣ дар ҷойи ист, паси ҳам саф кашидан, давра истодан, ҳаракати гуногуни бадан, ҳаракати давра шакли панҷаи пой, машқҳо барои ҳаракати сусти мушакҳо, ҳаракати озоди даврашакли дастон, машқҳо барои ангуштони даст, машқҳои тақлидӣ, ба монанди ҳаракати ҳайвонот, паранда, нишастан дар нақлиёт ба воситаи асбобҳои мусиқӣ истифода бурда шуд.

Маҳфили «Дунёи хурсандӣ» ҳамчун «Самтҳои иҷтимоию маишӣ» барои ташаккул додани корҳои эҷодии ХИМ-дошта, ки З.Давлатова. роҳбарӣ мекард, он ба маҳфили меҳнатӣ монанд буд. Фарқияти байни онҳо дар он аст, ки дар ин маҳфил, ба монанди маҳфили меҳнатӣ, дузандагӣ, пазандагӣ, сохтан нею, балки бештар мавзуъҳо барои омода

